Ҳ. Нуриддинов, Қ. Искандаров,
Қ. Расулиён, Р. Абдуллоев,
Н. Назаров

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум**

***Ҳайати Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст.***

*Дар зери таҳрири узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Назаров*

**Душанбе
"Офсет"
2011**

ББК 63.3(0)6Я72+74.263.1
Т-36

**Гурӯҳи муаллифон ба муаллимон ва хонандагони мактабҳои №53 (муаллима Насруллоева Р.), №55 (муаллим Раҳматов Х.), №35 (муаллим Мастонзод С.), №89 (муаллима Ёқубова Н.), №52 (муаллим Нидоев Т.)-и ш. Душанбе, гимназияи назди Донишгоҳи Давлатии Тиҷорати Тоҷикистон (муаллим Зубайдов И.), №45-и ш. Кофарниҳон (муаллима Нурмаҳмадова З.) ва мактаби №1-и ш. Сарбанд (муаллим Зулфов У.) барои маслиҳат ва пешниҳодҳои судмандашон изҳори сипос менамоянд.**

**Муаллифон аз коршиносон – доктори илмҳои таърих А. Шарипов, номзадҳои илмҳои таърих А. Ғафуров, Д. Бақоева, Н. Ғаффоров, номзади илмҳои филология А. Байзоев, муаллими литсейи тоҷикию туркии ш. Хуҷанд С. Атоев ва ҳамчунин аз номзади илмҳои филология В. Абдулазизов барои маслиҳатҳои муфидашон сипосгузоранд.**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |

**Дар китоб тамоилҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакатҳои хориҷӣ дар нимаи дуввуми қарни XX инъикос ёфтааст. Матн ва маводи ёрирасони китоб дар заминаи дастовардҳои муосири илми таърих, бо назардошти талаботи имрӯзаи соҳаи омӯзгорӣ пешкаши хонандагон гаштааст.**

Муҳаррири масъул
ва мусаҳҳеҳ: С. Маҳкамов
Муҳаррир: В. Абдулазизов
Ороиш ва саҳифабанд: Р. Хонҷонов
Ҳуруфчини компютерӣ: М. Камолова

© Ҳомидхон Нуриддинов, Қосимшо Искандаров, Қаҳҳор Расулиён, Раҳматулло Абдуллоев, Носир Назаров. ТАЪРИХИ УМУМӢ: Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум. - Душанбе: "Офсет", 2011. - 200 с.

© ҶДММ "Офсет", 2010

ISBN 978-99947-62-22-4

# САРСУХАН

Ҷанги дуввуми ҷаҳон ба охир расид. Дар шикаст додани фашизм ва ҷангҷӯён халқу миллатҳои тараққихоҳи дунё, бахусус Иттиҳоди Шӯравӣ саҳми бузург гузоштанд. Халқҳои ҷаҳон умед доштанд, ки онҳо ба зиндагии осоиштаву сулҳомез хоҳанд расид. Аммо инсоният бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ гардид. Меҳвари онҳоро мухолифатҳои сиёсию идеологии байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташкил медоданд, ки баъд аз ҷанг ба кишварҳои абарқудрати ҷаҳон табдил ёфта, амалан сиёсати ҷаҳониро муайян мекарданд.

Пайдоиши ҷаҳони дуқутба, ташкили паймонҳои низомию сиёсии ба ҳам муқобил, тақсими ҷаҳон ва кишварҳои алоҳида ба доираи нуфузи абарқудратҳо мусобиқаи таслиҳотӣ, ихтирои навъҳои нави силоҳи қатли ом ва ғайра натиҷаи ҳамин падидаҳо буданд.

Нимаи дуввуми асри XX ва ибтидои асри XXI марҳилаи инқилоби илмию техникӣ буд. Кашфиётҳои бузурги илмию техникӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ таъсири бузург расониданд. Воситаҳои алоқаи байни одамон, халқҳо ва давлатҳо ба дараҷаи сифатан нави тараққиёти худ расид. Ин ба рушду тараққиёти воситаҳои нақлиёт, махсусан нақлиёти ҳавоӣ, ба вуҷуд омадани шабакаи электронии ахбори умум (радио, телевизион), телефоникунонии оммавӣ, пайдоиши шабакаи ҷаҳонии комиютерӣ (Интернет) ва ғайра вобаста буд.

Ин марҳила давраи пурзӯршавии раванди ҷаҳонӣ шудан (глобализатсия) буд. Ду омили муҳим – таъсиси Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва аз байн рафтани низоми мустамликадорӣ ба ин раванд мусоидат намуданд. Тараққиёти асри XX дар қатори дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ, ки ба нафъи инсон буданд, ҳамзамон зуҳуроти манфӣ ба бор овард. Масъалаҳои ифлосшавии муҳити зист, афзоиши «нуқтаҳои доғ» дар минтақаҳои гуногун, ки дар натиҷаи он муносибатҳои миллӣ ва иҷтимоӣ тезутунд гардиданд, то имрӯз ба ҳаёти инсон таҳдид мекунанд.

Китобе, ки ҳоло дар даст доред, аз китобҳои пешина фарқ мекунад. Сохтори китоб тавре аст, ки хонандаро аз азёд кардани матн бозмедорад. Ҳар як ҳуҷҷат, расм ё дигар маводи иловагӣ савол ва супориш дорад. Ин амал барои боло бурдани сатҳи фикррронии мустақилонаи хонандагон равона гаштааст. Дар ибтидои ҳар як мавзӯъ саволҳо гузошта шудаанд, ки таваҷҷӯҳи хонандаро ба масъалаҳои асосии мавзӯъ ҷалб мекунанд. Шарҳи мафҳум ва истилоҳот дар матн бо ҳарфҳои сиёҳи ғафстар ҷудо карда шудаанд.

Донишҳои таърихӣ бояд роҳу равиши ҳалли мушкилоти асри XXI-ро нишон диҳанд, ё ақаллан, асоси дарки онҳоро фароҳам оранд.

## §1. Тақсимоти баъдиҷангии Аврупо ва оғози «ҷанги сард»

*1. Рӯҳияи мардуми ҷаҳон баъди ҷанг чӣ гуна буд?*
*2. Чаро интизориҳои мардум барабас рафт?*
*3. Сабабҳои оғози «ҷанги сард» дар чист? Нишонаҳои он кадомҳоянд?*



У. Черчилл, Г. Трумэн ва И. В. Сталин дар конференсияи Потсдам (соли 1945)

Барои миллионҳо одамони рӯи замин хатми ҷанг хушбахтии азиме буд, ки тафсираш душвор аст. Он вақт тасаввур мешуд, ки тамоми офатҳои бад ниҳоят пушти сар шуданд, дар пеш фақат хубист. Хурсандӣ ҳадду канор надошт.

Шояд Аврупо дар таърихи худ мисли моҳи майи соли 1945 ҳеҷ гоҳ ин қадар якпорча набуд. Ин ягонагиро ҳар касе, ки аз соҳилҳои Волга то уқёнуси Атлантик мерафт, мушоҳида мекард. Фоҷиаи ҷанг ва қурбониҳо ҳамаро муттаҳид намуда буд.

Аммо баъд аз ҷашни Ғалаба рӯзҳои муқаррарӣ сар шуданд. Дар онҳо барои хушбахтӣ ва тантана ҷой камтар буд. «Айёми душвор» ҳеҷ намехост тамом шавад...

Дар давоми ҷанг ба муқобили Олмони фашистӣ, ҳукумати Шӯравӣ натавонист нобоварии худро нисбат ба иттифоқчиёни «буржуазии» худ бартараф намояд. Онҳо ҳам, дар навбати худ, ба Иттиҳоди Шӯравӣ эътимод надоштанд. Мавқеъгирии иттифоқчиёни собиқ оид ба сохтори баъдиҷангӣ фарқ дошт. Ҳамин фарқият нобоварӣ ва бадгумониро зиёд мекард. Нахустин зиддият дар масъалаи Полша ба вуҷуд омад. Маскав ҳукуматеро мехост, ки дар зери таъсири Шӯравӣ бошад, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) баръакс, хоҳони ташкили давлати намунаи Ғарб буд.

Дар муддати якчанд моҳи охири Ҷанги дуввуми ҷаҳон қӯшунҳои Шӯравӣ қариб ҳамаи мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва Марказиро озод карданд. Нуфузи Шӯравӣ ва ҳизбҳои коммунистӣ дар ин кишварҳо зиёд мешуд. Ҳамзамон муносибатҳои ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ тиратар мегашт, ки ниҳоят ба оғози «ҷанги сард» овард.



Нутқи У. Черчилл дар Фултон.
(5 марти соли 1946)

«Ҷанги сард» аз изҳороти расмии ходимони давлатӣ оғоз шуд. Дар Фултон аввал Черчилл шурӯъ кард, баъд дигарон давом доданд.

*«Ҷанги сард» – солҳои 1946 - 1991, давраи муқовимати шадид дар муносибатҳои байналхалқӣ, ки аз рақобати тезутунди давлатҳои абарқудрати дорои силоҳи ҳастаӣ (Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА) ва иттифоқчиёнашон бармеояд. Ин рақобат боиси мусаллаҳшавии бошитоб, мусобиқаи тарафайн дар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва идеологӣ гашт.*

***1. Черчилл дар чӣ гуна маросим нутқ мекунад?***
***2. Дар либоспӯшии иштирокчиён кадом хусусияти хосро мебинед?***

**Аз хотироти шоир Е. А. Евтушенко**

*Давраи беҳтарини муносиботи мо (бо иттифоқчиён) хеле зуд ба охир расид. Коргардон Михаил Калатозов ба ман як қиссаи гамангезеро нақл кард. Якбора баъд аз ҷанг вай ҳамчун намояндаи кинои шӯравӣ дар Ҳолливуд кор мекард. Ӯ ба қароре омад, ки консерти радиоии дуҷонибаи ҳунармандони Иттиҳоди Шӯравӣ - ИМА-ро ташкил кунад. Дар як рӯз ва дар як соат беҳтарин мусиқачиён ва ҳунармандони амрикоию шӯравӣ мебоист*

*консерти мустақим медоданд. Аз Амрико ба Русия ва аз Русия ба Амрико …*

*Аммо пеш аз саршавии консерт ба студияи радио корманди сафорат, ки мисли бӯр сафед шуда буд, омад ва бо дастҳои ларзон телеграммаи аз Маскав расидаро бо суханони «Маскав қабул намекунад» дароз кард.*

*Ин дастури Сталин буд. «Ҷанги сард» сар шуда буд. Калатозови ҳайрону маъюсгашта ҷуръат пайдо накард, ки дар бораи ин телеграмма ба иштирокчиёни консерт хабар диҳад. Консерт баргузор гардид, вале ин консерт барои фазои холӣ буд.*

*Е.А.Евтушенко. Хорошая политика выше политики. Аз китоби "Пропасть в два прыжка?". Харьков, 1990. - С.27.*

***Ба назари шумо бо кадом сабаб Сталин дастури манъи консертро дода буд?***

Сиёсати Ҳукумати Амрико нисбат ба Аврупо қариб ду сол ноустувор боқӣ монд. Танҳо баҳори соли 1947 Амрико мавқеи худро пурра муайян кард ва кӯшиш намуд, ки ба густариши нуфузи ИҶШС роҳ надиҳад. Муваффақияти шӯришчиёни коммунист дар Юнон ва фишори дипломатии Шӯравӣ ба Туркия барои президент Г. Трумэн баҳона фароҳам сохтанд. Ӯ барномаи нави сиёсати хориҷии худро эълон кард. Ин барнома дар таърих бо номи «доктринаи Трумэн» маълум аст.




У.Черчилл аз зери «пардаи оҳанин» нигоҳ мекунад.
Карикатураи ғарбӣ (с.1946)

***1. “Пардаи оҳанин” чиро ҷудо кардааст? Кадом шароити баъдиҷангии Аврупо тасвир ёфтааст?***
***2. Киро дар Ғарб Ҷо (Joe) мегуфтанд, ки бе фармони ӯ даромадан манъ будааст?***

Ҳамин тавр, ИМА аз хатари эҳтимолии бартарии Шӯравӣ дар ҷаҳон метарсид. Барои пешгирии нуфузи Шӯравӣ лозим буд, ки мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ муттаҳид шаванд. Қадами аввал барои иттиҳоди мамлакатҳои Ғарб дар нутқи котиби давлатии ИМА Ҷорҷ Маршалл ба мушоҳида расид. Маршалл омодагии ИМА-ро барои расонидани ёрии иқтисодӣ ба мамлакатҳои Аврупо эълон кард.

Ҳукумати Амрико ба тамоми мамлакатҳои Аврупо, ки аз ҷанг зарар дида буданд, ёрӣ пешниҳод намуд. Кӯмаки амрикоӣ мебоист ҳамчун фишанги барқарорсозии иқтисодиёти бозорӣ дар Аврупо хизмат менамуд. Дар айни ҳол он ба паст кардани шиддати масоили иҷтимоӣ, суст намудани мавқеи ҳизбҳои коммунистӣ ва ИҶШС дар ин мамлакатҳо равона шуда буд. Ҳукумати Шӯравӣ оид ба гирифтани ёрӣ мавқеи устувор надошт. Вай дар сурати аз ҷониби ИМА назорат накардани кӯмакҳо эҳтимолан ба гирифтани онҳо розигӣ медод.

Сталин ва атрофиёнаш ба нақшаи Маршалл назари манфӣ доштанд. Онҳо фикр мекарданд, ки бо ин роҳ Амрико мамлакатҳои Аврупоро тобеи худ месозад.

Президент Трумэн доктринаи сиёсати хориҷии ИМА-ро, ки бо номи ӯ гузошта шудааст ва нақшаи Маршаллро «ду пӯчоқи як чормағз» номидааст. Дар таърих марҳилаи нав огоз гардид. Аврупо ва тамоми ҷаҳон ботадриҷ ба «ҷанги сард» дохил мешуданд.



«Тракторн амрикоӣ» Аврупоро аз пушти худ кашидан мехоҳад.

***1. Чаро муаллиф як нафарро бо дастони холӣ тасвир кардаасг, ки мехоҳад аробаро ба қафо кашад? Ин ҷо чӣ рамзро мебинед?***
***2. Ба назари шумо муаллифи ин карикатура аз кадом кишвар аст?***

*Аз нутқи У.Черчилл дар коллеҷи Вестминстери шаҳри Фултон (Миссури), 5 марти соли 1946*

*Соя ба он майдонҳое афтидааст, ки чанде пеш бо ғалабаи иттифоқчиён равшан шуда буданд. Ҳеҷ кас намедонад, ки Русияи Шӯравӣ ва ташкилоти коммунистии байналхалқии он дарояндаи наздик чӣ мехоҳанд бикунанд. Сарҳади нақшаҳои забткории онҳо, агар чунин сарҳаде вуҷуд дошта бошад, дар куҷост?...*

*Аз Штетин дар баҳри Балтик то Триест дар баҳри Адриатик, қад-қади қитъа "пардаи оҳанин" кашида шудааст. Дар пушти ин парда тамоми пойтахтҳои давлатҳои кӯҳнаи Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ истодаанд...*

*Ман бовар надорам, ки Русияи Шӯравӣ ҷанг мехоҳад. Вале он чизе, ки онҳо мехоҳанд ин «фоида» аз ҷанг ва густариши номаҳдуди ҳокимият аст. Ин доктринаи (таълимоти) онҳо мебошад... Аз ин сабаб таълимоти (доктринаи) кӯҳнаи мувозинати қувва дигар кор намеояд. Мо наметавонем ба бартарии ночизи қувваҳои худ умед бандем ва бо ин барои озмоиши қувва васваса ба вуҷуд оварем.*

*Аз китоби "Хрестоматия по новейшей истории. 1945 – 1961, - М., 1961. Т.3.Ч.1.*

1. **У. Черчилл зери мафҳуми «пардаи оҳанин» чиро дар назар дошт?**
2. **Ба назари шумо, байни кадом давлатҳо «пардаи оҳанин» кашида шуда буд?**
3. **У. Черчилл барои сиёсати мамлакатҳои Ғарб кадом мақсадҳоро муайян кард?**

**?!**

1. **Ба назари шумо, дар кадом ҳолат ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ метавонистанд баъди ҷанг низ ҳамчун иттифоқчӣ боқӣ монанд? Оё ин мумкин буд?**
2. **«Ҷанги сард» ба мардуми оддӣ чӣ гуна таъсир расонд?**
3. ✻ **Назари роҳбарони ИҶШС ва ИМА-ро оид ба «ҷанги сард» таҳлил кунед. Ба фикри кадоми онҳо шумо бештар розиед?**

# §2. Созмони Милали Муттаҳид ва нақши он дар солҳои баъдиҷангӣ

1. *Зарурати ташкили СММ аз чӣ иборат буд?*
2. *Самтҳои асосии фаъолияти СММ кадомҳоянд?*
3. *СММ дар таъмини сулҳу амнияти ҷаҳон дар солҳои баъдиҷангӣ чӣ нақш бозидааст?*

Нишони расмии СММ

***Орошоти он чиро ифода кардааст?***



Бинои СММ

***Ин бино дар кадом мамлакат воқеъ аст ва барои чӣ?***

**Таъсиси СММ.** Ҳанӯз дар солҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон зарурати таъсиси созмони бонуфузи байналмилалӣ ба вуҷуд омада буд. Он барои пешгирии низои байни миллатҳо ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ миёни давлатҳо мебоист хидмат менамуд.

Бори аввал истилоҳи «Милали Муттаҳид» 1 январи 1942 дар Эъломияи Вашингтон пайдо шуд. Намояндагони Иттиҳоди Шӯравӣ, ИМА, Англия, Хитой ва 22 кишвари дигар ӯҳдадор шуданд, ки дар мубориза ба муқобили фашизм ва душмани умумӣ - Олмон бо якдигар ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Масъалаи таъсиси созмони байналмилалие, ки тавонад ҷойгузини Лигаи Миллатҳо гардад, моҳи октябри соли 1943 дар конференсияи вазирони корҳои хориҷӣ дар Маскав баррасӣ гардид. Дар асоси эъломияи он соли 1944 дар конференсияи Вашингтон намояндагони Иттиҳоди Шӯравӣ, Амрико, Англия ва Хитой доир ба Оинномаи созмон гуфтушунид намуданд. Пешниҳодоти ин конференсия асоси Оинномаи СММ-ро ташкил доданд. Он 26 июни соли 1945 дар конференсияи Сан-Франсиско аз ҷониби 50 давлати дунё имзо карда шуд. Оинномa 24 октябри соли 1945 эътибор пайдо кард ва ин сана ҳамчун рӯзи таъсиси СММ қайд карда мешавад.

Мувофиқи Оинномa узвият ба ҳайати СММ барои тамоми мамлакатҳои сулҳдӯст ихтиёрӣ ва озод мебошад. Ҳар як давлат дар сурати ба ҷо овардани шартҳои оинномаи ташкилот метавонад узви он гардад.

## Сохтори Созмони Милали Муттаҳид




**Мақомоти асосии СММ. Маҷмаи умумиро** баъзан парламенти ҷаҳонӣ меноманд ва он як рукни асосии машваратӣ мебошад. Ҳамаи кишварҳои узв дар он намояндагӣ дошта, ҳар кадом ҳуқуқи як овоз дорад.

Маҷмаи умумӣ дар СММ мақоми марказӣ дошта, аз дигар сохторҳо гузориш мегирад, узвҳои навро қабул карда, дабири кулли СММ-ро интихоб мекунад.

**Мақоми муҳим** ва доимоамалкунандаи СММ Шӯрои Амният буда, ба зиммаи он масъулияти асосии пойдор намудани сулҳу амнияти байналмилалӣ вогузор шудааст.

**Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ** таҳти салоҳияти Маҷмаи умумӣ кор карда, корҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ ва созмонҳову дастгоҳҳои махсуси онро ҳамоҳанг мекунад.

**Шӯрои васоят** (пуштибонӣ) барои таъмини масъулияти ҳукуматҳо ҷиҳати идоракунии сарзаминҳои таҳти пуштибонӣ қарор ёфта таъсис дода шуда буд. Онҳо барои ба даст даровардани истиқлолияти ин сарзаминҳо мусоидат менамуданд.

**Суди байналмилалӣ** яке аз мақомоти асосии СММ мебошад ва ба СММ ва ниҳодҳои он маслиҳат медиҳад. Вай аз тарафи Маҷмаи умумӣ ва Шӯрои Амният интихоб мешавад.

**Котибот** аз Муншии умумии СММ ва намояндагони байналмилалӣ иборат буда, фаъолияти доимӣ дорад.

***Аз Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид***

*Созмони Милали Муттаҳид дорои чунин ҳадафҳост:*

*1. Нигоҳ доштани сулҳи байналхалқӣ, амният ва бо ин мақсад қабул намудани чораҳои самараноки дастаҷамъӣ барои пешгирӣ намудани хавфи аз байн бурдани сулҳ, нест кардани амалҳои таҷовузкорона ва дигар вайронкориҳо...*

*2. Таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни миллатҳо дар асоси эҳтироми усулҳои баробарҳуқуқӣ ва худмуайянкунии халқҳо, инчунин пешниҳоди дигар чораҳои зарурӣ барои мустаҳкам намудани сулҳ дар саросари ҷаҳон.*

*3. Амалӣ сохтани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар ҳалли проблемаҳои байналмилалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ ва ҳавасманд гардонидану боло бурдани сатҳи эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, новобаста ба нажод, забон, мазҳаб ва ғайра.*

*4. Маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти миллатҳо баҳри ба даст овардани ин ҳадафҳои умумӣ.*



Конференсияи Сан-Франсиско. Маросими ба имзо расидани Оинномаи СММ (26.VI.1945)

**Дар роҳи посдории сулҳу амният.** СММ дар асоси нишондодҳои оинномаи хеш фаъолият намуда, дар нигоҳдории сулҳ ва амнияти ҷаҳон саҳми муносиб мегузорад. Бо талоши ин ташкилот қарорҳои муҳим дар бораи ба маҳкама супоридан ва ҷазо додани ҷинояткорони ҳарбӣ (1946), дар бораи тадбирҳои зидди таргиботи ҷанги нав (1947), тадбирҳо оид ба барқарор ва мустаҳкам намудани муносибатҳои неки ҳамсоягии байни давлатҳо (1957 ва 1968), ярокпартоии умумӣ ва пурра (1959) қабул гардиданд.

Аз дастовардҳои оштисозии СММ қатъи ҷанг дар Фаластин (1947), ҳалли қазияи Кашмир дар Ҳинд (1948), ҳалли мунокишаҳо дар Индонезия (1962) ва Кипр (1964), ҳамчунин таъмини оташбас дар Шарқи Наздик (1956, 1967) ва ғайраро метавон мисол овард.

Созмони Милали Муттаҳид дар баробари ҷӯстуҷӯи роҳҳои таъмини сулҳ, ҳимояи ҳуқуқи инсонро низ яке аз мақсадҳои асосии худ мешуморад.

Маҷмаи умумии СММ 10 декабри соли 1948 Эъломияи ҳуқуқи башарро иборат аз 30 модда қабул кард, ки он яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад.

*Аз Эъломияи ҳуқуқи башар*

*Моддаи 1. Тамоми одамон озод ба дунё меоянд ва аз лиҳози манзалату ҳуқуқ ба ҳам баробаранд...*

*Моддаи 2. Ҳар як инсон метавонад бидуни тафовуте, махсусан аз рӯйи нажод, ранги пӯст, забон, мазҳаб, ақидаи сиёсӣ ё ягон ақидаи дигар, ҳамчунин баромади миллию иҷтимоӣ, сарват, тоифа ва ё мавқеияти дигар аз тамоми ҳуқуқу озодиҳо, ки дар Эъломия зикр шудааст, баҳраманд гардад.*

*Моддаи 3. Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад...*

*Моддаи 7. Ҳама дар назди қонун баробаранд ва ҳақ доранд, бидуни тафовуте аз ҳимояи қонун бархурдор бошанд...*

*Моддаи 26. 1. Ҳар кас ҳуқуқи таҳсил дорад. Ақаллан таҳсили ибтидоӣ ва умумӣ бояд бепул бошад. Таҳсили ибтидоӣ бояд ҳатмӣ бошад. Таълими касб бояд дастраси ҳамагон бошад. Маълумоти олӣ бояд мувофиқи қобилияти ҳар кас ба ҳама як хел дастрас бошад.*

*2. Мақсади таълим бояд рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон, эҳтироми бештари ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад. Таълим бояд ба ҳусни тафоҳум, бурдборию дӯстии тамоми миллатҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ё мазҳабӣ... мусоидат намояд.*

*3. Волидон дар бобати интихоби навъи таълими фарзандони хурдсол ҳаққи аввалия доранд.*

*ЮНЕСКО*

*Муассисаи махсуси СММ доир ба маориф, илм ва фарҳанг - ЮНЕСКО (UNESCO - United Nation Educational, Scientific and Cultural Organization) соли 1946 ташкил шудааст. Мақсади он инкишофи ҳамкории байни давлатҳо дар соҳаҳои маориф, илм ва маданият аст. Қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж воқеъ аст.*

*ЮНЕСКО доир ба масъалаҳои гуногун конференсияҳои байналхалқӣ доир менамояд ва ба инкишофи илм, маданият ва маориф мусоидат мекунад. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон таҳти васояти ЮНЕСКО марказ ва институтҳои илмӣ ташкил ёфта, фаъолият менамоянд. Бо дастгирии ин ташкилот шумораи зиёди лоиҳаҳои байналхалқӣ доир ба илм, санъат ва адабиёт татбиқ гардиданд.*

**?!**

1. ***Тафовути Созмони Милали Муттаҳид аз Лигаи Миллатҳо дар чист?***
2. ***Самтҳои фаъолияти Созмони Милали Муттаҳидро доир ба ҳалли баҳсу мунокишаҳо миёни кишварҳо ном баред.***
3. ***Дар бораи фаъолияти кунунии Созмони Милали Муттаҳид чӣ медонед?***
4. ***Оё шӯъбаи СММ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад? Дар бораи фаъолияти он маълумот диҳед.***

# § 3. Бӯҳрони Берлин ва ташкили паймонҳои низомию сиёсӣ

*1. Тамоили умумии инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ дар даҳсолаҳои аввали баъд аз ҷанг чӣ гуна буд?*
*2. Бӯҳрон ва низоъҳои гуногуни ин давра дар ҷаҳон бо рақобатҳои кишварҳои узви паймонҳои Шарқ ва Ғарб чӣ иртибот доштанд?*
*3. Паймонҳои низомию сиёсӣ чӣ гуна пайдо шуданд?*

Яке аз мунокишаҳои тезутунд дар Аврупои баъдиҷангӣ дар масъалаи Олмон ба вуҷуд омад. Дар солҳои ҷанг байни мамлакатҳои паймони зиддифашистӣ созиши усулӣ ба вуҷуд омада буд, ки Олмон бояд як давлати сулҳдӯст ва демократӣ шавад. Аммо дар Олмон ва пойтахти он – Берлин қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои ғолиб – Иттиҳоди Шӯравӣ, ИМА, Британияи Кабир ва Фаронса ҷойгир гардиданд. Дар ин шароит ҳалли ин масъала душвор гашт. Ҳар ду тараф аз он хавф доштанд, ки захира ва имкониятҳои Олмон дар «ҷанги сард» ба зери назорати тарафи муқобил мегузарад. Ба ин асос дар ҳудуди Олмон раванди ташкил намудани ду давлат оғоз гардид. Соли 1948 дар Олмони Ғарбӣ ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд. Дар ҷавоб Иттиҳоди Шӯравӣ сарҳади байни Олмони Шарқӣ ва Олмони Ғарбиро баст, то ки пули беқадршуда Олмони Шарқиро пур накунад. Азбаски ислоҳоти пулӣ дар Берлини Ғарбӣ низ гузаронида шуда буд, ин қисмати шаҳр низ ба муҳосира гирифта шуд. Мушкилии таъмини аҳолӣ бо хӯрокворӣ хавфи гуруснагиро зиёд намуд.

Роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ ният дошт, ки масъаларо аз тариқи музокира ҳал кунад. Аммо ИМА музокиротро рад карданд ва барои таъмини Берлини Ғарбӣ бо озуқа «пули ҳавоӣ» ташкил намуданд. Кор ба ҷое расида буд, ки фармондеҳи низомии Амрико мудохилаи бевоситаи мусаллаҳонаро аз мадди назар дур намекард.

Ҳамин тавр, бӯҳрони Берлин ибтидои ба таъхир афтодани масъалаи ташкили Олмони ягона гардид, ки он беш аз чор даҳсола давом кард.

Соли 1949 ду давлати олмонӣ ташкил шуд: Ҷумҳурии Федералии Олмон (ҶФО) ва Ҷумҳурии Демократии Олмон (ҶДО).

ИМА ва муттаҳидинаш нақша доштанд, низоми Шӯравиро ба воситаи мусобиқаи таслиҳотӣ, фишору зурӣ заиф намуда, парокандашавии онро тезонанд. Бо ин мақсад моҳи апрели соли 1949 онҳо созмони низомию сиёсиеро бо номи Ташкилоти Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) барпо намуданд. Ташкил гардидани НАТО дар роҳи ҳамгироии Аврупо, ташкили Аврупои



Муҳосираи Берлин дар солҳои 1948-1949

***Ин чӣ гуна хавопаймо аст, ки мардум онро бо шавқи зиёд тамошо мекунанд?***

бидуни сарҳад, қадами аввал буд. Истиқлолияти миллӣ мафҳуми кӯҳнашуда эълон гардид ва ҷойи онро мебоист «атлантизм» мегирифт.

Дар ҷавоб Иттиҳоди Шӯравӣ чораҳо андешид, ки як иттиҳоди иқтисодӣ ва сиёсию низомӣ ба вуҷуд оварад. Вале дар сохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва афкори сиёсии давлатҳои иттифоқчии ӯ дар Аврупо фарқияти зиёд вуҷуд дошт. Рӯҳияи халқҳои Аврупои Шарқӣ ҳамеша ба Аврупои Ғарбӣ нигаронида шуда буд. Онҳо худро як қисми тамаддуни насронии Ғарб ҳисоб мекарданд. Бинобар ин, зарурати ташкили Иттиҳодро бо ҳамсояи муқтадири худ бо мушкилӣ қабул мекарданд. Иттиҳоди Шӯравӣ аз тамоми имконоти идеологию сиёсӣ истифода намуда, Амрикоро ташаббускори сар задани алангаи ҷанг ҷилва медод ва барномаи иттиҳоди идеявию сиёсии мамлакатҳои Аврупои Шарқиро таблиғ менамуд.

Бо ташкили НАТО ва Шартномаи Варшава дар муносибатҳои байналхалқии давраи «ҷанги сард» оғоз гардида, марҳилаи шаклгирии ҷаҳони дуқутба ба охир расид.

«Ҷанги сард» натанҳо дар Аврупо, балки дар Осиё ва Шарқи Миёна низ паҳн гардид. Рақобат байни абарқудратҳо боиси тақсимшавии Хитой, Корея ва Ветнам гардид, ки солҳои тӯлонӣ ҳамчун маркази низоъ боқӣ монданд. Тақсими Фаластин ба ду давлат ва барпо шудани давлати Исроил дар соли 1947 нуқтаи дигари доғ гардид, ки то имрӯз давом дорад.

Ба мисли Аврупо дар Осиё низ бо роҳбарии Амрико паймонҳои низомию сиёсӣ ба мисли СЕАТО (SEATO - South East Asia Treaty Organization) - «Созмони паймони Осиёи



Маросими имзои созишнома дар бораи таъсиси Ташкилоти Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)

***Аз расм чӣ гуна муайян кардан мумкин аст, ки намояндагони чанд давлат ҳузур доранд?***

Ҷанубу Шарқӣ» ба вуҷуд омаданд. Аз соли 1953, баъди ивазшавии роҳбарони давлати Шӯравӣ ва ИМА, давраи дигаргуниҳои ҷиддӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ҳамин давра ба давлатҳои бузург муяссар гардид, ки гиреҳи баъзе рақобатҳои дарозмуддатро кушоянд. Оташбас дар Корея, имзои созишнома доир ба Ҳиндухитой (соли 1954), ҳалли масъалаи Австрия ва баровардани қӯшунҳои Шӯравӣ ва ИМА аз он, мулоқоти роҳбарони Англия, ИМА, Иттиҳоди Шӯравӣ ва Фаронса дар Женева, барқарории муносибатҳои дипломатӣ миёни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмони Ғарбӣ (соли 1955) нишонаи ин дигаргуниҳо ва беҳбудӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ буданд.




Харитаи НАТО ва Шартномаи Варшава

***Аз Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ (4 апрели с. 1949)***

*Тарафҳо бо имзои шартномаи мазкур эътимоди худро бо мақсад ва усули Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва хоҳиши бо тамоми халқҳо ва ҳукуматҳо дар фазои сулҳомез зиндагӣ карданро эълом медоранд.*

*Тарафҳо мувофиқанд, ки ҳамлаи мусаллаҳона ба муқобили як ва ё чанде аз ҷонибҳо дар Аврупо ё Амрикои Шимолӣ ҳамчун ҳамла ба муқобили ҳама дониста шавад. Бинобар ин, онҳо ба мувофиқа расиданд, ки агар чунин ҳамлаи мусаллаҳона ба амал ояд, ҳар яки онҳо ба тараф ва ё тарафҳое, ки дучори ҳамла шудаанд, ёрӣ мерасонанд ..., аз ҷумла, бо истифодаи қувваҳои мусаллаҳ, то ки амниятро дар минтақаи қисмати шимолии уқёнуси Атлантик барқарор намоянд.*

***1. Муносибати худро нисбати изҳороти иштирокчиёни НАТО дар бораи хосияти мудофиавӣ доштани Шартнома муайян кунед.***
***2. Оқибатҳои таъсиси НАТО чӣ гуна буданд? Онҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳед.***

***Аз Шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ (Варшава, 14 майи соли 1955)***

*Тарафҳои аҳдкунанда:*

*Муҷаддадан саъю кӯшиши худро барои сохтмони низоми амнияти дастаҷамъӣ, дар асоси усули иштироки тамоми давлатҳои аврупоӣ, сарфи назар аз сохти иҷтимоӣ ва давлатиашон эълон медоранд. Ин имкон медиҳад, ки ҷидду ҷаҳди онҳо ба нафъи таъмини сулҳ дар Аврупои муттаҳид равона карда шавад;*

*Бо назардошти вазъи бавуҷудомада дар Аврупо… ба хотири таҳкими дӯстӣ, густариши ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ва инчунин мутобиқи усули мудохила накардан ба корҳои дохилии онҳо ба қароре омаданд, ки Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарии мазкурро имзо намоянд …*

*Дар сурати сар задании ҳамлаи мусаллаҳона дар Аврупо бар зидди як ё чанде аз давлатҳои аъзои Шартнома аз тарафи кадом давлат ва ё гурӯҳи давлатҳо, ҳар як аз давлатҳои аъзои шартнома… ба давлат ва ё давлатҳое, ки дучори ҳамла шудаанд, ёрии таъҷилӣ мерасонад…, аз ҷумла, бо истифодаи қувваҳои мусаллаҳ.*

***Оё дар мундариҷаи матни Шартнома хатареро барои давлатҳои Аврупо мебинед?***

?!

1. ***Сабаби асосии муҳосираи Берлин аз чӣ иборат буд? Оё ин воқеа метавонист дар ҷанг миёни иттифоқчиёни собиқ сулҳ биёварад?***
2. * ***Мундариҷаи матнҳои Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ ва Шартномаи Варшаваро муқоиса кунед. Умумияти матнҳоро чӣ гуна шарҳ медиҳед?***
3. * ***Мафҳумҳои «пардаи оҳанин», «абарқудрат» ва «ҷаҳони дуқутба»-ро шарҳ диҳед.***
4. ***Дар харита давлатҳоеро нишон диҳед, ки соли 1949 ба НАТО ва соли 1955 ба Шартномаи Варшава дохил шуда буданд.***
5. ***«Ҷанги сард» дар дигар минтақаҳои ҷаҳон чӣ тавр зуҳур ёфта буд?***

# §4. Тезутундшавии вазъият дар ибтидои солҳои 60-ум: бӯҳрони Берлин ва Куба

*1. Кадом омилҳо ба бӯҳрони соли 1961-и Берлин сабаб шуданд?*
*2. Девори Берлин дар муносибати байни Шарқу Ғарб чӣ нақш бозидааст?*
*3. Сабабҳои бӯҳрони Куба кадомҳоянд?*

**Бӯҳрони Берлин**. Дар ибтидои солҳои 60-ум воқеаҳое рӯй доданд, ки умеди ҷомеаи ҷаҳонро дар бораи хотимаи «ҷанги сард» барбод доданд. Дар ин солҳо аз нав масъалаи Берлини Ғарбӣ вазъиятро ноором сохт. Берлини Ғарбӣ, баъди ташкили Ҷумҳурии Федералии Олмон (ҶФО) ва Ҷумҳурии Демократии Олмон (ҶДО), ҳамчун масъалаи баҳснок ва моҷароангез боқӣ монда буд. Ҳар як тараф Берлини Ғарбиро «аз худ» медонист. То соли 1961 байни Берлини Ғарбӣ ва Берлини Шарқӣ рафту омад озод буд: 50 ҳазор нафар сокинони Берлини Шарқӣ дар Берлини Ғарбӣ ва 13 ҳазор нафар сокинони Берлини Ғарбӣ дар Берлини Шарқӣ кор мекарданд. Масъалаи Берлини Ғарбӣ чандин бор тезутунд шуда буд. Ба қавли роҳбарияти Шӯравӣ, дар шароити рафтуомади озод фаъолияти харобкорона аз тарафи Берлини Ғарбӣ ба муқобили ҶДО, Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар мамлакатҳои сотсиалистӣ чандон мушкил набуд. Зеро сарҳади ҶДО бо Берлини Ғарбӣ муҳофизат намешуд.

Шаби 12 ба 13 августи соли 1961 сарҳадбонони ҶДО ба таври фаврӣ байни ду қисми шаҳр симхор кашиданд. Баъдтар онро ба девори бетонӣ иваз намуданд.



Сохтмони девори Берлин

*1. Ба фикри шумо дар сохтмони девор киҳо иштирок мекунанд?*
*2. Чаро низомиён ба назар мерасанд?*



Девори Берлин

*1. Рассом бо ин тасвир чиро нишон додан мехоад?*
*2. Дар миёни ин ду расм кадом умумиятро мебинед?*

***Барои чӣ ҷавонон ҷони худро ба хатар гузошта, ба Берлини Ғарбӣ мегурехтанд?***



Сокини 18-солаи ЧДО Питер Фишер кӯшиш кард ба Берлини Ғарбӣ гурезад...

***Ақидаи таърихнигор ва сиёсатшиноси белгиягӣ***

*Сохтани девор дар Ғарб амали таҷовузкорона ҳисоб мешуд. Ҳарчанд ин ихтилоф аст, вале вай ба паст шудани шиддати вазъият сабаб шуд... Зеро Иттиҳоди Шӯравӣ... мавҷудияти мақоми Берлини Ғарбиро эътироф мекунад... Кеннеди гарчанде наметавонист онро эътироф кунад, вале бо ин қарор розӣ буд: пилтаи сӯхтаистода аз бочкаи борут дур карда шуд ва Берлини Ғарбӣ аз чанголи ЧДО наҷот ёфт.*

*Аз китоби Берге И.В. "Историческое недоразумение? «Холодная война» 1917 – 1990. С. 145-146*

***Чаро дар Ғарб сохтани девор амали таҷовузкорона ҳисобида мешуд?***

***«Девор - ин дӯзах аст, вале аз ҷанг хеле беҳтар аст» (Ҷон Кеннеди, президенти ИМА дар солҳои 1961 – 1963)***




Карикатураи «Берлин»

***1. Ба фикри шумо, муаллифи карикатура ба бинанда чиро мехоҳад нишон диҳад?***

***2. Кӯшиш кунед фаҳмонед, ки муаллифи он амрикоӣ, шӯравӣ ва ё сокини Берлини Ғарбист. Барои чӣ шумо ин хел фикр доред?***

**Воқеаҳои Куба.** Соли 1959 дар Куба инкилоб сар зад ва низоми амрикопарастро сарнагун кард. ИМА ба соҳилҳои Куба фуруд овардани 1500 нафар зиддиинқилобчиёни Кубаро дастгирӣ намуда, қасд доштанд ҳукумати Ф. Кастроро сарнагун созанд.

Ҷавобан Фидел Кастро барои ёрӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ муроҷиат кард. Ҳукумати Шӯравӣ ба таври пинҳонӣ 42 ракетаи миёнапарвози кулоҳак (заряд)-и ядроидоштаро дар Куба ҷойгир кунонид. Азбаски Куба ҳамагӣ дар масофаи 90 км аз ИМА ҷойгир буд, қисмати зиёди хоки Амрико дар минтақаи нишонраси ракетаҳо қарор гирифт. Президенти ИМА Ҷ. Кеннеди аз Маскав қатъиян

талаб кард, ки ракетаҳояшро берун барорад. Ӯ фармон дод, ки Куба муҳосира ва тамоми киштиҳои Шӯравӣ, ки ба Куба мераванд, тафтиш карда шаванд. 5 киштии Шӯравӣ 24 октябри соли 1962 ба минтақаи муҳосира расиданд. Вазъият хеле шиддатнок шуда буд ва метавонист ҳар лаҳза ҷанг сар шавад.



Ракетаҳои Шӯравӣ дар Куба

***Расми ҷойгиршавии ракетаҳо чӣ тавр гирифта шудааст? Оё роҳбарияти Шӯравӣ фикр дошт, ки ҷойгиркунонии ракетаҳо пинҳон боқӣ мемонад?***

***Аз хотироти мушовири собиқи сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар ИМА Г. Н. Болшаков***

*Воқеаҳои рӯзҳои октябри соли 1962 ин аввалин ва хушбахтона, ягона бӯҳрони термоядроӣ дар таърихи мамлакати мо - «лаҳзаи тарс ва такони шуур» буд. Н. С. Хрушёв, Ҷон Кеннеди, Ф. Кастро ва тамоми инсоният якумин бор худро дар «як қаиқ», ки дар маркази гирдоби атомӣ қарор дошт, эҳсос карданд.*

*Баъзеҳо фикр доштанд, ки сабабҳои бӯҳрон хислати ҳарбӣ доштанд. Иттиҳоди Шӯравӣ ракетаҳои худро дар Куба ҷойгир кунонида, гӯё кӯшиш дошт, «нобаробариро» дар миқдори кулоҳакҳои атомӣ бо ИМА коҳиш диҳад. Дар он рӯзҳо ба гуфтаи онҳо ин таносуб 17:1 ё 15:1 ба манфиати амрикоиҳо буд. Дигарон сабабҳои сиёсӣ пеш меоварданд. Мақсади ИМА барҳам додани Куба ва мақсади Иттиҳоди Шӯравӣ-мустаҳкам кардани мавқеи лагери сотсиалистӣ дар қитъаи Амрико буд. Вале, ба назари ман, бӯҳрони баҳри Кариб, пеш аз ҳама, бӯҳрони эътимоди давлатӣ ва инсонӣ буд. …*

*Амрикоиҳо аввалин бор хатари ҷангро дар остонаи худ ҳис карданд. Ин 13 рӯзи моҳи октябр ИМА ва тамоми ҷаҳонро маҷбур карданд, ки дар бораи бехатарии инсоният фикр кунанд.*

*Хатарноктарин лаҳза шаби 27-28 октябр буд. Сухан дар сари он аст, ки субҳи 27 октябр ракетаи Шӯравии «замин-ҳаво» самолёти баландпарвози разведкавии У-2-и амрикоиро, ки сарнишинаш майор Р. Андерсон буд, зада афтонд. Ин қурбонии аввалу охирини муҳосираи Куба аз тарафи ИМА буд. Фармондеҳи қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Амрико пешниҳод кард, ки фавран ба Куба зарбаи ҳавоӣ зада шавад. Вазъият то ҳадди охирин шиддатнок шуда буд. Президент бо мушкилӣ метавонист ба фишори низомиён тоб оварад….*

***1. Барои чӣ Г. Н. Болшаков бӯҳронро «лаҳзаи тарс ва такони шуур» номидааст?***
***2. Шумо оид ба фикрҳои муаллиф чӣ ақида доред?***

26 октябр Н. С. Хрушёв ба Ҷ. Кеннеди нома фиристод. Дар он ӯ изҳор кард, ки агар Амрико ваъда диҳад, ки дасти таҷовуз аз Куба мекашад, Шӯравӣ ракетаҳои худро аз Куба мебарорад. 28 октябр тарафҳо ба мувофиқа расиданд. ИМА инчунин ваъда дода буд, ки 15 ракетаи навъи «Юпитер»-ро аз Туркия мебарорад.




"Ман розиям, ҷаноби президент. Мо мехоҳем музокира кунем" - карикатураи ғарбӣ, ки дар замони бӯҳрони Кариб нашр гашта буд.

***1. Ба фикри шумо рассом чиро фаҳмондан хостааст?***
***2. Муаллифи карикатура шӯравист ё аз Ғарб?***

***1. Бо кадом сабаб берун баровардани ракетаҳо ин қадар рӯҳияи ноумедиро дар Куба ба вуҷуд овард?***
***2. Ёриҳои иқтисодии иловагӣ ба Куба метавонист дар мардум рӯҳияи боварӣ баояндаро бедор кунад?***
***3. Назари шумо ба ин воқеаҳо чӣ гуна аст?***

**?!**

***1. Бӯҳрони соли 1948-и Берлин аз бӯҳрони соли 1961 чӣ фарқ дошт?***
***2. Ба назари шумо, сохтмони девори Берлин аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёнаш «амали таҷовузкорона» буд ва ё «амали мудофиавӣ»?***
***3. Оё хатари воқеии сар задани ҷанги ҳастаӣ ҳангоми бӯҳрони Куба вуҷуд дошт?***
***4. Барои чӣ Н. С. Хрушёв ба зудӣ розӣ шуд, ки ракетаҳоро барорад?***
***5. Бӯҳрони Куба ба вазъияти байналмилалӣ чӣ гуна таъсир расонид?***
***6. Ҷадвали хронологии воқеаҳои муҳим ва бӯҳрони асосии охири солҳои 40 ва ибтидои солҳои 60-умро тартиб диҳед.***

# § 5. Коҳиши бӯҳрон ва пастшавии шиддати вазъияти байналмилалӣ

*1. Тамоили паст кардани шиддати вазъият аз чӣ оғоз ёфт?*
*2. Натиҷаҳои мушаххаси он дар чист?*
*3. Аҳамияти амалӣ намудани ин сиёсат дар чӣ буд? Оё ин сиёсат метавонист, натиҷаҳои беҳтареро ба бор орад?*

Бӯҳрони Куба, ки инсониятро зери таҳдиди ҷанги ҳастаӣ қарор дод, ҳамзамон барои беҳбудии тамоми муносибатҳои байналмилалӣ низ нақши калон бозид. Ҳар ду роҳбари давлатҳои абарқудрат – Хрушёв ва Кеннеди, хатари такрори чунин бӯҳронро дарк намуданд. Онҳо зарурати паст кардани шиддати вазъияти байналмилалиро бештар эҳсос намуданд.

Маҳз баъди соли 1962 як навъ тамоили дур шудан аз «ҷанги сард» ба вуҷуд омад. Моҳи июни соли 1963 байни Маскав ва Вашингтон (бевосита байни Кремл ва Қасри сафед) робитаи телефонӣ барқарор гардид. Он метавонист, дар ҳама шароит роҳбарони ду давлатро ба якдигар васл кунад. Ин аввалин нишонаи боварӣ ба якдигар буд.

Ҳамон сол дар Маскав байни кишварҳои Ғарб ва Иттиҳоди Шӯравӣ созишнома дар бораи манъи озмоишҳои ҳастаӣ дар фазо имзо карда шуд.

Дар ҷаҳони Ғарб тағйироти муҳимми дигар низ рӯй доданд: беқурбшавии фунт стерлинг (воҳиди пулии Англия) мавқеи байналмилалии онро суст кард. Мушкилиҳои иқтисодӣ ИМА-ро низ маҷбур кард, ки мавқеи худро дигар кунад. Зеро маълум гардид, ки рақобат дар «ҷанги сард» барои Амрико ҳам хеле гарон аст. Махсусан ҷанги Амрико бо Ветнам ба обрӯ ва нуфузи он зарбаи сахт зад.

Истифодаи васеи моддаҳои кимиёӣ ва барангезандаи оташ аз тарафи амрикоиҳо дар ин кишвар ба муҳити зист таъсири хеле бад расонид. Куштори бераҳмонаи мардуми осоишта, занону кӯдакон мавҷи эътирози зиддиҷангиро дар ҳама мамлакатҳо зиёд кард. Махсусан, фоҷиаи деҳаи Сонг Мии Ветнам, куштори бераҳмонаи 500 нафар аҳолии осоишта, аз ҷумла, кӯдакон ҷаҳонро такон дод. Мавҷи эътирозот худи Амрикоро низ фаро гирифт. Дар ин кор лейтенант Келлии 26 соларо гунаҳкор донистанд, ки ӯ ҳам аз тарафи Р. Никсон авф гардид.

***«Ман фаҳмидам, Амрико, то он замоне, ки иғвогариҳое мисли ҷанги Ветнам аз вай восита ва одамонашро кашида мегиранд..., дигар ҳеҷ гоҳ кӯшиши нахоҳад кард, ки восита ва энергияи заруриро барои ёрӣ ба камбағалони худ ҷудо кунад.***

***(Аз нутқи М. Л. Кинг)***



Намоиш муқобили ҷанги Ветнам дар ИМА (с .1967). «Насрониҳо ин корро карданд, на Ветконг»


Ҷангалҳои Ветнам баъди истифодаи моддаҳои заҳрдор чунин шаклро мегирифтанд

***Бо истифода аз навиштаҳои расм гӯед, ки бо ин шиорҳо амрикоиҳо чӣ гуфтан мехоҳанд?***

***Чаро амрикоиҳо дар ҷангалҳо моддаҳои кимиёӣ истифода мекарданд?***

Дар ин солҳо Хитой муносибатҳояшро бо Ғарб дар беҳтар намуд. Соли 1971 сафари махфии ёрдамчии президенти ИМА Генри Киссинҷер ба Пекин сурат гирифт. Соли 1972 худи Президент Р. Никсон ба Хитой сафар кард. Ин як воқеаи пурсару садое дар муносибатҳои байналхалқӣ буд. Муносибатҳои ИМА ва Хитой то ҳадде оддӣ шуданд. Дар СММ Ҷумҳурии Мардумии Хитой ҷои худро гирифт. Бо вуҷуди рақобатҳои ошкору пинҳонӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ як тамоили устуворӣ ва беҳбудӣ мушоҳида мешуд. Он тамоил бо номи "детант" – (фаронсавӣ-паст кардани шиддат) машҳур гардид. Ба ин равандҳо Аврупои Ғарбӣ, пеш аз ҳама Олмони Ғарбӣ, ҳамроҳ шуданд.

Гармшавии муносибатҳои байналхалқӣ ба маҳдуд кардани захираҳои яроқи стратегии кишварҳои абарқудрат оварда расонд. Ҳар ду тараф зарурати ба як маҷрои назоратшаванда ва оқилона равон кардани мусобиқаи таслиҳотиро эътироф намуданд. Соли 1969 гуфтушунидҳо байни Амрикою Шӯравӣ дар бораи маҳдуд намудани яроқи стратегӣ оғоз шуд.

Дар солҳои 1972 - 1974, дар рафти якчанд мулоқоти роҳбарони Шӯравӣ ва Амрико, аввалин созишномаҳо оид ба ин масъала имзо шуданд. Дар мавриди ҷойгир кунонидани системаҳои дифои зидди мушакӣ маҳдудиятҳо гузошта шуд. Зеро сохтани чунин системаҳо ба такмили яроқҳои ҳуҷумкунанда мусоидат менамуд. Баъдан тарафҳо ҳадди болоии яроқи стратегии ҳуҷумиро (мушакҳои байниқитъавӣ ва ҳавопаймоҳои дурпарвози гулӯлаафкан) муайян карданд.

Паст шудани шиддати вазъият барои Аврупо ҳам аҳамияти зиёд дошт. Зеро дар ин ҷо хатти бархурди ду паймони низомӣ ва артиши кишварҳои абарқудрат мегузашт. Аврупо пур аз яроқҳои гуногун буд. Дар сурати саршавии низоъ вай метавонист, майдони васеи ҷанги ядроӣ гардад. Дар солҳои 70-ум кӯшиш карда шуд, ки дар асоси эътироф намудани вазъияти мавҷудаи Аврупо дар бораи қоидаҳои умумии рафтори кишварҳои аврупоӣ созиш ҳосил гардад. Ин авҷи аълои раванди коҳиш ёфтани шиддати вазъияти байналхалқӣ буд.



Назари рассоми даниягӣ - К. Албрехтен ба гунаҳкорони асосии воқеаҳои Сонг Ми

***Чеҳраҳои аксёфта ба кӣ шабоҳат доранд? Рассом чӣ гуфтан мехоҳад?***

***Аз маърӯзаи котиби генералии КМ ҲКИШ Л. И. Брежнев дар съезди XXV ҳизб. 24 феврали соли 1976***

*... Ба манзури коҳиши шиддати вазъият ва сулҳи пойдор дар Аврупо съезди XXIV ҲКИШ даъват намуда буд, то ташкили Маҷлиси машваратии умумиаврупоиро таъмин намояд. Акнун ин ба воқеият табдил ёфтааст. Дар моҳи августи соли гузашта дар Хелсинки роҳбарони 33 давлати аврупоӣ, ИМА ва Канада ҳуҷҷати хотимавии маҷлисро имзо карданд, ки кор атрофи он ду сол ва тайёрии сиёсӣ 10 сол давом карда буд.*

*Натиҷаҳои ба даст омада арзиши ин кӯшишҳоро доштанд. Иштирокчиёни Маҷлис ба таври дастаҷамъӣ халалнопазирии сарҳадҳои мавҷударо тасдиқ намуданд. Маҷмӯи усулҳои муносибатҳои байнидавлатӣ таҳия гардид. Ҳамин тавр, шароити муносиб барои нигоҳ доштан ва таҳкими сулҳ дар тамоми қитъа ба вуҷуд омадааст...*

*Аз Материалҳои съезди XXV КПСС, Душанбе, 1976. С.18*



Ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дар толори қасри Финландия дар марҳилаи хотимавии Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо. Хелсинки, 30 июли соли 1975

Ин раванд хушбиниеро дар бораи хатми «ҷанги сард» ба вуҷуд овард. Аммо сабабҳои он аз байн нарафта буданд. Бинобар ин пастшавии шиддат фақат эътирофи бо роҳи зӯрӣ ғайри имкон будани ғалаба дар «ҷанги сард» буд.

Баъд аз ин ҳам кӯшишҳои ба нафъи худ тағйир додани таносуби қувваҳо дар арсаи байналхалқӣ хотима наёфтанд.

***Сенатори амрикоӣ Ҷ. Ҷексон дар бораи сиёсати паст кардани шиддати вазъият***

*Вашингтон, 20 июни соли 1974*

*Мувофиқи истилоҳоти имрӯзаи Шӯравӣ, паст гаштани шидати вазъият ё «ҳамзистии осоишта», алтернативаи стратегист нисбат ба антагонизми рӯйрост ҷанговар, бар зидди ба истилоҳ «мамлакатҳои капиталистӣ». Ин маънои даст кашидани Иттиҳоди Шӯравӣ ва муттаҳидинаш аз зиддият бо мамлакатҳои либералии Ғарбро надорад.*

*Низои рӯ ба рӯ ҷойи худро ба шеваҳои ғайримустақими мубориза, бо истифода аз воситаҳои ғайринизомӣ, яъне «идеологӣ» медиҳад, Дар таҷрибаи шӯравӣ ин истилоҳ фаъолиятҳои тахрибкорона, таблиғот, игвои сиёсӣ ва амалиёти ҷосусиро дар назар дорад.*

*Аз китоби Киссинджер Г. Дипломатия. - М., 1997. С. 678-679.*

***Аз суханони Л. Брежнев ва Ҷ. Ҷексон фарқияти баҳодиҳӣ ба дастовардҳои сиёсати паст кардани шиддати вазъиятро дар чӣ мебинед?***

?!

1. ***Ба фикри шумо, агар бӯҳрони Куба намебуд, ҷонибҳо сиёсати паст кардани шиддати вазъиятро пеш намегирифтанд?***
2. ***Мусобиқаи таслиҳотӣ чист? Он ба вазъияти Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА чӣ гуна таъсир расонид?***
3. ***Сабаби асосии берун бурдани қувваҳои ҳарбии ИМА аз Ветнам чӣ буд? Ба фикри шумо, Амрико шикаст хӯрд?***
4. ***Омили асосии саршавии гуфтушунидҳои кишварҳои абарқудрат дар бораи маҳдуд кардани яроқи стратегӣ аз чӣ иборат буд?***
5. ***Шумо дар баҳодиҳӣ ба аҳамияти сиёсати паст кардани шиддати вазъият аз тарафи намояндагони Шӯравӣ ва Ғарб кадом фарқиятро мебинед? Ақидаи худро шарҳ диҳед.*** *

***Ҷадвали зеринро аз тариқи ба гурӯҳҳо тақсимшавӣ пур кунед***

| ***Воқеаҳое, ки ба тезутундшавии муносибатҳои Шӯравию Амрико мусоидат кардаанд*** | ***Воқеаҳое, ки ба беҳтар гардидани муносибатҳои Шӯравию Амрико мусоидат кардаанд*** |
|---|---|
| | |

# §6. Шикасти низоми мустамликадорӣ

*1. Мақсад ва моҳияти мустамликадорӣ дар чист?*
*2. Мустамликадорӣ дар ҷаҳон то чӣ андоза паҳн гашта буд?*
*3. Чаро халқҳои мустамлика ба мубориза бархостанд?*



*Дар расм кадом зуҳуроти таърихӣ ифода ёфтааст?*

Ба вуҷуд омадани низоми мустамликадорӣ натиҷаи тақсимоти ҳудудӣ-сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон дар байни мамлакатҳои бузург буд.

Мустамлика гуфта, сарзаминҳо ва минтақаҳое дар назар дошта мешавад, ки тобеи мамлакатҳои бузург ва пешрафтаи хориҷӣ буданд. Мустамликаҳо истиқлолият ва соҳибихтиёрии худро аз даст дода буданд. Чунин сарзаминҳо ба манбаи ашёи хом ва қувваи арзони кории давлатҳои абарқудрат табдил ёфта буданд. То соли 1919 мустамликаҳо ва ниммустамликаҳо бештар аз 70% ҳудуди хушкии ҷаҳонро дар бар гирифта, дар онҳо аз се ду ҳиссаи тамоми сокинони олам зиндагӣ мекарданд.

Тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодие, ки баъди Ҷанги якуми ҷаҳон ба амал омад, ба болоравии муборизаи зиддимустамликадорӣ таъсири амиқ гузошт. Дар як қатор мамлакатҳо ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ шурӯъ шуд.

Бо вуҷуди ин, то ибтидои Ҷанги дуввуми ҷаҳон низоми мустамликадорӣ ҳамчун зуҳуроти нангини истисмору зӯроварӣ, зулму истибдоди мамлакатҳои абарқудрат нисбати халқҳои қафомонда боқӣ монда буд.

Баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон низоми мустамликадорӣ ба бӯҳрони сахт гирифтор гашт, ки боиси пошхӯрӣ ва аз байн рафтани он гашт.

Соли 1945 ҳамчун марҳилаи асосии пошхӯрии мустамликадорӣ эътироф шудааст. Зеро мувофиқи гуфтушунидҳои сарони давлатҳои Англия, ИҶШС ва ИМА масъала дар бораи системаи васояти (пуштибонии) байналхалқӣ ба рӯзномаи конференсияи Сан-Франсиско дохил гашт. Намояндагони ИҶШС собиткадамона барои ҳалли қатъии масъалаи мустамликадорӣ, яъне ба халқҳои мустамлика додани озодӣ ва истиқлолият талош менамуданд. Намояндагони мамлакатҳои мустамликадор, пеш аз ҳама, Англия, ки дар он давра давлати аз ҳама бузург ба ҳисоб мерафт, тарафдори нигоҳ доштани сохти мавҷуда буданд. Онҳо ҷонибдори дар Оинномаи СММ нигоҳ доштани ибораи ҳаракат «ба самти худидоракунӣ» буданд. Тарафҳои мухолиф ба қабул кардани пешниҳоди ниҳоии Оинномa мувофиқа намуданд.

Ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар панҷ соли аввали баъд аз ҷанг (солҳои 1945-1949) дар қитъаи Осиё хеле авҷ гирифта буд. Омили муҳими болоравии нави ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Осиё баҳри худидоракунӣ ва истиқлолияти миллӣ шикасти Япония дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон буд. Баъди шикасти японҳо Англия, Фаронса, Нидерландия ва ИМА кӯшиш менамуданд, ки дар ин минтақа тартиботи тоҷангиро барқарор намоянд. Аммо чунин рафтор боиси норозигии табақаҳои васеи аҳолии мамлакатҳои осиёӣ гашт, ки онҳоро Иттиҳоди Шӯравӣ сахт ҷонибдорӣ мекард.

Дар як муддати кӯтоҳ Индонезия (1945), Ҳиндустон (1947), Бирма (1947), Сейлон (1948) истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварданд. Дар Кореяи Шимолӣ (1946) ва Хитой (1949) инқилобҳои характери сотсиалистӣ дошта ғалаба карданд. Соли 1943 қушунҳои хориҷӣ аз Сурия ва Лубнон берун бароварда шуданд. Ин кишварҳо, ки то соли 1946 дар зери тасарруф (сарзамини зермандатӣ)-и Фаронса буданд, соҳибистиқлол шуданд. Ҷараёни озодкунӣ аксар вақт бо роҳи муборизаи мусаллаҳонаи оштинопазир сурат гирифта, ба якчанд марҳала ҷудо мешуд. Аммо мустамликадорони собиқ мавқеи худро аз даст доданӣ набуданд. Мамлакатҳои озодшуда боз чандин муддат побанди иқтисодии соҳибмустамликаҳо буданд.



М. К. Ганди ҳангоми мутолиа

***Моҳандас Карамчанд Ганди***
***(1869 - 1948)***

*Маълумоти олии ҳуқуқшиносиро дар Англия гирифта, солҳои 1893 - 1914 дар Африқои Ҷанубӣ кор кардааст. Соли 1915 ба ватан баргашта, ба Ҳизби Конгресси Миллии Ҳиндустон пайваст ва яке аз пешвоёни он гашт. М. К. Ганди ба усули мубориза бидуни истифодаи зӯроварӣ ба муқобили истибдоди мустамликадорӣ асос гузошт. Ин роҳ ба анъанаҳои ахлоқии Ҳиндустон такя мекард.*

***Аз ҳикматҳои Маҳатма Ганди***

*Барои ман зӯроварӣ накардан на танҳо категорияи фалсафӣ, балки қонун ва моҳияти ҳаёт аст. Сарвари ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ ба макр ва зӯроварӣ даст намезанад. Ман ба он эътимоди комил дорам, ки озодии бо роҳи фиребу хунрезӣ ба даст омада, озодӣ нест. Бо қувваи силоҳ мумкин аст, муддате соҳибистиқлол гашт, вале бо ёрии силоҳ озод намудани худ ва ё дигарон номумкин аст.*

Аз солҳои 50-ум шикасти сохти мустамликадорӣ авҷ гирифт. Дар даҳ соли баъдиҷангӣ аз тобеияти мустамликавӣ ва ниммустамликавӣ зиёда аз 1,2 млрд. одамон озод шуданд. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон 15 давлати мустақил пайдо шуд, ки дар онҳо бештар аз панҷ чор ҳиссаи аҳолии мамлакатҳои собиқ мустамлика зиндагонӣ мекарданд.

Дар қитъаи Африқо дербоз сохти мустамликадорӣ мавқеи мустаҳкам дошт. То интиҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар 55 кишвари ҳудуди Африқо қариб 200 млн. одамон зиндагонӣ мекарданд. Расман Миср, Ҳабашистон, Либерия давлатҳои мустақил ба шумор мерафтанд. Доминиони (давлатҳои худидорашаванда, колонияҳои собиқ, ки дар ҳайати империяи Британӣ буданд) Британияи Кабир – Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ низ мустақил шуморида мешуд, зеро он ҳукумат ва маъмуриятҳои маҳаллии худро дошт. Аҳолии мамлакатҳои мустамлика дар сатҳи паст умр ба сар мебурданд.

Соли 1960 ҳаҷми даромади солона ба ҳар сар аҳолии қитъаи Африқо ҳамагӣ 95 доллари амрикоиро (ба ғайр аз Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ) ташкил медод. Ин нишондод нисбат ба мамлакатҳои пешрафтаи саноатӣ 12 баробар камтар буд. Дар айни ҳол Африқо аз нигоҳи сарватҳои зеризаминӣ минтақаи бой ба шумор мерафт. Дар арафаи соли 1960 дар ин минтақа 98%-и алмос, 72%-и кобалт, 68%-и тилло, 45%-и хром,

30%-и миси мамлакатҳои капиталистӣ истеҳсол карда мешуд. Соли 1960 Маҷмаи умумии СММ бо ташаббуси ИҶШС дар бораи истиқлолияти собиқ мустамликаҳо Эъломия қабул кард.




***Ҷадвали соҳибистиқлол гаштани мамлакатҳои Африқоро тартиб диҳед.***

Ҳамон сол (1960) дар таърих ҳамчун «соли Африқо» дохил шуд. Чунки дар он сол 17 мамлакати қисмати марказӣ ва ғарбии қитъаи Африқо истиқлолияти хешро эълон намуданд. Дар солҳои 60-ум боз 15 давлати Африқо аз асорати мустамликадорӣ озод гаштанд. Солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум сохти мустамликавии португалӣ дар Африқо таназзул ёфт.

Ҷараёни озодшавии халқҳои қитъа соли 1975 ба анҷом расид. То ин муддат дар тобеъияти мустамликавӣ танҳо 3,7 фоиз аҳолии олам зиндагӣ мекард. Мамлакатҳои дар зери асорати мустамликавӣ боқимонда камтар аз 1% масоҳати ҷаҳонро ташкил медоданд.

## ЗАВОЛИ НИЗОМИ МУСТАМЛИКАДОРӢ

*Масоҳати мустамликаҳо ва ғиммустамликаҳо (млн км²). Дар қавс дар миқёси ҷаҳон ба ҳисоби фоиз нишон дода шудааст.*

*Аҳолии мустамликаҳо ва ғиммустамликаҳо (млн.нафар). Дар қавс ба ҳисоби фоиз дар миқёси ҷаҳон нишон дода шудааст.*




Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тақдири мамлакатҳои соҳибистиқлол бетараф набуд. Бисёр мамлакатҳои аз асорати мустамликавӣ озодгашта ҳамчун воҳидҳои комилҳуқуқи сиёсати байналхалқӣ ба узвияти СММ қабул карда мешуданд.

Умуман баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон аз тобеияти мустамликавӣ беш аз 2 млрд. одам озод гардиданд. Шикастхӯрии сохти мустамликавӣ бечунучаро воқеаи муҳими таърихии асри XX ба шумор меравад.

Ба халқҳои озодгашта имконияти интихоби роҳи мустақил, худшиносии миллӣ, роҳ ба сӯи истифодабарӣ аз комёбиҳои тамаддун фароҳам омад.

**_Нуқтаи назари таърихшиноси шӯравӣ дар бораи роҳи Ҳиндустон ба сӯи истиқлолият_**

*Дар давоми солҳои аввали истиқлолият, вақте ки Ҳиндустон ҳанӯз ҳам доминиони британӣ буд, кӯшиш ба харҷ дода шуд, то пеши роҳи оқибатҳои манфии иқтисодии тақсимоти мамлакат дар соли 1947, ҳиндикунонии дастгоҳи идорӣ, ҳамгироии хонигариҳои ҳиндӣ дар ҳайати иёлоти Ҳиндустони мустақил гирифта шавад. Маҷлиси муассисон дар соли 1949 Қонуни асосии (Конститутсия) навро қабул кард, ки мувофиқи он 26 январи соли 1950 Ҳиндустон ҷумҳурии мустақил гардида, дар айни замон робита бо Иттиҳод – вориси империяи мустамликавии пошхӯрдаи англисӣ нигоҳ дошта мешуд.*

*Аз китоби "История народов Центральной и Восточной Азии". М.,1986. - С. 534 - 535.*

?!

1. **_Таназзули сохти мустамликадорӣ кай оғоз ёфт?_**
2. **_Кадом омилҳо ба пошхӯрии низоми мустамликадорӣ мусоидат намуданд?_**
3. **_Фарқияти муборизаи миллӣ-озодихоҳии солҳои 60 - 70-ум аз солҳои 40-50-ум дар чӣ буд?_**
4. **_Бо мисолҳои мушаххас пирӯзиҳои аввалини муборизаи миллӣ-озодихоҳиро барои истиқлолият нишон диҳед._**
5. **_Мафҳумҳои мустамлика ва мустамликадориро шарҳ диҳед._**

## §7. Ташкилёбии низоми ҷаҳонии сотсиализм

*1. Кадом омилҳо ба ғалабаи коммунистҳо дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ мусоидат намуданд?*
*2. Намунаи сотсиализм дар Аврупои Шарқӣ аз сотсиализми Шӯравӣ чӣ фарқ дошт?*
*3. Сотсиализм дар мамлакатҳои Осиё чӣ гуна пирӯз шуд?*

**Вазъият дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон.** То охири Ҷанги дуюми ҷаҳон тадриҷан қисми зиёди мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ба доираи нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ даромад. Дар ин мамлакатҳо қисмҳои Артиши Сурх ва Идораи ишғолӣ амал мекарданд. Баъд аз озодшавӣ ҳукуматҳои муваққатӣ ташкил шуданд. Ин ҳукуматҳои эътилофӣ (коалитсионӣ) буданд, ки дар заминаи ҷабҳаҳои «миллӣ», «халқӣ» ё «ватанӣ» ташкил мегардиданд.

Ин ҷабҳаҳо ҳанӯз солҳои ҷанг ҳамчун иттиҳоди нерӯҳои зиддифашистӣ ба вуҷуд омада буданд. Дар он вақт нақши коммунистҳо ва сотсиал-демократҳо хеле калон буд. Дар Булғория ва Руминия, ки иттифоқчии Олмон буданд, шӯришҳо сар заданд. Ҳукуматҳои вобаста ба иттифоқчиёни Олмон сарнагун карда шуданд. Роҳбарони сиёсие, ки то давраи ҷанг бо фашистон ҳамкорӣ накарда буданд, дар солҳои аввали баъд аз ҷанг дар ҳукуматҳо вазифаҳои муҳимро ишғол карданд.

Дар Чехословакия мақоми президентиро аз нав намояндаи ҳизби буржуазӣ - Э. Бенеш ишғол кард. Дар Полша сарвазири собиқи ҳукумати дар муҳоҷиратбуда (дар Лондон) - С. Миколайчик ба ҳукумати муваққатии ваҳдати миллӣ дохил гардид. Вай роҳбарии Ҳизби Халқии Полшаро ба ӯҳда гирифт. Дар Руминия бошад, то охири соли 1947 сардори давлат шоҳ Михай буд.

Нерӯҳои сиёсии ба ҳукуматҳои эътилофӣ дохилшуда, гуногунақида буданд. Онҳо дар бораи тараққиёти ояндаи мамлакатҳои худ, хислати низоми сиёсии ояндаи давлат фикрҳои гуногун, ҳатто тамоман мухолиф доштанд. Як гурӯҳ тарафдори барқароркунии низомҳои пешазҷангӣ буданд. Дигарҳо, махсусан сотсиал-демократҳо, бештар барои сохтани модели давлати демократии намунаи Аврупои Ғарбӣ мубориза мебурданд. Коммунистҳо бо пайравӣ аз Иттиҳоди Шӯравӣ барои барқарории диктатураи пролетариат кӯшиш доштанд. Сохтмони асосҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давлатҳо дар муборизаи тезу тунди байни ин нерӯҳо мегузашт.

Солҳои 1947 – 1948 дар мубориза миёни неруҳои гуногуни сиёсӣ давраи ҳалкунанда огоз гардид. Дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ дар қисми зиёди мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ҳокимият ба дасти ҳизбҳои коммунистӣ гузашт. Дар Полша натиҷаи мубориза байни ҳизбҳои коргарӣ (коммунистӣ) ва буржуазӣ дар раъйпурсии соли 1946 ва интихоботи соли 1947 ба Сейм ба нафъи коммунистон анҷом ёфт. Дар интихобот 80 фоизи овозро иттиҳоди Ҳизби коргарӣ (коммунистии)-и Полша ва Ҳизби халқӣ соҳиб шуданд.


Президенти Чехословакия Э. Бенеш ва сарвазир К. Готвалд 27 феврали соли 1948.

Соли 1948 дар Чехословакия Э. Бенеш ба истеъфо рафт ва сарвазир, коммунист Клемент Готвалд президент интихоб гардид.

Дар Албания, Булгория, Руминия, Югославия, Венгрия то соли 1949 коммунистҳо ҳокимиятро пурра ба даст гирифтанд. Ба ин давлатҳо 7 октябри соли 1949 (баъди таъсисаш) Ҷумҳурии Демократии Олмон (ҶДО) низ дохил шуд.

Тамоми раванди ба қудрат расидани коммунистҳо зери назорат ва пуштибонии Шӯравӣ мегузашт. Механизми ба қудрат расидани коммунистҳо новобаста аз хусусиятҳои хоси ҳар як кишвари Аврупои Шарқӣ характери умумӣ дошт. Аввалан онҳо иштироки худро дар ҳукуматҳои эътилофӣ, дар ҷабҳаҳои ин ҳукуматҳоро ташкилдиҳанда, пурзӯр карданд. Баъдан ҳизбҳои коммунистӣ назорати вазоратҳои қудратиро ба даст гирифтанд: вазоратҳои ҳифзи ҳуқуқ, адлия, мудофиа ва ғайра. Қадами дигари онҳо мустаҳкам кардани мавқеи худ дар вазоратҳои иқтисод ва хориҷа буд. Пас аз он ки қисми ғайрикоммунистии ҳукумат дар ақаллият мемонд, дигар ҳеҷ коре карда наметавонист.

Давлатҳои дар боло зикршуда гурӯҳеро ташкил карданд, ки аввал бо номи «лагери сотсиалистӣ» ёд мешуд. Баъдан бо номҳои «системаи сотсиалистӣ», «блоки шарқӣ» ва «иттиҳоди сотсиалистӣ» машҳур гашт.

Аз давлатҳои Аврупои Шарқӣ Югославия, Руминия ва Албания сиёсати мустақили берунӣ ва дохилиро пеш мебурданд. Полша, Венгрия ва Чехословакия бештар пойбандии худро аз Иттиҳоди Шӯравӣ нишон медоданд. Вале Булғория бо Иттиҳоди Шӯравӣ робитаи наздиктар дошт. Дар ҳамаи ин давлатҳо ҳокимияти сиёсӣ дар дасти коммунистҳо буд. Иқтисодиёти нақшавиву фармонфармоӣ ва ташаккули сотсиализми тоталитарӣ хоси ҳамаи ин давлатҳо буд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ умед доштанд, ки ҳизбҳои коммунистии Фаронса, Италия ва дигар мамлакатҳо низ метавонанд ҳокимиятро ба даст гиранд, аммо ин умедҳо амалӣ нашуданд.




"Ҳамла ба сотсиализм" - карикатураи шӯравӣ

***Ба фикри шумо муаллиф чӣ гуфтан мехоҳад?***

**Сотсиализм дар Осиё.** Баъд аз шикаст хӯрдани Япония давлатҳои Ҳиндухитой - Ветнам, Камбоҷа ва Лаос истиқлолияти худро аз Фаронса эълон карданд.

Ҳанӯз дар солҳои ҷанг дар ҳаракатҳои озодихоҳӣ масъалаи интихоби роҳи оянда тараққиёт хеле тезу тунд шуда буд. Ҳамкории ин нерӯҳо бо мамлакатҳои гуногун ба тақсимшавии баъзе давлатҳо овард (Ветнам, Корея). Ветнами Шимолӣ ва Кореяи Шимолӣ роҳи «сотсиализм»-ро пеш гирифтанд. 2 сентябри соли 1945 Ҷумҳурии Демократии Ветнам ва 2 сентябри соли 1948 Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (ҶХДК) эълон гардиданд, ки аз пуштибонии васеи Иттиҳоди Шӯравӣ бархурдор буданд.

Зери таъсири галабаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон ва баланд гардидани нақши он дар ҷаҳон вазъи коммунистони Хитой низ хуб шуд. Обрӯи президент ва раиси ҳизби Гоминдан - Чан Кайши хеле коста шуд ва ниҳоят қӯшунҳои ӯ аз Артиши сурхи Хитой шикаст хӯрда, худаш ба ҷазираи Тайван фирор кард.

1 октябри соли 1949 роҳбари коммунистони Хитой - Мао Сзэдун Хитойро ҷумҳурии халқӣ эълон кард.

Дар охири солҳои 50-ум аввалин давлати сотсиалистӣ дар қитъаи Амрико низ ба вуҷуд омад. 1 январи соли 1959 дастаҳои шӯришгари кубагӣ бо роҳбарии Фидел Кастро шаҳри Гаванаро гирифтанд. Диктатор Батиста ба хориҷа гурехт. (Муфассалтар дар ин бора дар §14 мехонед).



Фидел Кастро дар аввалин гирдиҳамоӣ баъд аз ғалабаи инқилоб баромад мекунад (акси соли 1959)

***Аз ёддоштҳои Н. С. Хрушёв***

*Ҳангоми ташрифи де Голл (с. 1944) Сталин шартномаи байни Фаронса ва Иттиҳоди Шӯравиро имзо намуд, вале ба он чандон аҳамият надод.*

*– Вақте ки Торез (Морис Торез – роҳбари Ҳизби коммунистии Фаронса) ба саҳна мебарояд, - мегуфт ӯ ба мо, - ана дар ҳамон вақт кори ҳақиқӣ сар мешавад.*

*Дар он замон Ҳизби коммунистӣ дар Фаронса нисбатан калон ва пурқувват буд ва таъсири сиёсии воқеӣ дошт. Аз давраи ҷанг пинҳонгоҳҳои яроқ дар ихтиёри ин ҳизб қарор доштанд.*

*Дертар ҳамин гуна ҳолат дар Италия низ ба вуҷуд омад. Роҳбари коммунистони Италия Палмиро Толяти тайёр буд, шӯриши яроқнокро сар кунад. Лекин Сталин Толятиро боздошт...*

?!

1. ***Оё дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ мардум ихтиёран роҳи тараққиёти сотсиалистиро пеш гирифтанд ва ё зери фишори беруна?***
2. ***Мудохилаи Шӯравӣ дар чӣ зоҳир ёфта буд?***
3. ***Аввалин давлати сотсиалистии Осиё кадом аст?***
4. ***Кадом омилҳо ба ташкили давлатҳои сотсиалистӣ дар Осиё баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон мусоидат намуданд?***
5. ***Сабабҳои тақсимшавии Корея ва Ветнам кадомҳо буданд?***

***Ҷадвали зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо шуда дар дафтаратон пур кунед.***

| Муваффақиятҳои давлатҳои сотсиалистӣ | Камбудӣ ва нуқсони онҳо |
|---|---|
| | |

## §8. ИҶШС: истиқрори баъдиҷангӣ

*1. Вазъияти мамлакат баъди анҷоми ҷанг чӣ гуна буд?*
*2. Вазифаҳои асосии истиқрори баъдиҷангӣ аз чӣ иборат буданд?*
*3. Аҳволи моддӣ ва маишии мардуми шӯравӣ дар кадом сатҳ қарор дошт?*



Барқарорсозии Днепрогэс-и ба номи В. И. Ленин. Ноябри с.1944

***Иншоот аз тарафи кӣ ва барои чӣ вайрон гашта буд?***



Днепрогэс баъди барқарор намуданаш. Ноябри с.1947

***Барои чӣ ва аз тарафи кӣ ин иншоот барқарор карда шуд?***

Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷанги зидди Олмони фашистӣ ғолиб баромад. Вале ғалаба ба ивази талафоти гарони ҷонӣ, моддӣ ва маънавӣ ба даст омада буд. Иттиҳоди Шӯравӣ назар ба тамоми мамлакатҳои ба гирдоби ҷанг кашидашуда зарари бештар дид. Зарари расонидаи истилогарони фашистӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ назар ба ҳама мамлакатҳои Аврупо зиёдтар буд. Даҳҳо шаҳрҳои ободу зебо аз қабили Сталинград (Волгоградӣ имрӯза), Воронеж, Севастопол, Смоленск, Минск, Новгород, Вязма ба харобазор табдил дода шуданд. Ҳазорон корхона ва иншооти саноатӣ хароб гардида, аз кор монда буданд.

Саноати сӯзишворӣ ва барқи мамлакат ба талафоти азим дучор омад. Душман ба роҳҳои оҳан ва нақлиёти дарёии мамлакат зарари калон расонд. Истилогарони фашистӣ даҳҳо ҳазор километр роҳҳои оҳану автомобилгард, истгоҳҳо, пулҳо, хатҳои алоқаро таркониданд ва вайрон карданд. Мамлакат аз се яки ҳиссаи боигарии миллии хеш маҳрум гашта буд. Дар ҷанг 26,6 млн. нафар аҳолии Иттиҳоди Шӯравӣ қурбон гашт. Миллионҳо нафар ятим, бева ва маҷрӯҳ монда буданд. Аҳолӣ аз нарасидани маводи ғизоӣ, сару либос, пойафзол, манзили истиқоматӣ ва ғайра мушкилӣ мекашиданд.

Аз ин рӯ, дар тӯли ду соли баъдиҷангӣ низоми карточкавии тақсимоти маҳсулот нигоҳ дошта шуд.

Тамоми зарарҳое, ки халқи шӯравӣ дар ҷанг дида буд, аз ҷониби комиссияи махсуси давлатӣ муайян карда шуданд.

***Аз маълумот "Дар бораи зарари моддие, ки истилогарони фашистии немис ба корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ, колхозҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони ИҶШС расонида буданд". 12 сентябри соли 1945***

*Истилогарони фашистии немис 1710 шаҳр ва зиёда аз 70 ҳаз. деҳа, 6 млн. биноҳоро пурра ва ё қисман хароб ва оташ зада, қариб 25 млн. нафарро аз хонаю ҷой маҳрум намуданд …*

*Истилогарони фашистӣ 31850 корхонаи саноатиро, ки дар онҳо қариб 4 млн. коргар меҳнат мекард, вайрон карданд…*

*65000 км роҳи оҳан, 4100 истгоҳи роҳи оҳан, 36000 муассисаи почтаю телеграф, стансияи телефонӣ ва дигар корхонаҳои алоқаро хароб намуданд.*

*40000 шифохона ва дигар муассисаҳои табобатӣ, 84000 мактаб, техникум, мактаби олӣ, институти илмӣ-тадқиқотӣ, 43000 китобхонаи оммавӣ нест у нобуд ва талаю тороҷ гардид.*

*98000 колхозҳо, 1876 совхозҳо ва 2890 стансияҳои мошинӣ-тракториро горат ва ба ягмо бурданд…*

**Мубориза баҳри азнавсозии саноат ва соҳаи кишоварзӣ.** Шумо аз нишондоди Комиссияи фавқулоддаи давлатӣ дар бораи зараре, ки фашистони немис ба иқтисодиёт, ба хусус, саноати ИҶШС расониданд, маълумот доред. Саноат, ки асоси пешрафти мамлакатро таъмин карда метавонист, аз ҳама бештар зарар дида буд.

Аз ин рӯ, ба барқарор намудани саноат диққати бештар дода мешуд. Заминаи муҳимми барқароркунӣ минтақаҳои нисбатан пешрафта ва осебнадидаи шарқи мамлакат ба ҳисоб мерафтанд.

Вазифаҳои асосии истиқрори баъдиҷангӣ ва тараққӣ додани хоҷагии халқ аз ҷониби сарвари Иттиҳоди Шӯравӣ - И. В. Сталин пешниҳод гашта буд.

Ин пешниҳодҳоро Шӯрои Олии ИҶШС ба ҳукми «Қонун дар бораи плани азнавбарқароркунӣ ва тараққиёти хоҷагии халқи ИҶШС барои солҳои 1946 – 1950» даровард.



Нововари истеҳсолот П. Биков таҷрибаи худро намоиш медиҳад. Маскав, 1947

***Ба фикри шумо П. Биков чӣ гуна таҷрибаи истеҳсолӣ дошт?***

Дар рафти барқароркунӣ ҳаракати навоварони истеҳсолот ба вуҷуд омад, ки ба тезӣ хусусияти оммавӣ гирифт. Аввалин ташаббускори навоварӣ ҷанговари собиқ, харроти ленинградӣ Г. С. Борткевич буд. Дар моҳи феврали соли 1948 ӯ бо истифодаи усули нави техникӣ дар як баст меъёри 13-рӯзаи кориро анҷом дод.

Баъдтар ин ташаббусро коргари навовари маскавӣ П. Б. Биков пайравӣ намуд. Ӯ бо Г. С. Борткевич вохӯрда, онҳо бо ҳам мусобиқаи сотсиалистӣ бастанд. Мувофиқи анъанаи он солҳо байни ашхос ва гурӯҳҳои меҳнатӣ мусобиқаи сотсиалистӣ баста мешуд. Мусобиқаи сотсиалистӣ дар роҳи ҷустуҷӯи усулҳои нави кор ва баланд бардоштани истеҳсолот самараи хуб дода буд.

Ҳоло ҳам бо гузашти чандин муддат ба назари кас комёбиҳои баъдиҷангии мардуми Шӯравӣ ҳайратангез менамояд. Саволе ба миён меояд, ки кадом омилҳо ба ин комёбиҳо оварда расонд?

Садоқат ба Ватан, рӯҳбаландии мардум яке аз омилҳои муҳимми он буд. Дар он давра дар муқобили анъанаҳои маъмурии роҳбарӣ ҳар ташаббусу навоварӣ, истифодаи комёбиҳои илм дар истеҳсолот ба зудӣ дастгирӣ меёфт. Дар баъзе ҳолатҳо ба сарварони корхонаҳои бузург ваколатҳои иловагии ба роҳ мондани фаъолияти меҳнатӣ дода шуда буд.

Ба ҳама муваффақиятҳо нигоҳ накарда, яке аз камбудиҳои асосии тараққиёти саноати баъдиҷангӣ дар он буд, ки аз дастовардҳои илмӣ-техникии ҷаҳон дуруст истифода намешуд. Ин ақибмонӣ ба сабаби мавҷуд будани «пардаи оҳанин»-и байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамлакатҳои сармоядорӣ ба амал омада буд.

Мардуми шӯравӣ тамоми мушкилиҳои ҳайратангезро паси сар намуда, то соли 1948 тавонист, ки сатҳи пешазҷангии саноатро барқарор намояд.

**Кишоварзӣ дар солҳои баъдиҷангӣ.** Ҷанг ба деҳоти мамлакат низ талафоти калон расонид. Кишоварзӣ аз ҷиҳати таъминоти техникӣ ба дараҷаи нимаи аввали солҳои 30-юм ақиб монд. Ҳамаи ин дар кори бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ таъмин кардани саноат ва бо озуқа таъмин кардани аҳолӣ душвориҳои калон ба миён овард. Бар замми ин қариб нисфи аъзои коршоями деҳот кам шуда буд.

Аз ин рӯ, барқарор намудани кишоварзӣ бо суръати ниҳоят паст пеш мерафт. Занон, мӯйсафедон ва ҷавонон, ки душвориҳои вазнини замони ҷангро бар дӯш гирифта буданд, дар барқароркунии баъдиҷангӣ ҳам қувваи асосӣ буданд. Масалан, дар колхозҳои Сибири Ғарбӣ саҳми занон 2 баробар зиёд гашт.

Соли 1946 хушксолии даҳшатборе ба амал омад, ки он Украина, Молдавия, ҷануби Русияро фаро гирифта буд. Ба он нигоҳ накарда, ки одамони зиёд аз гуруснагӣ мефавтиданд ва азият мекашиданд, давлат ғалла ба мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ равон

менамуд. Ҳукумат дар бораи оқибатҳои фалокатбори хушксолӣ хомӯшӣ ихтиёр карда буд.



Колхозчиён дар корҳои барқарорнамоӣ

***Аз расм истифода бурда, дар бораи вазъи онрӯзаи ҳаёти мардум маълумот диҳед.***

Муносибатҳои пулӣ-молии байни давлат ва колхозҳо бекор карда шуда буд. Деҳқонон дар аксари ҳолат қариб бемузд кор мекарданд. Дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум давлат дар хариди маҳсулот аз колхозҳо ба андозаи 1/10 ҳиссаи хароҷоти ғалладона, 1/20 ҳиссаи хароҷоти гӯшт, 1/5 ҳиссаи хароҷоти истеҳсоли ширро медоду халос. Дар колхозҳо низоми таъини рӯзҳои меҳнатӣ ҷорӣ буд, ки барои иҷро нагаштани он ҷазои сахт дода мешуд.

Сокинони деҳот, асосан, аз ҳисоби даромади қитъаҳои наздиҳавлигии худ рӯз мегузарониданд. Онҳо аз ин ҳисоб андоз месупориданд. Ба ҳисоби миёна, ҳар деҳқон аз ҳисоби қитъаи назди ҳавлиаш мебоист дар давоми сол 40-60 кг гӯшт, то 200 литр шир, 3 кг пашм ва 50 дона тухм месупорид.

***Аз мактуби муаллим Застоков ба раиси Госплани ИҶШС Н. А. Вознесенский аз 1 июни соли 1945***

*...Ба кӯдакони синни 12 сола - дар асоси ин карточка дар як рӯз 300 гр. нон, 6 гр. равған, 3 гр. қанд, 20 гр. маҳсулоти гӯштӣ, хокаи тухм ва 20 гр. гандуммайда дода мешавад. Одатан онҳо меъёри*

*рӯзонаи нонро пагоҳӣ мехӯранд ва тақрибан тамоми рӯз гурусна мемонанд. Ин маводи ғизоӣ барои нигоҳдории ҳаёт басанда нест…*

*…Ҳамаи кӯдакон побараҳна ва урён мебошанд. Зарур аст, ки ба кӯдакон барои гирифтани пойафзол, калӯш, палто, костюм карточкаи маҳсулоти саноатӣ ҷорӣ карда шавад. Ба завҷаи Черчилл мактаби №175 нишон доданд. Шумо медонед, ки қариб тамоми сокинони Маскав он рӯз кӯшиш намуданд, ки кӯдаконашонро либоси муносиб пӯшонанд. Шахсан ман бори охир соли 1928 палто, костюм ва пойафзол харида будам. Аз ҳамон вақт имконияти харидани ягон чизе надорам.*

*Зарур аст, ки сиёсати молиявии зверевӣ тағйир дода шавад. Кӯшиши Зверев чунин аст: одами шӯравиро ба ҳолате оварад, ки имконияти харидани ягон чизро надошта бошад…*

*Маоши ман 800 сӯм (дар оила 14 нафар). Ба даст дар як моҳ 454 сӯм (ба ҳар узви оила 32 суму 46 тин) гирифта, дигаришро Зверев дар шакли андози ҳарбӣ, андози даромад, заём барои мудофиа ва ғайра… мегирад.*

*Галстуки пионерӣ 30 сӯм нарх дорад…*

**Аҳволи моддӣ ва маишии мардуми шӯравӣ.** Харочоти бузург баҳри барқарор намудани саноат ва соҳаи кишоварзии мамлакат барои баланд бардоштани некӯаҳволии мардум имконият намедод.

Мардуми шӯравӣ ба душвориҳои моддӣ ва маишӣ ҳамчун рӯйдоди ногузир, вале муваққатӣ баҳо медоданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки бо фарорасии ҳаёти осоишта ин душвориҳо ба зудӣ паси сар мешаванд.

Моҳи декабри соли 1947 низоми карточкавӣ барҳам дода шуда, ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд. Вале на барҳамдиҳии низоми карточкавӣ ва на ислоҳоти пулӣ натиҷаҳои дилхоҳ надоданд. Зеро дар як вақт бо барҳам додани низоми карточкавӣ нархҳои маҳсулоти ғизоӣ баланд бардошта шуданд.

Соли 1948 нархи маҳсулот назар ба соли 1940 се маротиба баландтар буд. Давлат бо роҳи ихтиёрӣ-маҷбурӣ гирифтани заёмҳои ҳарсола ба буҷаи меҳнаткашон зарбаи сахт мезад.

Мушкилоти сахти ҳаёти баъдиҷангӣ боиси баланд гаштани сатҳи ҷинояткорӣ гардид. Аламовар он буд, ки қариб нисфи маҳкумшудагонро занон ташкил медоданд.

Ба хусус авҳоли моддӣ ва маишии аҳолии деҳот ниҳоят сахт буд. Дар ин давра 2/3 ҳиссаи аҳолии мамлакатро сокинони деҳот ташкил медоданд. Соли 1950 ҳар панҷ колхоз ва колхозчиён барои коркарди рӯзҳои кориашон ҳеҷ чиз нагирифта буданд. Дар ибтидои солҳои 50-ум ҳар як колхозчӣ ба ҳисоби миёна 16,4 сӯм

мегирифт, ки он назар ба маоши коргарону хизматчиён қариб 4 баробар камтар буд.

Мушкилиҳои солҳои баъдиҷангӣ фақат мақомоти олӣ ва миёнаи роҳбарияти ҳизбӣ-давлатӣ ва қисми ками арбобони илм ва маданиятро фаро нагирифта буду халос.

Вале бо ҳама маҳрумиятҳои фаровон мардуми шӯравӣ тавонист, ки вазифаҳои барқарор намудани хоҷагии халқро ба иҷро расонад.

***Аз маълумоти махфии Вазорати бехатарии ИҶШС:***

*Ба рафиқ Сталин. 4 апрели соли 1952*

*Дар бораи афкори аҳолии Маскав оид ба қарор… дар мавриди паст намудани нархи чаканаи маҳсулоти озуқаворӣ*

*Аз мактубҳо:*

*«Азизон, шуморо ба муносибати паст гаштани нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ табрик менамоям. Ҳамзамон ба ҳукумати шӯравӣ ва ҳизби болшевикӣ барои гамхориашон нисбати мардуми шӯравии мо изҳори миннатдорӣ менамоям».*

*… Мо тантана мекунем: маргарин, маҳсулоти панирӣ, қанд, нон 10-15% арзон гаштанд».*

*Аз сӯхбатҳо:*

*Челонгар - васлкунанда: «Ба наздикӣ, дар айёми ҷанг, мо танҳо дар бораи чӣ гуна пайдо кардани картошка фикр мекардем, вале ҳоло… равган, ҳасиб ва дигар маводи гизоиро озодона ва бо нархи арзон мехарем… мӯҳлати зиёд нагузашта, мо осудаҳолона зиндагӣ мекунем».*

*Мушовири суди Маскав: «Ин ҳама - саросар сафсата аст. Аввалан, аздусар дар гӯшаю канор озуқаворӣ набуд ва намешавад ва ҳол он ки фурӯши нон бо рӯйхат аст. Дуввум, аҳолӣ аз ин ҳеҷ бурд намекунад, зеро маблаги захирашударо бо роҳи дигар бо ҳар баҳона аз мо кашида мегиранд».*

***Оё аҳолӣ аз паст намудани нархҳо розӣ буданд?***

**?!**

1. ***То чӣ андоза Иттиҳоди Шӯравӣ зарари моддӣ ва маънавӣ дида буд?***
2. ***Плани панҷсолаи IV бо номи кӣ марбут дониста мешуд ва барои чӣ?***
3. ***Сатҳи зиндагии мардум дар солҳои баъдиҷангӣ чӣ гуна буд?***
4. ***Кадом омилҳо имкон доданд, ки иқтисодиёти харобгаштаи Иттиҳоди Шӯравӣ ба зудӣ барқарор гардад?***
5. ***Аз ёддоштҳои яке аз иштирокчиёни барқароркунии баъдиҷангии Тоҷикистон ҳикояи таърихӣ нависед.***

# §9. Аз тоталитаризми сталинӣ то «сиёсати нарм»-и хрушёвӣ

*1. Тоталитаризм дар замони сталинӣ чӣ гуна шакл гирифт?*
*2. Чаро тоталитаризмро ба зудӣ аз байн бурдан мумкин набуд?*
*3. Чӣ гуна Хрушёв мероси сталиниро аз байн бурданӣ буд?*
*4. Оё Хрушёв тавонист, ки тоталитаризмро аз байн барад?*



Чунин воситаҳои аёнӣ дар рӯзҳои ид шаҳрҳо ва деҳоти ИҶШС-ро то соли 1956 зинат медоданд.

Обрӯ ва нуфузи Сталин дар замони ҷанг ниҳоят баланд гашта буд. Афсарону аскарон бо номи вай ба ҷанг мерафтанд ва бо номи ӯ омода буданд, ҷон диҳанд. Аз ин рӯ, ғалабаи халқи шӯравӣ бар фашизм бе каму кост ба Сталин мансуб дониста мешуд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ дар симои Сталин мардум наҷотбахш ва тақдирсози ояндаи худро медиданд. Ҳеҷ кас ҷуръати ба зери шубҳа гирифтани роҳи интихобкардаи ӯро надошт.

5 марти соли 1953 И. В. Сталин вафот кард. Бо марги Сталин давраи томи бунёди сохти давлатдории сотсиалистӣ, ки ба сохтор ва мақомоти ҷазодиҳӣ асос ёфта буд, ба охир расид. Ин низом ба тамоми соҳаҳо: сиёсат, иқтисодиёт, маданият ва идеология роҳ ёфта буд. Низоми тоталитарии Сталин баъди марги ӯ ба бӯҳрони шадид гирифтор гашт. Вале ин раванд ба даҳсолаҳо тӯл кашид. Зеро шахсияти Сталин ҳамчун доҳии тавоно ва дорои қобилияти фавқулодда дар шуури миллионҳо одамон боқӣ монда буд. Махсусан, дар рӯзҳои мотами И. В. Сталин яъсу ноумедии мардум тамоми мамлакатро фаро гирифта буд. Рӯзи дафн дар кӯчаҳои Маскав, дар издиҳоми одамон даҳҳо нафар ҳалок ва захмин гаштанд. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё одамон роҳи ояндаи худро гум кардаанд.

***Аз ёддоштҳои нависанда***
***Ф. Искандар***

*Ба хотир дорам, ки дар ҳама истгоҳҳо издиҳоми мардум назди баландгӯякҳои радио пур буд. Мусиқии мотамӣ, чеҳраҳои ошуфта, ашк. Гарчанде муносибати танқидиам нисбат ба Сталин хеле барвақт пайдо шуда буд, вале дар он рӯзҳо бо андӯҳи талхи умум шарик будам.*

*Аз рӯзномаи "Московские новости", 1987, 8 ноября*



Видоъ бо Сталин

***Кадом ҳиссиёти халқи шӯравӣ дар ин аксҳо ифода ёфтааст?***

Саволе ба миён омада буд, ки мамлакат баъди Сталин куҷо метавонад равад? Эҳтимол мерафт, ки бо нигоҳ доштани роҳи умумисиёсӣ, сиёсати сталиниро давом дода, онро каме тағйир диҳанд. Ғайристаликунонӣ ҳанӯз маънои барҳам додани сохти тоталитариро надошт. Зеро ҷамъият ба чунин иқдом ҳоло тайёр набуд. Сухан танҳо дар бораи оғози бартараф намудани мероси сталинӣ, озод намудани маҳкум ва таъқибшудагон, рӯ овардан ба ҳалли тағйирнопазири масъалаҳои кишоварзӣ мерафт.

Сентябри соли 1953 Н. С. Хрушёв Котиби якуми КМ ҲКИШ интихоб гардид. Дере нагузашта, дар матбуот мақолаҳо дар бораи зарари шахспарастӣ пайдо гашт. Аҷоибаш он буд, ки дар ин масъала ба асарҳои Сталин такя мекарданд ва ӯро душмани шахспарастӣ нишон медоданд.

Н. С. Хрушёв аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омаданаш ба вохӯрӣ бо табақаҳои гуногуни ҷамъият эътибори ҷиддӣ медод. Ӯ соли 1954 ба якчанд минтақаи мамлакат сафар кард, ки ин амал дар ҳаёти сиёсӣ падидаи нав буд. Аз ин обрӯи Хрушёв рӯз то рӯз дар мамлакат зиёд мегашт.

Амали хуби Хрушёв сафед кардани касони ғайриқонунӣ ҳабсгардида буд. Ӯ ин равандро зери назорати қатъии худ гирифта буд. Чунин рафтор ба суст намудани ғайристалинигардонии мамлакат қадами муҳим ба ҳисоб мерафт .

Бо ғалла таъмин намудани давлат ҳалли таъхирнопазирро талаб менамуд. Дар муҳокимаи роҳҳои дарёфти ин мақсад масъалаи азхудкунии заминҳои навкорам ва бекорхобида ба ҷои аввал баромад.



Вохӯрии Н. С. Хрушев бо зиёиён

Ин пешниҳод аз ҷониби Хрушёв дастгирӣ ёфта, аз соли 1954 барои азхудкунии заминҳои навкорам ва бекорхобида қувваи калон сафарбар гашт. Аллакай баҳори соли 1954 дар заминҳои навкорами Қазоқистон 120 совхоз ташкил дода шуд. Фотеҳони заминҳои навкорам ба мушкилиҳои сахти иқлимӣ ва маишӣ нигоҳ накарда, дар мавсимҳои кишт ва ҳосилғундорӣ шабонарӯзӣ меҳнат мекарданд. Рӯҳияи фатҳи заминҳои навкорам дар байни ҷавонон хусусияти оммавӣ гирифта буд.



Ҷавонони аз хизмат баргашта, барои азхудкардани заминҳои бекорхобида мераванд. Ибтидои с.60-ум

Дар байни мавсимҳои кишт онҳо ба корҳои сохтмонӣ машғул мегаштанд. Натиҷаҳои аввалини азхудкунии заминҳои навкорам ниҳоят дилгармкунанда ва умедбахш буданд. Соли 1954 бештар аз 40% ғаллаи ҷамъоваришудаи мамлакат аз ҳисоби заминҳои навкорам ба даст омада буд. Дар айни ҳол истеҳсоли гӯшт ва шир ҳам зиёд гашт. Ин имконият дод, ки бо хӯрокворӣ таъмин намудани аҳолӣ каме беҳтар гардад.

Вале ин муваффақиятҳо дер давом накарданд. Зеро кишти заминҳои нав бидуни татбиқи дастовардҳои илми заминдорӣ сурат гирифта буд. Аз ин рӯ, ҳосилнокии маҳсулоти галладона дар заминҳои навкорам ниҳоят паст мегашт. Дар рафти ҷамъоварӣ ва нигоҳдории маҳсулот (набудани анборҳои ғалла, омода накардани захираҳои техникӣ, сӯзишворӣ ва г.) низ ба хатоиҳои зиёд роҳ дода мешуд.

Бо усулҳои маъмурӣ аз тамоми мамлакат ба ёрии фотеҳони заминҳои навкорам воситаҳои техникӣ равон карда мешуд. Чунин амал боиси боз ҳам баланд гаштани арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда мегашт. Умуман, сиёсати аз худ намудани заминҳои навкорам ва бекорхобида самараи дилхоҳ дода натавонист.

25 феврали 1956 дар маҷлиси пӯшидаи съезди XX ҲКИШ маърӯзаи махфии Н. Хрушёв «Дар бораи шахспарастӣ ва оқибатҳои он» баргузор гардид.

Аммо маърӯза махфӣ намонд. Баъди якчанд рӯз дар бисёр рӯзномаҳои хориҷӣ матни пурраи ин маърӯза нашр гардид. Мақомоти роҳбарикунанда чунин вонамуд мекард, ки гӯё ягон хел маърӯзаи махфӣ дар съезд доир нагардида буд.

Овозаҳо дар атрофи ин маърӯза ба зудӣ дар сар то сари мамлакат паҳн гашт. Дар бисёр ҳолат одамон ба далелҳои фошкунандаи шахсияти Сталин бовар намекарданд. Баҳодиҳии номуайян ба сталинизм дар баъзе маврид боиси эътирози аҳолӣ мегашт.

Тирамоҳи соли 1956 дар Тбилиси якчанд гирдиҳамоии зидди сиёсати ғайристаликикунонӣ баргузор гардид. Дар ин намоишҳо ҷавонони гурҷӣ бо портретҳо ва шиорҳои тарафдории Сталин ба муқобили сиёсати пешгирифтаи давлати шӯравӣ эътироз менамуданд.

Дар Маскав ва Ленинград маҳфилҳои ҷавонони донишҷӯ пайдо гаштанд, ки иштирокчиёнаш кӯшиш менамуданд, ки механизми ҷамъияти шӯравиро амиқтар дарк намоянд. Онҳо бо ақидаҳои хеш дар маҷлисҳои комсомолӣ баромад мекарданд. Дар Маскав гурӯҳи ҷавонон саҳни ҳайкали Маяковскийро ҷои сурудхонӣ ва мубоҳисаҳои сиёсии худ қарор доданд. Вале ба ин амали ҷавонон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳамчун фаъолияти зидди шӯравӣ баҳо дода мешуд. Иштирокчиёни зиёди чунин маҳфилу гирдиҳамоиҳо ба ҷазоҳои гуногун гирифтор шуданд. Қисме аз

онҳо то мӯҳлати 10 сол аз озодӣ маҳрум гаштанд. Аммо аҳли ҷамъият аз чунин амалҳои ҳукумат огоҳӣ намеёфт.

Раванде, ки дар таърих «фош намудани шахспарастии Сталин» ном гирифтааст, то охири солҳои 50-ум сурат гирифта буд. Вале он ба мақсади аслии хеш нарасид. Зеро ин раванд сохти тоталитариро аз байн бурда натавонист. Ҳатто дар ин давра ҳам тарзу усули корбарии тоталитарӣ истифода бурда мешуд.

***Аз маърӯзаи Котиби якуми КМ ҲКИШ Н. С. Хрушёв дар съезди XX ҲКИШ «Дар бораи шахспарастӣ ва оқибатҳои он»***

*Вақте ки дар яке аз сӯҳбатҳо бо Сталин дар бораи ҳолати вазнини хоҷагии қишлоқи мо, махсусан бад будани кор дар истеҳсоли гӯшт ва дигар маҳсулоти чорводорӣ сухан рафт, комиссия ташкил дода шуд ва он супориш гирифт, ки «Дар бораи чорабиниҳо оид ба боз ҳам тараққӣ додани чорводорӣ дар колхоз ва совхозҳо» лоиҳаи қарор тайёр намояд. Мо чунин лоиҳаро тайёр кардем.*

*Гузашта аз он, дар азназаргузаронии ин лоиҳа Сталин таклиф намуд, ки андоз аз колхозҳо ва колхозчиён боз 40 миллиард сӯм зиёд карда шавад. Зеро, ба ақидаи ӯ, деҳқонон зиндагии сарватмандона доранд ва деҳқон бо фурӯхтани як мург метавонад, ба андози давлатӣ ҳисобӣ намояд.*

*Шумо фикр кунед, ки ин чӣ маъно дошт? Охир 40 миллиард сӯм маблагест, ки деҳқонон барои тамоми маҳсулот гирифта наметавонистанд. Масалан, соли 1952 колхоз ва колхозчиён барои тамоми маҳсулоти супорида ва фурӯхтаашон ба давлат 26 миллиарду 280 миллион сӯм гирифтаанд.*

***Чаро чунин суханон ба Сталин ҳангоми зинда буданаш гуфта намешуд?***

**?!**

1. ***Муносибати мардум ба марги Сталин чӣ гуна буд?***
2. ***«Ғайристалинӣ» гардонидан аз чӣ оғоз ёфт?***
3. ***Бо кадом сабабҳо азхуд кардани заминҳои навкорам шурӯъ гардид?***
4. ***Барои чӣ маърӯзаи Хрушёв «Дар бораи шахспарастӣ ва оқибатҳои он» аз аҳолӣ пинҳон дошта мешуд?***
5. ***Оё Хрушёв аз усули роҳбарии сталинӣ пурра даст кашида буд?***
6. ***Бо ҳамзамонони Сталин вохӯрда, назари онҳоро нисбати идоракунӣ ва рӯзҳои мотами ӯ бифаҳмед. Ақидаи хешро оид ба шахсияти Сталин шарҳ диҳед.***

# §10. Хитой: дасткашӣ аз намунаи сотсиализми Иттиҳоди Шӯравӣ ва ё беҳтар намудани он?

1. *Кадом омилҳо ба ғалабаи инқилоби халқӣ дар Хитой мусоидат намуданд?*
2. *Чаро Хитой дар ибтидо роҳи тараққиёти Иттиҳоди Шӯравиро пеш гирифт?*
3. *Сабабҳои асосии дуршавии Хитой аз Иттиҳоди Шӯравӣ дар чӣ буд?*

**Ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Хитой.** Баъди ба анҷом расидани ҷанг мубориза байни Ҳизби коммунисти Хитой ва ҳизби Гоминдан оғоз гардид. Тобистони соли 1946 қӯшунҳои гоминданӣ ба ноҳияҳои зери назорати ҲКХ хуҷум намуданд. Ба онҳо муяссар гашт, ки минтақаи зиёдеро ишғол намоянд. Аммо Лашкари халқӣ-озодихоҳии Хитой (ЛХОХ), бо вуҷуди талафот, тавонист қувва-ҳои асосии худро нигоҳ дорад. Аз августи соли 1948 вазъият тағйир ёфта, ЛХОХ ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, қӯшунҳои гоминданро шикаст дод. Дар сентябри соли 1949 «Барномаи умумӣ» қабул гашт, ки то соли 1954 ҳамчун сарқонуни (конститутсияи) Хитой хизмат менамуд. Дар он ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Хитой эълон карда шуд. Мувофиқи он асоси давлатро усули демократияи халқӣ ва иттифоқи синфи коргару деҳқон ташкил медод. Дар барномаи умумӣ бекор намудани тамоми имтиёзҳои мамлакатҳои аврупоӣ дар Хитой пешбинӣ шуда буд.



Мао Сзедун ташкилёбии ҶХХ-ро эълон мекунад

*Барои чӣ дар боло ду байрақ овезон аст?*
*Ин байрақҳо рамзҳои кадом давлатҳоянд?*

ЛХОХ моҳи сентябри соли 1949 пойтахти мамлакат – Пекинро ишғол намуд.

1 октябри соли 1949 ба таври расмӣ барпо шудани Ҷумҳурии Халқии Хитой эълон карда шуд.

Хитой мамлакати аграрӣ (яъне соҳаи асосии иқтисодиётро заминдорӣ, кишоварзӣ ташкил медод) буд ва дар сатҳи пасти

истеҳсолот қарор дошт. Деҳот пурра ба доираи муносибатҳои молияю пулӣ нагузашта буд. Қисми зиёди деҳқонон замин надоштанд.


Озмоиши трактори хитоӣ, ки бо иштироки мутахассисони Шӯравӣ сохта шуда буд.

**Интихоби роҳи тараққиёт (1949 – 1966).** Бо ташкилёбии ҶХХ давраи барқароркунии иқтисодиёт ва мӯътадил гардонидани ҳаёти сиёсӣ огоз шуд. Мисли дигар мамлакатҳои рӯ ба сотсиализм гузашта, Хитой низ таҷрибаи саноатикунонӣ ва коллективонии Иттиҳоди Шӯравиро тақлидкорона пеш гирифт. Тамоми мамлакатро рӯҳияи инқилобӣ, ғояҳои сотсиализм, дӯстӣ бо халқҳои шӯравӣ фаро гирифта буд. Иттиҳоди Шӯравиро онҳо омили муҳими ғалаба, озодшавӣ аз асорати японҳо ва ҳукмронии Чан Кай Шӣ медонистанд.

Мао Сзедун шахсан шиори «такя ба Иттиҳоди Шӯравӣ»-ро пешниҳод намуд. Дар чунин вазъият Хитой модели ленинӣ-сталинии сохтмони сотсиализмро қабул намуд.

Иттиҳоди Шӯравӣ низ ба Хитой ҳамчун мамлакати бузург дар роҳи мустаҳкам намудани низоми ҷаҳонии сотсиалистӣ умеди калон дошт. Бо ҳамин хотир, дар солҳои аввал ба Хитой кӯмаки зиёди молиявию иқтисодӣ мерасонид.

Вале ҳанӯз ҳангоми ҳукмронии Сталин муносибати байни Хитою Иттиҳоди Шӯравӣ нишонаҳои нобоварӣ ва мухолифат ба амал омада буд.

Баъди съезди ХХ ҲКИШ, ки дар он парастиши шахсияти Сталин маҳкум шуда буд, муносибатҳо бо Хитой бадтар шуд. Зеро парастиши шахсияти Мао дар Хитой ниҳоят авҷ гирифта буд. Аз ин лиҳоз, зарба ба шахсияти Сталин парастиши шахсияти Маоро низ зери хавф мемонд.

Тадриҷан ихтилофоти байни Н.С.Хрушев ва Мао Сзедун соҳаҳои нав ба навро фаро гирифта, ҷудоӣ ва бархӯрдро ба миён овард.

Коллективонии деҳоти Хитой дар чанд давра гузаронида шуд. Дар давраи аввал заминдории калон, заминҳои партофташудаи аврупоиён, амрикоиҳо, японҳо ва ҳамчунин моликияти «иртиҷоъпарастон» мусодира карда шуд. Дар рафти ин маъракa 3 млн. одамон ба қатл расида, 17 млн. нафар ба ҷазоҳои гуногун ҳукм карда шуданд. Қитъаҳои заминҳои мусодирашуда ба деҳқонони камбағал тақсим карда шуданд.

Аммо ин тадбир боиси болоравии кишоварзӣ нагашт. Аз соли 1951 сар карда, барпо шудани «бригадаҳои ёрии байниҳамдигарӣ» огоз ёфт. Дар ин давра асбобу олоти истеҳсолӣ ҷамъиятӣ гардонида мешуд, вале замин моликияти шахсӣ боқӣ монда буд.



Дар давраи инқилоби маданӣ ҷавонони шаҳрӣ барои кор ба деҳот фиристода мешуданд.

***Оё ҷавонон ба кор ихтиёрӣ ва ё маҷбурӣ сафарбар карда мешуданд?***

**Барномаи «Ҷаҳиши бузург».** Соли 1958 дар Хитой барномае таҳия ва қабул гашт, ки баъд номи «Ҷаҳиши бузург»-ро гирифт. Мувофиқи он мебоист дар чор сол (1958 – 1962) истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 6,5 бор ва кишоварзӣ 2,5 маротиба зиёд мегашт. Онҳо тасмим гирифта буданд, ки сохтмони сотсиализмро назар ба Иттиҳоди Шӯравӣ тезтар, хубтар ва беҳтар анҷом диҳанд. Барои амалӣ сохтани ин барнома заминаи зарурии илмӣ-техникӣ ва моддӣ вуҷуд надошт. Сарварони хитоӣ маҳз ба ҷидду ҷаҳд ва рӯҳбаландии омма такя карданӣ буданд.

Дар рафти ин сиёсат кооперативҳои деҳотӣ ба «коммунаҳои халқӣ» табдил дода шуданд. Дар «коммунаҳои халқӣ» ҳама чиз - олотҳои меҳнат, асбобҳои рӯзгор, ҳайвоноти хонагӣ, хонаҳои истиқоматӣ, дарахтони мевадор умумӣ гардонида шуд. Заминҳои назди ҳавлигии деҳқонон низ кашида гирифта шуданд. Ин тадбир ба тезӣ оқибатҳои нохуш оварда, боиси норозигии оммавии аҳолӣ гашт. Иттиҳоди Шӯравӣ низ ба ин таҷриба назари танқидӣ дошт ва боиси боз ҳам бад гаштани муносибатҳои тарафайн гашт.

Соли 1966 дар Хитой маъракаи «инқилоби маданӣ» оғоз ёфт, ки боиси бесарусомонии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат гардид.

***Порча аз «Энциклопедия для детей» Всемирная история. Т. I. М., 1993. С. 598-599.***

***«Инқилоби маданӣ» дар Хитой.*** *Соли 1966 Пекин ногаҳон оғози «инқилоби бузурги мадании пролетарӣ»-ро эълон намуд. Вай мебоист ҳаёти ҷомеаро пурра аз нав месохт ва мувофиқи таълимоти Мао тамоми хоинонро, ки ба сохтмони сотсиализм халал мерасониданд, аз роҳ бартараф менамуд …*

*Шиори «оташ ба қароргоҳ» эълон гашт, ки мақсади он торумор намудани мақомоти роҳбарикунандаи ҳизби ҳукмрон ва давлат буд. Шахсони номатлуб лату кӯб, таҳқир ва ба ҳабс гирифтор мегаштанд ...*

*Ҳамзамон таъқиби зиёиёни хитоӣ шурӯъ шуд. Онҳоро ба деҳаҳои дурдаст фиристода, аз роҳи меҳнати ҷисмонӣ аз нав тарбия менамуданд. Такягоҳи Мао хонандагон ва коргарҷавонон буданд, ки ба ӯ кӯр-кӯрона боварӣ доштанд ва дастаҳои хунвэйбинҳо («муҳофизони сурх») ва сзаофанҳо («ошӯбгарон») ташкил дода буданд.*

*Тамоми аҳолии қариб як миллиарднафараи Хитой китобчаҳои сурхи нишондодҳои Маои бузургро доир ба тамоми масъалаҳои ҳаёт бо худ доштанд. Онҳо бо теъдоди зиёд қариб, ки ба тамоми забонҳои халқҳои олам нашр шуда буданд. Маоро «офтоби сурх» ва «пешвои хирадманд» меномиданд. Ҳатман дар хонаҳои хитоиҳо аксҳои Мао мавҷуд буд, онҳо кӯчаҳои шаҳрҳо ва деҳотро пур карда буданд ...*



Наврасон ҳангоми омӯзиши асарҳои Мао

***Ба фикри шумо, асарҳои Мао ихтиёрӣ омӯхта мешуданд ё маҷбурӣ?***

«Инқилоби маданӣ» муносибатҳои байни Хитой ва Иттиҳоди Шӯравиро боз ҳам тезутунд намуд. Яке аз шиорҳои он бо ҲКИШ «то охир» мубориза бурдан буд. Таъқиб ва шиканҷаи онҳое, ки дар гузашта бо Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамкорӣ доштанд ва ё ҷонибдори истифодаи таҷрибаи шӯравӣ буданд, хусусияти оммавӣ гирифт.

Дар доираи расмӣ шиори «хатар аз Шимол» пайдо гашт, ки гӯё «мушакҳои русҳо метавонанд, аз Маскав ба Пекин» парвоз намоянд. Ин ақида бахусус баъди воқеаҳои Чехословакия (1968) авҷ гирифт. Баҳори соли 1969 дар марзи сарҳадии дарёи Уссурӣ ҳамшафати ҷазираи Даманск задухӯрди мусаллаҳонаи ҳарду мамлакат ба вуқӯъ омад. Иттиҳоди Шӯравӣ баҳри таҳдид қувваҳои зиёди ҳарбиашро ба сарҳади Хитой сафарбар намуд.

Сентябри соли 1969 дар Пекин вохӯрии раиси Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ – А. Н. Косигин бо сарвазири Шӯрои давлатии Хитой – Чжоу Энлай баргузор гардид. Дар мулоқот дар бораи барқарор намудани гуфтушунид оид ба масъалаи сарҳад мувофиқа ҳосил шуд. Октябри ҳамон сол ғуфтушунидҳо оғоз ёфт, ки он ба беҳтаршавии муносибатҳои ҳарду давлат мусоидат намуд.

***Аз суҳбати Мао Сзедун дар бораи мухолифати Хитою Иттиҳоди Шӯравӣ ҳангоми қабули ҳайати Ҳизби сотсиалистии Япония***

*Муносибатҳои мо бо Иттиҳоди Шӯравӣ аз соли 1956, баъд аз съезди XX ҲКИШ бад шуда истодаанд.*

*Агар тарафи муқобил игво ангезад, мо бояд чораҳои ҷавобӣ андешем. Тарафи муқобил дар бораи ақалан ба муддати се моҳ қатъ намудани баҳсҳои ошкоро таклиф ба миён гузошт. Мо изҳор доштем, ки онро ҳатто ба муддати се рӯз ҳам қатъ намекунем. Мо дар давоми 25 сол ҷанг намудем, аз он ҷумла, 22 соли он ба ҷангҳои шаҳрвандӣ ва зиддияпонӣ гузашт. Се сол бо Корея ҷанг намудем. Кадом як вақте ман муаллим будам ва чӣ будани ҷангро намедонистам...*

*Дар ҷанг асрори махсус нест. Агар ҷанг кунӣ, дар он сурат талафот ҳам мешавад. Дар натиҷаи ҷанги 25-сола даҳҳо миллион кушта ва захмдор гаштанд.*

*Дар ҷанге, ки бо ёрии мақолаҳои рӯзномаҳо пеш бурда мешавад, кушта вуҷуд надорад. Баъди якчанд соли чунин ҷанг ягон кас кушта намешавад ва мо тайёрем, чунин ҷангро 25 сол давом диҳем ...*

*Аз китоби "Выступления Мао Цзедуна, ранее не публиковавшиеся в китайской печати". М., 1976. Вып.4. - С.136*

**?!**

1. ***Хитой дар солҳои 40-уми асри XX дар кадом сатҳи тараққиёт қарор дошт?***
2. ***Бо кадом мақсад роҳбарияти Хитой роҳи «ҷаҳиши бузург»-ро пеш гирифт?***
3. ***Моҳияти «Инқилоби маданӣ» дар чӣ буд?***
4. ***Оё сиёсати инқилоби маданӣ ба манфиати мардуми Хитой равона шуда буд?***
5. ***Кадом сабабҳо боиси тезутунд гаштани муносибатҳои Хитою Иттиҳоди Шӯравӣ гаштанд?***
6. ***Барои чӣ роҳбарияти Хитой сиёсати дохилии худро тез-тез иваз менамуд?***
7. ***Дар бораи равобити Хитой ва Тоҷикистон маълумот гирд оваред.***

# §11. Ветнам: роҳи мушкил ба сӯи озодӣ

1. *Кадом омилҳо ба ғалабаи коммунистҳо ва озодии мамлакат мусоидат намуданд?*
2. *Сабабҳои тақсими Ветнам кадомҳоянд?*
3. *Сабабҳои шикасти ИМА аз чӣ иборат аст?*

**Пирӯзии инқилоби мардумӣ.** Ҷанги дуввуми ҷаҳон сабаби болоравии ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ шуд. Соли 1941 қӯшунҳои Япония ба Ветнам ҳуҷум карда, онро ишғол намуданд. Идораи мустамликадории Фаронса муқобилият нишон надод ва омода буд, ки бо ишғолгарон ҳамкорӣ кунад. Муборизаи озодихоҳонаи халқи Ветнам хислати ҷанги миллӣ-ватандӯстиро гирифт. Ин мубориза ҳам ба муқобили мустамликадорони фаронсавӣ ва ҳам ба муқобили ҷангҷӯёни япон равона шуда буд. Дар ин мубориза Хо Ши Мин (1890 – 1969) ҳамчун роҳбари харизматикии (худодод) халқи Ветнам машҳур гардид.

Торумор гардидани Япония дар ҷанги дуюми ҷаҳон ба шӯриши августии соли 1945 овард. 2 сентябри соли 1945 Хо Ши Мин истиқлолияти Ветнам ва ташкили Ҷумҳурии Демократии Ветнамро (ҶДВ) эълон кард. Аммо мустамликадорони фаронсавӣ дар ҷануби мамлакат, дар Сайгон ҳукумати худро ташкил карда, Бао Дайро роҳбари он таъин карданд. Моҳи майи соли 1949 ин ҳукумат аз ташкили «Давлати Ветнам» хабар дод.

Моҳи майи соли 1954 қувваҳои мусаллаҳи ҶДВ қувваҳои фаронсавиро торумор карданд. Халқи Ветнам ба обрӯ



Хо Ши Мин (1890 – 1969) - ходими давлатию сиёсии Ветнам. Аз августи соли 1945 то марти 1946 раиси Ҳукумати муваққатии ҶДВ. Аз соли 1946 Президент ва ҳамзамон нахуствазири ҶДВ. Аз соли 1951 – роҳбари Ҳизби меҳнаткашони Ветнам.

*Роҳбари харизматикӣ (худодод) – инсоне, ки дар назари пайравонаш бар асоси сифатҳои фавқулоддаи шахсияташ – хирадмандӣ, шуҷоат ва «муқаддасӣ» соҳиби обрӯ мешавад (аз калимаи юнонии «харизм» – тӯҳфаи худо, худодод).*

ва нуфузи Фаронса зарбаи сахти сиёсӣ ва равонӣ ворид кард. Шикасти Фаронса дар ҷанг ҳукумати Бао Дайро маҷбур намуд, ки бо Хо Ши Мин роҳи музокираро пеш бигирад. 26 апрели соли 1954 дар Женева маҷлиси вазирони хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ, ИМА, ҶМХ, Британияи Кабир ва Фаронса ба кор огоз кард. 21 июли соли 1954 созишномаи Женева имзо шуд. Ветнам аз арзи 17-ум ҷудо карда шуд, вале ин марз ҳамчун марзи сиёсӣ шинохта намешуд. Муттаҳидшавии Ветнам мебоист бо роҳи гузаронидани интихоботи умумӣ ва озод моҳи июли соли 1956 ба амал бароварда мешуд. Ҳамин тавр, низои ҳарбӣ ба муқовимати сиёсӣ табдил дода шуд.



Аскарони амрикоӣ асирони ветнамиро бурда истодаанд.

*1. Ба фикри шумо ветнамиҳо дар куҷо асир шудаанд?*
*2. Чаро худи амрикоиҳо ҳам дар даруни обанд?*

**Таҷовузи ИМА ба муқобили ҶДВ.** ИМА ба қарори конференсияи Женева розӣ набуд. Соли 1955 ҳукумати Фаронса ба хориҷ кардани қӯшунҳои худ аз ҷануби Ветнам огоз кард. Аз ин истифода карда, амрикоиҳо нуфузи худро дар ин минтақа зиёд карданд. Онҳо аз байни ходимони сиёсии ҷануб Нго Дин Земро интихоб карда, ба он такя карданд. Моҳи октябри соли 1955 вай дар бораи ташкили Ҷумҳурии Ветнам эъломия мунташир кард. Ҷумҳурии нав дар заминҳое, ки мувофиқи созишномаи Женева ба фаронсавиҳо тааллуқ мегирифтанд, ташкил гардид ва Нго Дин Зем эълон кард, ки худро ба созишномаи Женева пойбанд намедонад ва соли 1956 интихобот гузарониданӣ нест. Вай муассисаҳои интихоботиро барҳам дод ва дар маҳалҳо ходимони худро таъин кард.



Фуруд омадани полки десантии амрикоиҳо дар Ветнам.
Акси соли 1966

***Сурати мазкур дар ниҳоди шумо чӣ тасаввуроте ба вуҷуд меорад? Муаллифи он кист, амрикоӣ ё каси дигар?***

***Порча аз номаи котиби давлатии ИМА Дин Раск ва котиб оид ба масъалаҳои мудофиа Роберт Макнамари ба президент Ҷон Кеннеди аз 11 ноябри соли 1961***

*Иёлоти Муттаҳида бояд дар назди худ мақсади равшан гузорад. Роҳ надиҳад, ки Ветнами Ҷанубӣ ба дасти коммунистон гузарад. Воситаи асосии ноил шудан ба ин мақсад бояд ёрӣ ба ҳукумати Ветнами Ҷанубӣ бошад, то ки вай дар мубориза ба муқобили партизанҳо ғолиб ояд...*

*Мо бояд омода бошем, ки агар зарурат пайдо шавад, қувваҳои ҳарбии Иёлоти Муттаҳидаро дохил кунем, то ки дар ҷанг ғолиб бошем. Вобаста ба ҷараёни воқеот мумкин аст, чунин зарурате пеш ояд ва қӯшунҳои Иёлоти Муттаҳида ба манбаи таҷовуз дар Ветнами Шимолӣ зарба зананд.*

***1. Чаро ходимони олирутбаи давлатии ИМА бо ҳар қимат мехостанд пеши роҳи пирӯзии коммунистонро гиранд?***
***2. Барои чӣ Ветнами Шимолӣ манбаи таҷовуз дониста шудааст?***

Моҳи августи соли 1964, баъди мунокиша дар халиҷи Тонкин, амрикоиҳо бомбаборонкунии Ветнами Шимолиро огоз карданд, ки аз феврали соли 1965 шакли мунтазамро гирифт. Амрикоиҳо сиёсати «замини сӯхта»-ро пеш гирифтанд. Садҳо деҳаҳои ветнамӣ сӯхта шуданд, даҳҳо ҳазор гектар замин корношоям гардид, ҳазорон гектар ҷангал дар натиҷаи бомбаборонкунии ваҳшиёна ва истифодаи бомбаҳои напалм несту нобуд карда шуданд. Ҷанг торафт густариш меёфт ва ИМА беш аз 500 ҳазор аскарро ба Ветнам дохил намуд. Лекин ҳамаи ин дар баробари қаҳрамониҳои халқи Ветнам натиҷа надод.

Соли 1968 дар Париж гуфтушунидҳо оид ба оташбас дар Ветнам оғоз шуд ва соли 1973 мувофиқа ба даст омад. ИМА пурра шикаст хӯрд. Хориҷ гаштани қӯшунҳои амрикоӣ шакли фирорро гирифт. 30 апрели соли 1975 қӯшунҳои Ветнами Шимолӣ ба Сайгон дохил шуданд.

*Напалм - моддаи моеъи сӯзанда, ки дар натиҷаи бо моеи сӯзанда (бензин, керосин) омехта намудани хокаи ғализкунанда аз намакҳои алюминий ва кислотаҳои органикӣ ҳосил мешавад. Ин модда дар натиҷаи бархӯрд бо об ё барф аланга мегирад.*

25 апрели соли 1976 дар Ветнам интихоботи умумӣ ба Маҷлиси миллии Ветнами ягона доир гардид. 2 июли соли 1976 Маҷлиси миллӣ Қонун дар бораи муттаҳид кардани Ветнам ва ташкили Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнамро қабул кард.

Мубориза и озодихоҳонаи ин давлати хурд рамзи муқовимати халқҳо ба муқобили сиёсати зӯроварии кишварҳои абарқудрат мебошад.

Ин мубориза нишон дод, ки дар асри XX ҳам ҳатто кишварҳои хурд метавонанд роҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии интихобкардаашонро дифоъ кунанд.

Ветнам дар зарфи чандин сол майдони озмоиши яроқҳои пуриқтидори Амрико буд, вале таслим нашуд ва собитқадамӣ нишон дод.

Маълум аст, ки роҳбарияти Ветнам дар давоми ҷанг аз давлатҳои сотсиалистӣ, пеш аз ҳама, аз Иттиҳоди Шӯравӣ ва Хитой кӯмак мегирифт. Аммо ин кӯмак ҷои мардонагӣ ва қаҳрамонии деҳқонони оддии Ветнамро, ки мошини пуриқтидори ҳарбию саноатии ИМА-ро фалаҷ кард, ба ҳеҷ ваҷҳ гирифта наметавонад.




***Бо истифода аз харита, ба хусусияти ҷанги Ветнам ва мудохилаи Америко баҳо диҳед.***

***Ёрии мамлакатҳои сотсиалистӣ ба Ветнам***

*Агар амрикоиҳо ба ҳукумати сайгонӣ ёрӣ расонанд, Иттиҳоди Шӯравӣ ва Хитой Ветнами Шимолиро дастгирӣ менамуданд. Аз рӯи сарчашмаҳои эътимодноки соли 1966 ин ёрӣ аз ҳар мамлакат маблағи 250 млн. долларро ташкил мекард. Хитой биринҷ ва силоҳи сабук мефиристод, аз Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, мошинҳои боркаш, ҳавопаймо, тӯп ва мушакҳои идорашаванда мерафтанд. Ман анборҳои калони муҳимоти ҷангиро дида будам, ки ба дасти иттифоқчиён афтода буданд. Миномёту гранатаҳо (норинҷак) истеҳсоли Ветнами Шимолӣ буданд, снаряди миномётҳо, пулемёт, либос ва биринҷ аз Иттиҳоди Шӯравӣ, васоили ҷарроҳӣ ва доруворӣ аз Полша ва Чехословакия фиристода шуда буданд».*

*Аз китоби Ҷ.Скотт. "Справедливый мир во Вьетнаме. Размышления американца о трагической войне в Юго-Восточной Азии. Новый колокол" - М., 1994. - С.455.*



Занон ва кӯдакони ветнамӣ дар рӯ ба рӯи аскарони амрикоӣ. Соли 1969

1. ***Ба фикри шумо ин акс дар куҷо бардошта шудааст?***
2. ***Дар чеҳраи занону кӯдакон чиро мебинед?***

***Ёрии иқтисодӣ ва низомии ИМА ба Ветнами Ҷанубӣ (млн. доллар)***

| Солҳо | Ёрии иқтисодӣ | Ёрии низомӣ | Хароҷоти умумӣ |
|---|---|---|---|
| 1959 | 207,1 | 41,9 | 249 |
| 1960 | 180,3 | 70,9 | 251,2 |
| 1962 | 142,9 | 144 | 286,9 |
| 1964 | 216,1 | 186,9 | 403 |
| 1966 | 729,2 | 170,8 | 900 |
| Ҳамагӣ дар солҳои 1959-1966 | 3085,6 | 1475,2 | 4561,1 |

***Ёрии амрикоиҳо ва муттаҳидинашонро ба Ветнами Ҷанубӣ бо ёрии давлатҳои сотсиалистӣ ба Ветнами Шимолӣ муқоиса кунед.***

?!

1. ***Ба фикри шумо, оё дар он шароит имкони пешгирии тақсими Ветнам ба ду давлат вуҷуд дошт?***
2. ***Нақши ҳукумати ИМА дар тақсими Ветнам чӣ гуна буд?***
3. ***Бо кадом сабабҳо қувваҳои мусаллаҳи ИМА натавонистанд, дар Ветнам истодагарӣ кунанд?***
4. ***Муттаҳидшавии Ветнам кай ба амал омад?***

# §12. Аврупои Шарқӣ дар роҳи сохтмони сотсиализм

1. *Хусусиятҳои хоси ислоҳоти солҳои 50-ум дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ аз чӣ иборат буд?*
2. *Чаро ислоҳоти солҳои 50-ум ва 60-ум пеши роҳи бӯҳронро дар ин кишварҳо гирифта натавонист?*
3. *Шӯрои Ёрии Иқтисодии Байниҳамдигарӣ дар муттаҳид гардонидани кишварҳои Аврупои Шарқӣ чӣ нақш дошт?*

Низоми давлатии дар охири солҳои 40-ум дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ бунёдшуда, дар ибтидо халқӣ-демократӣ, баъдан сотсиалистӣ ном гирифт. Дар як қатор кишварҳо низоми бисёрҳизбӣ мавҷуд буд. Дар Албания, Венгрия, Руминия ва Югославия системаи яккаҳизбӣ буд. Ташкилотҳои Ҷабҳаи халқӣ ва парламент фаъолият менамуданд. Аммо нақши роҳбарикунанда дар дасти ҳизбҳои коммунистӣ буд. Дар барномаҳои онҳо давлатӣ кунонидани иқтисодиёт, рушди тамоми соҳаҳои ҷамъият: муносибатҳои иҷтимоӣ, маориф ва фарҳанг муайян гардида буд.



Иосиф Броз Тито дар шаҳри Белград паради ҳарбиро қабул мекунад

***Чаро маҳз Иосиф Броз Тито паради ҳарбиро қабул намуд?***

Солҳои 50-ум вазифаи асосӣ дар ин кишварҳо «сохтмони асосҳои сотсиализм» буд. Таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ барои ин кишварҳо дарси ибрат буд. Се вазифаи асосӣ: саноатикунонӣ, коллективонии кишоварзӣ ва инқилоби маданӣ бояд ба иҷро мерасид.

Индустриякунонӣ, ки дар асоси таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ гузаронида шуд, аксари кишварҳои Аврупои Шарқиро аз кишварҳои аграрӣ ба кишварҳои саноатию аграрӣ табдил дод.


URKUNDE

ein Grundstück

rechtskräftig

schuldenfrei

Санад дар бораи ба моликияти шахсӣ додани замин

***Ба ороиши ҳуҷҷат назар андозед. Ороиши бадеии он чиро ифода мекунад?***

Диққати асосӣ ба тараққиёти саноати вазнин равона шуда буд, ки он дар Албания, Булғория, Венгрия, Руминия ва Югославия амалан аз нав сохта шуд. Дар Ҷумҳурии Демократии Олмон ва Чехословакия, ки ҳанӯз то ҷанги дуввуми ҷаҳон ба қатори кишварҳои тараққикардаи индустриалӣ дохил мешуданд, бозсозии саноат гузаронида шуд. Ба тараққиёти саноати вазнин диққати ҷиддӣ дода, таҳти шиори «Панҷсоларо дар чаҳор сол иҷро мекунем» амал карда, комёбиҳои чашмрас ба даст оварданд. Вале ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум эътибор дода намешуд.

Кооперативонии кишоварзӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ дар муқоиса бо таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ шароити маҳал ва анъанаҳои хоси миллиро ба назар мегирифт. Дар як марҳала як шакли он тараққӣ дода мешуд. Умумӣ кардани замин ва техника тадриҷан давра ба давра гузаронида мешуд. То охири солҳои 50-ум беш аз 90% соҳаи кишоварзӣ умумӣ карда шуд. Танҳо дар Полша ва Югославия хоҷагиҳои хусусии деҳқонӣ бартарӣ доштанд.

Дар соҳаи фарҳанг низ дар назди кишварҳои Аврупои Шарқӣ вазифаҳои хос гузошта шуда буд. Дар Албания, Булгория, Полша, Руминия ва Югославия яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳви бесаводӣ дар деҳот буд. Дар Ҷумҳурии Демократии Олмон масъалаи асосӣ аз шуури мардум дур кардани идеологияи нажодпарастӣ буд.

Дастоварди муҳими сиёсати фарҳангӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ демократӣ кунонидани маълумоти миёна ва олӣ буд.



Шӯришгарони Будапешт расмҳои И. Сталин ва М. Ракоширо месӯзонанд (октябри 1956)

***Ба ақидаи шумо, чаро шӯришгарон расмҳои И.Сталин ва М.Ракоширо месӯзонанд?***

Аввал мактабҳои ягонаи маълумоти миёнаи нопурра, баъдтар мактабҳои ягонаи маълумоти миёнаи бепул ташкил карда шуд. Таҳсил дар чунин мактабҳо 10-12 сол давом менамуд. Барои хонандагони синфҳои болоӣ, гимназияҳо ва мактабҳои техникӣ амал мекарданд. Хатмкунандагони мактабҳои миёна имкони пурра пайдо мекарданд, ки ба мактабҳои олии дилхоҳи худ дохил шаванд. Маълумоти олӣ низ хеле тараққӣ кард. Дар баъзе аз кишварҳо бори аввал мактабҳои олӣ ва марказҳои калони илмӣ ташкил ёфтанд.

Дар тамоми кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба идеологияи коммунистӣ ҳамчун идеологияи умумидавлатӣ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Тамоми мухолифони озодандеш таъқиб ва аз кишвар ронда мешуданд. Ин раванд бахусус дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум дар фаъолияти органҳои судӣ равшан ба назар мерасид. Дар ин солҳо бисёре аз коркунони ҳизбӣ ва намояндагони равшанфикрон таъқиб гардида, ба қатл расиданд.

Тоза кардани сафҳои ҳизб барои он солҳо кори маъмулӣ буд.

Солҳои 60-ум дар як қатор кишварҳои Аврупои Шарқӣ ислоҳоти иқтисодӣ оғоз ёфт. Дар Ҷумҳурии Демократии Олмон низоми нави баплангирӣ ҷорӣ карда шуд. Иттиҳодияҳои соҳавии корхонаҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси ҳисоби хоҷагӣ кор мекарданд, ташкил мешуданд. Дар Чехословакия раванди ислоҳот барои бозсозии техникии саноат ва афзоиши мустақилияти корхонаҳо равона шуда буд. Дар Булғория ҳам ҳисоби хоҷагӣ ба роҳ монда шуд. Мутамарказонидани истеҳсолот дар хоҷагиҳои давлатӣ ва маҷмаъҳои кишоварзию саноатӣ ҷорӣ карда мешуд. Дар Руминия бошад, чунин сохтори хоҷагӣ ташкил карда шуда буд, ки муассисаҳо дар асоси ҳисоби хоҷагӣ кор мекарданд.

Кӯшиши ислоҳот дар дигар соҳаҳо низ ба назар мерасид. Масъалаи тағйирот дар сиёсат низ масъалаи рӯз буд. Мисоли равшани ин воқеаҳои Чехославакия буданд. Моҳи апрели соли 1968 дар пленуми КМ ҲКЧ «Барномаи амал» қабул карда шуд. Мақсади он ислоҳоти ҳизб ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа буд. Ин барнома аз тарафи гурӯҳи роҳбарони ҳизбӣ А. Дубчек, Й. Сирковский, З. Млинарж, О. Чирник ва дигарон пешниҳод шуда буд. Онҳо мардумро ба сохтмони «Сотсиализм бо чеҳраи инсонӣ» даъват мекарданд.

**_Аз «Барномаи амал»-и ҲКЧ_**

*«Шеваҳои маъмурию фармонфармоӣ ва муттамарказонӣ, ки дар давраи мубориза ба муқобили боқимондаҳои буржуазия ва таҳкими ҳокимият дар шароити ташаннуҷи авзои байналхалқӣ баъд аз воқеаҳои феврали соли 1948 истифода мешуданд, бидуни кадом асос ба марҳилаи баъдии тараққиёт гузаронида шуданд. Онҳо оҳиста-оҳиста ба системаи бюрократӣ табдил ёфтанд. Дар гузашта нақши роҳбарикунандаи ҳизб ҳамчун маркази ягонаи ҳокимият дар дасти органҳои ҳизбӣ ҳисоб мешуд. Ин ба тезиси дурӯғин дар бораи он ки ҳизб аслиҳаи диктатураи пролетариат аст, мувофиқат мекард».*

Дар натиҷаи ин дигаргунсозиҳо иттиҳоди ягона таъсис ёфт, ки номи паймони сотсиалистиро ба худ гирифт. Дар ин иттиҳод қариб 400 миллион нафар аҳолӣ умр ба сар мебурд. Муттаҳид гардидани ин кишварҳо дар паймони сотсиализм таҳти роҳбарии Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омад. Мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба куллӣ дигаргун гашт ва як муддат пешсаф ва пешқадам шумурда мешуд.

Соли 1949 ташкилоте бо номи СЭВ (Совет Экономической Взаимопомощи) – Шӯрои Ёрии Иқтисодии Байниҳамдигарӣ (ШЁИБ) ташкил шуд. Он ба як ташкилоти муҳими иқтисодии кишварҳои Аврупои Шарқӣ табдил ёфт. Ин иттиҳод ба

ҳамкориҳои соҳаҳои гуногун ва рушди раванди ба ҳам наздикшавии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ ибтидо гузошт. Дар ибтидои солҳои 50-ум миёни Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои чаҳони сотсиалистӣ аҳдномаи дарозмуддати иқтисодӣ ба имзо расид. Ин боиси канда шудани робитаҳои иқтисодии ин кишварҳо бо давлатҳои Ғарб ва нуфуз пайдо кардани иқтисодиёти Иттиҳоди Шӯравӣ дар Аврупои Шарқӣ гардид. Он ба манфиати кишварҳои сотсиалистӣ буд. Ҳамкории иқтисодӣ дар байни кишварҳои лагери сотсиалистӣ барои пешрафти онҳо аҳамияти бузург дошт. Онҳо барои фурӯши маҳсулоти худ бозори бузурге дар Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо намуданд.



«ИЧШС». Плакати рассоми Полша (с.1954)

***Нишонаҳои ин плакатро шумо чӣ тавр мефаҳмед?***

Аз ҳисоби воридоти маҳсулот аз Иттиҳоди Шӯравӣ ин кишварҳо талаботи худро бо оҳан, нефт, пахта, металҳои ранга, газ, нерӯи барқ ва ғайра қонеъ менамуданд.

Дар солҳои 1958 – 1962 рушди солонаи истеҳсоли саноати онҳо 11,5%, соли 1962 бошад, 8%-ро ташкил медод. Ин дар ҳоле буд, ки дар кишварҳои мутараққии Аврупо ин нишондод аз 4% зиёд набуд. Аммо баъдтар ин кишварҳо ба бӯҳрон гирифтор шуданд ва сатҳи тараққиёти онҳо коҳиш ёфт.

?!

1. ***Кадом қувваҳои сиёсӣ дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ дар солҳои баъдиҷангӣ дар сари қудрат буданд?***
2. ***Дар солҳои 50-ум чӣ гуна ислоҳот гузаронида шуд?***
3. ***Мақсади ислоҳоти солҳои 50-ум аз чӣ иборат буд?***
4. ***Ислоҳоти солҳои 60-ум аз ислоҳоти солҳои 50-ум чӣ фарқ дошт?***
5. ***СЭВ чӣ гуна ташкилот буд?***

# §13. Аврупои Шарқӣ дар гирдоби бӯҳрон

*1. Намоишҳои зиддиҳукуматӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ пас аз кадом воқеа огоз ёфт?*
*2. Дар кадом кишварҳо ҳаракатҳои зиддиҳукуматӣ шадидтар буд?*
*3. Оё тағйир додани сиёсати ҳизбҳои коммунистии ин кишварҳо пеши роҳи бӯҳронро гирифта тавонист ё не?*



Танкҳои шӯравӣ дар шаҳри Берлин (с.1953)

***Танкҳои шӯравӣ ба Берлин барои чӣ ворид шуда буданд?***

Марги И. В. Сталин дар соли 1953 боиси дигаргуниҳои бузург дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ шуд. Ба муқобили режимҳои тоталитарии ин кишварҳо, ки дастнишондаи Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, шӯру ошӯбҳо сар заданд.

Дар пойтахти Ҷумҳурии Демократии Олмон - шаҳри Берлин 16 июни соли 1953 намоиши эътирозии сохтмончиён сар зад. Онҳо зиёд кардани музди меҳнатро талаб мекарданд. Ба намоишчиён садҳо ҳазор берлиниҳо ҳамроҳ шуданд. Чунин намоишҳо дар дигар шаҳрҳои Олмон низ ба амал омаданд. Роҳбарияти ҶДО аз ӯҳдаи бартараф намудани бӯҳрон набаромад. Бо дахолати артиши шӯравӣ дар рӯзи дигар ин намоишҳо саркӯб шуданд.

28 июни соли 1956 дар шаҳри Познани Полша корпартоии коргарони роҳи оҳан сар зад, ки он ба корпартоии умумӣ табдил

ёфт. Артиши Полша ин намоишу корпартоиҳоро бераҳмона саркӯб кард. Ин воқеаҳо дар миёни ҳайати роҳбарикунандаи Ҳизби Муттаҳидаи Коргарии Полша, ки ҳизби ҳукмрон буд, ҷудоиро ба амал овард. Роҳбарияти шӯравӣ ба қисмҳои ҳарбии дар Полша будаи худ фармон дод, ки ба пахш намудани намоишҳо омода бошанд. Роҳбарияти Полша изҳор дошт, ки дар сурати дахолати низомии шӯравӣ полякҳо муқобилият нишон хоҳанд дод. Дар Венгрия ҳангоме ки дар миёни роҳбарони кишвар муборизаи шадид давом мекард, 23 октябри соли 1956 ба ҷонибдории қувваҳои ислоҳотхоҳ намоиш сар зад. Сарвари Ҳизби коммунистии Венгрия – Матяш Ракоши дар зери фишори омма маҷбур шуд, ки сарвари ислоҳотхоҳон – Имре Надро сарвазири кишвар таъин кунад.

Ҳукумати И. Над иҷозат дод, ки ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти худро аз нав оғоз кунанд. 27 октябр намояндагони ҳизбҳои гуногун ба ҳайати ҳукумат ворид шуданд. Дар саросари кишвар «асосҳои сотсиализм» аз байн рафт. Кооперативҳо барҳам хӯрда, иттифокҳои касабаи нави соҳибистиқлол таъсис ёфта, ташкилотҳои ҳизбӣ фаъолияти худро қатъ мекарданд. Мақомоти амнияти давлатӣ пароканда карда шуданд. Дар саросари кишвар кормандони мақомоти амниятӣ аз ҷониби шӯришчиён ба ҷазо гирифтор шуданд. Бинои ҳизбии шаҳри Будапешт ишғол гардида, коммунистоне, ки онро дифоъ мекарданд, парронда шуданд.

Бо розигии тамоми роҳбарони кишварҳои Аврупои Шарқӣ 4 ноябри соли 1956 кӯшунҳои шӯравӣ ба шаҳри Будапешт ворид гардиданд ва ба саркӯб намудани шӯришчиён сар карданд. Даҳҳо ҳазор мухолифони режими сотсиалистӣ аз кишвар фирор карданд.

Пас аз фурӯ нишондани ноороміҳо ҳокимият ба дасти Янош Кадр супорида шуд. М. Ракоши ба Иттиҳоди Шӯравӣ оварда шуд. И. Над соли 1957 ба қатл расид.

Солҳои 60-ум дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ҳизбҳои коммунистӣ маҷбур шуданд, ки ба хотири аз байн бурдани норозигии омма сиёсати худро тағйир диҳанд ва таъқиботи оммавии дигарандешон қатъ гардид. Ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида шуд.

Албания муносибатҳои худро бо Иттиҳоди Шӯравӣ қатъ кард. Муносибати Руминия ҳам бо Иттиҳоди Шӯравӣ хуб набуд. Дар Чехословакия наҳзати

**Теъдоди гурезаҳо аз Аврупои Шарқӣ ба Аврупои Ғарбӣ дар солҳои 1955-1965**

| | |
|---|---|
| 1955 | 252000 |
| 1965 | 279000 |
| 1957 | 261000 |
| 1958 | 204000 |
| 1959 | 143000 |
| 1960 | 199000 |
| 1961 | 207000 |
| 1962 | 21000 |
| 1963 | 42000 |
| 1964 | 41000 |
| 1965 | 29000 |

***Сабаби тадриҷан кам шудани теъдоди гурезаҳо дар чист?***

ислоҳотчигӣ ба вуҷуд омад. Моҳи январи соли 1968 ба намояндагони ин ҷараён муяссар шуд, ки Антонин Новотниро аз сарварии ҳизб дур кунанд. Александр Дубчек сарвари Ҳизби Коммунистии Чехословакия интихоб шуд. Моҳи апрел барномаи фаъолияти Ҳизби Коммунистии Чехословакия дар матбуот чоп шуд. Дар он демократикунии ҷамъият дар назар дошта мешуд. Мувофиқи ин барнома сензура барҳам дода шуд. Ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ташкил ёфтанд. Қаноти ислоҳталаби Ҳизби Коммунист пурқувват шуд.




Карикатураи рассоми Олмони Ғарбӣ: «Ташаккур ба озодкунандагонамон!» Дар қафаси синаи онҳое, ки бо занҷир баста шудаанд: Полша, Чехословакия, Венгрия, Руминия, Булғория навишта шудааст.

***Занҷири гардани онҳо нишонаи чист? Оё шумо ба фикри рассом розӣ шуда метавонед?***

Моҳи июли соли 1968 намояндагони панҷ ҳизби коммунисти кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба номи роҳбарияти Ҳизби Коммунисти Чехословакия нома навишта, дар он воқеаҳои Чехослова-кияро ҳамчун «аксулинқилобӣ» маънидод карданд. А. Дубчек ва ҳамсафонаш зарурати идомаи роҳи ислоҳотро таъкид мекарданд, вале роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ ба таҷовузи зидди Чехословакия омода мешуд.

21 августи соли 1968, як рӯз пеш аз оғози анҷумани XIV Ҳизби Коммунисти Чехословакия қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ, Полша, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Венгрия ва Булгория ба Чехословакия даромаданд. Роҳбарияти Ҳизби Коммунисти Чехословакия, аз ҷумла А. Дубчек дастгир ва ба Маскав фиристода шуданд. Аммо муқовимати омма ба муқобили мудохилаи ҳарбии хориҷӣ имкон надод, ки дар кишвар як ҳукумати дастнишондаи шӯравӣ ташкил шавад. 22 август ҷаласаи анҷумани XIV ҲКЧ бо ҳимояи коргарон доир гардид. Дар он ислоҳталабон пирӯз шуданд. Пас аз ин А. Дубчек ба Прага баргашт. Аммо танг кардани мавқеи ислоҳталабон дар роҳбарии ҳизб оғоз ёфт. Соли 1969 А. Дубчек аз вазифаи сарварии ҳизб озод карда шуда, соли 1971 аз сафҳаи он хориҷ гардид. Роҳбарии ҳизб ба дасти Густав Гусак гузашт. Тоза кардани сафҳои ҳизб оғоз ёфт. Бисёре аз ислоҳталабон аз кишвар ҳиҷрат карданд.

Пас аз воқеаҳои Чехословакия дар тамоми кишварҳои Аврупои Шарқӣ сотсиализми тоталитарӣ ҷорӣ карда шуд. Ислоҳоти иқтисодӣ қатъ гардид. Баъзе нишонаҳои иқтисоди бозории

пайдо шуда барҳам дода шуданд. Шахсони аз ҳукумат норозӣ буда таъқиб карда мешуданд.

Тоталитаризм дар он кишварҳое, ки мақсади гузаронидани ислоҳотро надоштанд, пурзӯр гардид. Дар Албания, Булғория ва Руминия тоталитаризм шакли хосро дошт. Аз ҷумла, дар Албания тамоми динҳо мамнӯъ эълон карда шуданд. Парастиши шахсияти роҳбарони ин кишварҳо авҷ гирифт: Анвар Хоҷа дар Албания, Николай Чаушеску дар Руминия ва ғайра.



Прага, августи соли 1968

***Моҳи августи соли 1968 дар шаҳри Прагаи Чехословакия чӣ воқеа рӯй дода буд?***



А.Дубчек (аз рост) ва Л.Свобода

***Александр Дубчек (1921-1993) аз соли 1925 ҳамроҳи падару модараш, ки коммунист буданд, дар Иттиҳоди Шӯравӣ зиндагӣ кардааст. Иштирокчии шӯриши миллии Словакия буд, ки ба мақсади сарнагун кардани ҳукумати дастнишондаи Олмон сар зада буд. Аз соли 1949 дар дастгоҳи роҳбарии ҳизбии Словакия кор кардааст. Солҳои 1968-1969 котиби якуми КМ ҲКЧ буд. Соли 1971 бо қарори пленуми КМ ҲКЧ аз сафҳаи ҳизб хориҷ гардид. Солҳои 1970 то 1981 дар хоҷагии ҷангали Братислава кор кардааст. Аз соли 1989 А.Дубчек раиси Маҷлиси Федералии ҶЧС буд. Дар садамаи автомобилӣ ҳалок гардидааст.***

*Аз изҳороти ТАСС (Телеграфное Агенство Советского Союза-Агентии Телеграфии Иттиҳоди Шӯравӣ)*

*ТАСС вазифадор аст, изҳор намояд, ки ходимони ҳизбию давлатии Ҷумҳурии Сотсиалистии Чехословакия ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар кишварҳои иттифоқчӣ дар бораи кӯмаки фаврӣ, аз ҷумла ёрии низомӣ ба халқи бародари Чехословакия муроҷиат кардаанд…*

*Қисмҳои низомии шӯравӣ ҳамроҳ бо қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои иттифоқчии мазкур 21 август ба ҳудуди Чехословакия ворид гаштанд. Пас аз байн рафтани хавфу хатар ба дастовардҳои сотсиализм дар Чехословакия қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои сотсиалистии иттифоқчӣ дар сурате, ки ҳукумати қонунӣ зарурати дар оянда боқӣ мондани ин қувваҳоро лозим надонад, фавран аз Ҷумҳурии Сотсиалистии Чехословакия бароварда мешаванд.*

***1. Ба назари шумо, зарурати ёрии сарбозони шӯравӣ дар чист?***
***2. Суратгир бо ин расмаш чиро ифода кардан мехоҳад?***



Сарбозони шӯравӣ дар ҳосилғундорӣ ба деҳқонони чех ёрӣ медиҳанд.

***Аз номаи Н.Ғребаневская - иштирокчии нахустин намоиши эътирозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, зери шиори «Аз Чехословакия даст кашед!» (25 августи соли 1968, Москва, Майдони сурх)***

*... Садои ҳуштак баланд гашта, аз тамоми атрофи майдон коркунони хадамоти бехатарӣ дар либоси граждани ба сӯи мо давиданд. Онҳо мунтазири ташрифи ҳайати вакилони Чехословакия ба Кремл буданд ва дар ин ҷо навбатдорӣ мекарданд...*

*Мо ором нишаста, муковимат намекардем. Сару рӯи Виктор Фейнбергро хуншор карда, дандонҳояшро шикастанд. Павел Литвиновро калтаккӯб карданд. Аз дасти ман парчами Чехословакияро ба зӯрӣ кашида гирифтанд ва онро шикастанд. Онҳо ба сари мо дод мезаданд: «Пароканда шавед, бевиҷдонҳои ватанфурӯш!». Аммо мо аз ҷой нахестем. Пас аз чанд дақиқа мошинҳо омаданд. Ғайр аз ман дигар ҳамаро ба даруни мошинҳо тела доданд. Ман, ки ҳамроҳи писари семоҳаам будам, дар ҷойи назаррас боз қариб 10 дақиқаи дигар нишастам. Дар мошин маро лату кӯб карданд...*

*Аз китоби "Россия, которую мы не знали", 1939 - 1993. - Челябинск, 1995. - С.236.*

?!

***1. Сабабҳои асосии бӯҳрон дар мамлакатҳои сотсиалистӣ чӣ буд?***
***2. Чаро дар солҳои 60-ум сиёсати ҳизбҳои коммунистӣ тағйир ёфт?***
***3. Чаро нишонаҳои тоталитаризм дар ин кишварҳо дар солҳои 60-70-ум қувват гирифт?***
***4. Сотсиализми тоталитарӣ бо чӣ анҷомид?***

***Мутобиқати дурусти падидаҳои таърихӣ ва санаи ба амал омадани онҳоро ёбед.***

| Намоишҳои эътирозӣ | № | Сана |
|---|---|---|
| 1. Эътирозҳо ва корпартоиҳо дар ҶДО ва Полша | | 1. 1980 |
| 2. Шӯриши халқӣ дар Венгрия | | 2. 1953 |
| 3. «Баҳори Прага» дар Чехословакия | | 3. 1956 |
| 4. Намоишҳои оммавӣ ва ҷорӣ намудани вазъияти низомӣ дар Полша | | 4. 1968 |

# §14. Ҷумҳурии Куба: аз диктатураи генерал Батиста то Фидел Кастро

*1. Сабаби тараққиёти босуръати иқтисоди Куба дар солҳои баъд аз ҷанг чист?*
*2. Сирри пирӯзии инқилобчиён кадом аст?*
*3. Ҳукумати инқилобӣ чӣ гунаислоҳоти иқтисодиву иҷтимоиро амалӣ сохт?*

**Тараккиёти иқтисодии Куба баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон.** Дар солҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон талабот ба маҳсулоти кишоварзии мамлакатҳои Америкои Лотинӣ афзуд. Дурӣ аз саҳнаҳои ҷанг, фаровонии боигариҳои табиӣ, муҳоҷирати коргарони баландихтисосро ба ин мамлакатҳо афзоиш дода буд. Албатта, Куба ҳам истисно набуд.

Дар давоми ҷанг ва солҳои аввали баъдиҷангӣ иқтисоди Куба қадамҳои устуворе ба пеш гузошт. Зеро талабот ба молҳои содиротии Куба – қанд ва тамоку афзуд. Дар солҳои 1947-1958 назар ба солҳои 1941 – 1946 истеҳсоли солонаи қанд беш аз 25 фоиз афзуд.

Ҳамзамон вобастагии иқтисодии Куба аз ИМА низ меафзуд. Агар соли 1946 сармояи ИМА 553 млн. долларро ташкил дода бошад, пас соли 1958 ба 686 млн. доллар расид.

Ҳукумати Грау Сан Мартин бо баҳонаи мубориза ба муқобили «таҳдиди коммунизм» таъқибу фишорро ба муқобили ташкилотҳои демократӣ пурзӯр кард. Ин сиёсат баръакс, обрӯи нерӯҳои мӯътадил ва демократиро зиёд мекард.

*«... дар он (табаддулот) ҳеҷ чизи ғайриоддӣ набуд. Ғайриоддӣ даъвои судие буд, ки баъд аз табаддулот аз ҷониби адвокати ҷавон ба суди Гавана ворид шуда буд. Вай қатъиян талаб мекард, ки шаҳрванд Фулхенсио Батиста барои ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ ба масъулияти ҷиноӣ кашида шавад. Кодекси дифои ҷамъиятӣ ҷазои умумиро барои чунин ҷиноят 64 сол ҳабс муайян мекард. Вай изҳор кард: «Мантиқан, агар суд вуҷуд дошта бошад, Батиста бояд ҷазо гирад. Ва агар Батиста маҳкум нашавад ва роҳбари давлат, президент, сарвазир, сенатор, генерал, низомӣ ва роҳбари мулкӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти қонунгузор соҳиби зиндагӣ ва дороӣ боқӣ монанд, пас адолати судӣ вуҷуд надорад.*

*Агар ҳамин хел бошад, дар ин бора кушоду равшан гӯед... мантияҳоро кашед ва ба истеъфо равед» - талаб намуд адвокат... Ин адвокат Фидел Кастрои 25-сола буд.*

*Аз китоби Гайдар Г.А. "Грозы на юге. Репортажи о революции". - М., 1984. - С. 23-24.*



С. Батиста бо аҳли оилааш

***Аз расм дар бораи Батиста ва оилааш чӣ гуна тасаввурот пайдо мешавад?***

Солҳои хукмронии Батиста давраи «гул-гул шукуфоӣ» барои монополияҳои амрикоӣ ва помешикон буд.

Қашшоқӣ, бекорӣ, худсарии помешикон, куштор ва ҷабру зулми одамон боиси норозигии мардуми Куба шуда буд.

**Ибтидои муборизаи мусаллаҳона.** 26 июли соли 1953 гурӯҳи 150-нафараи ҷавонони ватанпараст бо роҳбарии Фидел Кастро ба хобгоҳи низомиёни Монкада дар шаҳри Сантяго де Куба ҳуҷум оварданд. Дар ҷараёни задухӯрд бо аскарони хукумат қисми зиёди ҳуҷумкунандагон кушта шуданд. Дастгиршудагон ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Ф. Кастро дар маҷлиси судӣ баромад карда, гуфт: «Агар президент ҷинояткор ва роҳзан бошад, одамони бовиҷдон ё бояд кушта шаванд ва ё бояд дар ҳабс бошанд. Шумо метавонед, маро маҳкум кунед! Ин аҳамият надорад. Таърих манро ҳақ мебарорад».

Воқеаҳои 26 июли соли 1953 ба муборизаи мусаллаҳона бар зидди диктатура ибтидо гузошт. Дере нагузашта, Батиста дар зери фишори афкори ҷомеа Ф. Кастро ва рафиқонашро авф кард. Онҳо ба Мексика муҳоҷират карда, дар он ҷо ташкилоти инқилобии «Ҳаракати 26 июл»-ро таъсис доданд.

***Фидел Кастро соли 1926 дар маҳаллаи Бирони Куба таваллуд ёфтааст. Баъди хатми факултаи ҳуқуқшиносии Донишоҳи Гавана соли 1950 ҳамчун адвокат ба кор оғоз кард. Иштирокчии фаъоли ҳаракатҳои инқилобӣ дар солҳои донишҷӯӣ ва баъд роҳбари ҳаракати партизанӣ буд.***

***Аз феврали соли 1959 роҳбари Куба буд.***



Ҳамзамон дар Куба, дар шароити пинҳонӣ Ҳизби халқӣ-сотсиалистӣ (Ҳизби коммунистии Куба, ки соли 1925 ташкил шудааст, соли 1944 номи халқӣ-сотсиалистиро гирифта буд) ва ташкилотҳои донишҷӯён фаъолият мекарданд. Буржуазияи хурду миёна низ,

ки аз нуфузи монополияҳои америкоӣ ва пахш кардани ҳаракатҳои оппозитсионӣ норозӣ буданд, ба муқобили низоми диктаторӣ мубориза мебурданд.

2 декабри соли 1956 дастаи 82-нафараи Ф. Кастро ба соҳилҳои Куба расид, вале низомиёни Батиста онро торумор карданд. Танҳо 22 нафари онҳо, ки Ф. Кастро, бародараш Раул Кастро ва Че Гевараи аргентинӣ дар байни онҳо буданд, дар кӯҳҳои Сера Маэстро пинҳон шуданд.

Ҳамин гурӯҳи шуҷоъ ҳастаи Артиши инқилобӣ гардид. Оҳиста-оҳиста деҳқонону муздурҳо ба онҳо ҳамроҳ мешуданд. Минтақаи ҷанги партизанӣ васеъ мешуд.

Дере нагузашта, дастаҳои инқилобӣ дар тамоми ҷабҳаҳо ба ҳуҷум гузаштанд. Дар мамлакат корпартоии умумисиёсӣ сар шуд. 2 январи соли 1959 Артиши инқилобӣ ба Гавана дохил гардид.

Дар Гавана Ҳукумати муваққатии инқилобӣ ташкил шуд, ки қонуни асосии соли 1940-ро барқарор карда, маҳбусони сиёсиро озод намуд. Ф. Кастро дар вазифаи фармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳ боқӣ монд.

Сипас байни ҳукумат, ки аксаран аз намояндагони табақаи буржуазия иборат буд ва фармондеҳии артиш низоъ ба вуҷуд омад. Сабаби низоъ ин буд, ки ҳукуматдорон бо барқарор намудани озодиҳои буржуазӣ маҳдуд мешуданд. Вале Артиши инқилобӣ бошад, даъват мекард, ки ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида шавад. Низоъ бо он хатм гардид, ки дар моҳи феврали соли 1959 Ф. Кастро роҳбари ҳукумати инқилобӣ гардид.

Дар асоси қонун ислоҳоти аграрӣ гузаронида шуд ва ҳокимияти латифундистон пурра барҳам дода шуд. Латифундияҳо ба хоҷагиҳои давлатӣ ва кооперативӣ табдил дода шуданд.

***Че Гевара Эрнесто (1928 - 1967) иштирокчии фаъоли ҳаракати инқилобӣ дар Куба. Дар ибтидои солҳои 50 ба ташкилоти Ф. Кастро дохил шуда, яке аз наздиктарин ҳамсафони ӯ гардид. Баъд аз инқилоб вазифаи вазириро дар ҳукумати инқилобӣ соҳиб шуд. Аммо тарафдори ғояи инқилоби умумиамрикоӣ буд. Соли 1965 ба ҷангалҳои Боливия рафт, то шӯриши деҳқононро бархезонад, вале соли 1967 дастгир ва парронда шуд. Қабри вай соли 1997 ёфт шуд.***



Дар назди танк Э. Че Гевара. Декабри соли 1958

*Ба фикри шумо, партизанҳо аз куҷо танк мегирифтанд?*

Ҳукумат як қатор ислоҳоти иҷтимоӣ гузаронд: маоши коргарон ва хизматчиёнро зиёд карда, андозҳо ва ҳаққи пардохт барои хизматрасонии коммуналӣ ва манзилро кам кард. 300 ҳазор ихтиёриён ба маҳви бесаводӣ оғоз карданд.

16 апрели соли 1961 Ф. Кастро дар митинг, дар шаҳри Гавана хислати сотсиалистии инқилоби Кубаро эълон кард. Гузариш ба сохтмони асосҳои сотсиализм дар шароити хатари рӯзафзуни ҳуҷуми Амрико оғоз шуд.



Кӯдакони Куба бо Фидел Кастро «барбудос» бозӣ мекунанд.

*1. Чаро партизанҳоро «барбудос» мегуфтанд?*
*2. «Барбудос» чӣ гуна бозист?*

ИМА қасд дошт, ки инқилоби Кубаро бугӣ кунад. 1,5 ҳазор зиддиинқилобчиёни кубагӣ, бо роҳбарии мушовирони америкоӣ, 17 апрели соли 1961 ба Плая Хирони Куба ворид шуданд. Ин даста дар зарфи камтар аз 3 рӯз торумор карда шуд. Аммо ИМА аз нақшаи худ даст накашид. Таҳдиди таҷовуз вуҷуд дошт, Куба дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дода шуд. Дар ин шароит бо хоҳиши Куба Иттиҳоди Шӯравӣ мушакҳои дорои яроқи ядроии худро дар Куба ҷойгир кард. Ин амал вазъиятро боз ҳам пуршиддаттар намуд. 22 октябри соли 1962 ИМА Кубаро ба муҳосира гирифт. Хатари сар задани ҷанги ҳастаӣ хеле зиёд шуда буд. Хушбахтона, аз тариқи гуфтушунидҳо ин бӯҳрон рафъ шуд. Иттиҳоди Шӯравӣ ракетаҳояшро аз Куба хориҷ кард. ИМА дар ҷавоб ваъда дод, ки ба Куба дигар ҳамла намекунад. Аммо фаъолияти зиддиинқилоб-

чиён, ки аз тарафи ИМА дастгирӣ мешуданд, минбаъд ҳам хотима наёфт.

Дар Куба раванди ташкили ҳизби марксистӣ-ленинӣ идома дошт. Соли 1961 3 ташкилоти инқилобӣ муттаҳид шуданд. Ин иттиҳод соли 1965 номи Ҳизби коммунистии Кубаро гирифт. Котиби аввали Комитети марказии он Фидел Кастро интихоб шуд.

Дар солҳои 60-ум бахши сотсиалистӣ дар иқтисоди Куба мустаҳкам шуд. Органи олии ҳокимияти давлатӣ Ассамблеяи миллӣ мебошад. Дар байни маҷлисҳои он вазифаи онро Шӯрои давлатӣ иҷро мекунад. Раиси Шӯрои давлатӣ, шӯрои вазирон, Котиби аввали КМ Ҳизби коммунистии Куба Фидел Кастро мебошад.

***Аз хотироти шоҳиди воқеаҳо дар Плайя Хирон***

*Акнун кӯшиш мекунам, дар бораи задухӯрд дар Плайя Хирон нақл кунам. Аслан, ҷангҳо ҳам дар Плайя Хирон ва ҳам дар Плайя Парга ва тамоми минтақаҳои қисмати ҷанубу шарқии халиҷи Кочинос идома доштанд. Вале маҳз дар Плайя Хирон душман муҳосира ва пурра несту нобуд карда шуд. Дар бораи тамоми ҷанг ман чизе гуфтанӣ нестам. Агар бо меъёрҳои оддии ба мо маълум андоза кунем, муддати 72 соат аз рӯи миқдори қувваҳои иштироккунанда чандон калон нест. Вале он дар ҳақиқат аҳамияти таърихӣ дошт ва на фақат барои Куба. Чуноне ки Фидел Кастро гуфт, ин аввалин шикасти низомии ИМА дар Америкаи Лотинӣ, буд, ки он ҷо то ҳозир чӣ тавре ки мехостанд, ҳамон хел фармонфармоӣ мекарданд.*

*Аз китоби Гайдар Т.А. "Грозы на юге. Репортажи о революции". – М., 1984. - С. 43.*

***1. Ба фикри шумо, сабаби муваффақияти инқилобчиён дар чист?***
***2. Оё дар ҳақиқат Америко дар муқобили Куба оҷиз аст? Сабабаш чист? Фикратонро шарҳ диҳед.***

?!

***1. Сармояи хориҷӣ дар иқтисоди Куба дар солҳои 40 - 50-ум чӣ гуна нақш бозидааст?***
***3. Кадом шароитҳо ба ғалабаи инқилобчиён бо роҳбарии Ф. Кастро мусоидат намуданд?***
***4. Чаро кӯшишҳои зиддиинқилобчиёни Куба ва ИМА барои сарнагун кардани Ф. Кастро самара намедиҳад? Фикратонро баён намоед.***
***5. Ҳукумати инқилобии Куба чӣ гуна ислоҳотро татбиқ намуд?***

# Боби III. Ҷаҳони Ғарб: таҳкими «якдилии атлантикӣ»

## §15. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико: талош ба хотири сарварии ҷаҳон

1. ***Вазъи ИМА дар охири Ҷанги дуввуми ҷаҳон чӣ гуна буд?***
2. ***Омили худхоҳии ИМА ва «ба дӯши худ гирифтани масъулияти ҷаҳон» дар чӣ буд?***
3. ***Сиёсати дохилии ҳукуматҳои ИМА аз сиёсати хориҷиашон чӣ фарқ дошт?***

**Натиҷаҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон барои ИМА**. ИМА баъд аз ҷанг як кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ ва низомию сиёсӣ пурқудрати ҷаҳони капиталистӣ буд. Ҷанг ба ин давлат назар ба давлатҳои Аврупо хеле кам талафот расонид.

***Ба ин рақамҳо диққат диҳед:***

*Шумораи талафоти ҷангии ИМА дар 4 соли ҷанг – 300 ҳаз. наф.; талафоти бевоситаи моддӣ – 1,2 млрд. доллар ё 0,4% талафоти умумии тамоми мамлакатҳо; афзоиши истеҳсолоти саноатӣ – 2 баробар; ҳисса дар истеҳсолоти саноатии ҷаҳон – 54%; даромади софи соҳибкорон – 47 млрд. доллар; қарзи дигар кишварҳо аз ИМА – 41 млрд. доллар; захираҳои тиллои ҷаҳонӣ дар ИМА – 65%; базаҳои ҳарбии ИМА дар кишварҳои дигар – 500-то.*

***Рақамҳои болоро бо диққат таҳлил кунед ва кӯшиш намоед, ки тағйиротро дар ҳаёти ИМА муайян созед.***

Президенти ИМА Г. Трумэн (1945 – 1952), ки 12 апрели соли 1945, баъд аз марги Ф. Рузвелт ин мақомро соҳиб шуд, изҳор кард, ки ИМА масъулияти ҷаҳонро ба дӯши худ мегирад.

Тараққиёти тиҷорати аслиҳаи низомии Амрико ва оғози «мусобиқаи мусаллаҳшавӣ» ба ташкили комплекси (маҷмаи) низомию саноатӣ (МНС) оварда расонид.

Ин иттиҳоди гурӯҳҳои гуногуни табақоти ҳокими ИМА буд, ки ба тавсеаи муттасили хароҷоти низомии давлат ва гирифтани даромад манфиатдор буданд.

*Маҷмаи низомию саноатӣ (МНС) – иттиҳодияи корхонаҳои саноатӣ ва як қисми дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки таҷҳизоти ҳарбӣ истеҳсол карда, барномаҳои сохтмони қувваҳои мусаллаҳ ва системаҳои яроқҳои навро таҳия ва амалӣ мекунад.*

МНС ба «давлат дар дохили давлат» табдил ёфта буд. Вай дар иқтисодиёти Амрико нақши калон мебозид. Зеро воситаҳои зиёде, ки дар ихтиёри худ дошт, унсури муҳими механизми танзими давлатии иқтисод ҳисоб мешуд.

Ҳастаи асосии МНС-ро иттиҳодияҳои бузурги ҳарбию сиёсӣ, паймонкорони асосии Пентагон ташкил медоданд, ки инҳисори (монополияи) истеҳсоли ярокро дар даст доранд.



Орзуи ҳар як шаҳрванди амрикоӣ ташкили оила ва зиндагӣ дар хонаи берун аз шаҳр буд

***Оё заминаҳо барои ташкили чунин зиндагӣ мавҷуд буданд?***

**Нақши либерализм дар ҳаёти сиёсии ИМА.** Пас аз хатми ҷанг мардуми Амрико интизориҳои зиёд дошт. Пеш аз ҳама, дигаргуниҳои муҳими иҷтимоию иқтисодиеро мехостанд, ки сатҳи зиндагии баланди мардумро таъмин намояд. Бинобар ин, «роҳи нав»-и Ф. Рузвелт баъди марги ӯ на танҳо барҳам нахӯрд, балки тараққӣ кард. Вай ба идеологияи қувваҳои пешқадами ҷомеаи амрикоӣ табдил шуд.

Моҳияти ин идеология иборат буд аз ислоҳоти ҷомеаи мавҷуда бар асоси:

– ташкили системаи ягонаи умумидавлатии таъминоти иҷтимоӣ;

– густариши демократия дар ҳама соҳа, гузаронидани раъйпурсӣ, бозхости вакилон;

– барқарор намудани намояндагии баробари мардону занон ва миллату нажодҳои гуногун дар сохторҳои давлатӣ ва аҳзоби сиёсӣ;

– азнавтақсимкунии даромади миллӣ, аз тариқи андозҳо бо мақсади афзоиши харoҷот барои сохтори хизматрасонии тиббӣ, манзилҳои арзон, кӯмакпулии оилаҳои камбизоат ва кӯдакон, хӯроки субҳона ва наҳории бепул дар мактабҳо, баланд бардоштани сатҳи маълумоти миёнаи бепул ва ғайра.

Либерализм бештар ба сиёсати ҳизби демократии Амрико хос аст.

Рақиби асосии либерализм дар ҳаёти сиёсии ИМА таълимоти муҳофизакорон (консерватизм) буд, ки дар идеология ва сиёсати Ҳизби ҷумҳурихоҳон инъикос ёфта буд.

**Сиёсати дохилии президент Г. Трумэн (1945 – 1952).** Президент Г. Трумэн дар сиёсати дохилии худ роҳи Ф. Рузвелтро давом дода,

дар ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз он ҳам пеш гузашт. Дар муқобили «роҳи нав»-и Ф. Рузвелт барномаи Г. Трумэн «роҳи одилона» ном гирифт. Дар натиҷаи амалӣ намудани ин сиёсат ба таври қонунӣ ҳадди ақали маош зиёд карда шуд, ҳаҷми кӯмакпулӣ ва суғурта, ки аз тарафи давлат пардохта мешуд, афзоиш ёфт. Ба таври иловагӣ 10 млн. нафар, ки пеш нафақа намегирифтанд, ба системаи таъминоти нафақа дохил карда шуданд. Махсусан, сохтмони манзили исти-қоматӣ ривоҷ ёфт. Дар чанд сол 800 ҳазор манзили нав барои камбизоатон сохта шуд.



Президент Гарри Трумэн хабари бардурӯғи мағлубияташро дар интихоботи соли 1948 нишон медиҳад.

***Дар бораи нақши воситаҳои ахбори умум дар Амрико чӣ гуфта метавонед?***

Ҳар як оилаи амрикоӣ имконият пайдо кард, ки мошин, яхдон, мошини ҷомашӯӣ харад. Низоми додани молҳо ба шакли қарзи барои тараққиёти соҳаи тиҷорат мусоидат намуд. Ин дар навбати худ рушди истеҳсоли молҳои сермасрафро таъмин намуд. Дар ИМА телевизор пайдо шуд, ки то ҳол дар ягон ҷойи дунё набуд. Ба таври оммавӣ телефоникунонии хонаҳо оғоз ёфт.

Дипломатияи амрикоӣ, баъди истифодаи яроқи ҳастаӣ дар Япония (августи 1945), «дипломатияи ҳастаӣ» номида шуд, ки асоси онро иғвоандозӣ ва зӯргӯӣ таш-кил медод.

Аммо пирӯзии инқилоб дар Хитой ва ташкили ҶХХ дар соли 1949 ба стратегияи ИМА зарбаи сахт ворид кард.



Сенатор Ҷ. Маккартни (1908 - 1957)

Авҷи баланди сиёсати «мудохилаи»-и ИМА ҷанги Корея буд. Дар он Амрико 142 ҳазор қурбонӣ дод, ки ба нисфи талафоти ҷонии мамлакат дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ баробар буд.

Ниҳоят, озмоиши бомбаи ҳастаии шӯравӣ дар соли 1949 нақшаҳои амрикоии «сиёсат аз мавқеи зӯрӣ»-ро барбод дод. Вале нокомӣ дар ҷанги Корея ва

озмоиши бомбаи ҳастаии шӯравӣ сиё-сати Амрикоро мулоимтар накард, балки «ҳизби ҷанг»-ро ҳамчун қувваи асосии сиё-сӣ ба майдон овард. Ғалабаи Эйзенхауэр – собиқ фармондеҳи қувваҳои муттаҳидаи ИМА ва Англия дар Аврупо ва фармондеҳи кулли қувваҳои ҳарбии НАТО дар интихоботи президентии соли 1952 натиҷаи афзоиши таъсири низомиён буд.




Ғалабаи Д. Эйзенхауэр дар интихоботи соли 1952

***Ба фикри шумо, суратгир кадом лаҳзаро аксбардорӣ намудааст? Дар паҳлӯи Эйзенхауэр кӣ метавонад бошад?***

Солҳои 1953 – 1961, ки ҷумҳурихоҳон бо роҳбарии Д. Эйзенхауэр дар сари қудрат буданд, муборизаро ба муқобили «ғайрандешон» пурзӯр намуд. Ин маъракаро сенатори ҷумхурихоҳ – Маккартни (1908 – 1957) роҳбарӣ мекард ва он бо номи «маккартизм» маълум аст. Дар сенат комиссия оид ба тафтиши фаъолияти зиддиамрикоӣ ташкил карда шуд. Ин комиссия Қонуни асосии Амрикоро вайрон карда, ба таъқиби шахсони равшанфикру озодандеш иҷозат дод. Барои онҳо ҳукми ҳабс ва зиндон мебаровард, ҷарима мекард, аз кор хориҷ мекард ва ғайра.

Сиёсати «мудохилоти» Г. Трумэн зери тозиёнаи танқиди муҳофизакорон гирифта шуд. Онҳо тамоми нокомиҳои Амрикоро нати-ҷаи ҳамин сиёсати «заиф ва дифоӣ»-и он медонистанд. Д. Эйзенхауэр доктринаи нав – «интиқоми шадид»-ро эълон кард ва «ҷанги сард»-ро боз ҳам шадидтар сохт. Доктринаи «интиқоми шадид» зарбаи пешгирандаи ҳастаиро дар муқобили нерӯи ҳастаии шӯравӣ дар назар дошт. Аммо марҳилаи осебнопазирии ИМА 20 августи соли 1953 ба охир расид. Дар ин рӯз дар Иттиҳоди Шӯравӣ озмоиши бомбаи водородии иқтидораш бузург анҷом пазируфт. Моҳи августи соли 1957 бошад, дар Иттиҳоди Шӯравӣ озмоиши мушакҳои баллистикии байниқитъавӣ, ки дарозии парвозашон беш аз 10 ҳазор км. буд, гузаронида шуд. Акнун мушакҳо метавонистанд, бомбаи водородиро ба тамоми нуқтаҳои Амрико расонанд.

Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам таблиғоти зиддиамрикоиро вусъат дод. Нуқтаи баланди ин маъракаи нобоварӣ сарнагун сохтани самолёти ҷосусии У-2 Амрико буд. Вай 1 майи соли 1960 дар фазои Иттиҳоди Шӯравӣ зада афтонида шуд.

***Аз мақолаи таърихшиноси Олмони Ғарбӣ Б. Грайнер***

*Дар Вашингтон гурӯҳе буд, ки барои онҳо тамоман фарқ надошт, ки ИҶШС ва Сталин чӣ кор мекунанд. Инҳо таҳиягарони нақшаҳои ҳарбӣ буданд. Аллакай тобистони соли 1945 онҳо душмани худро нағз медонистанд ва ба таври мунтазам нақшаҳои ҳарбӣ мекашиданд. Масалан, соли 1948 – 1949 чунин ҳисоб карда буданд, ки бо нобуд сохтани 70 шаҳр ва марказҳои саноатии шӯравӣ тавассути бомбаҳои атомӣ имкони аз байн бурдани Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дорад. Тамоми ҷузъиёти ин нақша ба таври хеле амиқ навишта шуда буд: 1947 иншоот мавриди ҳамла қарор мегирифт, дар давоми сӣ рӯз мебоист 27 млн. нафар кушта ва захмӣ мегардид.*

*Дар моҳи марти соли 1954 фармондеҳии нерӯҳои стратегии ҳарбӣ-ҳавоӣ худро дар авҷи иқтидор медид. Вай нақша дошт, дар сурати зарурат аз тамоми тарафҳои ҷаҳон ба Иттиҳоди Шӯравӣ 750 бомбаи атомӣ фурӯ резад ва дар зарфи ду соат онро ба «харобаи дудкунандаи радиоактивӣ» табдил диҳад. Ёдовар мешавем, ки аз рӯи ин нақша ИМА ҳеҷ зараре намедиданд.*

*Аз китоби "Страницы истории советского общества: Факты, проблемы, люди". - М., 1989. - С. 730.*

**1. Оё хатари воқеии ҳамлаи ҳастаӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дошт?**

*** 2. Оқибати эҳтимолии партофтани 750 бомбаи ҳастаиро бо зарари ду бомба дар Хиросима ва Нагасаки муқоиса кунед.**

**3. Ба фикри шумо, чӣ чиз амрикоиҳоро аз ҳуҷум бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ боздоштааст?**

**?!**

**1. Кадом омилҳо тараққиёти босуръати саноати ИМА-ро дар солҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон таъмин карданд?**

**2. Мафҳуми МНС-ро чӣ гуна мефаҳмед?**

**3. Нишонаҳои асосии идеологияи либерализм ва консерватизмро номбар кунед?**

**4. Маккартизм чист ва он ба анъанаҳои демократии ИМА чӣ гуна таъсир расонд?**

**5. Заминаҳои тағйирот дар сиёсати дохилии ИМА, ки боиси зуҳури маккартизм гардид, аз чӣ иборатанд?**

**6. Низоъҳои минтақавӣ ва ҷангҳоеро номбар кунед, ки баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар онҳо қувваҳои мусаллаҳи ИМА иштирок кардаанд.**
**Натиҷаи ин ҷангҳо барои ИМА чӣ будааст? Хулоса бароред.**

# § 16. ИМА дар солҳои 60-ум ва 70-ум: ҳаракатҳо барои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ

1. *Сиёсати дохилию хориҷии ИМА дар солҳои 60-ум дар кадом самт амалӣ гардид?*
2. *Сиёсати дохилии Амрико аз сиёсати хориҷиаш чӣ фарқ дошт?*
3. *Ҳаракатҳои иҷтимоӣ ба ташаккули ҷомеаи демократӣ чи таъсир гузошт?*

**Ҷон Кеннеди ва кӯшиши гузаронидани ислоҳот.** Ҳукумати 8-солаи президент Д. Эйзенхауер бо вуҷуди он ки давраи "ризоияти муҳофизакорӣ"-и ҷумҳурихоҳон ва демократҳо номида шудааст, мушкилиҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ ва нажодиро ба бор овард. Сиёсати Амрико ба ислоҳот ва навоварӣ зарурат дошт. Бо назардошти ин интизориҳо дар интихоботи соли 1960 номзади демократҳо - Ҷон Кеннедии 43-сола голиб баромад.

Асоси барномаи иҷтимоию иқтисодии хукумати Кеннедиро тафаккури ҳавасмандгардонии суръати тараққиёти иқтисодӣ бо роҳи афзоиши хароҷот барои густариши бозори дохилӣ ташкил медод. Дар чорчубаи ин барнома Ҷ. Кеннеди пешниҳод кард, ки ҳадди аққали маош ва мӯҳлати пардохтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ зиёд карда шавад. Инчунин сохтмони манзил васеъ ва системаи маориф, тандурустӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси коргарӣ беҳтар гардонида шавад.

Дар сиёсати хориҷии худ Ҷ. Кеннеди роҳи муқобилият бо ҷаҳони сотсиализмро давом дод. Аз ҷумла, вай нақшаи қаблан тайёршудаи ба Куба фиристодани зиддиинқилобиёнро тасдиқ кард. Дар айни замон Кеннеди дар ҳалли осоиштаи бӯҳрони баҳри Кариб дар соли 1962 нақши калон бозид.



***Кеннеди Ҷон (1917 – 1963) – президенти 35-уми ИМА (1961 – 1963) аз ҳизби демократӣ: як қатор чораҳои муваффақиятомезро ба хотири рушди иқтисод амалӣ намуд. Дар Даллас 22 ноябри соли 1963 кушта шуд. Комиссияи тафтишот ба чунин хулоса омад, ки ӯро Ли Хурви Освалд куштааст. Баъди чанд рӯз Освелд аз тарафи Ҷек Руби кушта шуд.***

Баъди кушта шудани Кеннеди ноиби президент – Л. Ҷонсон президенти ИМА гардид.

***Линдон Ҷонсон (1908 – 1973) – президенти 36-уми ИМА (1963 – 1969) аз ҳизби демократӣ, сарватманди бузурги соҳаи саноати нафт аз Техас буд. Дар давраи президентии ӯ таҷовуз ба муқобили Ветнам сар шуд.***

Президенти нав сиёсати Кеннедиро давом дод. Барномаи ӯ "Ҷомеаи бузург" ном гирифт. Л. Ҷонсон эълон кард, ки "ба қашшоқӣ ва беадолатии нажодӣ" хотима медиҳад.

Ҳукумат барои рушди тамоми зинаҳои маориф, сохтмони манзили арзон, васеъ намудани шабакаи омӯзиши касбии ҷавонон кӯмаки зиёди пулӣ расонд.

**Ҳаракатҳо барои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ.** Дар солҳои 60-ум аҳолии сиёҳпӯсти шаҳрҳо бо суръат меафзуд. Табақабандии иҷтимоии аҳолӣ ба сарватманду камбағалон шиддати бештар гирифт.

Масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқи амрикоиёни сиёҳпӯст ва испанизабонон тезутунд гардид. Фоизи бекорон дар байни онҳо назар ба сафедпӯстон 2-3 баробар зиёдтар буд.

Муборизаи амрикоиҳои сиёҳпӯст барои баробарӣ дар миёнаҳои солҳои 60-ум ба авҷи аълои худ расид. Сиёҳпӯстон бештар роҳи амали осоиштаро пеш мегирифтанд.

Онҳо чунин намоишҳоро тез-тез ташкил медоданд. Калонтарини онҳо "Ҳаракат ба Вашингтон" буда, соли 1963 рӯй дода буд.

Зиёда аз 200 ҳазор мардум бо мақсади таъмини баробарии умум дар пойтахти кишвар ҷамъ омаданд. Нуқтаи баландтарини сурудхониҳо ва нутқҳои ҳамон рӯз суханронӣ ва муроҷиатномаи Мартин Лютер Кинг буд: "Ман орзу дорам, ки рӯзе мерасад, то писарони ғуломони собиқ ва писарони ғуломдорони собиқ метавонанд дар сари теппаҳои Ҷорҷия якҷоя дар атрофи мизи бародарӣ нишинанд".

Кеннеди ба Конгресс лоиҳаи Қонуни нави ҳуқуқҳои шаҳрвандиро фиристода буд. Дар он барои ҳама мардум, новобаста аз нажод, дастрас будани ҷойҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ шуда буд. Бо вуҷуди ин, ҳатто "Ҳаракат ба Вашингтон" ҳам натавонист пешниҳодро аз кумитаи Конгресс берун барорад, ки дар он ҷо то рӯзи ба қатл расидани Кеннеди дармонда буд.

Обрӯи рӯҳонӣ Мартин Лютер Кинг – пешво ва тарғиботчии роҳи муборизаи бидуни зӯроварӣ (осоишта) ба муқобили нажодпарастӣ меафзуд.

***Ман шаҳрвандони сафедпӯсти Амрикоро даъват мекунам, ки бовиҷдон бошанд... Ё ҳақ будани нажодпарастиро эътироф карда, дар қонунҳои худ нависанд, ки сиёҳпӯстон инсон нестанд, ё ҳаққонияти моро эътироф карда, муборизаи моро дастгирӣ намоянд.***

***Мартин Лютер Кинг***

Моҳи октябри соли 1964 Мартин Лютер Кинг ба мукофоти Нобелии сулҳ сазовор дониста шуд. Дар баробари афзудани шӯҳрати Кинг душманонаш ҳам зиёд мешуданд. Бюрои федералии тафтишот (БФТ) ӯро ҳамчун шахси барои амнияти давлат хатарнок медонист.

Баъзе тарафдоронаш ба хотири он ки ба муқобили ҷанг дар Ветнам даъват менамуд, аз ӯ рӯй гардониданд. Баъзеҳо ӯро таҳдид мекарданд. 4 апрели соли 1968 ӯ дар шаҳри Мемфис кушта шуд. Суд дар куштани Кинг як нафар маҳбуси аз зиндон гурехтаро айбдор кард.

Рӯзи дафни Кингро ҳукумати ИМА рӯзи мотам эълон кард. Рӯзи таваллуди ӯ рӯзи миллии Иёлоти Муттаҳида шинохта шудааст.



Мартин Лутер Кинг соли 1966 талабагонро ба мактаби миёнаи Гренадаи Миссисипи, ки дар он фақат сафедпустон таълим мегирифтанд, ҳамроҳӣ мекунад.

1. *Барои чӣ М. Л. Кинг талабагонро ҳамроҳӣ мекунад?*
2. *Ба сурат диққат диҳед ва гӯед, ки кадом хусусияти хоси Амрикои солҳои 60-ро мебинед?*

Амрикои солҳои 60-ум бо зуҳуроти ҳиппиҳо (“кӯдакон-гулҳо”) машҳур аст. Як гурӯҳ ҷавонон гояҳои падарони худро рад карда, меъёрҳои одоб ва фарҳангро ба эътибор намегирифтанд, “ба озодӣ, ба сӯи Исо ва табиат” бозмегаштанд. Ҳиппиҳо якҷоя, ба таври коммуна зиндагӣ мекарданд, ки ҳама чиз умумӣ буд. Онҳо тарафдори “муҳаббати озод” буданд, никоҳро рад мекарданд. Либосҳои ғайримуқаррарӣ, мӯйҳои дароз, нашъамандӣ ва ғайра нишонаҳои аслии онҳо буд.

Ҳукуматҳои Амрико дар ин солҳо маҷбур шуданд, чораҳои муҳиме андешанд ва парламент қонунҳое қабул кард, ки барои аз байн бурдани маҳдудиятҳои нажодӣ, таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ мусоидат намуданд.

Солҳои 1964 – 1965 қонунҳо дар бораи барҳам додани маҳдудиятро ҳангоми қабул ба кор, хизматрасонӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар

бораи ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботии амрикоиҳои сиёҳпӯст қабул шуданд. Ғайр аз ин, як қатор қонунҳо муносибатҳои меҳнатиро танзим менамуданд.

**Муносибатҳои байналхалқӣ.** Идораи демократхо – Ҷ. Кеннеди ва Л. Ҷонсон сиёсати "аксуламали нарм"-ро давом медод. Ин чунин маъно дошт, ки ба ҳама гуна хатари эҳтимолӣ аксуламал нишон бояд дод.

Дар давраи Ҷ. Кеннеди мусобиқаи таслиҳотӣ ба таври бесобиқа афзуд, захираҳои мушакҳои ҳастаӣ бо суръат афзоиш ёфт. Соли 1965 президент Л. Ҷонсон дар бораи бомбаборонкунии шаҳрҳои Ветнами Шимолӣ фармон баровард, ки иллати асосии мағлубияти демократҳо дар интихоботи президентии соли 1968 шуда буд.

Ричард Никсон (1913 – 1994) президенти 37-уми ИМА (1969 – 1974) аз ҳизби ҷумҳурихоҳон дар сиёсати иҷтимоии худ ба як қатор пешравиҳо ноил шуд.

Гардиши муҳиме дар муносибатхои Иттиҳоди Шӯравию Амрико ба вуқӯъ пайваст, ки на танҳо муносибатҳои ду давлатро беҳтар кард, балки фазои байналхалқиро тағйир дод. Дар интихоботи президентии соли 1972 Р. Никсон аз нав ғалаба кард.

Аммо раёсати дуввуми Р. Никсон дер давом накард. Ҷанҷоли сиёсие, ки бо номи "масъалаи Уотергейт" маълум аст, ба президентии ӯ хотима бахшид.

Президенти нави ИМА ноиби президент – Ҷералд Форд шуд.

Ҷералд Форд (соли таваллуд – 1913) президенти 38-уми ИМА (1974 – 1977) аз ҳизби ҷумҳурихоҳон, солҳои 1973 – 1974 ноиб-президенти ИМА буд. Вай хароҷоти буҷетро барои соҳаи иҷтимоӣ кам кард. Ин ақибравӣ аз усули сиёсати Р. Никсон буд.

Ҳизби ҷумҳурихоҳ таъсири худро аз даст медод ва ниҳоят ҷойи худро ба ҳизби демократӣ вогузошт.



Политсия автобусҳои талабагони сиёҳпӯстонро муҳофизат мекунад.

1. *Политсия чӣ гуна кӯдакони сиёҳпӯстро муҳофизат мекунад?*
2. *Аз ин расм дар бораи Америкои солҳои 60-70 чӣ гуна хулоса баровардан мумкин аст?*

Муборизи ҳуқуқи сиёҳпӯстони Амрико – Анҷела Дэвис ва "амаки Сэм" аз нигоҳи рассоми даниягӣ Биструп.



*1. Муаллифи карикатура чӣ гуфтан мехоҳад?*
*2. "Амаки Сэм" киро мегӯянд?*

***Аз баромади Мартин Лютер Кинг. 26 августи соли 1963***

*Ман он рӯзеро орзу мекунам, ки 4 фарзанди хурди ман дар мамлакате зиндагӣ хоҳанд кард, ки бо онҳо на аз рӯи ранги пӯсташон, балки аз рӯи хидматашон муносибат хоҳанд кард.*

*Бо ин боварӣ ман ба Ҷануб бармегардам. Бо боварӣ бар он ки аз кӯҳи ноумедӣ санги умед метарошем. Бо боварӣ бар он ки мо метавонем якҷо кор кунем, якҷо ибодат намоем, якҷо мубориза кунем, якҷо ба зиндон равем, якҷо барои озодӣ бархезем, бо дарки он ки як вақте мо озод мешавем…*

*Аз китоби "Всемирная история. Энциклопедия для детей". - М., 1994. - С. 605*

***Оё орзуҳои М. Л. Кинг амалӣ шуданд?***

?!

***1. Сабабҳои авҷгирии нажодпарастӣ дар чӣ буд?***
***2. Муносибати давлат нисбати Кинг пеш аз маргаш бо муносибати давлат баъд аз марги ӯ чӣ фарқ дошт? Агар фарқ дошта бошад, шарҳ диҳед.***
***3. Ҳаракати испанизабонҳо ва мардуми бумӣ барои чӣ буд?***
***4. Идеологияи ҳиппиҳо чӣ буд? Сабаби бавуҷудоии чунин ҳаракатҳо дар байни ҷавонон чӣ буд?***
***5. Дар муносибатҳои байни Амрико ва Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин солҳо чӣ тағйирот ба вуҷуд омад?***

# Тағйироти сарҳадҳо дар Аврупо баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон




**Минтақаҳои тақсимшудаи Олмон ва Австрия дар миёни давлатҳои дар ҷанг ғолибомада:**
ИҶШС — Англия — ИМА — Фаронса

**Минтақаҳои Олмон, ки мутобиқи қарорҳои конфронси Потсдам баргардонида шуданд:**
ба ИҶШС — ба Полша

Минтақаи ба Украина ҳамроҳшуда

Минтақаи аз ИҶШС ба Полша баргардонидашуда

Вилояти Петсамо (Печенга), ки аз Финляндия ба ИҶШС баргардонидашуда буд

**Минтақаҳои Италия, ки мутобиқи аҳдномаи Париж баргардонида шуданд:**
ба Югославия
ба Юнон
минтақаи озоди Триест

**Сарҳадҳо ба давраи охири соли 1949 мутобиқат доранд**

# § 17. Аврупо дар роҳи муттаҳидшавӣ

1. *Чаро мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ба ҳамгироии иқтисодӣ рӯ овардаид?*
2. *Оё дар ин роҳ монеаҳо вуҷуд надоштанд?*
3. *Самараи ҳамгироии иқтисодӣ дар чист?*

Баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон равандҳои ба ҳам наздикшавӣ ва васеъ гаштани ҳамкориҳои судманди мамлакатҳои Аврупо огоз ёфта, торафт вусъат меёфт. Дар адабиёти таърихӣ ин раванд ҳамгирои (интегратсия)-и иқтисодӣ ном гирифт. Зеро ҳамгироии кишварҳои Аврупо аз ҳамкориҳои иқтисодӣ оғоз гардид.

Иқдоми аввалин дар ин роҳ аз ҷониби давлатҳои Белгия, Нидерландия ва Люксембург гузошта шуд. Намояндагони ин мамлакатҳо моҳи январи соли 1948 иттифоқи гумрукӣ ташкил намуданд, ки баъдтар Бенилюкс ном гирифт. Солҳои 1949 – 1950 дар доираи Бенилюкс монеаҳои воридоти молҳои саноатӣ бардошта шуданд. То миёнаи солҳои 50-ум дар дохили ин иттиҳод гардиши озодонаи сармоя ва қувваи корӣ ҷорӣ гардид. Дар пайравӣ ба Бенилюкс, баҳори соли 1948 Фаронса ва Италия иттифоқи гумрукии Франситалро ташкил намуданд.


Робер Шуман - вазири умури хориҷаи Фаронса, мубориზи муттаҳидшавии Аврупо

Дар бунёд ва таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии мамлакатҳои Аврупо Р. Шуман саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ моҳи майи соли 1950 нақшаи оштисозии рақибони дерина – Фаронсаву Олмон ва муттаҳид намудани иқтисодиёти Аврупоро ба миён гузошт. Мувофиқи лоиҳаи Р. Шуман саноати ангишт ва оҳангудозии Фаронса ва Олмони Ғарбӣ мебоист ба мақоми ягонаи идоракунӣ итоат мекарданд.

***Ақидаи таърихшиноси британиягӣ Д. Урквин дар бораи муттаҳидшавии Аврупо***

*Нақшаи Р. Шуман аз бисёр ҷиҳат аз ҳалли ким-кадом масъалаҳои иқтисодии фаврӣ дар соҳаи муайяни саноат бештар аст. Барои тарафдорони ӯ ин қадам нахустин барномаи васеъ буд, ки ба рафъи монеаҳои иқтисодиёти миллӣ дар Аврупо ибтидо гузошт…*

*Аз китоби "Urkwin D.W. Western Europe since 1945: Political History". London - New York, 1989. - P.104*

***Аз нутқи У.Черчилл дар Сюрих (19 сентябри 1946)***

*Мо бояд чизе монанди Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо ташкил кунем. Он чизе, ки ҳоло ман мегӯям, шуморо дар ҳайрат мегузорад. Қадами нахустин дар роҳи ташкили иттиҳоди аврупоӣ бояд ҳамкориҳо миёни Фаронса ва Олмон гардад. Танҳо бо ин роҳ Фаронса метавонад, дар Аврупо пешсафии маънавии худро ба даст оварад. Эҳёи Аврупо бидуни Фаронса ва Олмон… ғайриимкон аст. Сохтори Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо бояд тавре бошад, ки нерӯи моддии ҳар як давлат дар алоҳидагӣ аҳамияти хос надошта бошад.*

***Оё метавон Черчиллро низ яке аз ташаббускорони муттаҳидшавии Аврупо номид?***

Ин пешниҳод на танҳо дар Фаронса ва Олмони Ғарбӣ, балки дар як қатор мамлакатҳои дигар низ дастгирӣ пайдо намуд. Моҳи апрели соли 1951 дар Париж намояндагони Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва ҶФО дар бораи таъсиси Иттиҳодияи аврупоии ангишт ва пӯлод (ИААП) аҳднома бастанд. Аҳднома ба муддати 50 сол баста шуд. Ташкили ИААП амалан ба ҳамгироии иқтисодии Аврупо роҳи васеъ кушод. Фаъолияти он тобеи як соҳа набуда, балки ба пешрафти дигар соҳаҳои саноат мусоидат мекард.

Соли 1957 намояндагони давлатҳои аъзои ИААП ба ду ташкилоти нав – Иттиҳоди иқтисодии Аврупо (ИИА) ва Иттиҳоди аврупоӣ оид ба энергияи ҳастаӣ асос гузоштанд.

Мақсади асосии ИИА дар амал ҷорӣ кардани табодули озодонаи мол, қувваи корӣ, сармоя ва хизматрасонӣ миёни давлатҳои аъзои ин ташкилот буд. Ҳамкории иқтисодӣ ба муайян

намудани усулҳои ягонаи сиёсати иқтисодӣ асос ёфта, соҳаҳои низоми гумрукӣ, нақлиёт, тиҷорати маҳсулоти кишоварзиро дар бар мегирифт.



Имзои қарордод дар бораи ташкили
Иттиҳоди иқтисодии Аврупо дар Рим (25 марти соли 1957)

Аҳдномаи Рим мақомоти роҳбарикунандаи ташкилоти навро таъсис дод. Шӯрои Аврупо (мақоми олӣ) бо ваколатҳои қонунбарорӣ ва Комиссияи Иттиҳоди Аврупо (мақоми доимамалкунандаи корӣ) ба фаъолият шурӯъ карданд.

Ташкил ёфтани Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ("Бозори умумӣ") бо идораи умумиаврупоӣ омили муҳими ҳамгироии ин мамлакатҳо гашт.

Кишварҳои ба ин ҳуҷҷат имзогузошта ӯҳдадор шуданд, ки дар тӯли 12 сол монеаҳои гумрукиро аз байн баранд. Дар оянда барои рафтуомади қувваҳои корӣ бояд шароити зарурӣ ба вуҷуд оварда мешуд. Тарафҳои аҳдкунанда ҳамчунин доир ба кафолати ягонаи иҷтимоӣ ва андозаи музди меҳнат низ тадбирҳо андешиданд.



Англия мехоҳад бо "аҳли оила"-аш ба ИИА дохил шавад
(карикатура, соли 1962)

***Аз расм "аҳли оила"-и Англияро муайян намоед.***

Баъди се соли ташкилёбии Иттиҳоди иқтисодии Аврупо боз як иттифоқи нави иқтисодии минтақавӣ пайдо гашт. Январи соли 1960 дар Стокголм намояндагони Австрия, Англия, Дания, Ирландия, Лихтенштейн, Норвегия, Португалия, Швейтсария ва Шветсия дар бораи ташкили Ассотсиатсияи аврупоии тиҷорати озод (ААТО) аҳднома бастанд.



Бинои Иттиҳоди Аврупо дар Брюссел, Белгия

***Чаро дар назди бино байрақҳои давлатҳои гуногун афрохта шудаанд?***

Мақсади асосии ААТО васеъ намудани доираи тиҷоратӣ ва барҳам додани мамониятҳои гумрукӣ дар воридоту содироти байниҳамдигарии молҳои саноатӣ буд.

Тобистони соли 1967 дар роҳи муттаҳид гаштани мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ қадами қатъӣ гузошта шуд. Се ташкилоти бонуфузи аврупоӣ – Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, Иттиҳоди аврупоӣ оид ба энергияи ҳастаӣ ва Иттиҳоди аврупоии ангишт ва пӯлод муттаҳид гашта, Иттиҳоди Аврупоро ташкил намуданд.

Дар маҷлиси моҳи октябри соли 1972 сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Аврупо масъалаи ба узвият қабул намудани Англия, Ирландия ва Данияро баррасӣ намуданд ва аз соли 1973 ин давлатҳо аъзои ташкилот гардиданд.

Ҳамгироии иқтисодӣ ба пешрафти тамоми мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ мусоидат намуд. Гардиши озодонаи сармоя, мол, хизматрасонӣ ва қувваи кор боиси баҳамназдикшавии сатҳи тараққиёт ва зиндагии ин мамлакатҳо гашт.

***Аз шартнома дар бораи ташкили Иттиҳоди иқтисодии Аврупо***

*Моддаи 1. Тарафҳои воломақоми аҳдкунанда – Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Фаронса, Италия, Белгия, Нидерландия ва Люксембург дар асоси шартномаи мазкур якҷоя Иттиҳоди иқтисодии Аврупоро таъсис мекунанд.*

*Моддаи 2. Иттиҳод вазифадор аст, бо роҳи ташкили бозори умумӣ ва наздикшавии сиёсати иқтисодии давлатҳои аъзо, тараққиёти ҳамаҷонибаи фаъолияти иқтисодӣ дар тамоми қаламрави Иттиҳод, инкишофи доимӣ ва баробар, оромӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва алоқаи наздики байни давлатҳоро амалӣ намояд.*

***Назари расмии Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба ИААП***

*Иттиҳодияи аврупоии ангишт ва пӯлод иттиҳоди низомӣ-саноатии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ мебошад. Вазифаи он ташкили пойгоҳи ангишту оҳани НАТО дар Аврупо, пеш аз ҳама, аз ҳисоби саноати ангишт ва рангаи Ҷумҳурии Федеративии Олмон буд.*

*Аз китоби Ежегодник Большой Советской Энциклопедии М., 1958 с.377*

***Ҳарду ҳуҷҷатро мутолиа намуда, умумият ва фарқиятҳои мазмуни онҳоро муайян созед.***

**?!**

1. ***Барои чӣ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ алоқаҳои иқтисодии байни давлатҳои Аврупои Ғарбӣ васеъ гашт?***
2. ***Самтҳои асосии пешрафти ҳамгироии мамлакатҳои Аврупои Ғарбиро номбар кунед?***
3. ***Оё ҳамгироии иқтисодӣ байни мамлакатҳои гуногун метавонад, ба иқтисодиёти мамлакатҳои сеюм халал расонад?***
4. ***Ҷадвали “Марҳилаҳои ҳамгироӣ дар Аврупои Ғарбӣ"-ро дар дафтаратон пур намоед?***

***Марҳилаҳои ҳамгироӣ дар Аврупои Ғарбӣ***

| Номи ташкилот | Санаи ташкилёбӣ | Мамлакатҳои аъзо | Мақсади муттаҳидшавӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

# §18. Британияи Кабир дар роҳи ислоҳот

1. ***Вазъияти иқтисодӣ ва сиёсии Британияи Кабир баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон чӣ гуна буд?***
2. ***Дар ҳаёти ҷамъиятии Британияи Кабир ҳизбҳои коргар (лейбористҳо) ва муҳофизакор (консерваторҳо) чӣ нақш доштанд?***
3. ***Хусусияти мухолифат дар Ирландияи Шимолӣ аз чӣ иборат аст?***

**Мубориза барои барқарор намудани иқтидор.** Пирӯзӣ дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон барои Британияи Кабир бо қимати гарон ба даст омад. Неруи иқтисодӣ ва сиёсии он коҳиш ёфта, хароҷоти бузурги низомӣ вазъи молиявӣ ва захираи асъору сармояашро заиф гардонида буд. Ба ин нигоҳ накарда, Британияи Кабир ҳанӯз ҳам бузургтарин давлати мустамликадор ба шумор рафта, шоҳи он Георги VI расман сардори давлатҳои гуногуни ҷаҳон – аъзои Иттиҳоди Британия ҳисоб меёфт.

Авҷ гирифтани муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ роҳбарияти Британияи Кабирро маҷбур сохт, ки соли 1947 истиқлолияти Ҳиндустон, соли 1948 – Бирма ва Сейлон (Шри-Ланка), соли 1949 Ирландияро эътироф намояд.

Моҳи августи соли 1945 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яку якбора ба Англия расонидани кӯмаки заруриро мутобиқи ӯҳдадориҳои ленд-лиз қатъ намуд. Ин амал ба иқтисодиёти Британия, ки ҳанӯз оқибатҳои ҷангро бартараф накарда буд, зарбаи ҷиддӣ расонид.

Моҳи декабри соли 1945 Британияи Кабир маҷбур шуд, ки аз ИМА кӯмаки нави молиявӣ гирад. Ба ивази ин вай бояд ба молҳои саноатии Амрико дар бозори мустамликаҳои худ роҳ медод. Чунин вазъият ба нафъи Британия набуда, ибтидои заволи империяи мустамликадории он гардид.

Амалӣ шудани «доктринаи Трумэн» ва «нақшаи Маршалл» дар Аврупо вазъи иқтисодӣ ва сиёсии Британияи Кабирро каме беҳтар мекард, вале аз тарафи дигар тобеияти Британия аз ИМА бештар мегардид. Дар давоми солҳои 1948 – 1950 Британия аз Амрико ба маблағи қариб 3 млрд. доллар кӯмаки моддӣ ва молиявӣ гирифт. Ба ивази ин вай мавқеъҳои худро дар нимҷазираи Балкан ва қисмати шарқии баҳри Миёназамин аз даст дод. Вазъи иқтисодии Британия тадриҷан бад мегардид. Қимати арзи англисӣ-фунт стерлинг аз 4 доллари ИМА ба 2,8 доллар поён фаромад.



Маросими ташрифи маликаи Британияи Кабир Елизаветаи II ба парламент.

***Малика (шоҳ) дар идоракунии давлати Британияи Кабир чӣ нақш дорад?***

**Сиёсати дохилии Ҳизби коргар ва Ҳизби муҳофизакор.** Дар ҳаёти сиёсии Британияи Кабир (дар нимаи II қарни XX) ду ҳизби сиёсӣ – коргар ва муҳофизакор мавқеи ҳалкунанда доштанд. Ҳизби либералӣ, ки дар гузашта мавқеи қавӣ дошт, акнун маҷбур буд, аз дунболи ин ду ҳизби асосӣ равад.

Соли 1945 дар аксари кишварҳои Аврупо таъсири нерӯҳои демократихоҳ баланд буд. Барои ҳамин, дар интихоботи 26 июл англисҳо ба тарафдории ҳизби коргар овоз доданд. Шиори асосии ин ҳизб дар интихобот барпо кардани «ҷамъияти некӯаҳвол» буд.



Дар яке аз маҳаллаҳои шаҳри Лондон

***Аз рӯи расм ба аҳвол ва зиндагии мардум баҳо диҳед.***

***Аз барномаи интихоботии ҳизби коргар "Рӯ ба оянда"***
***(апрели соли 1945)***

*Ҳизби коргар ҳизби сотсиалистӣ мебошад ва бо ин ифтихор мекунад. Мақсади ниҳоии сиёсати дохилии он барпо кардани давлати озод, демократӣ, шукуфон, мутараққӣ ва саршор аз рӯҳияи ватанпарварӣ - Иттиҳодияи Сотсиалистии Британияи Кабир мебошад. Захираҳои моддии он дар ихтиёри халқи англис қарор хоҳад дошт.*

*Аз китоби "Всемирная история", Т. 2. - М., 1977. - С. 224*

***1. Дар зери мафҳуми сотсиализм тартибдиҳандагони барнома чиро мефаҳмиданд?***
***2. Ин барнома ба кадом табақаҳои ҷомеа нигаронида шуда буд?***

*«Ҷамъияти некӯаҳвол» – истилоҳи сиёсӣ барои ифода кардани раванди инкишофи давлатҳои саноатии ғарб аз охирҳои солҳои 40-ум то ибтидои солҳои 70-уми қарни XX. Ин раванд иқтисоди бозориро бо назорати оқилонаи давлат омезиш дода, некӯаҳволӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таъмин менамуд. Дар ин давра инкишофи иқтисодӣ батадриҷ авҷ мегирифт ва барои барпо намудани «ҷамъияти некӯаҳвол» шароитҳои мусоид фароҳам меомад.*

Ҳизби коргар аввалин маротиба дар палатаи поёнии парламенти Англия аксарияти ҷойро гирифта, пешвои он – К. Эттли (1945 – 1951) ҳукумат ташкил дод.

Моҳияти сиёсати дохилии ҳизби коргар аз амалӣ намудани сиёсати этатистӣ – баланд бардоштани нақши давлат дар шароити душвори баъдиҷангӣ иборат буд. Дар ин солҳо Бонки давлатӣ, саноати соҳаи ангишт ва газ, як бахши корхонаҳои тавлидкунандаи пӯлод, нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ, нерӯгоҳҳои барқӣ миллӣ кунонида шуданд. Арзиши чунин корхонаҳо ба соҳибонашон аз тарафи давлат пардохта мешуд.

Дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ баланд бардоштани ҳаҷми кумакпулӣ ба бекорон, пардохти нафақапулӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, таъмини хонандагон бо хӯроки бепул, хизмати тиббӣ ба аҳолӣ ва ғайра дар назар дошта мешуд.

Ин сиёсат имкон дод, ки соли 1947 Британия ба дараҷаи пешазҷангии истеҳсолот расад. Бад гардидани вазъияти байналхалқӣ дар ибтидои солҳои 50-ум аз сабаби сар задани ҷанг дар нимҷазираи Корея мавқеи ҳизби муҳофизакорро мустаҳкам намуд. Сиёсати дохилии ҳизби муҳофизакор аз ҳизби коргар тафовути калон надошт. Фақат ислоҳоти иқтисодӣ дар миқёси маҳдуд амалӣ карда шуд. Бахши давлатӣ дар саноат ихтисор гардид, саноати истеҳсоли пӯлод, нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии роҳ аз нав хусусӣ гардонида шуд, хароҷотҳои давлат ба мақсади инкишофи тиб, маориф, сугуртаи иҷтимоӣ кам гардид.

Муҳофизакорон сиёсати барпо кардани «ҷамъияти некӯаҳвол»-ро идома доданд.

Дар арсаи сиёсати беруна соли 1956 моҷарои «канали Суэтс» сар зад. Ҳукумати Миср дар бораи миллӣ кунонидани ин канал қарор қабул кард. Ин боиси ба минтақа ворид кардани қувваҳои мусаллаҳи Англия ва Фаронса гардид.

Кӯшиши Британия барои ба воситаи қувваи низомӣ ҳал кардани масъала боиси норизоии давлатҳои зиёди ҷаҳон гардид. Ҳатто ИМА ин амалро дастгирӣ накард. Моҳи декабри соли 1956 Британия маҷбур гардид, ки қӯшунҳои худро аз Миср барорад.

Дар тӯли солҳои 60-ум ва 70-ум ҳизбҳои коргар ва муҳофизакор чанд маротиба якдигарро дар сари ҳокимияти Британия иваз карданд. Ҳизби коргар дар сиёсати худ мавқеи давлатро васеъ менамуд, муҳофизакорон, баръакс онро маҳдуд мекарданд.



Карикатураи шӯравӣ:
“Дар кӯчаи Ҳизби коргар”:
– Ҷаноб, гӯед, ки чӣ тавр ба парламент расем?
– Ҳарчи бештар тарафи ростро гиред!

***“Тарафи ростро гиред” – гуфтан чӣ маъно дорад?***

**Масъалаи Олстер.** Баъд аз истиқлолият ба даст овардани Ирландия қисми шимолии он дар ҳайати Британияи Кабир боқӣ монд, гарчи ба ин минтақа ҳуқуқи худмухторӣ дода шуд. Масъалаи низои Олстер моҳиятан хеле мураккаб буда, ҷанбаҳои миллӣ, мазҳабӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Аз рӯи мансубияти мазҳабӣ аҳолии Ирландияи Шимолӣ ба ду қисм – протестантӣ (онҳо авлоди мустамликадорони собиқ ба шумор рафта, тарафдори робита бо Британияи Кабир буданд) ва католикӣ (тарафдори ҳамроҳ кардани ин минтақа ба ҳайати Ирландия) тақсим мешуд. Ҳизби бонуфузи Ирландияи Шимолӣ - Ҳизби иттиҳодгаро (юнионистӣ) бештар дар байни протестантҳо таъсир дошт.

Соли 1968 мубориза католикҳо барои ҳуқуқҳои сиёсии худ оғоз шуд. Дар саросари Ирландияи Шимолӣ бетартибиҳо сар зада, вайронкунии тартибот ба амал омад. Баъд аз як сол ҳукумати Британия қувваҳои мусаллаҳи худро ба ин минтақа ворид намуд.

Дар ҷавоби ин амал Артиши ҷумҳуриятхоҳони Ирландия (АҶИ) – созмони пинҳонии террористӣ ташкил ёфт, ки амалиёти ҷангии худро ба муқобили сарбозони Британия оғоз намуд.



Амали террористӣ дар ш. Белфаст

***Оё бо усули таҳдид ва террор ҳалли масъалаҳо мумкин аст?***

30 январи соли 1972 дар маҳаллаи Лондондеррии шаҳри Олстер дар натиҷаи амалиёти террористӣ 13 нафар одамони бегуноҳ қурбон гардиданд. 22 март ҳукумати сарвазир Эдвард Хит (1970 – 1974) бо фармони худ фаъолияти мақомоти маҳаллии идораи давлатиро дар минтақаи Ирлан-дияи Шимолӣ қатъ намуда, ҳукмронии бевоситаи Лондонро ҷорӣ намуд.

Соли 1973 бо ташаббуси муҳофизакорон дар Ирландияи Шимолӣ райъпурсӣ гузаронида шуд. Бештари аҳолӣ ба тарафдории боқӣ мондани ин минтақа дар ҳайати Британияи Кабир овоз доданд. Католикҳо натиҷаҳои ин райъпурсиро эътироф накарданд ва муборизаро ба муқобили ҳукмронии Англия идома доданд.

***Аз эълон дар бораи тартиби нави суғуртаи иҷтимоӣ дар Британияи Кабир***

*"Рӯзи душанбеи оянда шумо дар Британияи нав бедор хоҳед шуд. Дар давлате, ки тамоми хароҷоти қабл аз таваллуд, кӯмакпулӣ баъд аз таваллуд, овони кӯдакӣ, таълим дар мактаб, дар ҳолати маризӣ ва корношоямӣ ва айёми пиронсолиро ба ӯҳдаи худ мегирад. Ҳамаи ин, ҳамчунин хизмати бепули духтурон, дору ва даво ба ивази 4 шиллингу 11 пенс аз ҳисоби даромади якҳафтаинаи шумо дастрас мегардад. Шумо бояд аз ин рӯзи ҷумъа ба пардохтани суғуртапулӣ шурӯъ намоед".*

*Аз рӯзномаи "The Daily Mail". 1948, 3 July*

***1. Моҳияти чунин ислоҳоти суғуртаи иҷтимоӣ аз чӣ иборат буд?***
***2. Ташкили чунин шакли суғурта ба манфиати кӣ мебошад?***

?!

***1. Бо кадом мақсад ИМА баъд аз ҷанг ба Англия фишор овард?***
***2. Милликунонӣ ва хусусигардонӣ чӣ маъно доранд?***
***3. Роҳҳои расидан ба «ҷамъияти некӯаҳвол» кадомҳоянд?***
***4. Сабаби низоъ дар Ирландияи Шимолӣ аз чӣ иборат буд?***

# §19. Олмон: тақсимоти баъдиҷангӣ

*1. Чаро Олмон ба қисмҳо тақсим шуд?*
*2. Чаро Ҷумҳурии Федеративии Олмон бо суръати тез тараққӣ кард?*
*3. Ҷумҳурии Демократии Олмон кадом роҳро пеш гирифт?*

Олмон дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон мағлуб гашт. Мамлакат ба харобазор табдил ёфта буд. Аҳолии зиёд бесарпаноҳ ва бе ҷои кор монда, аз гуруснагӣ азият мекашиданд. Аз чор се ҳиссаи корхонаҳои Олмон аз кор монда буданд.



Талабагон дар интизори хӯрок. Олмони Ғарбӣ (соли 1946)

***Аз рӯи расм дар бораи вазъияти баъдиҷангии Олмон хулоса бароред.***

Мувофиқи қарордоди конференсияи Потсдам иттифоқчиён ҳудуди Олмонро аз рӯи минтақаҳои ишғолкардаашон ба чор қисм тақсим намуданд. Аз се ду ҳиссаи мамлакат ба ИМА, Британия ва Фаронса ва қисми шарқии он ба ихтиёри Иттиҳоди Шӯравӣ гузашт. Роҳбарии маъмурии минтақаҳои номбурдаро фармондеҳони қушунҳои ишғолӣ ба ӯҳда доштанд. Масъалаҳои марбут ба тамоми Олмон бударо бояд Шӯрои назоратӣ (дар ин Шӯро ҳамаи фармондеҳони чор минтақаи ишғолшуда шомил буданд) ҳаллу фасл менамуд. Вале дар амал идоракунии якҷояи Олмони ишғолгашта ғайриимкон гардид. Зеро рақобати иттифоқчиёни собиқ рӯз то рӯз тезутунд мегашт. Иттиҳоди Шӯравӣ ба сифати репаратсия

(товони ҷанг) мебоист тамоми таҷҳизоти саноатии минтақаи ишғолкардаи худ ва аз се як ҳиссаи таҷҳизоти саноатии Олмони Ғарбиро аз худ мекард. Вале ИМА ва Британия аз қарори пештараи худ даст кашида, зидди несту нобуд намудани саноати Олмон баромаданд.

Давлатҳои ғарбӣ аз ибтидо ба он мекӯшиданд, ки дар қисми ғарбии Олмон давлати алоҳидаро ташкил намоянд. Декабри соли 1946 ИМА ва Британия бе ризоияти Шӯрои назоратӣ оид ба Олмон қисмҳои ишғолкардаи худашонро муттаҳид намуданд, ки он номи Бизонияро гирифт. Соли 1949, баъди ба он дохил шудани минтақаи ишғолкардаи Фаронса, ба Тризония табдил ёфт. Аз ҳамин давра ду қисми Олмон роҳҳои гуногуни тараққиётро пеш гирифтанд.

Яке аз қадамҳои муҳими ин роҳ гузаронидани ислоҳоти пулии яктарафа буд. Ба ҷои рейхсмаркаҳои беқурбшуда дойчмаркаҳо бароварда шуд ва баъди он назорати нархҳо ва маош аз байн бардошта шуд. Ислоҳоти пулӣ ба зудӣ самараи хуб дод. Дар мағозаҳо молҳои гуногун пайдо гардида, «бозори сиёҳ» нест шуд. Истеҳсолот дар саноат ва соҳаи кишоварзӣ вусъат меёфт.

Марҳилаи нави ташкилёбии давлати ояндаи ҶФО ба тайёр ва қабули Сарқонуни он алоқаманд аст. Моҳи августи соли 1948 гурӯҳи махсуси корӣ лоиҳаи қонуни асосиро омода сохта, онро ба Шӯрои парламент пешниҳод намуд. Шӯрои парламент моҳи майи соли 1949 Сарқонунро қабул намуд, ки онро губернаторони ҳарбии ИМА, Фаронса ва Британия тасдиқ намуданд.

Ҳокимияти қонунбарори мамлакат ба парламенти ду палатагӣ мансуб буд. Он аз бундестаг (палатаи депутатҳо, ки онро аҳолӣ ба мӯҳлати 4 сол интихоб мекунад) ва бундесрат (палатаи музофотҳо) иборат буд. Ҳокимияти иҷроияро ҳукумат бо сардории канслери федералӣ ба амал мебаровард.

Моҳи августи соли 1949 аввалин интихоботи бундестагӣ (парламентӣ)-и мамлакат гузаронида шуд. Дар интихобот блоки Иттифоқи христианию демократӣ ва Иттифоқи христанию иҷтимоӣ ғалаба кард. Моҳи сентябри соли 1949 Ҳукумати эътилофӣ бо сардории К. Аденауэр таъсис ёфт. 21 сентябри соли 1949 ташкилёбии ҶФО ба таври расмӣ эълон гардид.

***Конрад Аденауэр (1876 – 1967) ходими сиёсӣ ва давлатии Олмон, аввалин канслери ҶФО (1949 – 1963). Солҳои 1917 – 1933 обербургомистри шаҳри Кёлн, солҳои 1946 - 1966 раиси Иттифоқи христианӣ-демократӣ буд. Бо кӯшишҳои ӯ ҶФО ба ҳайати НАТО (1955) қабул гардид, аммо мавҷудияти ҶДО-ро эътироф кардан намехост.***

Рафти воқеаҳо дар қисми шарқии мамлакат қариб айнан такрор меёфтанд. Дар ҷавоб ба ислоҳоти пулии минтақаи ғарбӣ дар қисми ишғолкардаи шӯравӣ низ ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд.

Ҳизби ягонаи сотсиалистии Олмон (ҲЯСО) дар заминаи муттаҳид сохтани ҳизбҳои коммунистӣ ва сотсиал-демократӣ ба вуҷуд омада буд. Дар қисми шарқӣ бо ташаббуси ин ҳизб Шӯрои миллии немис ташкил ёфт. Шӯрои миллии немис 7 октябри соли 1949 таъсисёбии Ҷумҳурии Демократии Олмонро (ҶДО) эълон намуд. Маъмурияти ҳарбии шӯравӣ вазифаҳои идоракуниро ба ӯҳдаи Палатаи халқӣ (парламенти муваққатӣ) гузошт. Палатаи халқӣ В. Пикро президенти ҶДО интихоб намуда, бо сардории Отто Гротевол ҳукумати муваққатии ҶДО барпо карда шуд.




"Хеҷгуна таҷриба! Конрад Адэнауэр" - плакати баъдиҷангӣ

***Моҳияти ислоҳоти ҳукумати К. Адэнауэр аз чӣ иборат буд?***

Баъди ба анҷом расонидани вазифаҳои барқарорсозии хоҷагии халқ, съезди ҲЯСО (июли соли 1952) дар бораи сохтмони «асосҳои сотсиализм» дар ҶДО қарор қабул намуд.

Ҳамин тариқ, тақсимоти давлати Олмон ба вуҷуд омад. Ду давлати Олмон ифодагари ду низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии ба ҳам мухолиф гаштанд. ҶДО-и сотсиалистӣ ва ҶФО-и сармоядорӣ ба «мусобиқаи таърихӣ» шурӯъ намуданд.

**Тараққиёти сиёсӣ ва иқтисодии ҶДО (1949 – 1975).** Баъди ташкилёбӣ, ҶДО бо роҳи тараққиёти Иттиҳоди Шӯравӣ пеш рафт. Аслан, идоракунии тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро ҲЯСО ба даст гирифта буд.

Милликунонии моликияти сармоядорони собиқ, индустриякунонӣ ва кооперативонии хоҷагии қишлоқ вазифаҳои муҳими сиёсати ҲЯСО буданд.

Дар бисёр маврид дар роҳи амалӣ намудани ин вазифаҳо ба хатоҳои зиёд роҳ дода мешуд. Масалан, бар зарари саноати сабук тамоми қувва ба индустриякунонии саноати вазнин равона шуда буд. Дар мамлакат то соли 1958 низоми карточкавии тақсимот нигоҳ дошта мешуд.

Норозигӣ аз сиёсати пешгирифтаи ҲЯСО дар шаклҳои гуногун зуҳур меёфт. Яке аз шаклҳои он баромаду эътирози номуташаккили аҳолии кишвар буд. Калонтарин гирдиҳамоиҳо ва корпартоиҳо 17 июни соли 1953 дар шаҳрҳои Берлин, Лейпсиг, Ҳалле ба вуҷуд омаданд. Дар пахши ин намоишҳо қӯшунҳои артиши шӯравӣ «фаъолона» иштирок намуданд.

Ба тарафи Берлини Ғарбӣ гурехтани шаҳрвандони ҶДО шакли оммавӣ гирифта буд. Ин амал зуҳуроти эътирози мардум буд. Аз ин рӯ, соли 1961 бо дастгирии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳукумати ҶДО барои пешгирии гурезагон «девори Берлин»-ро бунёд намуд. Дуруст аст, ки ҶДО дар солҳои 60-ум якчанд тадбирҳои судманди ислоҳоти усулҳои хоҷагидориро гузаронид. Вале ҳамоно фарқияти тараққиёти байни ҶДО ва ҶФО боз ҳам намоёнтар мегашт.




Харитаи Берлини баъдиҷангӣ

***Дар харита байрақҳои кадом давлатҳо акс ёфтаанд ва чиро ифода менамоянд? Зарурати бунёди девори Берлин дар чӣ буд?***

***Аз ахбори намояндаи ожонсии «Дейли телеграф»***

*Британияи Кабир, 14 августи соли 1961*

***Дирӯз политсия ва қушунҳои Олмони Шарқӣ сарҳади байни Берлини Ғарбӣ ва Шарқиро баста, пеши роҳи ҳазорон нафари аз коммунизм паноҳҷӯяндаро гирифтанд.***

***Шаби гузашта ҳодисаҳои даҳшатовар ба амал омад. Политсияи Олмони Шарқӣ муқобили анбӯҳи одамоне, ки назди сарҳад ҷамъ омада буданд, калтакҳои резинӣ, моддаҳои ашковар ва мошинҳои сӯхторхомӯшкуниро истифода намуд.***

***Ба фикри шумо, дар кадом ҳуҷҷат воқеият дуруст баён ёфтааст?***

**Ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҶФО (1949 – 1975).** Сиёсати ҳукумати К. Аденауэр ба ҳамгироии Олмони Ғарбӣ ба сохтори сиёсӣ ва иқтисодии Иттиҳоди Аврупо ва аз нав барқарорсозии иқтисодиёт равона шуда буд.

Ҳукумати ҶФО аз ҷониби мамлакатҳои бузурги Ғарб ва пеш аз ҳама, ИМА пуштибонӣ меёфт. Онҳо мехостанд, ки Олмони Ғарбиро ба системаи мудофиавии умумиаврупоӣ шомил созанд. Октябри соли 1955 ҶФО мувофиқи аҳдномаи Париж аъзои комилҳуқуқи Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) гашт. Дар мамлакат артиши миллӣ ташкил ёфт, ки 500 ҳаз. нафарро дар бар мегирифт.

Январи соли 1958 ҶФО узви «Бозори умумӣ» мегардид. Саноати ин мамлакат 44%-и маҳсулоти саноатии «Бозори умумӣ»-ро истеҳсол менамуд. Иштирок дар раванди ҳамгироии умумиаврупоӣ барои саноати Олмон омили муҳими пешрафти минбаъда гардид.

То ҳукмронии В. Брандт (канслери ҶФО – 1969 – 1974) муносибати Олмони Ғарбӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёнаш нобоварона ва бадбинона буд. В. Брандт «сиёсати нави шарқӣ»-ро ба миён гузошт. Мувофиқи ин сиёсат бояд муносибат бо мамлакатҳои аз таҷовузи гитлерӣ зарардидаи Аврупои Шарқӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ мӯътадил гардонида мешуд. Соли 1970 байни ҶФО ва Иттиҳоди Шӯравӣ шартнома баста шуд. Олмони Ғарбӣ бо Полша ва Чехословакия низ шартномаҳо ба имзо расонид. Баста шудани шартномаҳои номбурда ба беҳтар гаштани муносибатҳои Ғарб ва Шарқ мусоидат намуданд.



В. Брандт дар назди муҷассамаи маҳбусони геттои Варшава (соли 1970)

***Ба назди ёдгорӣ омадани Вилли Брандт чиро ифода менамояд?***

***Аз шартномаи байни Иттифоқи Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон***

*Моддаи 3. Тарафҳои аҳдкунанда ӯҳдадор мешаванд, ки тамомияти арзии ҳамаи давлатҳои Аврупоро дар сарҳадҳои ҳозираашон ҳатман риоя мекунанд;*

*Онҳо изҳор менамоянд, ки ба ҳудуди ягон давлат иддао намекунанд ва дар оянда ҳам даъвое ба миён нахоҳанд гузошт.*

*Моддаи 5. Шартномаи мазкур... аз рӯзи мубодилаи эътиборномаҳо, ки дар шаҳри Бонн сурат мегирад, эътибор пайдо мекунад...*

***Чаро дар шартнома ба тағйирнопазирии сарҳадҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст?***
***Чаро шартнома аз рӯзи мубодилаи эътиборномаҳо мақоми ҳуқуқӣ мегирад?***

Барқарор ва бо суръати баланд тараққӣ ёфтани Олмони Ғарбӣ бо номи канслер К. Аденауэр ва вазири иқтисоди мамлакат Л. Эрхард алоқаманд аст. Онҳо тавонистанд, ки аз тамоми имкониятҳо моҳирона ва дурандешона истифода баранд. Ба пешрафти босуръати ҶФО «Нақшаи Маршалл» нақши бузург бозид. Мувофиқи ин нақша Олмони Ғарбӣ солҳои 1948 – 1949 аз ИМА ба миқдори 1,4 млрд доллар кӯмак гирифт. То охири соли 1949 тараққиёти иқтисодиёти Олмон ба дараҷаи пешазҷангӣ расид.

Дар ҳамин давра Л. Эрхард барномаи «Иқтисоди бозории майли иҷтимоидошта»-ро ба миён гузошт. Ин барнома чунин шартҳоро пеш мегузошт:

– давлат бевосита ба танзими равандҳои хоҷагидорӣ машғул намегардад, вале воҳидҳои хоҷагидорӣ дар асоси қоидаҳои муайяннамудаи давлат фаъолияти худро ба роҳ мемонанд;

– дар шароити бозори озод давлат пойдории сиёсати иқтисодӣ, рақобати озод, устувории муомилоти пулӣ ва ҳимояи моликияти хусусиро таъмин мекунад.

Амалӣ сохтани ин барнома ба ташаббускорӣ ва рақобати озод доманаи васеъ кушод. Солҳои 50 – 60-ум суръати афзоиши солонаи маҳсулоти саноатии Олмони Ғарбӣ аз тамоми давлатҳои Аврупо зиёд гашта, 8,5%-ро ташкил медод. Соли 1965 ҶФО назар ба Фаронса ва Италия дар якҷоягӣ бештар маҳсулоти саноатӣ истеҳсол мекард.

Соҳаи кишоварзии мамлакат низ ба пешравии назаррас ноил шуд. Яке аз омилҳои асосии пешравии соҳа дар он буд, ки усулҳои индустриявии истеҳсолот васеъ истифода мешуд. То охири солҳои 50-ум мамлакат аз маҳсулоти кишоварзии худӣ пурра таъмин гардида, ба хориҷа маҳсулот мебаровард.

Бо пешрафти иқтисодиёт сатҳи зиндагии аҳолӣ сол то сол беҳтар мегашт. Қариб тамоми аҳолии коршоям ба кор таъмин буд. Аз соли 1950 то соли 1959 маоши коргарон ду баробар зиёд гардид. Нафақа, кӯмакпулӣ барои кӯдакон ва оилаҳои серфарзанд мунтазам баланд бардошта мешуд.

?!

***1. Нақши эътилофи зиддифашистӣ дар тақсимоти баъдиҷангии Олмон чӣ гуна аст?***
***2. Тафовути инкишофи Олмони Ғарбӣ аз Олмони Шарқӣ дар чист?***
***3. Дар Олмони Ғарбӣ чӣ гуна ислоҳот гузаронида шуд?***

# §20. Фаронса: тағйироти баъдиҷангӣ ва устуворшавии «голлизм»

1. *Дар давраи «Низоми муваққатӣ» дар Фаронса чӣ дигаргуниҳо шуд?*
2. *Кадом омилҳои дохилӣ ва берунӣ сабаби шикасти Ҷумҳурии IV шуданд?*
3. *«Голлизм» чист?*

Сохтори сиёсӣ дар Фаронса аз замони озодшавии он тирамоҳи соли 1944 то қабули Қонуни асосии Ҷумҳурии чаҳорум (тирамоҳи соли 1946) дар таърих ба худ номи "Низоми муваққати"-ро гирифтааст. Ин давра на он қадар тӯлонӣ бошад ҳам, дар таърихи ин кишвар хеле муҳим буд, зеро қувваҳои демократӣ ва зиддифашистӣ ба дастовардҳои муҳим соҳиб шуданд.


Манораи Эйфел - рамзи Фаронса

*Дар бораи ин манора чӣ гуна маълумот доред?*

Пас аз озодии кишвар аз юғи фашистон ҳизбҳое, ки бо фашистон ҳамкорӣ доштанд, пароканда шуданд. Ба ҷои он ҳизбҳо ва ҳаракатҳои нав ба саҳнаи сиёсат ворид гардиданд. Яке аз бонуфузтарини онҳо Ҳаракати халқӣ-ҷумҳурихоҳӣ буда, моҳи ноябри соли 1944 таъсис ёфта буд. Барномаи он аз гузаронидани «инқилоб бо роҳи қонунӣ», қисман миллӣ кунонидани саноат ва ба дасти давлат додани роҳбарии иқтисодиёт, ҷалби коргарон дар идора кардани истеҳсолот иборат буд. Дар сиёсати хориҷӣ ҳаракати халқӣ-ҷумҳурихоҳӣ усулҳои муттаҳид гардидани кишварҳои Аврупои Ғарбиро пешниҳод карда буд. Пешвоёни ин ҳаракат ташкили Иёлоти Муттаҳидаи Аврупоро дар пайравӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико зарур медонистанд. Шӯҳрати ин ҳаракат бо номи роҳбари ҳаракати ватандӯстонаи «Фаронсаи

муборизʼ» – генерал Шарл де Голл тавъам буд, ки сиёсати он дар таърихи баъдиҷангии Фаронса нақши муҳим гузоштааст.




Шарл де Голл (аз чап) ҳангоми сафар ба ҶФО (1962)

***Чаро олмониҳо де Голлро бо хушнудӣ пазирой менамоянд? Оё аз матни шиорҳо инро фаҳмидан мумкин аст?***

***Шарл де Голл (1890 - 1970) дар давраи Ҷанги дуввуми ҷаҳон (1939 – 1945), амалиёти қатъиро ба муқобили артиши Олмон ҷонибдорӣ мекард. Пас аз шикасти артиши Фаронса ба Лондон рафта, дар он ҷо Кумитаи «Фаронсаи озод»-ро таъсис намуд. Аз соли 1943 яке аз роҳбарони Кумитаи озодибахши миллии Фаронса буд. Дар солҳои 1944 – 1945 нахустин ҳукумати эътилофии баъдиҷангиро сарварӣ кардааст. Дар солҳои 1958 – 1969 раиси ҷумҳурии Фаронса буд. Консепсияи сиёсии ӯ, ки мақсади асосиаш эҳёи Фаронса ба сифати як империяи бузург буд, ба худ номи «голлизм»-ро гирифт. Мазмуни он аз мафҳумҳои «миллат», «давлати пурқувват», «Фаронсаи боазамат» ва «ислоҳоти иҷтимоӣ» иборат буд.***

Ба нахустин ҳукумати муваққатии баъдиҷангӣ Шарл де Голл сарварӣ мекард. Дар ҳайати ин ҳукумат намояндагони ҳизбҳои зиддифашистӣ, муборизони фаъоли Ҳаракати муқовимат, аз ҷумла коммунистҳо ва сотсиалистҳо шомил буданд. Ҳукумати муваққатӣ дастгоҳи давлатиро аз онҳое, ки дар солҳои тасарруфи Фаронса бо фашистон ҳамкорӣ мекарданд, тоза намуд. Қувваҳои ҷонибдори фашистон торумор карда шуд.

Воқеаи муҳими давраи "Низоми муваққатӣ" интихобот ба Маҷлиси муассисон буд. Ин интихобот 21 октябри соли 1945 доир гардид. Дар он аз 545 ҷойи депутатӣ коммунистҳо 152 ҷой, сотсиалистҳо 142, Ҳаракати халқӣ-ҷумҳурихоҳӣ 141 ҷойро соҳиб шуда, ҳукумати эътилофӣ ташкил доданд. Генерал Шарл де Голл сарвазир интихоб шуд. Дар натиҷаи мухолифат бо Маҷлиси муассисон моҳи январи соли 1946 вай истеъфо дода, то соли 1958 дар ҳаёти сиёсии кишвар иштирок накард.

Пас аз қабули Қонуни асосӣ Шарл де Голл аъзои ҳукуматро ҷамъ карда, дар бораи истеъфояш чунин арз намуд: «Вазифаи ман ба охир расид. Аз нав низоми бартарии ҳизбҳои сиёсӣ барқарор гардид. Ман онро рад мекунам. Аммо барои халал расонидан ба ин таҷриба чорае надорам. Ғайр аз ин, ба зӯри қувва барқарор кардани ҳукмфармоӣ, он чизеро, ки ман намехоҳам, бешубҳа, ба хубӣ анҷом нахоҳад ёфт. Ҳамин тариқ, ман бояд равам». Маҷлиси муассисон ва ҳукумат чандин чораҳои муҳим андешиданд, ки онҳо дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сохтори сиёсии кишвар гардиши қатъӣ ба ҳисоб мерафтанд. Тамоми бонкҳои бузург, саноати нерӯи барқ ва ғаз миллӣ кунонида шуд. Ҳафтаи кори 40-соата, рухсатии 2-ҳафтагӣ барои коргарон ва 3-ҳафтагӣ барои кормандони идорӣ муқаррар гардид.

Дастоварди бузурги "Низоми муваққатӣ" қабули Қонуни асосии ҷадид буд, ки сохтори демократиро тасдиқ намуд. Фаронса ба давраи ҷадиди таърихи худ дохил шуд.

Дар давраи Ҷумҳурии чаҳорум (1946 – 1958) иқтисодиёти Фаронса барқарор гардид. Ду нақшаи навсозӣ ва тағйиру такмил (1947 – 1954 ва 1954 – 1957) қабул карда шуд. То соли 1948 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва то соли 1950 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз давраи пешазҷангӣ гузашт. Пас аз соли 1950 иқтисодиёти Фаронса беҳбудӣ ёфт. Дар пешрафти иқтисодиёт «Нақшаи Маршалл» ва инқилоби илмию техникӣ нақши муҳим бозиданд. Соҳаҳои нави саноат: электроника, кимиё, ҳавопаймосозӣ, мошинсозӣ хеле бо суръат тараққӣ карданд.

Ба дастовардҳои иқтисодӣ ноил гардида, ҳукумати Фаронса тасмим гирифт, то дар муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи худро мустаҳкам намояд. Моҳи декабри соли 1946 Фаронса ба муқобили қувваҳои ватанхоҳи Ветнам, ки бо сарварии Хо Ши Мин кишварашонро ҷумҳурӣ эълон карда буданд, ҷангро густариш дод. Ин ҷанг 8 сол идома ёфт ва дар соли 1954 бо шикасти Фаронса ба анҷом расид. Ҷанги хунини мустамликадорони Фаронса ба муқобили Алҷазоир низ дар соли 1956 бо пирӯзии алҷазоириҳо ба охир расид. Соли 1956 Фаронса бо нерӯҳои мусаллаҳи Британияи Кабир дар Шарқи Наздик ба муқобили арабҳо ба ҷанг ҳамроҳ шуда, боз шикаст хӯрд. Ин нокомиҳо маълум карданд, ки Фаронса

барои иҷрои нақши империяи бузург хеле заиф будааст. Акнун Фаронса тасмим гирифт, ки барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар минтақа иттифоқчии давлатҳои бузурги Аврупо бошад.




Карикатураи шӯравӣ: дастгоҳи овоздиҳии Фаронса дар Алҷазоир (соли 1961)

***Шиорҳои эътирозкунандагон чӣ маъно доранд? Чаро онҳо чунин талабот ба миён гузоштаанд?***

Сиёсати Ҷумҳурии чаҳорум ба муттаҳидшавии Аврупо нигаронида шуда буд. Бо ташаббуси Фаронса моҳи апрели соли 1951 Иттиҳодияи аврупоии ангишт ва пӯлод таъсис ёфт. Моҳи майи соли 1952 дар Париж шартномаи «Гурӯҳи дифоии Аврупо» ба имзо расид, ки он оғози мусаллаҳшавии Олмон буд. Чунин сиёсат дар дохили кишвар боиси муноқишаҳои шадиди иҷтимоию сиёсӣ гардид. Дар тӯли 12 соли мавҷудияти Ҷумҳурии чаҳорум 23 ҳукумат иваз шуд. Ҷумҳурии чаҳорум боварии халқро аз даст дода буд.

Моҳи майи соли 1958 дар Фаронса бӯҳрони навбатии ҳукумат сар зад. Дар Париж табаддулоти низомӣ омода мешуд. Дар чунин вазъият Маҷлиси муассисон генерал Шарл де Голлро сарвазири Фаронса таъин кард. Ӯ қонуни асосии ҷадидро пешниҳод кард. Онро 79% интихобкунандагон дар райъпурсии умумии сентябри соли 1958 ҷонибдорӣ карданд. Тибқи қонуни асосии нав Раиси ҷумҳур аз ҷониби мардум ба муддати 7 сол интихоб мешуд. Сардори давлат соҳиби ҳуқуқҳои васеъ буд. 21 декабри соли 1958 Шарл де Голл Раиси ҷумҳури Фаронса интихоб шуд. Дар Фаронса Ҷумҳурии панҷум рӯи кор омад. Ӯ 16 сентябри соли 1959 ҳуқуқи мардуми Алҷазоирро барои худмуайянкунӣ эътироф кард. 18 марти соли 1962 миёни Фаронса ва Алҷазоир дар бораи оташбас аҳднома ба имзо расид.

Соли 1966 Фаронса аз паймони низомии НАТО берун баромад. Моҳи августи соли 1968 Фаронса нахустин бомбаи водородии худро аз санҷиш гузаронид ва ба қатори давлатҳои соҳиби силоҳи ҳастаӣ шомил шуд.

Шарл де Голл дар давраи ҳукмронии даҳсолаи худ иқтисодиёти кишварро қавӣ намуда, мавқеи онро дар миқёси байналмилалӣ мустаҳкам кард. Моҳи апрели соли 1969 дар райъпурсии навбатӣ де Голл дар бораи тақсимоти нави ҳудудии Фаронса ва ислоҳоти парламент пешниҳод ба миён гузошт. Мардуми Фаронса ин пешниҳодоти Раиси ҷумҳурро тарафдорӣ накарданд. Ин сабаби ба истеъфо баромадани де Голл гардид.

Моҳи июни соли 1969 Жорж Помпиду Раиси ҷумҳури Фаронса интихоб шуд, ки роҳи пешгирифтаи Шарл де Голлро идома дод. Баҳори соли 1974 пас аз фавти ӯ В. Жискар д'Эстен Раиси ҷумҳури кишвар интихоб шуд. Соли 1974 дар радифи дигар кишварҳои Ғарб Фаронсаро низ бӯҳрони иқтисодӣ фаро гирифт.



Париж. Майдони назди Донишгоҳи Сорбонн. (Майи 1968)

***Ба фикри шумо, ташкилкунандагони ин гирдиҳамоӣ кадом гурӯҳҳои сиёсӣ буданд?***

?!

1. ***Шарл де Голл истеъфои худро дар соли 1946 чӣ тавр маънидод кард ва ё сабаби истеъфои ӯ дар чӣ буд?***
2. ***Омилҳои асосии рушди иқтисоди Фаронса дар давраи Ҷумҳурии IV кадомҳо буданд?***
3. ***Фаронса дар давраи Ҷумҳурии V чӣ дастовардҳое дошт?***
4. ***Сабабҳои бӯҳрони моҳҳои май - июни соли 1968 чӣ буд?***

# §21. Италия: устувор гардидани ҷумҳурии парламентӣ. «Мӯъҷизаи иқтисодӣ»-и Италия

***1.Вазъияти баъдиҷангии Италия чӣ гуна буд?***
***2.Чаро зарурати қабули Қонуни асосии нав ба миён омад?***
***3.Чӣ тавр «мӯъҷизаи иқтисодӣ»-и Италия ба амал омад?***

Ҳукмронии фашистон ва оқибатҳои ҷанг ба иқтисодиёти Италия ва мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ зарбаи ҷиддӣ ворид намуд.

Дар натиҷаи аҳдномаи сулҳ, ки 10 феврали соли 1947 дар Париж ба имзо расид, Италия мустамликаҳояшро аз даст дода, бояд маблағи зиёди товони ҷангро мепардохт. 2 июни соли 1946 дар як вақт райъпурсии умумӣ ва интихоботи Маҷлиси муассисон доир гардид. Дар райпурсӣ 12,7 миллион нафар ба тарафдории сохти ҷумҳуриявӣ ва 10,7 миллион нафар ба тарафдории сохти салтанатӣ овоз доданд. Италия ҷумҳурии парламентӣ эълон шуд. Дар интихоботи Маҷлиси муассисон аз ҳама бештар Ҳизби христианӣ-демократӣ (35%), Ҳизби сотсиалистӣ (20%) ва Ҳизби коммунистӣ (19%) овозҳоро соҳиб шуданд. Ҳарсеи ин ҳизбҳо бо сарварии раиси Ҳизби христианӣ-демократӣ – Алчидо де Гаспери ҳукумат ташкил карданд.



Алчидо де Гаспери

***Алчидо де Гаспери (1881 – 1954) аз соли 1944 раиси Ҳизби христианӣ-демократӣ, аз моҳи декабри соли 1945 то соли 1953 сардори ҳукумати Италия буд. Дар замони ҳокимияти Алчидо де Гаспери Италия соли 1949 узви Паймони Атлантикаи Шимолӣ шуд.***

Ҳукумати Алчидо де Гаспери чандин ислоҳот гузаронид. Заминҳои бекорхобидаи заминдорони бузург ба деҳқонони камбағал дода шуд. Аз кор хориҷ кардани коргарон бе розигии иттифоқҳои касаба манъ карда шуд. Дар муассисаҳо Шӯрои коргарон ташкил дода шуд.

1 январи соли 1948 Қонуни асоси (Конститутсия)-и ҷадид ба ҳукми қонун даромад. Он озодии сухан, матбуот,

ҷамъомадҳо, ҳуқуқ ба меҳнат ва пардохти музди одилона ба он, зарурияти ислоҳоти кишоварзӣ, ширкати коргарон дар идора кардани муассисаҳоро эълон карда, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои сиёсиро ғайриқонунӣ донист. Мавҷудият ва фаъолияти созмонҳои фашистӣ манъ карда шуд. Аъзои хонаводаи шоҳ иҷозати ба Италия баргаштанро надоштанд. Додгоҳи доимӣ ташкил шуда, истиқлолияти комили онҳо таъмин гардид.

Тибқи Қонуни асосӣ ҳокимият ба парламент тааллуқ дошт. Он ба муддати 5 сол интихоб шуда, аз ду палата – палатаи намояндагон ва сенат (маҷлис) иборат буд. Раиси ҷумҳур дар ҷаласаи муштараки ҳарду палата ба муддати 7 сол интихоб шуда, ваколати маҳдуд дошт.



Италияи баъдиҷангӣ

***Ҷаро пас аз анҷоми ҷанг дар шаҳрҳо сарбозон бо силоҳ мегарданд?***

Моҳи апрели соли 1948 интихоботи парламент доир гардид. Дар он Ҳизби христианӣ-демократӣ 12,7 миллион овоз гирифта, пирӯз гардид. Алчидо де Гаспери ҳукумати якҳизбиро ташкил дод.

14 июни соли 1948 дар Рим, дар назди иморати палатаи депутатҳо депутати коммунист П. Толятти маҷрӯҳ карда шуд. Худи ҳамон рӯз роҳбарияти Ҳизби коммунистии Италия дар бораи корпартоии сиёсӣ бо шиорҳои «истеъфои ҳукумате, ки барои сӯиқасд шароит фароҳам овардааст» қарор қабул кард. Пас аз муддате ҷаласаи фаврии парламент доир гардид. Фавран пас аз сӯиқасд дар саросари кишвар гирдиҳамоиҳои эътирозӣ сар зад, ки ба корпартоиҳо табдил ёфтанд. Ин гирдиҳамоӣ ва корпартоиҳоро иттифоқҳои касабаи чап дастгирӣ карданд. Дар корпартоиҳо 7 миллион нафар иштирок намуданд. Анбӯҳи мардум майдонҳо ва

хиёбонҳои шаҳрро пур карда, талаби қасос гирифтан мекарданд. Партизанҳои собиқ идораҳои политсияро тасарруф карданд. Дар шаҳрҳои Неапол ва Генуя миёни намоишчиён ва политсия задухӯрд ба амал омад. Дар шаҳри Турин коргарон ба ишғоли корхонаҳо шурӯъ карданд.

Вазири умури дохилаи кишвар М. Шелба дар парламент суханронӣ карда, ин рӯйдодҳоро ҳамчун «қасди шӯриш аз ҷониби коммунистон» номид. Дар навбати худ коммунистон ҳукумати христианҳои демократ А. де Гаспериро ба саҳлангорӣ, бепарвоӣ ба ниҳодҳои ахбори умумӣ, ки беш аз як сол боз дар бораи П.Толятти «ҳамчун шахсе, ки бояд кушта шавад» менавиштанд, гунаҳкор медонистанд.

16 июл бо қарори иттифоқҳои касабаи чап корпартоиҳо, асосан, қатъ гардиданд. Дар давоми корпартоиҳо ва давраи пахш намудани онҳо 20 нафар кушта, 6000 нафар ҷароҳат бардошта ва 7 ҳазор нафар ба ҳабс гирифта шуданд.

Моҳи апрели соли 1949 Италия узви Паймони Атлантикаи Шимолӣ шуд, ки ин дар саросари кишвар мавҷи норозигиро барангехта буд. Тибқи ин муоҳида, ҳукумати Италия ба Амрико барои сохтани пойгоҳҳои низомӣ иҷозат медод. Аммо ин сиёсат барои ҳукумат натиҷаи нек надошт. Дар интихоботи соли 1953 Ҳизби христианӣ-демократӣ аксарияти овозро гирифта натавонист ва Алчидо де Гаспери истеъфо дод.

Хусусияти хоси сохтори сиёсии Италия ҳоким будани Ҳизби христианӣ-демократӣ дар тӯли қариб ним аср буд. Қаноти чапи мухолифин аз давраи ҳаракати муқовимат то соли 1954 ҳизбҳои коммунистӣ ва сотсиалистӣ буда, бо ҳам иттифоқ доштанд. Дар қаноти рост ифротиёни Ҳизби миллии рости неофашистӣ қарор доштанд.

Соли 1960 Италия бӯҳрони шадидро аз сар гузаронид. Ҳизби христианӣ-демократӣ аз ҳимояи баъзе ҳизбҳои кӯчак маҳрум гашта, умед дошт ба ҳизби неофашистон такя кунад. Ҳамон сол неофашистон қасд доштанд, то дар шаҳри Генуя анҷумани миллӣ даъват кунанд, ки ин мавҷи эътирозро ба муқобили онҳо ба вуҷуд оварда буд. Ҳизби христианӣ-демократӣ ҳамкориро ҳам бо қаноти чап ва ҳам бо қаноти рост рад кард. Чунин мавқеъ сентризм ном гирифт.




Суратҳисоби пардохти газ
(карикатураи италиявӣ)

***Чаро соҳибхона беҳуш шуд?***

Аз соли 1963 то соли 1971 ҳукуматро ҳизбҳои христианӣ-демократӣ ва сотсиалистӣ

муштарак идора мекарданд. Дар интихоботи соли 1972 Ҳизби христианӣ-демократӣ натавонист ҳукумати якҳизбиро таъсис кунад. Роҳбари ин ҳизб Ҷ. Андреотти аз намояндагони ҳизбҳои христианӣ-демократӣ, сотсиал-демократӣ ва либералӣ ҳукумат ташкил дод.

Ҳамгироии иқтисодии кишварҳои Аврупо боиси рушди Италия гардид. Аз охири солҳои 50-ум дар ин кишвар болоравии пурсамари иқтисодиёт оғоз ёфт. Маҳсулнокии меҳнат афзоиш ёфта, ҳиссаи Италия дар истеҳсолоти саноатии кишварҳои мутараққӣ боло рафт. Инқилоби илмию техникӣ сурат гирифта, ҷараёни навсозӣ ва автоматикунонӣ дар металлургия, саноати мошинсозӣ ва кимиё вусъат ёфт. Соҳаҳои нави саноат пайдо шуданд. Италия дар радифи ҳафт кишвари пешрафтаи ҷаҳон қарор гирифт. Он аз кишвари кишоварзию саноатӣ ба саноатию кишоварзӣ табдил ёфт. Дар солҳои 50-60-ум суръати тараққиёти саноати Италия дар ҷаҳон пас аз Япония аз ҳама боло буд.

Хусусияти хоси рушди саноати Италия сатҳи баланди бахши моликияти давлатӣ буд. 94% саноати пӯлодгудозӣ, 95% саноати ранга, 97% саноати истихроҷи гази табиӣ ба бахши давлатӣ таалluқ дошт. Муассисаҳои коркарди нерӯи барқ, истихроҷи маъдан, низомӣ, алоқа, роҳҳои оҳан моликияти давлатӣ буданд. Минтақаи Шимолу Ғарби кишвар (атрофи шаҳрҳои Милан, Генуя, Турин) ба маркази бузурги саноатӣ ва истеҳсоли оммавии техника ва технологияи ҳозиразамон (мошинсозӣ, нафту кимиё, электронӣ, ҳавопаймосозӣ) табдил ёфт. Шимолу шарқ ва маркази Италия (Тоскана, Эмилия, Романя, Венетсия) маркази истеҳсоли пойафзол, маҳсулоти бофандагӣ ва сафолӣ гардид. Италияи Ҷанубӣ минтақаи ақибмондаи кишоварзӣ ва дар ҳаёти сиёсӣ кӯҳнапараст боқӣ монда, масъалаи ба кор таъмин намудани аҳолӣ яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Мӯъҷизаи иқтисодии Италия дар миёни солҳои 60-уми асри гузашта ба амал омад. Дар баробари бӯҳрони умумӣ, ки бахусус дар солҳои 70-ум тамоми кишварҳои саноатиро фаро гирифта буд, мушкилоти Италия нарасидани кадрҳои баландихтисоси идорӣ буд.

***Толятти Палмиро – ходими ҳаракати коргарӣ ва коммунистӣ. Соли 1924 дар Конгресси 5-уми Интернатсионали Коммунистӣ узви Кумитаи Иҷроияи он интихоб шуд. Аз соли 1928 узви раёсати КИ ИК буд. Аз соли 1926 Дабири кулли ҲКИ. Солҳои 1946 – 1947 намояндаи Маҷлиси муассисон ва аз соли 1948 вакили парламенти Италия буд.***


Палмиро Толятти

Дар аксар маврид ин ба мавҷудияти ҷинояткории муташаккил (мафия) дар сатҳи боло вобаста буд, ки он дар солҳои баъдиҷангӣ ҳарҷи бештар ба сохторҳои

**Харҷи даромади аҳолии Италия (%)**

| Харҷҳо | Сол | |
|---|---|---|
| | 1953 | 1970 |
| 1. Маводи ғизоӣ | 48,1 | 43,5 |
| 2. Либос, пойафзол | 11,5 | 10,2 |
| 3. Хизматрасонии манзил | 20,4 | 19,4 |
| 4. Нақлиёт | 5,1 | 10,7 |
| 5. Маълумот, фарогат | 4,6 | 7,5 |
| 6. Харҷи тиббӣ | 5,6 | 8,6 |
| 7. Дигар харҷҳо | 3,7 | 0,2 |

давлатӣ ворид шуда буд. Васеъ паҳн гаштани ришвахӯрӣ ва террори бераҳмонаи сиёсӣ ба муқобили онҳое, ки бо мафия ҳамкорӣ кардан намехостанд, хоси ин давра буд. Дар натиҷаи таъсири мафия ҳайати ҳукуматҳо зуд-зуд иваз мегардид. Мафия барои дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи ҳукумат садди роҳ шуда буд.

1. ***Ҷадвалро таҳлил карда муайян намоед, ки чӣ тавр сатҳи зиндагии италиягиҳо пас аз ҷанги дуввуми ҷаҳон тағйир ёфтааст?***
2. ***Италиягиҳо даромади худро бештар бо кадом мақсад сарф мекарданд?***

***А. А. Громико дар бораи хусусияти хоси ҳаёти сиёсии Италия***

*Дар Италия ба ман муяссар гардид, ки бо Раиси ҷумҳур, сарвазир ва вазири умури хориҷаи ин кишвар мулоқот ва гуфтугӯ кунам. Дар ин мулоқотҳо надидани хусусияти хоси ҳаёти сиёсии ин кишвар маълум буд. Пас аз анҷоми Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар Италия шахсияти аз тарафи омма эътирофшуда вуҷуд надошт, ки аз рӯи мавқеи худ бо Шарл де Голл дар Фаронса, Черчилл дар Британия, Аденауэр дар Олмони Ғарбӣ баробар шуда тавонад. Дар ин ҷо як гурӯҳи муайяни фаъолони буржуазӣ ташаккул ёфта буд, ки аз як вазифа ба вазифаи дигар гузашта, дар сатҳи болои ҳукумат мустаҳкам ҷой гирифта буданд.*

*Аз китоби А.А.Громыко. "Памятное". - Москва, 1998. - С.12.*

?!

1. ***Ислоҳоти ҳукумати Алчидо де Гаспери кадом соҳаҳоро фаро гирифта буд?***
2. ***Дар воқеаҳои тобистони соли 1948 ашхоси алоҳида, ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва ниҳодҳои ҳукуматӣ чӣ нақш доштанд?***
3. ✱ ***Хусусиятҳои хоси сохтори сиёсии давлати Италияро мутобиқи Қонуни асосии соли 1948 номбар кунед.***

# §22. Япония: барқароршавӣ ва ислоҳот

*1. Шикасти Япония дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон барои ин кишвар чӣ оқибатро ба бор овард?*
*2. Генерал Макартур дар ҳаёти Япониии баъдиҷангӣ чӣ нақш дошт?*
*3. Хусусиятҳои хоси рушди Япония кадомҳоянд?*



Муҷассамаи қурбониёни силоҳи ҳастаӣ дар Хиросима

*Чунин шакли муҷассама чӣ рамз дорад?*
*Гиромӣ доштани поси хотири қурбониён чӣ гуна ифода ёфтааст?*

Шикаст дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон ва таслими бечунучаро Японияро сахт такон дод. Мардум, ки дар рӯҳияи шикастнопазирии Япония, садоқат ба императори кишварашон тарбия ёфта буданд, ин шикастро ба сифати фоҷиаи миллат пазируфтанд. Новобаста ба таслимшавии беқайду шарт японҳо, тибқи анъанаҳои аҷдодӣ ба ҳукумати шикастхӯрдаашон итоат мекарданд.

**Ислоҳоти генерал Макартур.** Мардум мунтазири ислоҳот ва бозсозии демократии ҷомеа буданд. Сарфармондеҳи нерӯҳои ишғолгари Амрико дар Япония генерал Дуглас Макартур ҳокимияти номаҳдуд дошт. Дар ибтидои моҳи октябри соли 1945 ислоҳоти демократӣ оғоз ёфт. Тибқи пешниҳоди генерал Макартур маҳбусони сиёсӣ озод шуда, пулиси махфӣ барҳам дода шуд.

Чорабиниҳои мушаххас барои озодии занон ба анҷом расида, ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои коргарӣ васеъ гардид, маориф пурра навсозӣ шуд.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кӯшиш ба харҷ медод, то дар Япония иқтисодиётро мисли иқтисодиёти худ ба роҳ монда, қонуни зиддитрестиро, ки ҳанӯз ибтидои асри XX дар Амрико қабул шуда буд, дар ин кишвар низ амалӣ намояд.

Дар ин давра 21 бонк баста шуда, инҳисоргарон, ҷангхоҳон ва заминдорони бузург душмани халқ эълон шуданд. Бештари ҷинояткорони ҷанг дастгир ва қатл шуданд.

Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и соли 1946 ҳуқуқ ва озодиҳои демократӣ, худдорӣ аз ҷангро эълон кард ва мавҷудияти нерӯҳои мусаллаҳро дар Япония манъ намуд. Мақоми император ба сифати сарвари миллат ва рамзи ягонагии он боқӣ монд.

Қонуни асосии Япония даст кашидан аз ҷангро ҳамчун воситаи ҳалли мунокишаҳои байналмилалӣ, худдорӣ аз доштани артиш ва қувваҳои баҳрӣ ҳамчун усули пешгирии чунин мунокишаҳо эълон кард. Ҳукумати ин кишвар ҳамчунин «се усули надоштани силоҳи ҳастаӣ» – истеҳсол накардан, надоштан ва наовардани силоҳи ҳастаиро ҷонибдорӣ мекард.



Намоиши зиддиҷангӣ дар Токио

***Чаро японҳо дар намоиш ҳои зиддиҷангӣ фаъолона иштирок мекарданд?***

Ҳизбҳое, ки дар пеш бурдани сиёсати душманӣ ва таҷовузкорона худро бадном карда буданд, пароканда карда шуданд. Ҳизбҳои наве пайдо шуданд, ки сиёсати давлатро дар солҳои баъдиҷангӣ дастгирӣ мекарданд. Сиёсати Япония дар ин давра тараққихоҳӣ, озодфикрӣ ва адолати иҷтимоӣ буд. Дар солҳои баъдиҷангӣ дар сари қудрат асосан Ҳизби либералӣ (озодгаро) меистод, ки аз соли 1955 ба худ номи либералӣ-демократиро гирифта буд.

Дар интихоботи парламентии соли 1946 Ҳизби либералӣ пирӯз гардид. Бо ташаббуси генерал Макартур соли 1946 парламент дар бораи ислоҳоти кишоварзӣ қонун қабул кард, ки тибқи он ҳукумат заминро аз заминдорон харида ба деҳқонон мефурӯхт. Ислоҳоти замин ба манфиати деҳқонон буд. Акнун деҳқон метавонист, тақдири маҳсулоташро худаш ҳал кунад.

Ислоҳоти кишоварзӣ дар Япония тағйироти ҷиддиро ба амал овард. Дар хоҷагии қишлоқ нуриҳои кимиёӣ, обёрии сунъӣ, тракторҳои хурд ва дигар намудҳои техника ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт.

***Макартур Дуглас (1880 – 1964). Аз соли 1944 генерали артиши Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. Дар солҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон сарфармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Шарқи Дур (1941 – 1942) ва сарфармондеҳи нерӯҳои иттифоқчӣ дар қисмати ҷанубу ғарбӣ уқёнуси Ором буд. Аз соли 1945 фармондеҳи нерӯҳои ишғолгари амрикоӣ дар Япония. Солҳои 1950 – 1951 фармондеҳи амалиёти нерӯҳои амрикоӣ ва Кореяи ҷанубӣ буд.***

**Иттифоқи низомию сиёсии Япония бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.** Пас аз имзои чанд аҳднома бо Амрико вазъи Япония якбора тағйир ёфт. Соли 1951 дар шаҳри Сан-Франсискои Амрико мувофиқатномае бо номи «Аҳднома дар бораи амният» ба имзо расид, ки он ба иттиҳоди низомию сиёсии Япония ва Амрико ибтидо гузошт. Тибқи ин аҳднома бояд қувваҳои мусаллаҳи Амрико дар Япония ба хотири таъмини «истиқлолият»-и ин кишвар боқӣ мемонданд. Ин аҳднома амалан ҳузури доимии қувваҳои мусаллаҳи Амрикоро дар Япония қонунӣ намуда, ба ташкили қувваҳои мусаллаҳи Япония иҷозат намедод.



Амалӣ гаштани шартнома байни Япония ва Амрико (карикатураи Шӯравӣ)

***Чаро низомиён намоишчиёнро тарафдорӣ намекунанд?***

Аҳдномаи соли 1952 ба имзо расида тамоми пойгоҳҳои низомии Японияро дар ихтиёри қувваҳои мусаллаҳи Амрико мегузошт. Япония ӯҳдадор гардид, ки ҳамасола барои нигоҳ доштани онҳо 150 миллион доллари амрикоӣ бипардозад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалан тамоми масоҳати Японияро дар зери назорати худ қарор дод. Аҳдномаи соли 1953 ба имзо расида равобити Амрико ва Японияро дар соҳаи тиҷорат ва баҳрнавардӣ муайян намуда, барои шаҳрвандони ҳарду кишвар шароит фароҳам овард, ки дар умури тиҷорат аз имконоти баробар баҳра бардоранд.

Аҳдномаи соли 1960 ба имзорасида ҳамкории Амрико ва Японияро таҳким бахшид, кафолати амнияти Японияро таъин намуд, ба мустаҳкам гардидани мавқеи Амрико дар Шарқи Дур мусоидат намуд. Ҷазираи Окинава, ки дорои беш аз 1 миллион аҳолӣ мебошад, пойгоҳи доимии нерӯҳои ҳавоии Амрико дар ҳавзаи Уқёнуси Ором гашт. Маҳз аз ҳамин пойгоҳ ҳавопаймоҳои амрикоӣ манотиқи Ветнам, Лаос ва Камбоҷаро бомбаборон мекарданд.


Нерӯгоҳи барқии атомии "Суруга"

***Чаро дар Япония бештар нерӯгоҳи атомӣ сохта шуд?***

Амрико бо Япония итти-ҳоди низомию сиёсӣ баста, аз он ба муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ истифода мебурд.

**Рушди иқтисод дар солҳои 50-70-ум.** Ба имзо расидани аҳдномаҳо миёни Амрико ва Япония дар солҳои 50-ум боиси рушди иқтисодиёти Япония гардид. Япония ба бозори Амрико роҳ ёфт, ки ин кор ба ҳар кишваре ба осонӣ муяссар намегардид. Саноати Япония дар Амрико эътироф шуда, 20% молҳои воридотии Амрико аз Япония буданд, ки ҳеҷ кишвари дигар ба чунин муваффақият даст наёфта буд. Япония ҳамасола ба Амрико ба маблағи 100 миллиард доллар мол мефурӯхт.

Дохил шудани Япония ба бозори дохилии Амрико аз нимаи дуввуми солҳои 50-ум муяссар гашт. Ин имкон дод, ки Япония тамоми саноаташро бозсозӣ карда, инқилоби илмию техникӣ ба амал оварад, ба пешқадамтарин дастовардҳои илмию техникии ҷаҳон ноил гардад.

Солҳои 1955 – 1970 дар иқтисодиёти Япония беш аз 15 ҳазор ихтирооти нави техникӣ ба амал омад. Дар саноати ин кишвар мошинсозӣ мақоми хос пайдо намуд.

Солҳои 1972 – 1974 собиқ дабири кулли Ҳизби либералӣ-демократӣ Какуэй Танака сарвазири Япония буд, ки дар тараққиёти кишвар нақши муҳим бозид. Япония дар солҳои 70-уми асри XX дар ҷаҳон аз ҷиҳати киштисозӣ ва содироти он мақоми аввал, тавлиди оҳан, алюминий, саноати мошинсозӣ мақоми дуввум, истеҳсоли дастгоҳҳои харротӣ ва молҳои кимиёӣ мақоми севвумро ишғол мекард.


Какуэй Танака

***Какуэй Танака (1918 – 1993). Узви палатаи поёнии парламент, вазири алоқа, вазири молия, вазири саноат буд. Дабири кулли Ҳизби либералӣ-демократии Япония буд. Солҳои 1972 – 1974 вазифаи сарвазири кишварро ба ӯҳда дошт.***

***Қувваҳои мусаллаҳи Япония***

*Бар хилофи қарордодҳои давлатҳои иттифоқчӣ дар борои ғайринизомӣ гардонидани Япония ин давлат дар солҳои 70-ум соҳиби артиши неруманд гардида буд. Неруҳои мусаллаҳи Япония аз неруи заминӣ, баҳрӣ ва ҳавоӣ иборат буданд. Сарфармондеҳи олии ин неруҳо нахуствазир ба ҳисоб мерафт.*

*Дар соли 1977 неруҳои мусаллаҳи ин кишвар қариб аз 265 ҳазор нафар, аз ҷумла неруи заминӣ 180 ҳазор нафар ва дорои 5 ситоди артиш, 1 дивизияи танкӣ, 12 дивизияи пиёданизом,*

*1 бригадаи десанти ҳавоӣ, чандин гурӯҳҳои тӯпчӣ, муҳандисӣ ва ғайра иборат буданд.*

*Нерӯи ҳавоӣ қариб 45 ҳазор нафарро ташкил дода, дорои 450 ҳавопаймои ҷангӣ, 17 эскадрилия, қариб 360 ҳавопаймои машқӣ буд. Нерӯи баҳрӣ қариб 42 ҳазор нафарро ташкил дода, дорои 16 киштии зериобӣ, 4 киштии десантӣ ва ғайра буд.*

***Ба назари шумо, сабаби аз тарафи Япония риоя накардани қарордод дар бораи ғайринизоми гардонидани он дар чӣ буд?***

***Муҳаққиқи амрикоӣ Пол Кеннеди дар бораи хусусиятҳои хоси рушди Япония***

*Дастовардҳои Япония арзишҳои иҷтимоӣ ва миллии худи японҳоро дар бар мегиранд. Онҳо бо намояндагони дигар қавмҳо хеле кам издивоҷ мекунанд. Японҳо дар тӯли давраҳои зиёд дар инзиво (ҷудоӣ) аз дигар қисмати ҷаҳон зиндагӣ доштанд. Ин ягонагии онҳо на танҳо дар ҳиссиёти баланди ифтихори миллӣ ва беҳамто будани фарҳангашон зоҳир мешавад, балки он чи барои Ғарб хеле таъсирбахш аст, такя ба тавофуқи иҷтимоӣ, зарурияти ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми насли калонсол, эътирофи манфиатҳои умум нисбат ба манфиатҳои шахсӣ иборат аст. Японҳо нияту мақсадҳои худро то дараҷаи зиёд фурӯ нишонда, хеле босамар ҳамчун як даста ва аъзои воҳиди гурӯҳи ягона - хонавода, мактаб, ширкат, миллат фаъолият менамуданд.*

1. ***Кадом хусусиятҳои хоси японҳо рушди баъдиҷангии Японияро таъмин намуданд?***
2. ***Шумо ба фикри муҳаққиқи амрикоӣ мувофиқ ҳастед ё не?***

**?!**

1. ***Пас аз қабули Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и соли 1946 дар кишвар чӣ дигаргунӣ ба амал омад?***
2. ***Ба назари шумо, ҳамкориҳои Амрико ва Япония дар солҳои 50-70-ум то чӣ андоза барои ҳар ду ҷониб муфид буд?***
3. ***Сарчашмаи аслии ба зудӣ аз нав барқарор гардидан ва рушди иқтисодии Японияро дар чӣ мебинед?***
4. ***Кадом соҳаҳои иқтисодиёти Япония муваффақиятҳои ин кишварро дар бозори ҷаҳонӣ муайян мекарданд?***

# Боби 4. Мамлакатҳои Осиё, Африқо ва Америкои Лотинӣ: озодшавӣ ва масъалаҳои навсозӣ

## §23. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: истиқлолият ва ибтидои навсозӣ

*1. Вазъияти кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон чӣ гуна буд?*
*2. ИМА ва давлатҳои Ғарб бо кадом восита ба давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ёрӣ мерасониданд?*
*3. Моҳияти "мӯъҷизаи иқтисодӣ"-и осиёӣ аз чӣ иборат буд?*

**Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон.** Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) минтақаи васеъ мебошад, ки ба он нимҷазираҳои Корея ва Ҳиндухитой, ҷазираҳои Тайван ва Филиппин, давлатҳои Малайзия, Сингапур, Индонезия ва Бруней дохил мешаванд.

Мустамликадорон дар гузашта ин минтақаро ҳамчун манбаи ашёи хом ва қувваи арзони кор истифода мебурданд. Баъд аз анҷом ёфтани Ҷанги дуввуми ҷаҳон табақаҳои сармоядори миллӣ ва зиёиёни пешқадами ин кишварҳо мубориза барои ба даст овардани истиқлолият огоз намуда, ба пирӯзӣ расиданд. Дар натиҷа, солҳои 40-50-уми асри XX Индонезия, Бирма, Филиппин, Малайзия ва Сингапур давлатҳои мустақил гардиданд.

Дар ибтидои давраи истиқлолияти сиёсӣ барои кишварҳои ин минтақа масъалаи интихоби роҳи инкишофи минбаъда аҳамияти калон дошт. Ҷаҳонӣ рӯ ба тараққӣ дар он солҳо ба урдӯгоҳи «ғарбӣ» ва «шарқӣ» (олами «сармоядорӣ» ва олами «сотсиалистӣ») тақсим шуда буд. Аз сабаби ба амал омадани ҷудоӣ дар ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва такя ба қувваҳои гуногуни хориҷӣ, дар байни давлатҳои минтақа чунин ҳолат низ ба вуҷуд омада буд ва онҳо ба се гурӯҳ тақсим шуда буданд:

1. Давлатҳои роҳи сармоядориро интихобнамуда: Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Филиппин, Сингапур, Малайзия. Ин давлатҳо ба ИМА ва давлатҳои Ғарб майл доштанд.

2. Давлатҳои роҳи «ғайрисармоядорӣ» («сотсиалистӣ»)-ро интихобнамуда: Кореяи Шимолӣ, Ветнам, Лаос. Давлатҳои мазкур ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳони сотсиалистӣ такя мекарданд.

3. Давлатҳои бетараф ва сиёсати ба паймонҳо ҳамроҳнашавиро пешгирифта: Индонезия, Бирма.

Маҳз дар давлатҳои гурӯҳи аввал дар солҳои 50-уми қарни XX падидае ба вуҷуд омад, ки бо номи «мӯъҷизаи иқтисодии осиёӣ» машҳур гардид.

**Ислоҳоти иқтисодии давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ.** Баъд аз хатми Ҷанги дуввуми ҷаҳон минтақаи ОҶШ аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле қафомонда буда, доимо ба он хатари гуруснагӣ ва қаҳтӣ таҳдид мекард. «Мӯъҷизаи иқтисодӣ» бо эҳё ва тараққиёти босуръати 4 давлати хурд (Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур ва Ҳонконг), ки қариб тамоман аз сарватҳои табиӣ маҳрум буданд, огоз гардид. Дастовардҳои бемислу монанди онҳо мафҳуми «чор аждаҳои хурд» ё «палангони осиёӣ»-ро ба вуҷуд овард. Дар зарфи каме бештар аз 10 сол ин давлатҳо ба кишварҳои тараққикарда ва пешқадам табдил ёфтанд. Сабаби ин дигаргуниҳои босуръат пуштибонии ИМА ва дигар давлатҳои Ғарб буд. Дар шароити «ҷанги сард» ҳукуматҳои давлатҳои ОҶШ тарафдори демократикунонӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ шуда, сиёсати зиддикоммунистиро дастгирӣ карданд. ИМА ба ин кишварҳо ҳамчун такягоҳи мубориза ба муқобили мамлакатҳои коммунистии Осиё - Хитой, Ветнам ва Кореяи Шимолӣ назар мекард. Қувваҳои мусаллаҳи ИМА ва дигар давлатҳои Ғарб дар Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Малайзия ҷойгир карда шуданд.

Навсозии иқтисодӣ дар давлатҳои ОҶШ дар зинаи аввал аз тараққӣ додани соҳаҳои анъанавии саноати сабук - бофандагӣ, либосдӯзӣ ва истеҳсоли асбобу анҷоми рӯзғор оғоз гардид. Кӯмаки молии ИМА ва давлатҳои Ғарб аз як тараф ва истифодаи қувваи арзони кор, аз тарафи дигар заминаи устуворро барои тараққӣ додани соҳаҳои технологияи баланди саноатии истеҳсоли автомобилҳо, телевизорҳо, яхдонҳо, дастгоҳҳои барқии рӯзгор, компютерҳо ба вуҷуд овард. Маҳсулоти арзони истеҳсолшуда ба бозорҳои кишварҳои Осиё ва Африқо содир карда мешуд. Мушовирони хориҷӣ дар барпо кардани саноат ва кишоварзии замонавӣ кӯмаки бевосита мерасониданд.



Аскарони британиягӣ дар Малайзия солҳои 50-уми асри XX

*1. Мақсади даровардани қушунҳо аз чӣ иборат буд?*
*2. Аскарон дар кадом шароит амалиёт мегузаронанд?*

**Ба амал баровардани навсозии иқтисодӣ.** Дар Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур ва Ҳонконг барпо кардани саноати замонавӣ чунон бо суръати баланд ба амал бароварда мешуд, ки ҳатто аз нишондодҳои солонаи болоравии Япония ҳам баланд буданд. Моҳияти сиёсати иқтисодии ин давлатҳо иборат аз ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, маҳдуд сохтани бахш (сектор)-и давлатӣ ва аз ин ҳисоб инкишоф додани бахши хусусӣ, баланд бардоштани дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ ва васеъ паҳн кардани донишҳои компютерӣ буд.




Карикатураи шӯравӣ дар бораи Чан Кай Ши

***Дар тасвир зарбулмасал ба кӣ таалluқ дорад?***

Тайван дар шароити сахти низоми ҳарбӣ-сиёсӣ ба марҳилаи ислоҳоти иқтисодӣ ворид гардид. Баъди шикаст дар ҷанги дохилӣ дар Хитой генерал Чан Кай Ши ба ин ҷазира гурехта, то соли 1975 ҳукмронӣ кард. Дар Тайван танҳо ба фаъолияти як ҳизб - Гоминдан, ки ба он худи Чан Кай Ши роҳбарӣ мекард, иҷозат дода шуда буд. Ҳар гуна зуҳуроти мухолиф ба низоми ҳарбӣ саркӯб карда мешуд. Аҳолӣ ҳуқуқи гузаронидани гирдиҳамоӣ ва коргарон ҳуқуқи корпартоӣ надоштанд.

Асоси иқтисодиёти Тайванро соҳаҳои саноати содиротӣ – истеҳсоли таҷҳизотҳои технологияи баланд ташкил медод. Тайван бузургтарин давлати воридкунандаи микросхемаҳо аз Япония ва тавлидкунандаи техникаи электронӣ ва компютерҳо гардид. Барои таҳрики фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти Тайван «минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ташкил дода шуданд. Истеҳсолот дар ин минтақаҳо аз пардохтани андоз озод буда, дорои имтиёзи калон мешуд.

***Аз мақолаи "Хуни маро харед"***

*Сокинони зиёди ҷазираи Тайван дар зери фишори қашшоқӣ ва тангдастӣ касби хундиҳанда (донор)-ро интихоб менамуданд...*

*Мувофиқи талаботи мавҷуда шахси хундиҳанда дар зарфи ду моҳ бояд на бештар аз 250 см. кубӣ хун супорад. Барои 100 см. кубӣ шахси хундиҳанда 200 юани ҳақ мегирад. Ин маблағи ночиз ҳатто барои ду бор хӯрок хӯрдан дар як шабонарӯз намерасад. Як*

*нафар тайванӣ дар арафаи ҷашни баҳор ба "нишондоди баланд" расидааст. Вай дар муддати як моҳ 3000 см.кубӣ хун супоридааст. Ба чунин шахсони хундиҳанда нигоҳ кардан даҳшат аст.*

*Аз маҷаллаи"Азия и Африка сегодня". 1963, - № 1. - С.38*

***Ба фикри шумо, одамон чаро "хунфурӯшӣ" мекарданд?***
***Оё ин амал поймоли ҳуқуқи инсон нест?***
***Сабаби инкишофи босуръат, аз як тараф ва бенаво гаштани қисми дигари одамон, аз тарафи дигар, дар чист?***



Истеҳсоли телевизорҳо дар Тайван

***1. Истеҳсолот аз рӯи кадом усул ба роҳ монда шудааст?***
***2. Оё коргарони оддӣ дар чунин корхона кор карда метавонанд?***

Дар Кореяи Ҷанубӣ солҳои 50-уми асри XX ба ҳукумати Ли Син Ман бо вуҷуди он ки тамоми ҷидду ҷаҳдро барои баланд бардоштани тавлидоти кишоварзӣ ва барпо кардани корхонаҳои бузург равона карда буд, муяссар нагардид, ки тараққиёти иқтисодиётро ба роҳ монад. Баъди ба сари ҳокимият омадани генерал Пак Ҷон Хи дар соли 1961, диққати асосӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти содиротӣ равона гардид. Дар натиҷа ширкатҳои молӣ-саноатӣ дар иқтисодиёти Кореяи Ҷанубӣ нақши ҳалкунанда бозиданд. Ширкатҳои «Самсунг», «Голдстар», «ДЭУ» ва «Хёндэ» ба қатори бузургтарин ширкатҳои ҷаҳонӣ дохил шуданд.

Дар ин давра Ҳонконг мустамликаи Англия буда, дар шароити озод инкишоф меёфт. Ҳанӯз аз даврони гузашта Ҳонконг дарвозаи тиҷоратии Хитой бо давлатҳои Ғарб ва яке аз бузургтарин бандари баҳрӣ буд. Дар ин ҷо ширкатҳо ва бонкҳои хориҷӣ фаъолият доштанд ва барои тараққиёти Ҳонконг мусоидат менамуданд. Ҳонконг аз сарватҳои табиӣ, озуқаворӣ ва ҳатто оби нӯшокӣ маҳрум буд. Илова бар ин, солҳои 50-уми асри гузашта

бештар аз 5 млн. нафар одамон аз Хитой гурехта, дар Ҳонконг маскун шуда буданд.

Ҳонконг тадриҷан ба маркази ҷаҳонии тиҷорат, сармоя ва фаъолияти бонкӣ, нақлиёти баҳрӣ табдил ёфт. Бандари баҳрӣ ва киштиронӣ соҳаҳои асосии иқтисодиёт гардида, 70% даромади миллии Ҳонконгро ташкил медод. Дар ин ҷо саноати нассоҷӣ, истеҳсоли соат, атриёт ва дастгоҳҳои компютерӣ ба дараҷаи баланд тараққӣ карда буд. Ҳонконг яке аз бузургтарин марказҳои ҷаҳонии саёҳат (туризм) шуморида мешуд.

Дар Сингапур ислоҳоти иқтисодӣ аз тарафи ҳизби Ҳаракати халқӣ бо роҳбарии сарвазир Ли Куан Ю ба амал бароварда шуд. Ин давлат бинобар миқёсан хурд буданаш аз захираҳои табиӣ ва замини кишт танқисӣ мекашид. Дар навбати аввал дар Сингапур ширкатҳои бузурги истеҳсолӣ ташкил дода шуданд, баъдтар ба сармоягузориҳои хусусӣ озодии пурра доданд. Ширкатҳои хориҷӣ барои фаъолият ва иштирок дар барпо намудани саноати муосири Сингапур дар тӯли 15 сол аз пардохти андоз озод буданд.

Дар натиҷаи навсозиҳои иқтисодӣ Сингапур ба дараҷаи баланди тараққиёт расида, захираи тилло ва асъори худро хеле афзоиш дода буд. Дар соҳаи истеҳсоли киштиҳо, дастгоҳҳои нафткашӣ ва коркарди он ба зинаи аввал дар ҷаҳон расид. Шаҳри Сингапур ба маркази бузурги тиҷорати байналхалқӣ, сармояи бонкӣ ва саёҳат табдил шуда буд.

Давлатҳои ин минтақа бо мақсади вусъат додани навсозии саноат, кӯмаки байниҳамдигарӣ дар ҳалли мушкилиҳои иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани робитаҳои сиёсӣ ба созмони ҳамкорӣ – Ташкилоти Давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ТДОҶШ) асос гузоштанд.




Карикатураи филиппинӣ дар бораи кӯмаки Бонки ҷаҳонӣ ба кишварҳои минтақа

***Оё мақсади мададгорон воқеӣ тасвир ёфтааст?***

*Ташкилоти Давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН - Association of South East Asian Nations) соли 1967 аз тарафи Индонезия, Малайзия, Сингапур, Тайланд ва Филиппин бо мақсади инкишоф додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ташкил ёфт.*



Маркази молиявию тиҷорати шаҳри Сингапур

***1. Ин манзара ба кадом шаҳрҳои олам шабоҳат дорад?***
***2. Чаро биноҳо зич сохта шудаанд?***

Таҷрибаи навсозиҳои иқтисодии давлатҳои саноатии нав дар як қатор давлатҳои дигари минтақа – Тайланд, Филиппин ва Индонезия истифода бурда шуд. Дар ин давлатҳо ислоҳоти иқтисодӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта гузаронида шуд.

?!

***1. Давлатҳои ОҶШ кадом роҳҳои инкишофро интихоб намуданд?***
***2.Барои чӣ давлатҳои зудтараққикунандаро «палангони осиёӣ» номиданд?***
***3. Роҳҳои асосии навсозии иқтисодиёти ин минтақа кадомҳоянд?***
***4. Соҳаҳои асосии саноати давлатҳои ОҶШ-ро номбар кунед.***

# §24. Ҳиндустон ва Покистон: масъалаи Кашмир

1. *Кай ва аз рӯи кадом нишонаҳо Ҳиндустон ба ду давлат тақсим карда шуд?*
2. *Кай ва дар робита бо кадом рӯйдодҳо давлати Покистон таъсис ёфт?*
3. *Моҳияти муноқишаи Кашмир аз чӣ иборат аст?*

**Ҳиндустон.** Пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар империяи мустамликавии Британияи Кабир ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ авҷ гирифт. Ҳиндустон дар сафи пеши ин мубориза меистод. Нуқтаи олии ин мубориза шӯриши маллоҳон буд. Он дар киштии ҷангии «Талвар», дар бандари Бомбай 19 феврали соли 1946 оғоз ёфт. Маллоҳон пойгоҳи низомӣ-баҳриро ба тасарруф даровар-данд. Сарбозони ҳиндӣ аз оташ кушодан ба сӯи киштӣ саркашӣ карданд. Шӯришгаронро халабонҳои низомӣ дастгирӣ намуданд. Дар як шаб шаҳри Бомбай пур аз сангарҳо шуд. Намоиш ва корпартоиҳои умумӣ шаҳрро пурра фаро гирифт.

Ин шӯриш ба таври ваҳшиёна пахш гардид. Танҳо дар Бомбай дар ин рӯзҳо 300 нафар кушта шуда, 15 ҳазор нафар ҷароҳат бардоштанд. Садҳо иштирокчиёни ин шӯриш ба маҳбас андохта шуданд. Аммо бӯҳрон бартараф нагардид. Артиш аз ито-ати ҳукумат баромада, ба мардум пайваст. Ин шӯриш ваҳдати ҷамоатҳои динӣ, табақаҳо, миллиятҳо ва ашхоси дорои тафаккури мухталифро дар мубориза ба муқобили мустамликадорон собит намуд.



Низомиёни англис дар муқобили озодихоҳон

*Чаро ошӯби ҳиндуҳоро низомиёни англис пахш мекарданд?*

20 феврали соли 1947 сарвазири Англия К. Эттли бо барномаи нав доир ба Ҳиндустон баромад кард. Моҳи июни соли 1947 ноиб ус-салтанаи Ҳиндустон лорд Маунтбеттен дар бораи «Ба Ҳиндустон додани ҳокимият» эъломия дарҷ намуд. Тибқи он кишвар ба ду давлат - Ҳиндустон ва Покистон тақсим карда мешуд. Ҷараёни тақсими кишвар бо низоъҳои сиёсӣ ва қатлу ғорати мусал-монон ва ҳиндуҳо бо дасти якдигар, бахусус дар иёлоти

Бангола ва Панҷоб анҷом гирифт. Дар натиҷаи ин қатлу ғоратҳо иқтисодиёти ин иёлот зарари ҷиддӣ дид. Фирори мусалмонон аз Ҳиндустон ва ҳиндуҳо аз Покистон шаҳрҳои ин ду давлатро пур аз бекорон, оворагон ва бесарпаноҳон карда буд.

15 августи соли 1947 ҷараёни тақсимоти кишвар ба ду давлат ба охир расид. Нахустин сарвазири Ҳиндустони мустақил Ҷавоҳирлол Неҳрӯ дар қалъаи Сурхи Деҳлӣ парчами миллии Ҳиндустонро боло бардошт.

***Суханони Ҷавоҳирлол Неҳрӯ ҳангоми барафрохтани парчами Ҳиндустони соҳибистиқлол дар Қалъаи Сурхи шаҳри Деҳлӣ. 15 августи соли 1947***

*«Мо бо азобу машаққати зиёд озодии худро ба даст овардем. Қалбҳои мо то ба ҳол ин ранҷу азобҳоро дар худ доранд. Ба ҳар ҳол ба гузашта падруд гуфтем. Ҳоло тамоми фикру зикри мо ба оянда нигаронида шудааст. Аммо оянда ба осонӣ даст намедиҳад… Ин маънои онро дорад, ки саъю кӯшиши мо барои барҳам задани қашшоқӣ, бемориҳо ва таъмини имкониятҳои баробар барои мардум нигаронида шудааст. Мо бояд хонаи боҳашамати Ҳиндустони озодро бисозем, ки дар он тамоми фарзандонаш битавонанд, умр ба сар баранд».*

***Оё ин гуфтаҳои Ҷавоҳирлол Неҳрӯ амалӣ шуданд?***



Истифодаи меҳнати кӯдакон дар Ҳиндустон

***Ин духтарро чӣ маҷбур кардааст, ки ба меҳнати вазнин машғул шавад?***

Пас аз эълони истиқлолият саноат қисман дар зери назорати сармояи хориҷӣ боқӣ монд. Заифии буржуазияи миллиро ба инобат гирифта, ҳукумат бо сарварии Ҷавоҳирлол Неҳрӯ ба таъсиси бахши давлатӣ дар иқтисодиёт шурӯъ намуд. Ба бахши давлатӣ муассисаҳо ва ширкатҳои ҳавоӣ, киштиронӣ, роҳҳои оҳан,



Иҷрои барномаи маҳви бесаводӣ дар байни калонсолон

*1. Чаро одамон дар замин нишаста дарс мехонанд?*
*2. Одамони кадом синну сол ба саводомӯзӣ ҷалб шудаанд?*

ки қаблан ба англисҳо тааллуқ доштанд, ҳамчунин корхонаҳои аз ҷониби давлат сохта шуда дохил мешуданд. Сармояи хориҷӣ, асосан, ба соҳаи саноати вазнин ҷалб карда мешуд, ки он ба рушди истеҳсолоти саноат кӯмак мекард. Аммо дар кишвар ислоҳоти кишоварзӣ гузаронида нашуд. Бештар аз 20% аҳолии деҳот тамоман безамин буда, 60% деҳқонон ҳамагӣ камтар аз 2 гектар замин доштанд. Ин ба он далолат мекард, ки аксарияти мардум дар зери бори факр зиндагӣ мекарданд.

Моҳи январи соли 1950 дар Ҳиндустон Қонуни асосии ҷадид қабул карда шуд. Он кишварро ҷумҳурии соҳибистиқлоли демократӣ эълон кард. Қонуни асосии ҷадид ҳуқуқҳои асосии инсон: озодиҳои баргузории ҷаласаҳо, намоишҳо, интихоботи умумӣ, тоату ибодатро кафолат медод. Маҳдудиятҳои табақавӣ, гуломдорӣ ва дигар шаклҳои меҳнати маҷбурӣ манъ карда шуд.

Як давраи комили рушди кишвар бо номи Индира Ганди алоқаманд аст. Дар байни ду гурӯҳи арбобони сиёсии Конгресси миллии Ҳиндустон барои навсозии кишвар ва мутобиқ намудани он ба тамаддуни муосир мубориаҳои шадид мерафт. Дар интихоботи моҳи марти соли 1971 Индира Ганди, ки ба гурӯҳи ҷонибдорони навсозии кишвар сарварӣ мекард, пирӯз шуд.

Дар мунокишаи соли 1971 ба Покистон дастболо шудани Ҳиндустон ва гуфтушунидҳои солҳои баъдиҷангӣ мавқеи Индира Гандиро мустаҳкам намуд.

Аммо дар сиёсати дохилӣ ҳукумат ба корҳое даст зад, ки онҳо мардумро ба муқобили Индира Ганди қарор доданд. Яке аз чунин иқдомот кӯшиши ба забони ҳиндӣ додани мақоми давлатӣ дар саросари Ҳиндустон буд. Ин иқдом мавҷи норозигиро дар иёлоти Панҷоб, Мадрас, Кашмир, Уттар-Прадеш, Биҳор ва ғайра барангехт. Ҷудоихоҳони сикх дар иёлати Панҷоб ба тарафдории таъсиси давлати мустақили худ бо номи Холистон бархостанд.

Тарғиби таъмини назорат аз болои урфу одат сабаби паст шудани обрӯи ҳукумати Индира Ганди шуд. Мардум ин иқдомро ҳамчун дахолати ҳукумат ба ҳаёти шахсии одамон ва анъанаҳои миллию мазҳабӣ донистанд. Дар радифи инҳо амалҳои ришвахӯрӣ

ва суиистифода аз мансаб дар миёни роҳбарони баландпояи ҳукумат низ ошкор шуданд. Ҳамаи ин камбудиҳо нуфузи ҳукумати Индира Гандиро паст карда, ба осиёби мухолифони он об рехт.



Мавсими ҷамъоварии ғалла

***Чаро коркарди ғалла бо ин усул ба роҳ монда шудааст?***

**Покистон.** Давлати Покистон 15 августи соли 1947 дар натиҷаи тақсими кишвари Ҳиндустон ташкил ёфт. Аз мустамликадорони англис ба Покистон иқтисодиёти ақибмонда боқӣ монда буд, ки асоси онро кишоварзӣ ташкил медод. Қариб 90% содироти ин кишварро маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хоми маъдан ташкил медод. Саноати кишвар асосан аз корхонаҳои хурди коркарди ашёи хом ташкил шуда буд. Қисми зиёди талаботи мардум ба маҳсулоти саноатӣ ва хӯрокворӣ аз ҳисоби воридот таъмин мешуд. Дар иқтисодиёти Покистон инҳисороти хориҷӣ ҳукмрон буд. Онҳо қисми зиёди заминҳои чой, сарчашмаҳои истихроҷи ангишт, намак ва нафтро дар даст доштанд. Ширкатҳо ва бонкҳои англисӣ муҳимтарин соҳаҳои тиҷорат ва сохтори молиявии кишварро назорат мекарданд.

Вазъияти сиёсии кишвар ноустувор буд. Соли 1947 Лигаи мусалмонон ба сари қудрат омад ва роҳбарони он ҳокимиятро барои манфиати шахсии худ истифода мекарданд. Масъалаи асосӣ – ислоҳоти кишоварзӣ ҳалли худро наёфт. Ҳукумат солҳои 1950 – 1952 ба андозае заминҳои заминдорони бузургро маҳдуд кард. Аммо ин ба деҳқонон чизе надод. Сармояи хориҷӣ асосан барои сохтмони иншоотҳои низомӣ, роҳҳои муҳими стратегӣ, навсозии нерӯҳои мусаллаҳ ва хариди силоҳ равона шуда буд.



Муҳаммад Алии Ҷиноҳ - бунёдгузори давлати Покистон

Доираҳои ҳукмрони Покистон роҳи наздик шудан бо ИМА-ро пеш гирифта, солҳои 1950 – 1952 чандин созишномаи

хариди силоҳро ба имзо расониданд. Моҳи сентябри соли 1954 Покистон ба паймони низомии СЕАТО ва моҳи июли 1955 ба Аҳдномаи Бағдод дохил шуд. Дар ин асос давлат барои ташкили артиши пурқудрат маблағи зиёд сарф карда, ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ диққат намедод, ки боиси пас гаштани нуфузи он дар байни мардум шуд.

Доираҳои ҳукмрони Покистон мағлубияти худро ҳис карда, ба ҷои тағйир додани роҳи сиёсии худ даст ба табаддулоти низомӣ заданд. Диктатураи генерал М. Айюбхон барқарор гардид. Дар кишвар вазъияти низомӣ ҷорӣ карда шуд. Қонуни асосӣ бекор карда шуда, ниҳодҳои қонунгузор ва ҳукумат барҳам дода шуд. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ манъ гардид. Барои ширкат дар намоишу гирдиҳамоиҳо одамонро ҳукми қатл таҳдид мекард. Моҳи марти соли 1969 дар шароити бӯҳрони шадиди сиёсӣ генерал М. Айюбхон маҷбур шуд ҳокимиятро ба дасти генерали армия А. М. Яҳёхон супорад. Вай ҳам натавонист, ин бӯҳрони шадидро бартараф созад. Дар Покистони Шарқӣ ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ сар зад, ки натиҷаи он мунокиша миёни Покистону Ҳиндустон дар моҳи декабри соли 1971 гардид. Дар ин задухӯрд Покистон шикаст хӯрд. Покистони Шарқӣ аз ҳайати кишвар ҷудо шуда бо номи Бангладеш давлати мустақил ташкил дод.

Шикасти низомӣ сабаби шикасти режими мавҷуда гардид. Ба сари қудрат Ҳизби Халқии Покистон бо сарварии Зулфиқор Алӣ Бҳутто омад. Соли 1974 дар Покистон Қонуни асосии ҷадид қабул карда шуд.

**Масъалаи Кашмир.** Кашмир бо масоҳати 222 ҳазор километри мураббаъ дар байни Ҳимолой ва Тибет ҷой гирифтааст. Марказаш шаҳри Сринагар аст. Аҳолиаш ҳудуди 13 миллион нафарро ташкил медиҳад. Беш аз 9 миллион нафар дар Кашмири Ҳиндустон ва камтар аз 3 миллион нафар дар Кашмири Озод, ки зери назари Покистон аст, умр ба сар мебаранд.

Кашмир сарзамини кӯҳистон ва сарсабз, дорои табиати бисёр зебо буда, ҷангалҳои фаровон, обу ҳавои мусоид, захираҳои санги оҳан, ангишт, мис, мармар, тилло ва сангҳои қимматбаҳо дорад.

Дар давраи тақсими Ҳиндустон аксари аҳолии Кашмир мусалмон буданд, аммо ҳокимаш ҳинду буд. Ҳокими Кашмир Маҳараҷа Ҳари Сингҳ пас аз чанде даргириҳо Кашмирро соҳибистиқлол эълон кард. Дар охири моҳи июни соли 1947 изҳор намуд, ки ба Ҳиндустон ҳамроҳ шудан мехоҳад. Чунин изҳорот дар саросари Кашмир задухӯрди миёни ҳиндуҳо ва мусулмононро ба амал овард. Ҷанги шадид миёни давлатҳои навтаъсиси Ҳиндустон ва Покистон як сол идома ёфт. Саранҷом бо дахолати Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ду тараф ба музокира пардохтанд. Моҳи январи соли 1949 Кашмир ба ду бахш тақсим

карда шуд. Аз се ду ҳиссааш таҳти тобеи Ҳиндустон ва аз се як ҳиссааш бо номи Кашмири Озод таҳти тобеи Покистон қарор гирифт.

Тибқи қатъномаҳои Шӯрои Амнияти СММ аз соли 1948 ва соли 1951 бояд сарнавишти Кашмирро мардуми он муайян мекарданд. Яъне дар ин ҷо зери назари СММ ҳамапурсии (референдум) озод ва демократӣ бояд доир мегардид. Покистон ҷонибдори қатъномаҳои СММ ва Ҳиндустон мухолифи онҳо аст. Бар хилофи қатъномаҳои СММ моҳи майи соли 1954 ҳукумати Ҳиндустон қарор қабул кард, ки Кашмир ба сифати иёлоти Ҷамму ва Кашмир ба Ҳиндустон ҳамроҳ карда шавад.

Соли 1962 дар ҷараёни ҷанг миёни Ҳиндустон ва Хитой 41,5 ҳазор километри мураббаи Кашмирро Хитой ба тасарруфи худ даровард. Бо ин тартиб Кашмир миёни се ҳамсояи бузурги худ – Ҳиндустон, Покистон ва Хитой тақсим шуд.

Барои муҳокимаи масъалаи Кашмир аз соли 1955 то соли 1966 чандин гуфтушунидҳои дуҷониба миёни Ҳиндустону Покистон сурат гирифт, ки ҳамаи онҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд.

Соли 1971 барои Кашмир миёни Ҳиндустону Покистон ҷанги шадид рух дод. Саранҷом соли 1972 бо дархости СММ миёни ин ду кишвар муоҳидае ба имзо расид, ки тибқи он бояд онҳо масъалаҳои баҳснокро бо роҳи осоишта ҳал кунанд. Аммо баъд ҳам мунокиша миёни Ҳиндустону Покистон идома дошт.

***Муҳаммад Алии Ҷиноҳ – бунёдгузори давлати Покистон:*** *«Кашмир гулӯгоҳи ҳаётӣ ва шоҳраги иқтисоди Покистон аст. Зеро панҷ рӯди ҷорӣ дар Покистон аз Кашмири Ҳинд сарчашма мегиранд. Аз миёни онҳо рӯдҳои Синд, Панҷоб ва Ҷаҳлам дар кишоварзии Покистон нақши ҳаётӣ доранд. Қатъ кардан ё ба тарафи дигар баргардонидани ин рӯдҳо ҳамчун қатъи шоҳраги ҳаёти кишоварзии Покистон ба ҳисоб меравад».*

***Гуфтаҳои Муҳаммад Алии Ҷиноҳ ба ихтилофоти мусаллаҳона байни Ҳиндустон ва Покистон чӣ гуна муносибат доранд?***

**?!**

1. ***Пас аз қабули Қонуни асосии соли 1950 дар Ҳиндустон чӣ дигаргунӣ ба амал омад?***
2. ***Ҳукумати И. Ганди чӣ дастовардҳо дошт?***
3. ***Хусусиятҳои хоси рушди иқтисоди Покистонро номбар кунед.***
4. ***Чаро мардуми Кашмир наметавонад сарнавишташро худаш ҳал кунад?***

# §25. Мамлакатҳои Шарқи Миёна: салтанати машрута ва ислоҳот

*1. Эрон ва Афғонистон баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар кадом вазъият қарор доштанд?*
*2. Дар рақобати паймонҳои Шарқу Ғарб ин кишварҳо ба кадом тараф такя мекарданд?*
*3. Ислоҳоти дохилии ин мамлакатҳо чӣ натиҷа дод?*

Баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар Эрон (то соли 1979) ва Афғонистон (то соли 1973) шакли идораи шоҳии машрута (монархияи конститутсионӣ) ҳукмрон буд.

***Шоҳии машрута (монархияи конститутсионӣ), чунин шакли идораи давлат аст, ки ҳокимияти подшоҳро Қонуни асосӣ (Конститутсия) маҳдуд мекунад: вазифаҳои қонунгузори он ба парламент ва иҷроия ба ҳукумат дода мешаванд.***

Тараққиёти баъдиҷангӣ ва ислоҳот нишон дод, ки дар раванди навсозии ин кишварҳо ба назар гирифтани эътиқодоти динӣ, анъана ва суннатҳои мардум ҳамеша нақши ҳалкунанда дошт.

**Эрон**. Баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон вазъияти дохилии Эрон пуршиддат буд. Ҳаракатҳо барои соҳиб шудан ба ҳуқуқи худмухторӣ дар Озорбойҷони Эрон ва Курдистон оғоз шуданд. Коммунистҳо (аъзои Ҳизби Тӯдаи Эрон) муборизаро барои ташкили давлати демократӣ, ба даст овардани озодиҳои сиёсӣ, милликунонии саноати нафт ва ғайра пурзӯр карданд.

Саноати нафти Эрон, ки боигарии асосии мамлакат буд, дар ихтиёри Ширкати нафтии Англияву Эрон (ШНАЭ) буд.

*ШНАЭ бузургтарин ширкати хориҷӣ дар Эрон буд. Вай 259 ҳазор км. мураббаъ ҳудуди Эронро дар зери назорати худ нигоҳ медошт. Дар ихтиёри ШНАЭ 300 чоҳи нафт*



Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ бо малика. Акси аввали солҳои 70

***Чаро шоҳи Эрон либоси низомӣ пӯшидааст?***

*ва корхонаҳои полоиши он, қубури интиқоли нафти дарозиаш 2700 км., 100 адад киштии нафткашонӣ, 10 ҳазор мошин, фурудгоҳҳо ва радиостансияҳо мавҷуд буданд.*

Аз даромади зиёде, ки ширкат ба даст меовард, қисми ночиз, дар ҳудуди 8 фоизи даромад, ба Эрон мерасид. Вазъияти моддӣ ва шароити кори коргарон бад буд.

15 марти соли 1951 Маҷлис (парламент)-и Эрон дар бораи милликунонии саноати нафт қарор қабул кард. Ҳукумати Муҳаммад Мусаддиқ барои амалӣ кардани он кӯшишҳои зиёд намуд. Аммо Англияю Амрико барои роҳ надодан ба ин фишорро болои Эрон пурзӯр карда, содироти нафти Эронро ба муҳосира гирифтанд. Илова бар ин, генерал Зоҳидӣ бо ёрии Раёсати Марказии разведкаи (РМР) Амрико бо роҳи табаддулот М. Мусаддиқро сарнагун кард.

***Муҳаммад Мусаддиқ (1881 – 1967) – сарвазири Эрон дар солҳои 1951 – 1953. Саъю кӯшиши зиёд намуд, ки сиёсати мустақили хориҷиро пеш барад. Раванди милликунонии саноати нафти Эронро роҳбарӣ мекард. Дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ сарнагун карда шуд.***

Баъд аз сарнагун кардани ҳукумати М. Мусаддиқ ширкати байналмиллалии истеҳсоли нафти Эрон ташкил дода шуд. Дар он 8 ширкати амрикоӣ, англисию ҳолландӣ, фаронсавӣ ва ШНАЭ муттаҳид шуда буданд.

Сарнагун гардидани ҳукумати Мусаддиқ ҳокимияти шоҳро хеле мустаҳкам кард. Шоҳи Эрон Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ аз ибтидо худро ҳамчун сиёсатмадори ҳушёру зирак нишон дод. Ӯ муваффақ шуд, ки соли 1946 қӯшунҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ хоки Эронро тарк кунанд. Онҳо ҳанӯз соли 1941 дар асоси аҳдномаи соли 1921 байни Эрону Русия ба хоки ин кишвар дохил шуда буданд. Дар сиёсати хориҷии худ ба Амрико ва кишварҳои Ғарб майл дошт. Аммо бо Иттиҳоди Шӯравӣ низ муносибатҳояшро вайрон намекард.

***Аз хотироти А. А. Громико***

*«Шоҳ (М. Ризо) ва атрофиёнаш мефаҳмиданд, ки ҳамсояи шимолии Эрон давлатест, ки нообаста аз дӯст доштан ва дӯст надоштани он, бояд бо ӯ муносибатҳои некро нигоҳ дошт. Албатта, дар баъзе мавридҳо ҷониби эронӣ аз сарҳади одоб берун мешуд...»*

*Аз китоби А. А. Громыко. "Памятное". Т.2. - М., 1988. - С. 98*

***Ба фикри шумо, бо кадом далелҳо Эрон нообаста «аз дӯст доштан ва надоштани» Иттиҳоди Шӯравӣ муносибаташро бо он вайрон кардан намехост?***

***Паҳлавӣ – сулолаи шоҳони Эрон дар солҳои 1925 – 1979. Асосгузори он Ризошоҳ Паҳлавӣ буд. Соли 1941 ба фоидаи писараш – Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ (1919 – 1980) аз тахти шоҳӣ даст кашида, ба Африқои Ҷанубӣ рафт ва ҳамон ҷо вафот кард. Муҳаммад Ризо соли 1979 дар зери фишори инқилобчиён кишварро тарк намуда, соли 1980 дар Коҳира аз дунё даргузашт.***

Соли 1955 ҳукумати Эрон ба Аҳдномаи низомии Бағдод (соли 1959 номи СЕНТО-ро гирифт) дохил шуд. Соли 1959 бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шартномаи ҳарбӣ имзо кард.

***СЕНТО – (The Central Treaty Organization) – Ташкилоти аҳдномаи марказӣ соли 1955 ташкил ёфт ва то аз он хориҷ шудани Ироқ (соли 1959) Аҳдномаи Бағдод ном дошт. Баъд аз баромадани Ироқ, расман ба он Англия, Туркия, Эрон ва Покистон дохил шуданд. ИМА мақоми мушоҳидро дошт.***

Соли 1960 дар мамлакат беш аз 12 ҳазор мушовирини хориҷӣ кор мекарданд. Аммо вазъи зиндагии коргарону деҳқонон бад буд. Дарозии миёнаи умри эрониён аз 27 сол зиёд набуда, 85 фоизи онҳо савод надоштанд.

**“Инқилоби сафед”.** 23 январи соли 1963 ҳукумат доир ба лоиҳаи 6 қонун: ислоҳоти замин, милликунонии ҷангалҳо, фурӯши корхонаҳои давлатӣ (бо мақсади маблағгузорӣ ба ислоҳоти замин), саҳмгирии коргарон дар фоидаи корхонаҳо, тағйирот дар қонуни интихобот ва ташкили «сипоҳи дониш» барои маҳви бесаводӣ раъйпурсии умумӣ гузаронд. Тамоми қонунҳои ҳукумат ва барномаҳо барои татбиқи онҳо номи «Инқилоби сафед»-ро гирифт.

Барномаи «Инқилоби сафед» навсозии иқтисоди Эронро бо ёрии кишварҳои Ғарб дар назар дошт. Дар ҷараёни ислоҳоти замин деҳқонон аз ҳисоби заминҳои ба рӯҳониён ва заминдорони калон тааллуқдошта соҳиби замин мешуданд. Ба тараққиёти саноати оҳангудозӣ ва нафту кимиё диққат дода мешуд. Соли 1974 маълумоти миёна бепул эълон гардид.


Кӯчиёни эронӣ

***Шуғли асосии кӯчиён чӣ аст?***

Бо вуҷуди ин, норозигии мардум аз натиҷаи «инқилоб» меафзуд. Ба хусус рӯҳониён ба барномаи ислоҳот мухолифат мекарданд. Онҳо аз як қисми замини худ маҳрум шуда

буданд. Фарҳанги гарбиро, ки ба кишвар ворид мешуд, «фарҳанги куфр» ва «фиску фасод» мехонданд.

**Афғонистон.** Дар охири Ҷанги дуввуми ҷаҳон Афғонистон ҳанӯз ҳам кишвари қафомондаи кишоварзӣ боқӣ мемонд. Зарари ба иқтисодиёти мамлакат расонидаи ҷанг ба тамоми соҳаҳои истеҳсолот таъсир гузошта буд. Махсусан аҳволи деҳқонон хеле бад гардида, соҳаи хизматрасонии тиббӣ ва маориф бисёр қафо монда буд.

*Дар ин давра дар Афғонистон ба ҳар 200 ҳазор нафар аҳолӣ 1 духтур ва ба ҳар 400 ҳазор нафар аҳолӣ 1 ҳамшираи шафқат рост меомад. Ҳамагӣ 8 фоизи аҳолӣ босавод буда, 10 фоизи писарон ва 1 фоизи духтарони синни мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Фақат соли 1946 аввалин мактаби олӣ – Донишгоҳи Кобул ташкил ёфт, ки соли 1952 шумораи донишҷӯёни он аз 200 нафар зиёд набуд.*

*Аз рӯзномаи "Озод Афғонистон", 3 ва 7 феврали соли 1952.*

Солҳои баъд аз ҷанг ҳукумати Афғонистон бо назардошти дигаргун шудани вазъияти ҷаҳон сиёсати дохилии худро тағйир дод. Қонуни матбуот қабул гардида, дар асоси он нашри рӯзномаҳои хусусӣ оғоз шуд. Дар атрофи баъзе аз онҳо созмонҳои сиёсӣ ташкил ёфтанд. Аммо фаъолияти онҳо дер давом накард.

***1. Нақб бо ҳамкории кадом давлат сохта шудааст ва барои иқтисоди Афғонистон чӣ аҳамият дорад?***
***2. Ба назари шумо ин манзара бо роҳҳои Тоҷикистон чӣ умумият дорад?***



Нақби Соланг

Соли 1953 писарамаки Муҳаммад Зоҳиршоҳ – Муҳаммад Довудхон сарвазир таъин гардид. Дар муддати 10 соли ҳукумати ӯ барои тараққиёти иқтисоди кишвар корҳои муайяне анҷом ёфт.

Дар сиёсати хориҷии ҳукумат гардише ба сӯи Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омад. Бо ёрии Иттиҳоди Шӯравӣ иншооти муҳим сохта шуд. Корхонаи хонасозӣ, корхонаи нонпазӣ, корхонаи таъмири мошинҳо дар Кобул, роҳи мошингарди Кушка – Ҳирот – Қандаҳор ва Кобул – Шерхонбандар, нерӯгоҳи барқии Наглу ва



Аз чунин тарзи озодии сухан ва озодии қалам метарсам.
Аз ҳафтаномаи “Корвон” (1972)

***Нависанда аз чӣ мегурезад?***

даҳҳо иншооти дигар аз ҷумлаи онҳоянд. Соли 1964 дар Луйи ҷирға (Маҷлиси бузург) Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и нав қабул гардид. Қонуни асосӣ усули шоҳии машрута ва ҳокимияти олии шоҳро тасдиқ кард.

Қонуни асосӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро иҷозат медод, занҳо ҳуқуқи ширкат дар интихоботро соҳиб шуданд. Бо истифода аз Қонуни асосӣ ҳизбҳои сиёсии зиёд таъсис ёфта, рӯзномаю ҳафтаномаҳои хусусӣ ба нашр оғоз карданд.

Аз ибтидои солҳои 70-ум суръати тараққиёти иқтисод суст шуд. Хушксолиҳои солҳои 1970 – 1971, беҳосилӣ ва талаф ёфтани чорво аҳволи мардумро хеле бад кард. Мардум аз гуруснагӣ мемурданд.

Ихтилофҳо дар дохили хонаводаи шоҳӣ низ ба вазъияти дохилии мамлакат таъсири манфӣ гузошта буд. Дар ин шароит 17 июли соли 1973 собиқ сарвазир М. Довудхон бо ёрии афсарони вобаста ба Ҳизби Халқӣ-Демократии Афғонистон (ҲХДА) дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ низоми шоҳиро сарнагун кард.

Афғонистон ҷумҳурӣ эълон гардид. Шоҳи Афғонистон – Муҳаммад Зоҳир, ки дар Италия буд, баъд аз як моҳ аз тоҷу тахт даст кашид. Низоми нав дар бораи манъи Қонуни асосии соли 1964, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, рӯзномаҳои озод фармон баровард. Дар марҳилаи аввали фаъолияти худ (1973 – 1975) низоми ҷумҳурӣ ислоҳоти муҳими иҷтимоию иқтисодиро амалӣ намуд. Аммо оҳиста-оҳиста сиёсати ҳукумат дигар шуда,



Сӯҳбати раиси давлат ва сарвазири Афғонистон - М. Довуд бо муаллимон (соли 1975)

***Ба фикри шумо, мулоқот дар куҷо сурат мегирад ва чаро баъзеҳо рост истодаанд?***

намояндагони ҲҲДА аз ҳукумат ва фармондеҳии артиш озод карда шуданд. Табаддулоти нав омода мегардид.

***Аз мактуби Муҳаммад Довуд ба Муҳаммад Зоҳиршоҳ аз таърихи 9 саратони 1341 ҳиҷрӣ (30 июни соли 1962)***

*Ҳузури аълоҳазрати ҳумоюнӣ подшоҳи Афғонистон!*

*Ба ақидаи ман, вазъияти мамлакат ва ҷараёноти асру замон таҳаввулеро талаб мекунад...*

*Масъалаеро, ки борҳо ба ҳузури Шумо арз намудаам, аз самими қалб як бори дигар арз мекунам, ки ин тарзи идории мамлакат ва ин фазои хонадон бо зеҳнияте, ки онҳо тарбият шудаанд, баъд аз ин... барои ман қабили таҳаммул нест.*

*Пешниҳоди ман ҳузури аълоҳазрати Шумо аз ин қарор аст:*

*Аввал: Миллати Афғонистон чӣ шакл ва тарзи идораро бароиояндаи мамлакат муфид ва муносиб медонад тавассути як референдуми умумӣ раъйи озодонаи миллати Афғонистон хоста шавад.*

*Дуввум: 1. Комиссиюни босалоҳият... қонуни асосии ҷадидро (нав) ба асоси салтанати машрута тартиб ва ба ҳукумат тақдим дорад.*

*2. Ҳамчунон ин комиссиюн ва ё комиссиюни дигар қонуни интихоботӣ ва дигар қонунҳои муҳиме, ки ба қонуни асосӣ робитаи наздик доранд, тадвин (тартиб) намояд...*

*3. Баъди тасвиб (тасдиқ)-и давлат Луйи Ҷирга даъват ва Қонуни асосӣ барои гавр (баҳс) ва тадқиқ ба он тақдим гардад.*

*4. Баъди тасвиби Қонуни асосӣ аз тарафи Луйи Ҷирга, дар асоси қонуни ҷадид интихобот амалӣ гардад.*

*Бо хатми интихобот ва ифтитоҳи Шӯрои ҷадид... ҳукумати ҷадид ташкил ва зимоми мамлакатро ба даст хоҳад гирифт...*

***1. Оё раванди ислоҳоти ибтидои солҳои 60 дар Афғонистон ба пешниҳодҳои Муҳаммад Довуд мувофиқат дошт?***

***2. «Фазои хонадонӣ» ва «зеҳнияте, ки онҳо тарбият шудаанд» – гуфта М. Довуд, ки худаш аз он хонадон буд, чиро дар назар дошт?***

**?!**

***1. Моҳияти ислоҳоти Эрон («Инқилоби сафед») ва Афғонистон (бо қабули Қонуни асосии соли 1964) аз чӣ иборат буд?***

***2. Ба назари шумо, бо кадом сабабҳо ислоҳот ба хотири навсозӣ дар Эрону Афғонистон ниҳоят бо табаддулот ва сарнагун гардидани низоми подшоҳӣ анҷом ёфт?***

***3. Ислоҳоти солҳои 60-ум дар Эрону Афғонистон бо якдигар чӣ умумият ва чӣ тафовут доштанд?***

# §26. Кишварҳои арабӣ пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон. Муноқишаи Шарқи Наздик

*1. Бо кадом роҳҳо кишварҳои арабӣ ба истиқлолият соҳиб шуданд?*
*2. Сабабҳои ихтилофот дар Шарқи Наздик чист?*
*3. Сионизм чист ва моҳияти он аз чӣ иборат аст?*

Олами араб гуфта 22 кишвари арабиро дар назар доранд, ки 12-тоаш дар қитъаи Осиё ва 10-тоаш дар қитъаи Африқо ҷойгиранд. Масоҳати олами араб беш аз 14 миллион километри мураббаъ буда, он аз масоҳати қитъаи Аврупо калонтар аст.



Ҷамол Абдунносир (аз чап) ҳангоми конфронси кишварҳои бетараф. Белград (соли 1961)

***Ҷамол Абдунносир (15.1.1918, Бани Мур – 28.9.1970, Қоҳира), арбоби давлатӣ ва сиёсии Миср. Муассис ва роҳбари созмони пинҳонии сиёсии «Афсарони озод» ва инқилоби зиддиимпериалистӣ ва зиддифеодалии 23 июли соли 1952 буд. Пас аз пирӯзии инқилоб муовини раис ва Раиси Шӯрои инқилобии Миср, солҳои 1954 – 65 сарвазир, аз моҳи июни соли 1956 то охири умр Раиси ҷумҳури Миср буд.***

Мавҷи инқилобҳои озодибахш дар кишварҳои арабӣ дар солҳои 50-60-уми асри XX сурат гирифт. Дар рафти ин ҳаракатҳо дар Миср, Ироқ, Алҷазоир, Либия, Тунис низомҳои салтанатӣ сарнагун гаштанд. Нақши муҳимро дар ин инқилобҳо афсарони ватандӯст бозиданд. Дар баъзе кишварҳо инқилобҳо дар натиҷаи муборизаи бисёрсолаи озодихоҳӣ бар зидди мустамликадорон муваффақ гардиданд. Инро дар мисоли Алҷазоир мебинем, ки мубориза барои истиқлолият аз соли 1954 ба шӯриши халқӣ табдил ёфта, тамоми табақаҳои гуногуни аҳолиро фаро гирифт. Қувваи пешбарандаи он Ҷабҳаи озодибахши миллӣ буд. Соли 1962 инқилоб ба пирӯзӣ расид ва Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир ташкил ёфт.

Ихтилофи манфиатҳои гуруҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ вазъи сиёсии ин кишварҳоро хеле печида ва пуртаззод карда буд. Дар баробари низоъҳои дохилӣ кишварҳои мазкур ба майдони мубориза кишварҳои қудратманди ҷаҳон табдил ёфта буданд. Ҷои таааҷҷуб нест, ки дар як муддати кӯтоҳ (30 - 40 сол) дар бисёре аз ин кишварҳо чандин дафъа режимҳои сиёсӣ иваз шуданд. Дар Миср дида метавонем, ки дар муддати президентии Ҷамол Абдунносир (1953 – 1970) ва Анвар Содот (1970 – 1981) сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари мазкур якчанд маротиба тағйир ёфт. Дар солҳои аввали президентии Ҷ. Абдунносир бонкҳо, корхонаҳои бузург, нақлиёт миллӣ кунонида шуда, ислоҳоти кишоварзӣ амалӣ гардид. Солҳои 60-ум дигаргунсозиҳо идома ёфта, ба низоми нақшагирии умумии иқтисодиёт асос гузошта шуд. Ҳуқуқҳои сиёсии аҳолӣ васеъ шуда, баробарҳуқуқии занҳо таъмин гардид. Аз миёнаи солҳои 60-ум равобити иқтисодии Миср бо Иттиҳоди Шӯравӣ вусъат ёфт.

Пас аз марги Ҷ. Абдунносир, дар замони президентии Анвар Содот Миср роҳашро ба куллӣ тағйир дод. Сиёсати барҳам додани бахши давлатии иқтисодиёт огоз шуда, муассисаҳои хусусӣ дастгирӣ ёфтанд. Барои сармояи хориҷӣ дарвозаҳои кишвар боз шуданд. Заминҳои дар замони президентии Ҷ. Абдунносир ғирифташуда ба заминдорони калон баргардонида шуданд. Низоми бисёрҳизбӣ барқарор гардид, вале амалан ҳокимият дар дасти як ҳизб буд. Дар сиёсати хориҷӣ Миср ба ИМА наздик гардид.

Мисоли дигари тағйирпазирӣ рушди сиёсии Ироқ дар солҳои баъдиҷангӣ мебошад. Пас аз сарнагун шудани режими салтанатӣ (соли 1958) ҳокимият чандин бор аз режимҳои низомӣ ба дасти Ҳизби сотсиалистии таҷаддуди Араб гузашт. Ин ҳизб дар сафҳои худ намояндагони қишрҳои мухталифи ҷомеаро муттаҳид намуда, дар як вақт дар чанд кишвари арабӣ фаъолият менамуд.

Дар Алҷазоир дар тӯли чанд даҳсола сиёсати тағйири роҳу равиш ба сӯи «сохтмони сотсиализм дар чаҳорчӯбаи арзишҳои миллӣ ва исломӣ» идома дошт. Дар ин кишвар бонкҳо, корхонаҳои бузург, нақлиёт, нерӯгоҳҳои барқӣ миллӣ гардонида шуданд. Дар баробари ин мавқеи сармояи хурду миёна нигоҳ дошта шуд. Қисми зиёди замин миллӣ кунонида шуда, ба кооперативҳои деҳқонӣ дода шуд.

Моҳи сентябри соли 1962 дар Ямани Шимолӣ инқилоби зидди ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ галаба кард. Заминҳо ва қасрҳои подшоҳ мусодира карда шуд. Баробарҳуқуқии тамоми шаҳрвандони кишвар эълон шуд. 26 сентябри соли 1962 Ҷумҳурии Арабии Яман ташкил шуд.

Аммо Арабистони Саудӣ муқобили густариши инқилобҳо ва таъсири гояҳои онҳо дар минтақа буд. Бо игвои ин кишвар дар Ямани Шимолӣ ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, ки то моҳи апрели соли

1970 давом ёфт. Тарсу ҳарос аз инқилоб шоҳи Арабистони Саудӣ - Абдулазиз-ас-Саудро маҷбур кард, ки ба навсозӣ ва либерализатсияи кишвар бипардозад. Моҳи октябри соли 1962 ас-Сауд бародараш – Файсалро, ки назари озодихоҳӣ ва демократӣ дошт, сарвазири кишвар таъин намуд. Ба вай ҳуқуқҳои васеъ дода шуд. Файсал бо кӯмаки Амрико ба ислоҳот шурӯъ кард. Барномаи навсозии Файсал ба таъсиси пойгоҳи иқтисодии пуриқтидор ва дар айни замон мустаҳкам намудани ҳокимияти подшоҳӣ нигаронида шуда буд. Ин барнома барои даҳ сол тарҳрезӣ шуда, пояи асосии онро ғояи мустаҳкам намудани рукнҳои ислом, анъанаҳои миллӣ ва ҳокимияти мутлақи саудиҳо ташкил медод.



Файсал ибни Абдулазиз ас-Сауд (1906-1975). Солҳои 1964-1975 Шоҳи Арабистони Саудӣ

Якуми ноябри соли 1964 дар зери фишори пешвоёни уламои дин ас-Сауд аз тахт даст кашид. Файсал подшоҳи нави Арабистони Саудӣ эълон шуд.

Навсозиҳои Файсал ин кишварро хеле қавӣ гардонид. Ин раванд пас аз кушта шудани вай (25 марти соли 1975 бо дасти бародарзодааш) низ идома ёфт.

Пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон Либия аз тарафи мустамликадорони англису фаронсавӣ идора мегардид. Подшоҳи Либия Идриси аввал, ки дастнишондаи мустамликадорон буд, соли 1953 ба Англия ва соли 1954 ба ИМА иҷозат дод, ки дар Либия пойгоҳҳои низомӣ ташкил кунанд. 1 сентябри соли 1969 гурӯҳи афсарони ватанхоҳ бо сарварии Муаммар Қаззофӣ ба табаддулоти низомӣ даст зада, режими ҳокимияти мутлақи подшоҳиро сарнагун кард. Моҳи марти соли 1970 Англия ва моҳи июни ҳамон сол ИМА маҷбур шуданд, ки пойгоҳҳои низомии худро аз Либия берун баранд.

Органи олии ҳокимият Конгресси умумии мардум эълон гардид. Кишвар номи Ҷумҳурии Арабии Мардумии Либияро гирифт. М. Қаззофӣ пешвои инқилоби якуми сентябр эълон шуд.

**Мунокишаи Шарқи Наздик.** 25 ноябри соли 1947 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба ду қисм тақсим кардани сарзамини Фаластин аз гарби дарёи Урдун қарор қабул кард. Дар ин ҷо бояд давлати яҳудиён ва арабҳо ташкил мешуд. Шаҳри Байтулмуқаддас бояд мақоми байналмилалиро мегирифт.



Довуд Бен Гурион ҳангоми имзои санад дар бораи таъсиси давлати Исроил

***Ба фикри шумо, ин расм ба кадом давра тааллуқ дорад?***

Барои яҳудиён, ки 35,1%-ро ташкил мекарданд, 14,1 ҳазор $км^2$ ва барои арабҳо, ки 64,9%-ро ташкил медоданд, 11,1 ҳазор $км^2$ бояд ҷудо карда мешуд.

14 майи соли 1948 дар шаҳри Тел-Авив аз ҷониби пешвои сионистҳо Бен Гурион таъсиси давлати Исроил эълон шуд. Аммо ба арабҳои Фаластин таъсиси давлат муяссар нашуд. Субҳи рӯзи дигар миёни кишварҳои араб ва давлати навтаъсиси яҳудиён ҷанг сар зад. Бо саъю кӯшиши намояндаи Созмони Милали Муттаҳид 18 июн муторика эълон шуд. Пас аз анҷоми муторика 9 июл артиши Исроил ба ҳуҷум гузашта, ба нерӯҳои кишварҳои арабӣ зарбаҳои шадид зад.

Ҷанги солҳои 1948 – 1949 бо шикасти арабҳо анҷом ёфт. Исроил заминҳои барои давлати арабҳои Фаластин дар назар гирифташударо ишғол кард. Қариб 900 ҳазор араб маҷбур шуданд, ватани худро тарк кунанд.

*Сионизм аз номи баландии Сиони Байтулмуқаддас гирифта шуда, идеологияи шовинистони яҳуд мебошад. Ин таълимот дар охири асри XIX пайдо шуда, моҳияти он аз кӯчонидани тамоми яҳудиёни ҷаҳон ба Фаластин ва ташкил додани давлати яҳудӣ дар Шарқи Наздик иборат буд. Нуқтаҳои асосии таълимоти идеологияи сионистҳо чунинанд: яҳудиёни кишварҳои гуногун миллати ягонаи умумиҷаҳонии яҳудиро ташкил медиҳанд; яҳудиён халқи «хос», «баргузида», «худохоста» мебошанд; ҳамаи халқҳое, ки яҳудиён дар байни онҳо зиндагӣ мекунанд, яҳудибадбинанд (антисемит); яҳудибадбинӣ ҳодисаи «азалист»; бо халқҳои дигар омехтани яҳудиён «ғайритабиӣ ва гуноҳ аст».*

25 октябри соли 1956 дар бораи амалиёти муштараки Исроил, Фаронса ва Англия бар зидди Миср, бо мақсади гирифтани пеши роҳи миликунонии канали Суэтс аҳдномаи махфӣ ба имзо расид. 29 октябр артиши Исроил ва 31 октябр нерӯҳои ҳавоии Британияи Кабир ва Фаронса ба ҳуҷум гузаштанд. Дар зери фишори афкори ҷомеаи байналмилалӣ шаби 6 ба 7 ноябр иттифоқчиён амалиёти ҷангиро қатъ карданд. Пас аз гуфтушунидҳои бардавом, 22 декабри соли 1956 артиши иттифоқчиён Мисрро ва 8 марти соли 1957 артиши Исроил нимҷазираи Сино ва минтақаи Ғазаро тарк карданд.

5 июни соли 1967 артиши Исроил амалиёти ҷангиро ба муқобили Миср аз нав оғоз намуд. Дар давоми 6 рӯз яҳудиён як

ҳиссаи хоки Миср, Сурия ва Урдунро ишғол карданд. Пас аз тасарруфи заминҳои зиёди арабҳо аз ҷониби Исроил дар соли 1967 маъракаи дар заминҳои ишғолӣ маскан гузидани яҳудиён оғоз ёфт. Дар радифи ташкилкунандагони он гурӯҳи мазҳабӣ ва миллатгарои «Гуш эмуним» («Иттиҳоди диндорон») хеле фаъол буд. Намояндагони яҳудиёни дар соҳили ғарбии дарёи Урдун маскунгашта чунин изҳор карданд: «Исроил, чуноне ки дар Таврот нишон дода шудааст, аз Ироқ то дарёи Нил доман густурдааст. Мо як мушт мутаассибон нестем. Дар ин ҷо истиқомат карда, мо Тел-Авивро муҳофизат мекунем». Моҳи майи соли 1970 артиши Исроил ба Лубнон таҷовуз кард. 6 октябри соли 1973 миёни кишварҳои арабӣ ва Исроил ҷанги нав сар зад, ки он ҳам ба фоидаи Исроил анҷом ёфт. Пас аз он ки Иттиҳоди Шӯравӣ омодагии хешро дар бораи кӯмак ба кишварҳои арабӣ изҳор намуд, Исроил 24 октябр амалиёти низомиро қатъ кард. Аммо мунокиша байни яҳудиён ва арабҳо ҳамоно идома дошт. Ба Ёсир Арафот муяссар гашт, ки ҷонибдории кишварҳои гуногуни исломии ҷаҳонро, ки миёни ҳамдигар рақобат доштанд, ба даст дароварад. Ӯ ҷудоӣ дар дохили Созмони озодибахши Фаластинро бартараф намуда, исбот кард, ки қазияи Фаластин ҳалли низомӣ надорад.



Қисмҳои низомии Исроил дар саҳрои Сино. Октябри соли 1973.

1. *Саҳрои Сино дар ҳудуди кадом давлат воқеъ аст?*
2. *Кадом нишонаҳо далели ба Исроил мансуб будани ин қисми низомӣ мебошанд?*



Ёсир Арафот

***Ёсир Арафот соли 1929 дар шаҳри Байтулмуқаддас таваллуд ёфтааст. Соли 1955 донишгоҳи Қоҳираи Мисрро хатм кардааст. Раиси Созмони донишҷӯёни фаластинӣ дар Миср буд. Аз соли 1958 дар таъсиси Ҳаракат барои озодии Фаластин ширкат намудааст. Соли 1964 ҳаракати муқовимати Фаластин – "Созмони озодибахши Фаластин"-ро таъсис кард. Аз соли 1969 Ёсир Арафот раиси Кумитаи иҷроияи Созмони озодибахши Фаластин ва аз соли 1970 сарфармондеҳи олии нерӯҳои мусаллаҳи он буд.***

***Аз суханони сарвазири Исроил Давид Бен Гурион***

*«Бигузор, ҳама донанд, ки Исроилро мубориза ба вуҷуд овардааст. Ин давлат бо он марзҳое, ки то ҳол соҳиб шудааст, қонеъ намешавад».*

*Аз китоби "Сионизм: теория и практика". М., 1973, - С.101.*

***Ба ин нуқтаи назар чӣ баҳо медиҳед?***




Карикатураи бразилӣ. Кушторро дар Фаластин қатъ кунед!

***А. А. Громико дар бораи Ҷамол Абдунносир***

*Аз рӯи мушоҳидаҳои ман ва мушоҳидаҳои дигар рафиқони шӯравӣ Носир ва хонаводаи ӯ сода ва бекарру фар зиндагӣ мекарданд. Иморати шахсие, ки онҳо дар Қоҳира доштанд ва ман борҳо дар он ҷо будам, аз дигар иморатҳои атроф ҳеҷ фарқе надошт, нишонаҳои шукӯҳу ҳашамат дар он дида намешуд. Такаллуфи подшоҳиро Носир намеписандид ва ин рафтори ӯ ба одамон маъқул буд. Ҳеҷ гоҳ Носир аз вазифаи президентӣ магрур набуд, ҳарчанд ки соҳиби обрӯю эътибори зиёде буд.*

*Аз китоби А. А. Громико. "Памятное". Москва, 1988, - С.181*

?!

1. ***Дар замони президентии Ҷ.Абдунносир дар Миср чӣ дигаргуниҳо ба вуҷуд омад?***
2. ***Тафовути «сотсиализми арабӣ» аз сотсиализмии Иттиҳоди Шӯравӣ дар чист?***
3. ***Ислоҳот дар Арабистони Саудӣ чӣ натиҷа дод?***
4. ***Бо кадом роҳ Либия соҳибистиқлол шуд?***
5. ***М.Қаззофӣ чӣ гуна ислоҳот гузаронид?***
6. ***Сабабҳои тӯл кашидани муноқиша миёни арабҳо ва Исроил дар чист?***
7. ***Чаро дар ҳамаи ҷангҳо байни давлатҳои арабӣ ва Исроил арабҳо шикаст хӯрдаанд?***

# § 27. Туркия: дар миёни Шарқу Ғарб

*1. Вазъияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии мамлакат баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон чӣ гуна буд?*
*2. Ислоҳоти дохилӣ чӣ натиҷа доданд?*
*3. Туркия дар сиёсати хориҷии худ ба кадом давлатҳо такя мекард?*

**Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ.** Туркия дар сарҳади Осиё ва Аврупо қарор дорад. 97 фоизи ҳудуди он дар Осиё ва 3 фоизаш дар Аврупо ҷойгир аст.

Тағйироти куллие, ки дар арсаи ҷаҳонӣ баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон ба вуҷуд омад ба вазъияти Туркия низ беасар намонд. Иқтисоди мамлакат дар ҳолати таназзул қарор дошт. Корпартоиҳо ва митингу намоишҳои коргарон шаҳрҳоро фаро гирифт. Дар деҳот низ деҳқонон ба шӯру ошӯб даст мезаданд. Ҳукумат ва парламент як қатор чораҳоро амалӣ намуданд, то норозигии оммаро фурӯ нишонанд. Соли 1945 интихоботи вакилон ба ҷойҳои холии Маҷлис (парламент) эълон гардид, ба хотири ҳифзи манфиати коргарон вазорати меҳнат ташкил шуд. Ташкили ҳизбҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба иҷозат дода шуд. Қонун дар бораи суғуртаи коргарон ҳангоми беморӣ ва ҳодисаҳои нохуш қабул гардид. Маҷлис ба хотири ором намудани деҳқонон бо маҳсулот пардохтани андозро бекор кард. Қонуни замин қабул гардид, ки дар асоси он деҳқонон метавонистанд, аз захираҳои давлатӣ ва заминдорон заминро харидорӣ намоянд. Арзиши онро мебоист дар мӯҳлати 20 сол пардозанд.


Манзараи шаҳри Истанбул

Дар солҳои 50-ум сарвазири ҳукумат Аднан Мендерес навсозии иқтисодиётро ба равиши Ғарб ба роҳ монд. Барои фаъолияти сармояи хусусӣ ва истифодаи васеи сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овард. Сиёсати ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ба афзоиши истеҳсоли молҳои саноатӣ овард. Дар солҳои 1950 – 1960 ин афзоиш солона 8 фоизро ташкил мекард. Истеҳсоли барқ, матоъҳои пахтагӣ, қанд, истихроҷи ангишт зиёд гардид. Сармояи хориҷӣ барои иштирок дар



Мавқеи ислом дар деҳот ҳамеша устувор буд

*1. Сабаби устувории анъана ва эътиқодоти динӣ дар деҳот аз чӣ иборат аст?*
*2. Либоси миллии занони турк аз либоси тоҷикӣ чӣ фарқ дорад?*

сохтмони корхонаҳои саноатӣ имтиёзҳои калон ба даст овард. Сиёсати ҳукумат дар соҳаи кишоварзӣ ба он равона шуда буд, ки хоҷагиҳои заминдорони калон ва заминҳои деҳқонони миёнаҳол ба хоҷагиҳои капиталистӣ табдил дода шаванд. Трактору комбайн ва дигар техникаи хоҷагии қишлоқ зиёд мешуд. Дар натиҷа, майдони кишти ғалладона васеъ ва истеҳсоли ғалла зиёд шуд. Аммо бо ҳамаи ин мамлакат талаботи худро бо ғалла қонеъ карда наметавонист. Қариб ҳар сол аз Амрико ба миқдори зиёд ғалла харидорӣ менамуд.

Дар сиёсати хориҷии худ ҳукумат пурра ба Ғарб такя мекард. Дар Туркия мақоле машҳур шуда буд: «Аз Шарқ омадаем ва ба сӯи Ғарб равонем».

Соли 1951 Туркия ба НАТО дохил шуд. Баъд аз ин дар ташкили паймони низомии «Муоҳидаи Бағдод» (СЕНТО) саҳми фаъол гирифт.

Баъди ҳамроҳ шудани Туркия ба НАТО сохтмони фурудгоҳ ва дигар иншооту пойгоҳҳои низомии ин паймон оғоз гардид. Артиши Туркия бо яроқи амрикоӣ муҷаҳҳаз мегардид. Ҳазорон мутахассис ва мушовирони амрикоӣ ба Туркия омаданд. Албатта, хароҷоти ҳарбии мамлакат ба дӯши мардуми оддии турк буд. Афзоиши солонаи андозҳо 26 фоизро ташкил мекард. Касри буҷет сабаби афзоиши қарзи давлат гардид.

Бинобар ин, норозигии мардум аз сиёсати ҳукумат меафзуд. Корпартоиҳои коргарон дар Анқара, Истамбул, Измир ва дигар шаҳрҳо ба амал меомаданд. Коргарон беҳтаршавии шароити кор, афзоиши маошро талаб мекарданд. Ҳуқуқ барои корпартоӣ ва ташкили иттифоқҳои касаба талаби дигари намоишчиён буд.

Дар деҳот мубориза деҳқонон барои замин авҷ гирифт. Дар баъзе ҷойҳо деҳқонон замини заминдорони калонро худсарона аз худ карда, кишт мекарданд ва аз додани андоз саркашӣ менамуданд.

Норозигӣ аз сиёсати ҳукумат, махсусан дар байни афсарони ҷавон ва донишҷӯён меафзуд. Моҳҳои апрел – майи соли 1960 намоишу митингҳои эътирозии донишҷӯёни Донишгоҳи Истанбул ва донишҷӯёни Омӯзишгоҳи низомӣ ба вуқӯъ омад.

Ҳукумат барои бақои худ ба муқобили мухолифин ҳам чораҳои таъқибу фишорро амалӣ мекард ва ҳам аз нуфузи ислом истифода менамуд. Ҳанӯз соли 1946 қонуне қабул шуда буд, ки он ташкили созмону ҷамъиятҳоро иҷозат медод. Ин қонун амалан барои аз мавқеи нимапинҳонӣ баромадани ислом роҳ кушод. Дар



Донишҷуёни Донишгоҳи Анқара

***Тафовут ва умумияти ин ду аксро дар чӣ мебинед?***

натиҷаи ислоҳоти ҳукумат дар солҳои 20–30-юм, ки мақсад «роҳкушоӣ ба тамаддуни Ғарб» буд, мавқеи ислом хеле танг шуда буд. Исломро «сарчашмаи асосии ақибмонии иҷтимоию иқтисодӣ ва заволи империяи Усмонӣ» ҳисоб мекарданд.

Баъд аз ҷанг, ба хусус дар давраи ҳукумати Мендерес, қироати Қуръон ва азони намоз ба забони арабӣ иҷозат дода шуд. Дар мактабҳо таълими ислом ҳатмӣ эълон шуда, сохтмони масҷидҳо авҷ гирифт.

Аммо рӯз то рӯз бӯҳрон ва норозигӣ меафзуд.

**Табаддулоти ҳарбии соли 1960**. Бинобар афзудани норозигиҳои мардум аз сиёсати ҳукумати Мендерес афсарони қисмҳои ҳарбии Анқара ва Истанбул ба табаддулоти ҳарбӣ даст зада, ҳокимиятро гирифтанд. Аз ҳисоби низомиён Кумитаи ваҳдати миллӣ (КВМ) ташкил шуда, раиси он генерали артиш, фармондеҳи нерӯҳои хушкигард Ҷамол Гурсел таъин гардид.

Дар ҳукумати муваққатии ташкилгардида 3 генерал ва 15 нафар ғайринизомиён дохил шуданд, ки дар ягон ҳизби сиёсӣ аъзо набуданд.

Баъд аз як сол Қонуни асосии нав қабул гардид. Дар асоси он интихобот ба парламент баргузор шуд. Дар он Ҳизби адолати Сулаймон Демирел ғолиб омад. Ӯ сарвазир интихоб шуд. Бо амалӣ гаштани табаддулоти ҳарбӣ афзоиши тамоилоти исломӣ боздошта шуд. Қонуни асосӣ ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои иҷтимоиро иҷозат намедод, ки аз ислом ба манфиатҳои сиёсӣ истифода намоянд. Тамоили «ғарбғароӣ» боло гирифт.

Мудохилаи артиш ва табаддулоти ҳарбӣ дар Туркия яке аз хусусиятҳои хоси тараққиёти баъдиҷангии ин мамлакат аст. Дар давраҳои бӯҳронӣ, ки хатари сар задани беназмиҳо зиёд аст, артиш ҳамеша рӯи саҳнаи сиёсӣ пайдо мешавад.

Ҳамин гуна вазъияти пуршиддат дар аввали солҳои 70-ум ба вуҷуд омад. Фармондеҳии олии низомӣ ба президенти кишвар Ҷ. Сунаю огоҳиномаи қатъӣ (ултиматум) супорид. Дар он гуфта мешуд: «Дар натиҷаи мавқеъгирӣ, ақида ва фаъолияти парламент ва ҳукумат, мамлакат ба беназмӣ, муборизаи бародаркушӣ ва ошӯбҳо дучор гардидааст…»

Талаб карда мешуд, ки ҳукумати ғайриҳизбӣ ташкил шавад, то ба беназмӣ хотима диҳад. «Агар ба зудӣ ин кор амалӣ нашавад, – гуфта мешуд дар он, – қувваҳои мусаллаҳи кишвар азми қатъӣ



Соҳиби хона ва меҳмонон (Карикатураи шӯравӣ)

***Ба фикри шумо, соҳиби хона кист ва меҳмонон киҳоянд?***

доранд, вазифаи худро ба хотири ҳифзи Ҷумҳурии Туркия иҷро кунанд ва идораи мамлакатро ба дасти худ гиранд».

Дар солҳои 1974 – 1975 ҳам мамлакат ба бӯҳрони дарозмуддати ҳукуматӣ дучор шуда, хатари табаддулоти низомӣ ба вуҷуд омад. Аммо бӯҳрони Кипр онро боздошт.

**Масъалаи Кипр.** 15 июли соли 1974 дар натиҷаи ошӯб дар Кипр ҳукумати қонунии президент Макариос сарнагун карда шуд. Низомиёни Юнон, ки ошӯбро ташкил карда буданд, қасд доштанд, ҷазираро ба Юнон ҳамроҳ кунанд. Туркия соли 1959 бо Англия ва Юнон дар бораи истиқлолияти Кипр созишнома имзо карда буд.

Ин табаддулот ба мухолифати сахти Туркия дучор гардид. Дар асоси созишномаи соли 1959 Туркия қӯшунҳои худро ба шимоли Кипр дохил кард. (22,5 фоизи аҳолии Кипрро туркҳо ташкил мекунанд). Ҷанг байни қӯшунҳои туркӣ ва гвардияи миллии Кипру қӯшунҳои Юнон муносибати Туркия ва Юнонро пуршиддат намуд. Дар ҳар ду мамлакат сафарбарии умумӣ эълон шуд. Омодагӣ ба ҷанги умумӣ суръат мегирифт.




20 июл Шӯрои амнияти СММ аз ҳама кишварҳо талаб намуд, ки истиқлолият ва соҳибихтиёрии Кипрро эҳтиром намоянд ва қӯшунҳои хориҷӣ аз хоки он берун шаванд. 22 июл миёни қувваҳои туркӣ ва юнонӣ дар бораи оташбас созишнома имзо гардид.

?!

1. *Дар иқтисоди Туркия баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон чӣ гуна тағйирот ба вуҷуд омад?*
2. *Дар кадом давра мамлакат ба НАТО дохил шуд? Дар бораи ҳамкориҳои Туркия бо ин ташкилот чӣ медонед?*
3. *Артиши Туркия дар ҳаёти сиёсӣ чӣ мавқеъ ва нақш дошт?*
4. *Бӯҳрони Кипр чӣ гуна сар зад?*

# §28. Истиқлолияти Африқо: ҷустуҷӯи роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ

*1. Бо кадом роҳ кишварҳои Африқо истиқлолият ба даст даровварданд?*
*2. Моҳияти сиёсати апартеид дар чист?*

Африқо дуввумин қитъаи бузурги кураи Замин буда, якҷоя бо ҷазираҳояш 30,3 миллион километри квадратиро фаро мегирад. Соли 1975 ин қитъа дорои 50 давлат бо беш аз 400 миллион аҳолӣ буд. Африқо ба 4 минтақа тақсим мешавад: кишварҳои арабӣ; кишварҳои Африқои ғарбӣ; кишварҳои Африқои экваторӣ ва марказӣ; кишварҳои Африқои ҷанубӣ.

Пас аз анҷоми Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар Африқо Ҳабашистон, Иттиҳоди Африқои Ҷанубӣ ва Либерия соҳибистиқлол буданд. Дар кишварҳои дигари Африқо ба тадриҷ ҳаракати зиддимустамликавӣ қувват мегирифт. Бисёре аз ин кишварҳо истиқлолиятро бо роҳи осоишта соҳиб шуданд.

Соли 1960 17 кишвари африқоӣ соҳибистиқлол гардиданд, ки дар таърих "Соли Африқо" ном гирифтааст. Дар ибтидои солҳои 70-ум режимҳои мустамликадорӣ танҳо дар ҷануби қитъа боқӣ монда буданд. Соли 1973 Гвинея - Бисау ва соли 1975 Ангола ва Мозамбик, ки мустамликаҳои Португалия буданд, истиқлолият ба даст даровварданд.



Ҷашни истиқлолият дар Кения (акси соли 1961)

*Ҷаро иштирокчиёни ҷашн либосҳои якхела доранд ва ин чиро ифода мекунад?*

Қисме аз кишварҳои Африқо дар натиҷаи муборизаи мусаллаҳона ба истиқлолият соҳиб гаштанд. Соли 1956 дар пойтахти Ангола шаҳри Луанда гурӯҳи ходимони фарҳангии ин кишвар ҳизби "Ҳаракати мардумӣ барои озодии Ангола"-ро таъсис доданд. Пешвои ин ҳизб шоир ва публитсисти шинохта Агостино Нето буд. Ин ҳизб дар эъломияи худ мардумро ба мубориза баҳри озодии кишвар даъват менамуд.

Баъдтар ҳизби дигаре бо номи "Иттиҳоди мардуми Ангола" таъсис ёфт, ки мақсади он низ ба даст овардани озодии

кишвар буд. Ҳукуматдорони Португалия ба муқобили роҳбарони ҳаракатҳои озодихоҳона терроррро оғоз намуданд.




Гирдиҳамоӣ дар ҶАҶ ба тарафдории истиқлолияти Намибия

***Аз рӯи шиорҳо метавонед талаботи иштирокчиёни гирдиҳамоиро муайян намоед?***

Ибтидои моҳи феврали соли 1961 дар пойтахти Ангола шӯриши мусаллаҳона сар зад. Ватандӯстон дар шарқ ва ҷанубу шарқи кишвар ба пирӯзӣ расиданд. Пас аз барҳам задани диктатураи Салазар дар Португалия, соли 1974 ҳукумати нави Португалия қонун қабул кард, ки тибқи он ба Ангола ҳуқуқи худмуайянкунӣ ва истиқлолият дода шуд. 11 ноябри соли 1975 Ангола Ҷумҳурии халқӣ эълон карда шуд. Агостино Нето нахустин Раиси ҷумҳури ин кишвар интихоб гардид.

Мустамликаи дигари Португалия – Мозамбик дар мубориза барои озодӣ роҳи тайнамудаи Анголаро такрор кард. Муборизаи мусаллаҳона барои истиқлолияти кишвар соли 1964 бо роҳбарии "Ҷабҳаи озодибахш" оғоз ёфт. Истиқлолияти Мозамбик 25 июни соли 1975 эълом шуд.

Намибия бошад, мустамликаи Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ буд. Дар зери таъсири муваффақиятҳои Ангола дар мубориза баҳри озодӣ, халқи Намибия низ силоҳ ба даст гирифт. Ба ҳаракати озодихоҳии ин кишвар "Созмони мардумии Африқои Ҷанубу Шарқӣ" роҳбарӣ мекард. Дар Намибия муборизаи мусаллаҳона соли 1956 оғоз ёфта, 7 сол давом кард.

Пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар Конго ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ авҷ гирифт. 30 июни соли 1960 истиқлолияти он эълон шуд. Патрис Лумумба сарвазири кишвар интихоб шуд. Дар минтақаҳои гуногуни Конго дигар ҳизбҳо ташкил ёфтанд ва барои ба даст даровардани ҳокимият талоши зиёд намуданд. Дар байни онҳо "Ҳизби тараққии миллӣ" дар Леополдвилл ва ҳизби "Конакат" дар Катанга фаъолият мекарданд, ки аз ҷониби доираҳои мустамликадорон дастгирӣ меёфтанд.

Баъд аз чанд рӯзи эъломи истиқлолияти Конго, пешвои ҳизби "Конакат" М. Чомбе истиқлолияти музофоти Катангаро эълон кард.

Дар Леополдвилл моҳи сентябри соли 1960 бо сарварии полковник Мобуту исёни низомӣ сар зад. П. Лумумба ва тамоми аъзои ҳукумати ӯ ваҳшиёна ба қатл расиданд.



Ҳомии ҷудоихоҳон дар Конго

***Ҳомии ҷудоихоҳон кадом давлат буд? Аз расм инро чӣ гуна муайян мекунед?***

Ин амал дар кишвар мавҷи қаҳру ғазабро барангехт ва дар вилоятҳои шимоли кишвар шӯриш сар зад. Ба ин ҳаракат ҳамсафи П.Лумумба Антуан Гизенг сарварӣ мекард. Дар тӯли солҳои 1962 – 1964 дар кишвар амалан дуҳокимиятӣ вуҷуд дошт. Бо кӯмаки кишварҳои муқтадири Ғарб ин дуҳокимиятӣ барҳам дода шуд. М. Чомбе сарвазири Конго таъин гардид. Моҳи ноябри соли 1965 гурӯҳи низомиён бо сарварии генерал Мобуту табаддулоти давлатӣ гузарониданд. М. Чомбе кушта шуд. Мобуту худро Раиси ҷумҳури Конго эълон кард. Конго Заир ном гирифт. Дар иқтисодиёти ин кишвар, чун давраҳои гузашта, монополистҳои ғарб ҳукмронӣ доштанд. Заир аз ҷиҳати истеҳсоли алмос, мис ва кобалт дар ҷаҳон мақоми аввалро соҳиб буд. Ин кишвар инчунин захираҳои ашёи пурқиммат – руҳ, нуқра, манган ва уранро доро буд, ки қисми зиёди он ба кишварҳои Ғарб фиристода мешуд.

***Лумумба Патрис Эмери (1925 – 1961). Пешвои ҳаракати миллӣ-озодихоҳии Конго. Соли 1958 ҳизби "Ҳаракати Миллии Конго"-ро таъсис намуд. Дар конфронси "Мизи мудаввар"-и Брюссел моҳҳои январ - феврали соли 1960, ки дар он қарори ба Конго додани истиқлолият ба имзо расида буд, ширкат дошт. Аз моҳи июли соли 1960 сарвазири Конго буд. Моҳи сентябри соли 1960 ба қатл расид. Соли 1966 қаҳрамони миллии Ангола эълон шуд.***

Пас аз ҷанг Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ба яке аз кишварҳои мутараққии ҷаҳон табдил ёфт. Бахусус, саноати металлургӣ, бофандагӣ, хӯроквории ва ҳарбӣ тараққӣ намуд. Баъди аз даст додани Африқои Шимолӣ, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ба иттифоқчии асосӣ ва такягоҳи давлатҳои қудратманди Ғарб дар мубориза ба муқобили ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ табдил ёфт. Нерӯҳои мусаллаҳи ин кишвар ба таври ғайриқонунӣ Намибияро ишғол карда, борҳо ба Ангола ва Мозамбик таҷовуз намуданд.

Мардуми муқимии ҶАҶ ба муқобили мустамликадорон дар солҳои баъд аз ҷанг мубоpизаро пурқувват намуданд. Моҳи августи соли 1946 дар конҳои Ранда беш аз 100 ҳазор нафар коргар корпартоӣ карданд, ки он як ҳафта идома ёфт. Сиёҳпӯстон талаб мекарданд, ки музди меҳнаташон ба сатҳи музди меҳнати коргарони аврупоинасл бардошта шавад. Зеро барои анҷоми кор ҳукуматдорон ба коргарони аврупоинасл 50 баробари коргарони африқоӣ бештар музд медоданд. Намоиши коргарон тирборон карда шуд. Дар шаҳрҳои бузург мардони африқоӣ боздошт шуда, роҳбарони иттифоқҳои касаба ба зиндон андохта мешуданд. Ҳукуматдорон имкон надоштанд, ки пеши роҳи ин мубоpизаро гиранд.



Патрис Лумумба шартномаи истиқлолияти Конгоро бо Белгия имзо менамояд (соли 1960)

***Чаро П. Лумумба ин шартномаро бо Белгия имзо намуд?***

Соли 1948 дар ҶАҶ ҳизби миллатгаро – Ҳизби аққалияти сафедпӯстон ба қудрат расид. Ин ҳизб сиёсати аппартеидро эълон кард.

Соли 1950 қонун дар бораи ба гурӯҳҳо ҷудо кардани аҳолӣ қабул гардид. Тибқи ин қонун бояд африқоиҳо он қисматҳои шаҳрҳоеро, ки дар он ҷо аврупоиҳо мезистанд, тарк карда, дар маҳаллаҳои махсуси барояшон ҷудошуда зиндагӣ мекарданд. Барои африқоиҳо, ки 85%-ро ташкил медоданд, 13% замин ва барои аврупоиҳо, ки ҳамагӣ 15%-ро ташкил медоданд, 87% замин ҷудо шуда буд. Режими нажодпараст 10 "минтақаи миллӣ" - бантустон ташкил намуд. Ҳатто чаҳортои онҳо худмухтор эълон шуданд. Ҳокимият дар бантустонҳо ба пешвоёни қабилаҳо тааллуқ дошта, онҳо дар навбати худ ба маъмурони аврупоӣ итоат мекарданд. Берун аз бантустонҳо африқоиҳо ҳеҷ гуна ҳуқуқ надоштанд. Нажодпарастон бантустонҳоро бахотири ҷудо кардани мардум ва заиф гардонидани ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ташкил карда буданд.

Дар мубориза бахри баробарҳуқуқӣ ва озодӣ ба мардуми африқоӣ Конгресси миллии Африқо сарварӣ мекард. Ин созмон солҳои 50-ум дар сафҳои худ беш аз 100 ҳазор нафарро муттаҳид менамуд.

26 июни соли 1955 дар шаҳри Иоҳаннесбург Конгресси халқӣ доир гардид, ки дар он 3 ҳазор намоянда аз тамоми гӯшаю канори кишвар ширкат дошт. Конгресс Эъломияи озодиро қабул кард. Тибқи он бояд дар Африқои Ҷанубӣ давлати демократӣ ташкил ёфта, тамоми мардуми кишвар баробарҳуқуқ мегаштанд.

Дар ибтидои солҳои 60-ум вазъият дар ҶАҶ якбора тезу тунд гардид. Моҳи марти соли 1960 пулис намоиши осоиштаи мурдумро дар атрофи шаҳрҳои Иоҳаннесбург ва Кейптаун тирборон кард.



Зани африқоӣ дар назди кулбаи худ

***Дар бораи ҳаёти сиёҳпӯстон дар Африқо хулоса бароред***

Садҳо намоишчиён кушта шуданд. Беш аз 20 ҳазор нафар ба зиндон андохта шуда, фаъолияти Конгресси халқии Африқо манъ карда шуд.

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид тамоми кишварҳои ҷаҳонро даъват намуд, ки робитаҳои дипломатӣ ва тиҷоратиро бо ҶАҶ қатъ кунанд. Аммо кишварҳои қудратманди Ғарб қарори СММ-ро ба инобат нагирифтанд. Дар солҳои 70-ум ҳоло ҳам дар ҶАҶ низоми апартеид пойдор монда буд.

***Аз хотироти А. А. Громико***

*30 июни соли 1960 Конго истиқлолияташро эълон кард. Мустамликадорон ба зудӣ дарк карданд, ки ҳукумати Конго бо сарварии Патрис Лумумба мехоҳад истиқлолияти воқеӣ пайдо кунад. Барои ҳамин ҳам, онҳо тасмим гирифтанд, ки аз Конгои соҳибистиқлол ганитарин вилояти он – Катангаро, ки бо коркарди мис, алмос, уран ва тилло маъруф буд, ҷудо кунанд.*

*Воқеаҳои минбаъда ба таври фоҷиавӣ сурат гирифтанд. Дар Конго бошитоб исёни низомӣ ташкил карданд. Баъдан гӯё барои ҳифзи шаҳрвандони худ ба Конго нерӯҳои мусаллаҳи Белгия ворид гардиданд. Дар назди ин нерӯҳо вазифаи таъсиси як давлати лӯхтакмонанд дар Катанга буд. Ҳукумати Лумумба ба ҳеҷ ваҷҳ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ маъқул набуд. Вашингтон тасмим гирифта буд, ки ин кишвари бузургтарини Африқоро пурра ба зери тасарруфи худ дарорад.*

*Аз китоби Громыко А. А. "Памятное". - М., 1988.*

?!

1. ***Вожаҳои расизм, табъизи нажодӣ, апартеид ва бантустонҳо чӣ маъно доранд?***
2. ***Кадом кишварҳои африқоӣ бо роҳи муборизаи мусаллаҳона соҳибистиқлол шуданд?***
3. ***Ба ҳаракати озодихоҳии Намибия кадом ташкилот роҳбарӣ мекард?***
4. ***Дар соҳибистиқлол гардидани Конго Патрис Лумумба чӣ нақш дошт?***

# §29. Амрикои Лотинӣ дар байни низомҳои худкома ва демократӣ

1. *Пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон иқтисодиёти Амрикои Лотинӣ чӣ гуна тағйир ёфт?*
2. *Ҷавҳари аслии назарияи Х. Д. Перон чӣ буд?*
3. *Дар миёнаи солҳои 50-ум дар кадом кишварҳо ҳаракатҳои зиддиҳукуматӣ шиддат ёфт?*

Амрикои Лотинӣ номи умумии кишварҳои қисми ҷанубии Амрикои Шимолӣ ва Амрикои Ҷанубӣ мебошад. Аксарияти аҳолии ин минтақа ба забони романӣ гуфтугӯ мекунанд ва асоси онро забони лотинӣ ташкил медиҳад. Аз ин ҷо сарзамин номи Амрикои Лотиниро гирифтааст. Масоҳати умумии он қариб 21 миллион километри мураббаъ мебошад. Соли 1975 дар Амрикои Лотинӣ 349 миллион нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард.

Ҷанги дуввуми ҷаҳон барои паст шудани нуфузи кишварҳои бузурги аврупоӣ дар Амрикои Лотинӣ сабаб гардид. Кишварҳои ин минтақа аз рӯи анъана ба доираи нуфузи Олмон дохил мешуданд, вале дар солҳои ҷанг робитаи тиҷоратиашон бо ин кишвар қатъ гардид. Мавқеи Олмонро Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гирифт. Баробари авҷ гирифтани мубориза бар зидди фашизм талабот ба молҳои Амрикои Лотинӣ якбора афзуд. Ин сабаби болоравии иқтисодиёти минтақа пас аз соли 1945 гардид.




Харитаи кишварҳои Амрикои Лотинӣ

Дар солҳои ҷанг ИМА дар иқтисод ва сиёсати кишварҳои Амрикои Лотинӣ нуфузи зиёд пайдо кард. Амрико рақибони худро аз минтақа танг карда, ба гардани кишварҳои мазкур созишномаҳои нобаробари иқтисодию сиёсиро бор кард. Дар ин солҳо Амрико 92 пойгоҳи низомӣ дар ин кишварҳо ташкил намуд.

Амрикои Лотинӣ ба минтақаи муҳими ҷаҳон доир

ба воридоти сармояи хориҷӣ табдил ёфт ва дар он ИМА мақоми аввал дошт. Амрико дар ин ҷо қариб 100 миллиард доллар сармоягузорӣ кард, ки ин маблағ 20 маротиба аз тамоми сармояҳои гузоштаи кулли кишварҳои ҷаҳон зиёд буд. Монополияҳои хориҷӣ аз ин минтақа даромадҳои зиёд ба даст меоварданд. Аммо барои беҳбудии вазъи мардум коре намекарданд. Аҳолӣ дар миқёси ҷаҳон даромади пасттарин дошт, 60% аҳолӣ бесавод буда, хидмати тиббӣ барои омма дастнорас буд. Мардуми заҳматкаш дар кулбаҳои назарногири гӯшаю канорҳои шаҳрҳо мезистанд.

Пас аз ҷанг давраи нави муборизаи кишварҳои Амрикои Лотинӣ барои озодӣ ва истиқлолият оғоз ёфт.

Соли 1944 дар Гватемала ҳокимияти низомӣ сарнагун карда шуд. Ҳукумати нав бо сарварии арбоби сармоядорони тараққихоҳ – Х. Х. Аревало роҳи дифои манфиатҳои миллӣ ва рушди бунёдии саноатро пеш гирифт. Соли 1948 қонун дар бораи ҳимояи захираҳои нафти кишвар қабул гардид. Барои назорати фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ ҳукумат нозиронро тайин кард. 12,5% истихроҷи нафти хом бояд ба хазинаи давлат ворид мешуд. Дар зери фишори иттифоқҳои касаба қонуни ҷадиди меҳнат қабул карда шуд. Тибқи он ширкатҳои амрикоӣ муаззаф шуданд, рӯзи кори 8-соата, рухсатӣ ҷорӣ карда, иттифоқҳои касабаи муассисаҳоро ба расмият шиносанд.

Соли 1951 демократи инқилобӣ – Хакобо Арбенс раиси ҷумҳури Гватемала шуд. Ҳукумат дар бораи гузаронидани ислоҳоти кишоварзӣ қонун қабул кард. Дар асоси он замин аз дасти моликони бузург гирифта шуда ва беш аз 600 ҳазор гектари он миёни 100 ҳазор деҳқон тақсим гардид. Аз ин ҷумла, 160 ҳазор гектар замини ширкати амрикоии «Юнайтед фрут компани» буд. Дар раванди демократикунии ҳаёти сиёсии кишвар ҳизбҳо ва иттифоқҳои касабаи чап Ҷабҳаи миллӣ-демократӣ ташкил доданд. Гватемала сиёсати хориҷии мустақили навобаста аз Амрикоро пеш гирифт.

Дар Амрико ба сиёсати ҳукумати Арбенс ҳамчун «таҳдиди коммунистӣ барои бехатарии ИМА» баҳо доданд.

Соли 1954 ба Гватемала дастаҳои зиддиинқилобӣ, ки қаблан аз кишвар фирор карда буданд, ҳамла карданд. Онҳо аз ҷониби ИМА кӯмаки низомӣ мегирифтанд. Дар натиҷа ҳукумат ба дасти хунтаи низомӣ гузашт.



Намоиши ҳарбӣ дар Гватемала

***Наимоишҳои ҳарбӣ, одатан, ба кадом муносибат доир мегарданд?***

Пайдо шудани созмонҳои нави ватанхоҳ, ки демократикунонии ҷомеа ва барҳам додани ҳукмронии Амрикоро дар кишварҳояшон талаб мекарданд, вазъи сиёсии минтақаро хеле тағйир доданд.

Моҳи сентябри соли 1947 дар зери фишори Амрико Аҳдномаи байниамрикоии ёрии байниҳамдигарӣ ба имзо расид. Тибқи ин шартнома ИМА ӯҳдадор шуда буд, ки режимҳои дар сари қудрат бударо дастгирӣ кунад.

Дар миёнаи солҳои 50-ум дар бархе аз кишварҳои Амрикои Лотинӣ баромадҳои шадиди коргарон ба муқобили режимҳои ҳоким сар зад. Чунин намоишҳои зиддиҳукуматӣ соли 1950 дар Венесуэла, соли 1951 дар Гватемала, соли 1952 дар Боливия, соли 1954 дар Чили ба авҷи аълои худ расида буданд.

Моҳи ноябри соли 1952 дар шаҳри Сантягои Чили намояндагони Маркази коргарии Боливия, Иттифоқҳои касабаи ягонаи Чили ва ҳаракат барои демократикунонӣ ва истиқлолияти иттифоқҳои касабаи Аргентина баённияи муштарак ба имзо расониданд. Ин ҳуҷҷат нерӯҳои миллиро ба муборизаи зидди фишори ширкатҳои хориҷӣ, ба пойдории истиқлолият ва гузаронидани ислоҳоти тараққихоҳона даъват мекард.



Карикатураи испанӣ. Озодии тарзи амрикоӣ барои Амрикои Марказӣ

***Муаллиф бо тасвири "Муҷассамаи озодӣ" ҷиро мехоҳад нишон диҳад?***

Дар нимаи дуввуми солҳои 50-ум бархе аз режимҳои худкома барҳам дода шуд. Соли 1956 дар зери фишори баромадҳои омма роҳбари Перу – генерал Одрия маҷбур шуд аз саҳнаи сиёсат берун равад. Соли 1957 режими диктатураи низомии Рохас Пинил аз байн рафт. Корпартоии оммавии дар ибтидои соли 1958 дар Венесуэла сар зада, баъдан ба шӯриши халқӣ табдил ёфт ва ба диктатураи Перес Хименес хотима дод.

Дар таърихи баъдиҷангии бисёр кишварҳои Амрикои Лотинӣ ҷустуҷӯи роҳи хоси тараққиёт дида мешавад. Дар ҳоле, ки ҷаҳон ба Шарқ ва Ғарб ҷудо шуда буд, роҳи мазкурро аксар вақт роҳи «сеюм» мегуфтанд.

Нуқтаи назари роҳи хоси тараққиётро Раиси ҷумҳури Аргентина – Хуан Доминго Перрон пешниҳод кард. Асоси онро назарияи «хустисиализм» («адолат») ташкил медод. Х. Д. Перон барои ваҳдати миллии Аргентина, аз байн бурдани вобастагию

ақибмондагӣ ва бунёди ҷомеаи адолати иҷтимоӣ даъват мекард. Мувофиқи ин назария, такягоҳ ва пуштибони аслии ин ҷомеа мазҳаби католикӣ, ислоҳоти миллӣ ва ғамхории пешвоён нисбат ба омма мебошад.



Хуан Доминго Перон

***Перон Хуан Доминго (1895 – 1974), солҳои 1943 – 53 вазири меҳнат, вазири ҳарбӣ, ноиби Раиси ҷумҳури Аргентина буд. Солҳои 1955 – 1973 дар муҳоҷират буд. Солҳои 1946 – 1955 ва 1973 – 1974 – Раиси ҷумҳури Аргентина. Соли 1947 Ҳизби Перонистиро ташкил намуд, ки фаъолияти он дар асоси усулҳои Ҳизби Хустисиалистӣ амалӣ мешуд. Аз соли 1958 Ҳизби Перонистӣ номи Ҳизби Хустисиалистиро гирифт.***

Соли 1961 Раиси ҷумҳури Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷон Кеннеди ба кишварҳои Амрикои Лотинӣ барномаи «Иттифоқ ба хотири тараққиёт»-ро пешниҳод кард. Ин барнома ҳамон сол дар ҷаласаи Шӯрои Ташкилоти давлатҳои амрикоӣ аз ҷониби 19 кишвар қабул гардид. Дар барнома дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ ташкил намудани иқтисодиёти бисёрсоҳа, баланд бардоштани афзоиши солонаи маҳсулоти умумимиллӣ ба ҳар сари аҳолӣ то 3,6%, гузаронидани ислоҳоти кишоварзӣ, барҳам додани бесаводӣ, таъмин намудани маълумоти ибтидоии 6-сола барои тамоми кӯдакон, афзоиши сохтмони манзил, устувор гардонидани нархи молҳои кишварҳои Амрикои Лотинӣ дар бозори ҷаҳонӣ, кӯмак намудан ба лоиҳаҳои хамгироии Амрикои Лотинӣ пешбинӣ шуда буд. Барои амалӣ намудани ин барнома ИМА ба кишварҳои Амрикои Лотинӣ бояд дар ҳаҷми 20 млн. доллар маблаггузорӣ мекард. Мақсади ин барнома ҳалли ногузири мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақа ва бартараф намудани кӯшиши ба Иттиҳоди Шӯравӣ наздик шудани онҳо буд.

***Назари таърихшиноси Русия дар бораи фаолияти ҳизбҳои сиёсии кишварҳои Амрикои Лотинӣ***

*«Дар натиҷаи тақвият пайдо кардани рӯҳияи миллӣ-ватандӯстӣ дар солҳои 40-ум ва нимаи аввали солҳои 50-ум фаъолияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳои миллии ислоҳотхоҳ вусъат пайдо кард. Онҳо ба ғояҳои миллатгароӣ ва ватандӯстӣ, бо шиорҳои ягонагии миллат ба хотири пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, соҳибистиқлолии кишвари худ, ба даст*

*даровардани адолати иҷтимоӣ муроҷиат карданд. Аз сари қудрат дур кардани ҳокимони мутлақ, гузаронидани ислоҳоти кишоварзӣ, маҳдуд кардани сармояи хориҷӣ, пурзӯр намудани нақши давлат дар иқтисодиёт, густариши дастовардҳои иҷтимоии заҳматкашонро талаб мекарданд. Ин ҳизбҳо ва ҳаракатҳо оммаи заҳматкашон, деҳқонон, табақаи миёна, корфармоён ва зиёиёнро дар муборизаи сиёсӣ зери парчами худ муттаҳид намуданд».*

*Аз китоби Строганов А.И. "Новейшая история стран Латинской Америки". - М.,1995. - С.100*

Дар солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 70-ум кишварҳои Амрикои Лотинӣ дар зинаҳои гуногуни тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ қарор доштанд. Ин кишварҳоро шартан ба 5 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин буд.

**Гурӯҳи аввал:** Аргентина, Бразилия ва Мексика. Ин кишварҳо дорои саноати гуногунсоҳа буда, дар он технологияи истеҳсоли мошинӣ ҳукмрон буд. Онҳо имкон доштанд худро бо баъзе аз намудҳои таҷҳизот ва дастгоҳҳои коркарди оҳан, электроникӣ, бофандагӣ таъмин намоянд.

**Гурӯҳи дуввум:** Венесуэла, Чили, Колумбия ва Перу. Дар ин кишварҳо истеҳсолоти саноатии хос дар пайвастагӣ бо усули истеҳсолоти мошинӣ ва технологияи косибӣ-ҳунармандӣ ба вуҷуд омада буд.



Дианаи сайёд – рамзи шаҳри Мехико

***Рамзҳои кадом шаҳрҳои ҷаҳонро медонед?***

**Гурӯҳи саввум:** Уругвай, Эквадор ва Гватемала. Ин гурӯҳ намунаи омехтаи гайриоддии ду гурӯҳи аввали кишварҳо буданд. Дар маҷмӯъ кишварҳои гурӯҳи саввум барои рушди мустақилонаи илму фан имкониятҳои маҳдуд доштанд.

**Гурӯҳи чаҳорум:** Коста-Рика, Панама, Боливия, Ҷумҳурии Доминика, Салвадор, Парагвай. Дар ин кишварҳо вазъи техникии истеҳсолот хеле паст буд. Саноат хеле суст тараққӣ ёфта буд.

**Гурӯҳи панҷум:** Никарагуа, Гондурас, Ямайка, Тринидад ва Тобаго, Гайана ва Гаити. Ин кишварҳо дар сатҳи пасти тараққиёти илмию техникӣ қарор доштанд.

Марҳалаи муҳими давраи нави рушди саноати нафти минтақа миллӣ кунонидани ширкатҳои «Интернейшнл петролеум» соли 1968 дар Перу ва «Боливиэн галф ойл» соли 1969 дар Боливия ба шумор меравад.

Дар натиҷаи табаддулоти низомӣ солҳои 60-ум дар як қатор кишварҳои Амрикои Лотинӣ аз қабили Перу, Боливия, Эквадор, Гондурас низомҳои миллатгарои чап ба қудрат расиданд. Ин падидаи нав дар минтақа буд. Низомҳои мазкур саноати нафт, истеҳсоли маъдан ва ғайраро, ки дар онҳо сармояи хориҷӣ нақши муҳим дошт, миллӣ кунониданд. Моликияти устувори давлатӣ ташкил ёфт ва ба манфиати деҳқонон ислоҳоти кишоварзӣ гузаронида шуд. Ин дигаргунисозиҳо бо усули «инқилоб аз боло» сурат мегирифт.

4 сентябри соли 1970 дар интихоботи президентӣ дар Чили номзад аз эътилофи Ваҳдати миллӣ, роҳбари Ҳизби Сотсиалистӣ - Салвадор Аленде пирӯз шуд. Ҳукумати таъсис намудаи ӯ ба дигаргунсозиҳои қатъии иҷтимоию иқтисодӣ даст зад. Роҳи пешгирифтаи вай муқобили ҳукмронии инҳисороти амрикоӣ ва ҳокимияти мутлақи маҳаллӣ буд. Мақсади асосии он мустаҳкам намудани истиқлолияти миллӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагии заҳматкашони кишвар буд.

Эътилофи ваҳдати миллӣ, ки дар он ҳизбҳои сотсиалистӣ ва коммунистӣ нақши асосӣ доштанд, тамоми боигариҳои табииро миллӣ кунонид ва аз болои фаъолияти бонкҳои хориҷӣ назорат ҷорӣ намуд. Се пойгоҳи низомии Амрико зери назорат гирифта шуд. Маош ва нафақапулӣ зиёд карда шуд. Маблаггузорӣ барои таъминоти иҷтимоӣ, сохтмони манзил, нигаҳдории тандурустӣ ва маориф аз ҷониби ҳукумат афзоиш дода шуд.

Бо мақсади пешгирии рушди ҷараёни инқилобӣ дар минтақа ИМА барои сарнагун кардани ҳукумати С. Аленде ба амалиёт шурӯъ кард. 11 сентябри соли 1973 бо сарварии генерал Августо Пиночет табаддулоти низомӣ ба амал баровварда шуд. Ҳангоми ҳуҷум ба қасри президентӣ С. Аленде ба ҳалокат расид. Тамоми дастовардҳои иқтисодии ҳукумати С. Аленде барҳам дода шуданд.



Салвадор Аленде пас аз пирӯзӣ дар интихоботи президентӣ (1970)

***Чаро дар чеҳраи Аленде ва атрофиёнаш хушҳолӣ аз пирӯзӣ ҳувайдо нест?***

***Аленде Госсенс Салвадор (1908 – 1973), президенти Чили солҳои 1970 – 1973. Асосгузор (1933) ва пешвои Ҳизби Сотсиалистии Чили. Дар солҳои 1939 – 1942 вазири тандурустӣ. Аз соли 1945 сенатор (солҳои 1966 – 69 раиси парламенти Чили). Ҳангоми табаддулоти низомии фашистӣ кушта шуд.***



Даромадгоҳи қасри президенти Чили рӯзи 11 сентябри соли 1973

### *А. П. Петров - олими Шӯравӣ дар бораи "намунаи бразилиягии" рушди иқтисодиёт*

*«Дар тӯли якуним даҳсолаи аввали пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон Бразилия дар радифи кишварҳои аз ҳама босуръат рушдёбандаи Амрикои Лотинӣ буд. Дар давраҳои алоҳида, масалан солҳои 1957-1961 аз ҷиҳати рушди иқтисод дар сафи пеши олами сармоядорӣ қарор гирифт. Аммо соли 1961 ҳангоме ки истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ ба дараҷаи баландтарин расид, дар иқтисоди кишвар бӯҳрони шадид огоз ёфт. Ин бӯҳрон беш аз панҷ сол давом кард.*

*Аз нимаи дуввуми соли 1967 дар иқтисодиёти Бразилия пешравӣ огоз ёфт, ки дар солҳои баъдӣ ба авҷи нави тараққёти иқтисодиёт оварда расонид.*

*Дар солҳои охир Бразилия аз нав ба сафи кишварҳои зуд рушдёбандаи олами сармоядорӣ дохил шуд.*

*Суръати баланди рушде, ки иқтисодиёти Бразилия ба даст овард, барои таблиғи «мӯъҷизаи иқтисодии Бразилия» ва «намунаи бразилиягии рушди иқтисодиёт» хидмат кард. Барномаи таҳкими иқтисодиёт дар асоси тавсияҳои Бунёди байналмиллалии асъор, чорабиниҳои зидди беқурбшавӣ ва дигар барномаҳо боиси авҷи тараққёти муваққатии иқтисодиёти Бразилия гардид».*

*Аз мақолаи А. П. Петров. "О бразильской модели экономического развития" // "Латинская Америка", - 1974, - №4. - С. 24-38.*

**?!**

1. ***Хусусиятҳои хоси дигаргунсозиҳои Гватемала дар солҳои 1944 - 1954 кадомҳоянд?***
2. ***Чаро дигаргунсозиҳои ҳукуматҳои Х. Х. Аревало ва Х. Арбенс, ки самтҳояшон аз ҳам тафовут дошт, аз ҷониби Амрико ҳамчун «коммунистӣ» баҳо дода шудаанд?***
3. ***Дар солҳои 50-ум дар кадом кишварҳои Амрикои Лотинӣ ҳаракати коргарӣ пирӯз гардид ва барои чӣ?***
4. ***Дар солҳои 60-ум дар кадом кишварҳо табаддулотҳои низомӣ ба амал омад?***
5. ***Ҳукумати Салвадор Аленде чӣ гунаислоҳот гузаронид?***

# §30. Рушди илм ва фарҳанг. Фарҳанги оммавӣ

1. *Кашфиёт ва ихтирооти нави илмӣ дар ҷаҳон чӣ тағйирот ба вуҷуд овард?*
2. *Тамоилоти асосии рушди адабиёт ва фарҳанг чӣ гуна буд?*
3. *Заминаҳои бавуҷудоӣ ва рушди фарҳанги оммавӣ дар чӣ буд?*
4. *Гуногунии ҷараёнҳои бо ном фарҳангӣ дар байни ҷавонон чӣ гуна зуҳур меёфт?*

**Мавҷи аввали инқилоби илмӣ-техникӣ.** Баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон иқтисод ва фарҳанг дар заминаи дастовардҳои илмии пеш аз ҷанг тараққӣ мекард. Самти асосии рушди илм ворид шудан ба асрори сохтори ҳаста (атом) ва дарки имконияти истифодаи энергияи ҳастаӣ, асрори ҳуҷайра ва коинот буд. Дар таҳқиқи олами атроф ва ба вуҷуд овардани намунаҳои нави техника гардиши бузург ба вуҷуд омад. Ин гардиш номи «инқилоби илмӣ-техникӣ»-ро гирифт ва марҳилаи аввали он ба миёнаҳои асри XX рост меояд.



Юрий Гагарин (аз рост) ва Павел Попович дар Майдони Сурх

*Барои чӣ аввалин кайҳоннавардон шахсони низомӣ буданд?*

Неру ва маблағи зиёд барои тараққиёти воситаҳои нақлиёт (махсусан ҳавопаймоҳои реактивӣ), саноати нафту кимиё, ба даст овардани энергияи ҳастаӣ сарф мешуд. Ихтирои транзистор дар соли 1948 ба рушди радиотехника такони ҷиддӣ дод.

Ба кайҳон баровардани аввалин ҳамсафари маснӯии замин (1957) ва парвози аввалин кайҳоннавард – Юрий Гагарин (1961) дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба кашф ва таҳқиқи фазои кайҳон ибтидо гузошт. Қадами дигари ҷиддӣ дар ин самт парвози ду фазонаварди амрикоӣ ба Моҳ (1969) буд. Яке аз онҳо – Нил Амстронг аввалин шахс буд, ки 21 июли соли 1969 ба моҳ қадам гузошт.

Ҳамзамон кашфи «кайҳони дуввум» – Уқёнуси ҷаҳонӣ давом дошт. Бо ёрии дастгоҳҳои зериобӣ қаъри уқёнус - олами биологӣ ва



Фазонаварди амрикоӣ Эдвин Олдрин ба Моҳ қадам мегузорад

***Ин фазонавардро чӣ гуна аксбардорӣ намудаанд?***

маъдании онро меомӯхтанд.

**Адабиёти бадеӣ.** Ҳикмати қадимӣ вуҷуд дорад: «вақте тӯпҳо сухан мегӯянд, илҳом хомӯш мешавад». Дар ҳақиқат, баъди хомӯш шудани садои тиру туфанги ҷанг, илҳом аз нав зинда шуд. Эҳсосот, афкор ва рӯҳияи мардум дар осори адабӣ, санъати тасвирӣ, муҷассамасозӣ ва театру кино ба хубӣ инъикос ёфтаанд.

Мавзӯи ҷанг ва муқовимат дар адабиёти бадеии бисёр кишварҳо мақоми барҷаста дошт. Тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ дар солҳои аввали баъд аз ҷанг ба пурзӯршавии анъанаҳои реалистӣ дар адабиёт ва санъат мусоидат намуд.

Дар Олмони Ғарбӣ мавзӯи асосии адабиёти солҳои аввали баъдиҷангӣ мавзӯи аз байн бурдани мероси фашизм буд. Ин мавзӯъ ба таври васеъ дар ҳикояҳои Г. Белл, дар осори нависандагони олмонӣ, ки дар муҳоҷират буданд, ифода ёфта буд. Дар романи фалсафии Т. Манн «Доктор Фаустус» (1947) ва романҳои Э. М. Ремарк «Тоқи зафар» (1946), «Вақти мурдан ва вақти зистан» (1954) «Сутуни сиёҳ» (1956) ва ғайра мавзӯи зидди фашистӣ ба таври равшан мушоҳида мешавад.

Дар ИМА нависандагони машҳур У. Фолкнер ва Э. Ҳемингуей, ки солҳои баъди ҷанг ба гирифтани ҷоизаи Нобел мушарраф гардиданд, эҷод мекарданд. Ҷанг ва фоҷиаи инсонӣ маҷбур мекард, ки дар бораи беҳимоягии одамон, талафоти ҷуброннопазири онҳо, дар бораи ҳаёти инсон ҳамчун олитарин арзиш фикр кунанд.

**Санъати кино.** Намояндагони адабиёт ва санъат ба масъалаҳои муҳими ҳаёти инсон ва ҷомеа, ба мафҳумҳои некию бадӣ, ишқу нафрат, вафодорию хиёнат таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд. Дар синамои Италия ҷараёни наве бо номи неореализм (реализми нав) ба вуҷуд омад.

Солҳои 60-ум намояндагони кинои аврупоӣ, махсусан фаронсавӣ Ж. Л. Годар, А. Рене, Ф. Трюфо машҳур гардиданд.



О. Садкин. Муҷассама ба хотираи хароб гардидани шаҳри Роттердам

***Муҷассамасоз дар асараш чиро ифода кардааст?***

Бисёр филмҳо барои ҷавонон офарида мешуданд. Дар онҳо масъала ва мушкилоти ҷавонони 14-19-сола инъикос меёфтанд. Баъзе филмҳо хеле серхароҷот буданд. Ин гуна филмҳо асосан дар бораи ҷосусҳо (мисли филмҳо дар бораи ҷосуси 007 Ҷеймс Бонд), дар мавзӯъҳои таърихӣ ва ғайра буданд.

**Театри абсурд.** Дар охири солҳои 40 ва ибтидои солҳои 50-ум дар санъати аврупоӣ театри ба ном абсурд ба вуҷуд омад.

***Абсурд аз калимаи лотинӣ – «absurdus», бемаънӣ, беҳуда ги-рифта шудааст.***

Қаҳрамони асосии намоишномаҳои ин театр инсони кӯчак, беҳимояву бесарпаноҳ дар назди тақдир буд, ки ӯро даҳшат фаро гирифтааст .

**Санъати тасвирӣ.** Баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар санъати тасвирӣ марҳилаи нав оғоз гардид. Ин марҳила бо номи постмодернизм (баъд аз модернизм) маълум аст.

***Модернизм, аз калимаи фаронсавии "modernisme" гирифта шудааст. Ин аломати шартии давраи фарҳанги охири асри XIX ва миёнаҳои асри XX мебошад. Модернизм ба навоварӣ дар соҳаи шаклу мундариҷа асос ёфтааст.***

Постмодернизм ҳангоме ба вуҷуд омад, ки хатари аз байн рафтани тамаддуни инсонӣ ба воқеият табдил ёфт, хавфи фоҷиаи экологӣ, яъне муҳити зист вусъат пайдо кард.

Дар даҳсолаҳои аввали баъд аз ҷанг дар санъати Аврупо нақши муҳимро устодони насли калон: П. Пикассо, М. Талли, Ж. Мате ва дигарон бозӣ мекарданд.

Авангардизм, модернизм, постмодернизм номҳои умумии падидаҳои вобаста ба ҷараёнҳои нав дар санъати асри XX буданд.

***Авангард аз калимаи фаронсавии “avant-garde”, пешопешраванда, пешоҳанг гирифта шудааст. Авангардизм падидаҳои ҳаёти мадании асри XX-ро муттаҳид мекард, ки ба таҷрибаю навовариҳои қатъӣ дар санъат вобаста буданд. Сюрреализм аз калимаи фаронсавии “surrealisme” – боло аз реализм гирифта шудааст.***



Пабло Пикассо. Ба салиб кашидан

***Рассом дар ин асараш кадом воқеаро тасвир кардааст?***

Авангардизм ҷараёнҳои гуногунро дар бар мегирифт. Яке аз ин гуна ҷараёнҳо сюрреализм буд.

Сюрреалистҳо Салвадор Дали, Рене Магрит, Макс Эрнст ва дигарон дар тасвирҳои худ мехостанд, ҳам зоҳири (беруни) ашё ва ҳам моҳияти ботинии онро тасвир кунанд, ки ақли инсонӣ онро дарк карда наметавонад. Онро фақат зершуури мо бо фаросат (интуитсия) эҳсос мекунад. Ҳамин тарафи ботинии олам, ки бо чашми муқаррарӣ дида намешавад, барои сюрреалистҳо аз ҳама асосӣ буд.



Салвадор Дали."Кашфи Амрико аз тарафи Х. Колумб".1958 – 1959

***Шумо ин асарро чӣ гуна мефаҳмед?***

**Рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ.** Авҷгирии ҳаракати миллӣ - озодихоҳӣ баъд аз ҷанг ва таназзули системаи мустамликадорӣ ба рушди фарҳанг дар кишварҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ мусоидат кард. Осори пурбаҳои адибони кубагӣ Николас Гилен (1902 – 1989), чилиягӣ Пабло Неруда (1904 – 1973), бразилиягӣ

Жорж Помпиду саршор аз андешаҳои башардўстӣ ва реализм буданд.

Дар миёни нависандагони Япония М. Йоко (1925 – 1981), Хитой Мао Дун (1896 – 1981), Ба Сзин, Лоо Шэ ва дигарон машҳур гардиданд.

Масъалаи бисёрзабонию гуногунмазҳабӣ, қашшоқӣ, табақабандӣ дар ҷомеа масъалаҳое буданд, ки мазмуни осори адибон ва киноии ҳиндро ташкил медоданд. Хоҷа Аҳмади Аббос – нависанда ва коргардони кино бо филмҳои «Оворагард», «Ҷаноби 420» ва ғайра ба тамошобини тоҷик хуб маълум аст.

Нависандагони турк – Нозим Ҳикмат, Азиз Несин, араб – Юсуф-ас Сибаӣ, Абдураҳим ал-Хамисӣ, африқоӣ – Питер Абраҳам (Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ), Агостиню Нето (Ангола) ва ғайра дар осори худ воқеаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро тасвир мекарданд.

Дар Иттиҳоди Шўравӣ баъд аз марги Сталин (1953) ҷараёни реализм, ки чеҳраи тоталитаризмро тасвир мекард, ба вуҷуд омад. Осори Б. Л. Пастернак (1890 – 1960) «Доктор Живаго», А. И. Солженитсин «Як рўзи Иван Денисович» ва ғайра дар Ғарб машҳур шуданд. Ҳарду адиб ба мукофоти Нобел мушарраф гардиданд.

Ҳаёти фарҳангии ин солҳо гуногун буд. Аз ин рў, хеле муҳим аст, ки мо ин гуногуниро битавонем дарк намоем ва бо он эҳтиёткор бошем.




Карикатураи Салвадор Дали (соли 1960)

***Ин тасвир ба кӣ монанд аст?***

***Ақидаи нависандаи шўравӣ дар бораи осори Пабло Пикассо***

*«Баъзе асарҳои Пикассо даҳшатоваранд: ҷаҳон дар онҳо ба таври тоқатфарсо зишт аст ва қувваи рассом ба он равона шудааст, ки ҳамин зиштиро нишон диҳад. Вай гўё рўи заминро порча-порча бурида мегўяд: беҳуда шумо ба рўй ниқоби зебо кашида, дўст медоред...»*

*Аз китоби Эренбург И. " Люди, годы, жизнь". - М., 1969. - С. 315*

***Чаро мунаққидони шўравӣ ба намоишгоҳи осори эҷодкорони ҷараёнҳои нави фарҳанги Ғарб назари манфӣ доштанд?***

**Заминаҳои рушди фарҳанги оммавӣ.** Дар асри XIX ва ибтидои асри XX ҳатто дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон аксари аҳолӣ бесавод ё камсавод буд. Эҷодиёти бадеӣ ва театр барои қисми маълумотдори ҷомеа равона шуда буд. Афзоиши макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, саводнокии (дар баъзе мамлакатҳо) қариб саросарии аҳолӣ, афзоиши аҳолии шаҳрҳо заминаи ба вуҷудоии фарҳанги оммавиро муҳайё сохтанд.

***Фарҳанги оммавӣ, ба қавли асосгузори ин истилоҳ Д. Белл маҷмӯи арзишҳои маънавӣ мебошад, ки ба заеқ ва дараҷаи инкишофи истеъмолкунандаи оммавӣ мувофиқ аст. Вай талаботи оммаро ба маҳсулоти арзон қонеъ мегардонид.***

Ҳанӯз дар охири солҳои 30-юми асри XX коргардон ва рассоми филмҳои тасвирӣ – Уолт Дисней дар тамоми ҷаҳон машҳур гардид.

Қаҳрамонони филмҳои ӯ – мушбача Микки, мурғо-бича Доналд, Барфак ва гайра ба кӯдакони қариб ҳамаи дунё маълум буданд.



У. Дисней ва қаҳрамонони машҳуртарин филмҳои тасвирии ӯ

*Кадоме аз қаҳрамони филмҳои Диснейро мешиносед?*

**Поп-арт.** Қисми таркибии фарҳанги оммавӣ поп-арт буд. Яке аз асосгузо-рони поп-арт Р. Ҳамилтон шӯхиомез ҷараёни навро «ба ҳама дастрас, шӯх, истеъмолӣ, гузаранда, арзон, оммавӣ, ҷавон, шаҳвонӣ, фиребанда, зебо ва бизнеси калон номида буд».

***Поп-арт аз калимаи англисии «pop (ular) art», яъне санъати ба ҳама дастрас, оммавӣ гирифта шудааст.***

Ба фикри тарафдорони ин ҷараён, ҳама гуна ашё метавонад, мавзӯи санъат шавад. Ба ҳам васл кардани ашё сифати навро ба вуҷуд меорад. Дар «поп-арт» мафҳуми «асари санъат» мазмуни муқаррарии худро гум мекунад. Намояндагони машҳури поп-арт амрикоиҳо Р. Раушенберг, Й. Йонс, Э. Уорхел ва дигарон буданд.

**Мусиқӣ.** Гардиши муҳим дар санъати мусиқии нимаи дуввуми асри XX маҳз ба поп-арт алоқаманд буд. Баъд аз ҷанг мусиқии



Э. Уорхол. Мэрилин Монро. Поп-арт. (соли 1964)

***Дар бораи М. Монро чӣ медонед?***

классикӣ ба рушду инкишофи худ идома медод. Аммо оммаи васеи одамон ба «рок-н-рол» бештар таваҷҷӯҳ доштанд.

***Рок-н-рол аз калимаи англисии rock-and-roll - калавидан ва чарх задан гирифта шудааст. Ин як намуди рақси дукасаи амрикоист, ки бо суръати баланд иҷро мешавад.***

Дар солҳои 60-ум маркази мӯд ва мусиқӣ Лондон гардид. Гурӯҳҳои «Битлз» ва «Роллинг стоунз» дар мусиқӣ марҳилаи нав кушоданд.

Машҳур гардидани ин гурӯҳҳо на танҳо ба мусиқӣ, шеваи иҷрои он, балки инчунин ба матни сурудҳо вобастагӣ дошт. Мавзӯи танҳоӣ, умед, ишқу муҳаббат ба рӯҳияи қисми зиёди ҷавонони он солҳо мувофиқ буд.

Гурӯҳи «Битлз», ки дар охири солҳои 50-ум ба фаъолият оғоз кард, парварда ва ҳаракатдиҳандаи фарҳанги оммавӣ буд. Дар аввалин консерти ин гурӯҳ соли 1964 дар Ню-Йорк 2 ҳазор нафар тамошобин иштирок карданд. 73 миллион нафар ин консертро ба воситаи телевизион тамошо намуданд.

**Ташаккули ҷараёнҳои нав дар миёни ҷавонон.** Рушди фарҳанги оммавӣ шаклҳои нави рафтори ҷавононро ба вуҷуд овард. Кӯшиши «ба мисли ҳама набудан», «касе будан» ба афзоиши ҷараёнҳои гуногун, ки онҳоро хилофи фарҳанг ё акси фарҳанги ҷавонон меномиданд, сабаб гардид. Дар ибтидои солҳои 50-ум намояндагони ҷавонони табақаи коргар кӯшиш мекарданд, ба тарзи рафтору либоспӯшии намояндагони табақаи болоии ҷомеа тақлид кунанд.

Пиджаки васеи гиребонаш махмалин, шими дӯхташ ниҳоят танг, пойафзоли пошнаҳояш резинӣ, галстуки ниҳоят борик дар байни онҳо мӯд буд. Ин ҷавононро «тэдди-бойз» (бачаҳои Тэдди) меномиданд. Тедди номи кӯтоҳшудаи шоҳзодаи англис Эдуард буд. Онҳо бо ҷавонони гурӯҳҳои дигар ва бо муҳоҷирин хусумат доштанд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон пайравони «тэдди бойз»-ро стиляг меномиданд.

Падидаи нави солҳои 60-ум рушди ҳаракати «битник»-ҳо буд. «Битник» «beatnik» аз калимаи «beat» – шикаста, зоеъшуда гирифта шудааст.

Инкишофи битникҳо ҳаракати ҳиппӣ – «hippy» буд, ки бисёр мамлакатхоро фаро гирифт. Дар шӯравӣ бо номи ҳиппиҳо ёд мешуданд. Онҳо ҳама гуна ҳокимиятро инкор мекарданд. Оила доштан ва моликияти хусусиро рад менамуданд. Ба сиёсат коре надоштанд.



Шоҳи рок-н-ролл Элвис Пресли

***Боз кадом ситораҳои ин равияи мусиқиро медонед?***

Акси битникҳо ва ҳиппиҳо рокер («rocker»), скинхед («skinhead») ва панкҳо («punk») буданд. Ҳаракати рокерҳо дар байни ҷавонони 15 – 25-солаи ИМА ва Англия ба вуҷуд омад. Онҳо аз оилаҳои нопурра ва носоз баромада буданд.

Либоси маъмулии рокерҳо - курткаи чармин бо нишон ва навиштаҷот, шимҳои ҷинси кӯҳна ва пойафзоли дурушт буд. Онҳо бо овози дағал ва лаҳҷаи (жаргони) махсус гап мезаданд ва инро нишонаи мардонагӣ медонистанд. Ба мототсикл ва ҳунари рондани он диққати махсус медоданд.

Скинхедҳо (сартарошидагиҳо) дар охири солҳои 1960 ибтидои солҳои 1970 дар Англия ба вуҷуд омаданд. Ин замоне буд, ки дар миёни ҷавонони беихтисос бекорӣ меафзуд. Скинхедҳо бо доштани рӯҳияи нажодпарастӣ фарқ мекарданд. Онҳо намояндагони миллатҳои осиёиро лату кӯб мекарданд, ба ҳиппиҳо дармеафтоданд.

***Муосирон нақл мекунанд ...***

*Маллоҳон аз Иёлоти Муттаҳида ба Ливерпул баргашта сабти мусиқӣ меоваранд. Дар худи Ливерпул садҳо гурӯҳи ҳунарӣ фаъолият мекард. Клуби «Ғор» ҷойи дӯстдоштаи мухлисони мусиқӣ буд. Яке аз ҳамешаҳозирини он ба хотир меорад, ки «дар он ҷо ҳама чиз, ки як ҷавон орзу мекард, мавҷуд буд». 21 марти соли 1961 дар саҳнаи «Ғор» аввалин бор гурӯҳи он вақт номаълуми «Битлз» ҳунарнамоӣ кард. Аз ҳамон вақт ин гурӯҳ ҳамеша дар саҳнаи «Ғор» баромад мекард. «Ин мусиқӣ, – ба хотир меорад Давид Саккет, – аз мусиқие, ки мо одатан гӯш мекардем, фарқ дошт. Он тамоми ҷисму рӯҳи моро фаро гирифта буд. Ҷаҳон ба касалии «битломания» (иштиёқи битлз) гирифтор шуда буд. Навҷавонон мисли «Битлз» либос мепӯшиданд ... Вақте ки аъзои*

*гурӯҳи «Битлз» мӯйсари дароз доштанд, тамоми навҷавонон мӯйдароз шуданд. Дар соли 1964 «Битлз» машҳуртарин ва дӯстдоштатарин ансамбл буд. Албоми «Ман мехоҳам, дасти туро бигирам» бо суръати 100 ҳазор нусха дар як соат фурӯхта шуд...*

*Аз китоби Ю.Кушнерева, Т.Черникова. "Иллюзии и разочарования. Мир и СССР в 60 годы". - М., 1999. - С. 86*

***Гурӯҳи «Битлз» соли 1958 дар Ливерпул ба фаъолият шурӯъ кард. Солҳои 60-ум дар тамоми Англия машҳур шуд. Дар даҳ соли фаъолияти худ «Битлз» чандин албоми мусиқӣ баровавда, дар филмҳои гуногун иштирок кард. Соли 1965 иштирокчиёни гурӯҳ – Ҷ. Леннон, П. Макарти, Ҷ. Харрисон ва Р. Старр бо орденҳои империяи Британия мукофотонида шуданд.***




Ҳунарнамоии «Битлз» дар саҳнаи Олмон

***Ба фикри шумо, ин акси кадом марҳилаи фаъолияти "Битлз" аст?***

***1. Сабаби асосии машҳур гардидани «Битлз» дар чӣ буд?***
***2. Чаро ин мусиқӣ зуд «ҷисму рӯҳ»-и ҷавононро фаро гирифт?***

**?!**

***1. Чаро дар санъати солҳои баъдиҷангӣ ҷараёнҳои зиёд ба вуҷуд омаданд? Ба фикри шумо, кадом омилҳо ба он имкон доданд?***
***2. Кадом умумиятеро дар рушди адабиёт, мусиқӣ ва санъати Ғарб мушоҳида мекунед?***
***3. Дар ҷомеаи имрӯза фарҳанги оммавӣ чӣ гуна мавқеъ дорад?***
***4. Таъсири мусбат ва манфии онро ба ҳаёти маънавӣ ва иқтисодиёт шарҳ диҳед.***
***5. Барои чӣ фарҳанги оммавиро падидаи асри XX меноманд?***
***6. Кадом ҷараёнҳо дар миёни ҷавонон ба вуҷуд омада буданд ва аз якдигар чӣ фарқ доштанд?***
***7. Дар бораи скинхедҳои Русия чӣ медонед?***

# Боби 5. Ҷаҳон дар чоряки охири қарни XX ва ибтидои қарни XXI

## §31. Ҷаҳон баъд аз Маҷлиси машваратии Хелсинки: умедҳо ва воқеият

1. *Вазъияти байналхалқӣ дар чоряки охири асри XX чӣ гуна буд?*
2. *Сабабҳои пуршиддат гаштани вазъияти байналхалқӣ дар солҳои 80-уми асри XX кадомҳоянд?*
3. *Тафаккури нави сиёсӣ ва хотима ёфтани «ҷанги сард» дар муносибатҳои байналхалқӣ кадом дигаргуниҳоро ба вуҷуд ов封ранд?*

**Ҷаҳон дар чоряки охири қарни XX.** Ба имзо расидани ҳуҷҷати хотимавии Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо барои беҳтар гардидани муносибатҳои байналхалқӣ мусоидат намуд. Диққати ҷаҳониён ба масъалаҳои эътирофи сарҳадҳои вуҷуддошта, истиқлолияти давлатҳо, эҳтироми ҳуқуқи инсон, мустаҳкам намудани амният ва инкишофи ҳамкориҳо бештар ҷалб гардид.

Паст гардидани шиддати вазъияти байналхалқӣ барои хотима ёфтани «ҷанги сард» имконияти васеъ фароҳам оварда буд. Вале ҳанӯз сабаби асосии он – рақобат байни ду низоми ҳарбию сиёсӣ дар ҷаҳон ҳамоно идома дошт. Ду давлати бузург – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) эътироф намуданд, ки бо роҳи зӯрӣ дар ин мусобиқа ғолиб омадан имконнопазир аст.

Ба ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам дар миқёси ҷаҳон кӯшиши тағйир додани таносуби қувваҳо идома дошт. Ду низом иқтидори ҳарбии худро мустаҳкам менамуданд. Таъсири иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ аз болои давлатҳои «ҷаҳони сеюм» барои интихоби роҳи инкишоф пурзӯр мегардид. Дар рафти рақобати ин ду низом низоъҳои минтақавӣ аҳамияти хос пайдо карданд.

Дар солҳои 70-ум давлатҳои нав истиқлолият ба даст даровварда кӯшиш мекарданд, ки барои ба роҳ мондани тараққиёти босуръат, аз рақобати давлатҳои абарқудрат истифода баранд. Дар навбати худ, давлатҳои бузург бо ҳар восита мамлакатҳои гуногуни «ҷаҳони сеюм»-ро барои тағйир додани таносуби қувваҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор медоданд.

Натиҷаи чунин сиёсат ба он оварда расонд, ки давлатҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ ба доираи муборизаи ду низоми харбию сиёсӣ кашида шуданд. Беҳуда нест, ки дар ин солҳо дар нимҷазираи Ҳиндухитой, Сомалӣ, Ҳабашистон, Ангола, Мозамбик, ҷануби Африқо ва Никарагуа ҷангҳои шаҳрвандӣ идома доштанд. Дар аланга задани ин ҷангҳо таъсири давлатҳои бузурги ҷаҳон – ИМА ва ИҶШС равшан мушоҳида мешуд.

Аз як тараф, кӯмаки ИҶШС ба давлатҳои гуногун ва зиёд шудани таъсири он дар ҷаҳон боиси ташвиши доираҳои ҳукмрони Ғарб гардида бошад, аз тарафи дигар, ИМА мавқеъҳои худро дар давлатҳои «ҷаҳони сеюм» аз даст додан намехост.

Азбаски роҳбарияти ИМА ва ИҶШС наметавонистанд доираи таъсири худро дар саросари ҷаҳон муайян намуда, шиддати вазъияти байналхалқиро паст намоянд, ин давраи муносибат бо Иттиҳоди Шӯравӣ дар ИМА «давраи рақобат ва ҳамкорӣ» ном гирифта буд.

***Назари расмии Давлати Шӯравӣ доир ба масъалаи дурнамои муносибатҳо бо Аврупо***

*(Аз баромади мудири шӯъбаи байналмилалии КМ Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ В. М. Фалин)*

*Дар давоми давраи тӯлонӣ мутахассисон ҳам дар Комитети Марказӣ ва ҳам дар Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС мавзӯеро ба миён гузоштанӣ мешуданд, ки оё сиёсати шӯравӣ нисбат ба ин кишварҳо (кишварҳои Аврупои Шарқӣ) таҷдиди назар намехоҳад? Ҳаҷми хароҷот ба мусобиқаи мусаллаҳшавӣ мувофиқи мақсад аст? Бо дар назар гирифтани он, ки қувваҳои мусаллаҳи ин кишварҳо моҳиятан ҳеҷ чизро тағйир дода наметавонанд дар сурате, ки агар дар Аврупо ҷанг ногузир бошад. Ҷои таассуф аст, ки чунин мурожиатҳо ба роҳбарияти олӣ, одатан, бе ҷавоб мемонданд.*

*Ман чунин фикр дорам: омили қувва ҳатман нақши худро гум мекунад. Дар оянда иттифоқи низомӣ асосӣ буда наметавонад, ҳамкориҳо дар саҳи иқтисод, бахусус илм ва техника, сиёсат ва фарҳанг нақши муҳим мебозанд. Дар ин самт мо чӣ гуна дастовардҳо дошта метавонем, аз худи мову шумо вобаста аст.*

*Аз китоби «Материалы Всесоюзного совещания идеологических работников КПСС». - М.,1990. ч.2. - С. 61-65*

***1. Оё роҳбарияти шӯравӣ ба дурнамои муносибатҳо дар Аврупо дуруст баҳо дода буд?***
***2. Дар Аврупои ибтидои асри XX1 «омили қувва» чӣ нақш дорад?***

**Шиддат гирифтани вазъияти байналхалқӣ дар сол-ҳои 80-ум.** Дар охири солҳои 70-ум дар як қатор мамлакатҳо тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, ки ба тезутунд гардидани вазъияти байналхалқӣ дар даҳсолаҳои оянда оварда расониданд. Бахусус, аз байн рафтани ҳокимияти шоҳ Муҳаммадризо Паҳлавӣ дар Эрон (январи соли 1979), ҳокимияти худкомаи Анастасио Самоса дар Никарагуа (июли соли 1979) ва ба хоки Афғонистон даровардани қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (декабри соли 1979) сабаби тарсу ҳароси роҳбарияти ИМА гардиданд. Доираҳои ҳукмрони ИМА ҳарос доштанд, ки дар «ҷанги сард» мағлуб гашта, мавқеи худро дар давлатҳои истеҳсолкунандаи нафт ва Америкои Лотинӣ аз даст медиҳанд.

Соли 1980 дар ИМА Ҳизби ҷумҳурихоҳ бо сардории Роналд Рейган ба сари ҳокимият омад. Ҳукумати нави Амрико сиёсати таҳдиди яроқи ҳастаиро пеш гирифт. Маъмурияти Р.Рейган ба Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун «давлати бузурги ҷаҳолат» ва тоталитарӣ баҳо дода, роҳи маҳдуд кардани муносибатҳоро бо ИҶШС пеш гирифт. ИМА музокиротро бо Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба кам кардани яроқу аслиҳа ва хати алоқаи доимии байнидавлатиро қатъ намуд. Аз ҷониби Амрико кӯмаки моддию низомӣ ба қувваҳо ва гурӯҳҳои мухолиф дар Афғонистон, Никарагуа, Ангола ва дигар «нуқтаҳои доғ», нерӯҳои зиддикоммунистӣ дар Европаи Шарқӣ вусъат ёфт.



«Ба «Першинг»-ҳои амрикоӣ бовар накунед!» Мусобиқаи яроқнокшавӣ байни Шарқ ва Ғарб

***1. Дар тасвир воқеият дуруст инъикос гардида аст?***
***2. Ба фикри шумо, муаллифи он аз Шарқ аст ва ё Ғарб?***

ИМА ба амал баровардани барномаҳои низомии худро суръат бахшид. Соли 1983 Р. Рейган дар бораи оғоз намудани кор аз рӯи барномаи «Ташаббуси мудофиаи стратегӣ» – маҷмӯи яроқу аслиҳаи қайҳонӣ бо мақсади



М. С. Горбачев ва Р. Рейган ҳангоми мулоқот дар шаҳри Рейкявик

***Чаро мӯътадил гардидани вазъияти байналмилалӣ ба мавқеи роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА вобастагӣ дошт?***

мудофиа аз ҳамлаи силоҳи ҳастаӣ (атомӣ) эълон намуд.

Худи ҳамин сол қувваҳои муссалаҳи ИМА ба ҷазираи Гренада ворид шуданд. Ин амал дар асл намоиши иродаи ҳукумати ИМА барои истифодаи қувваи яроқ дар рақобати ду низоми ҳарбию сиёсӣ буд.

**Тафаккури нави сиёсӣ ва хотима ёфтани «ҷанги сард».** Сиёсати маъмурияти Р. Рейган дар назди роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ чунин масъалаи интихоби роҳи ояндаи муносибатҳоро бо ИМА ба миён гузошт, ки он ду роҳи ҳалли худро дошт: а) бо роҳи ҷавоби низомӣ ва боз ҳам пурқувват сохтани нерӯи ҳарбӣ ва б) интихоби роҳ ва усулҳои нави муносибат. Роҳи аввал маънии боз ба давраи нави яроқнокшавӣ баргаштанро дошт, ки барои иқтисодиёти ИҶШС душвориҳои навро ба миён меовард.

Ҷустуҷӯи имконияти мӯътадил гардидани муносибатҳо аз вохӯрии роҳбарони ИҶШС ва ИМА – М. С. Горбачев ва Р. Рейган дар Женева (соли 1985) ва Рейкявик (соли 1986) оғоз ёфт. Дар ин вохӯриҳо карордод байни ин давлатҳо ба имзо нарасида бошад ҳам, вохӯриҳо кӯшиши тарафҳоро барои аз байн бурдани хавфи ҷанги ҳастаӣ тасдиқ намуданд.

Инкишоф ва амалӣ намудани усулҳои нави муносибат бо сиёсати пешгирифтаи тафаккури нави сиёсӣ зич алоқаманд аст, ки барои хотима додани «ҷанги сард» имконият ба вуҷуд овард. Мақсади тафаккури нави сиёсӣ аз эътирофи чунин воқеиятҳо иборат буд:

– Ҷанги ҳастаӣ барои ҳама инсоният воқеаи фалокатовар аст. Тасдиқ карда шуд, ки мавҷуд будан ва таҳдиди истифодаи яроқи ҳастаӣ дигар наметавонистанд мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ бошанд.

– Мақсади олии тафаккури нави сиёсӣ таъмини мавҷудияти инсоният, ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ - аз байн бурдани хавфи ҷанг, хатари экологӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии «ҷаҳони сеюм» дониста мешуд. Эътироф карда шуд, ки ҳалли ин масъалаҳо танҳо бо кӯшиши якҷояи ҳамаи халқҳои ҷаҳон имкон дорад ва барои ҳамин ба вуҷуд овардани боварӣ байни давлатҳо аҳамияти калон дорад.

– Бояд аз мантиқ ва афкори рақобати байни давлатҳо даст кашида, дар асоси усули гузашт манфиатҳои давлатҳо эътироф ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ба таври қатъӣ риоя гарданд.

Дар мадди аввал тафаккури нави сиёсӣ аз тарафи давлатҳои Ғарб ҳамчун амали таблиғотӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ҳалли масъалаҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёнаш қабул гардид. Баъди қадамҳои воқеии сиёсати берунии шӯравӣ доираҳои ҳукмрони давлатҳои аъзои ташкилоти Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) бовар намуданд, ки дар сиёсати ИҶШС тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омадааст. Соли 1987 Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА барои аз байн бурдани мушакҳои миёнапарвоз дар Аврупо ва Осиё ба мувофиқа расиданд. Соли 1988 ИҶШС дар бораи кам кардани қувваҳои мусаллаҳи худ эълон намуд. Соли 1990 давлатҳои Шартномаи Варшава ва НАТО дар бораи кам кардани яроқ ва қувваҳои мусаллаҳ дар Аврупо созишнома ба имзо расониданд. Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин маротиба назорати иҷрои ин қарордодро дар ҳудуди худ иҷозат дод. Соли 1991 ИҶШС ва ИМА дар бораи кам кардани яроқҳои стратегӣ ба мувофиқа расиданд.

Дар муносибат байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои Европаи Шарқӣ низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад. Масъалаи муттаҳид гардидани ду давлати Олмон – Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Ҷумҳурии Демократии Олмон, ки ба манфиати халқи олмон буд, низ аз тарафи ИҶШС дастгирӣ ёфт. Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ аз Олмони Шарқӣ берун бароварда шуд.

Аскарони шӯравӣ то моҳи феврали соли 1989 аз хоки Афғонистон бароварда шуданд, дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ инқилоби демократӣ ба амал омад, ки барои интихоби озодонаи инкишофи онҳо роҳ кушод.

Ҳамаи ин гувоҳӣ он буд, ки «ҷанги сард» хотима ёфта, дар ҷаҳон тартиботи нави муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ ҷорӣ ёфтааст.

***Назари собиқ дипломати шӯравӣ***

*Бинобар як қатор сабабҳо, раванди огоз гардидаи хотима ёфтани «ҷанги сард» номӯътадилу пароканда буда, зуд-зуд алангаҳои нав ва шиддат гирифтани вазъият сар мезаданд. Воқеаҳои Ангола, Ҳабашистон, Афғонистон, ҳавопаймои Кореяи Ҷанубӣ – ин фақат воқеаҳои равшантарини он буданд. Аз сабаби он ки омили асосии дар ибтидои солҳои 70-ум бавуҷуд- омада зарурияти хотима бахшидани «ҷанги сард»-ро ба миён гузошта буд, ин раванд ба таври умум давом дошт…*

*Ҳатто Рейган баъди ба сари ҳокимият омаданаш, дар соли 1980, дар зери шиори муборизаи оштинопазир бо «империяи ҷаҳолат» дар симои Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳанӯз дар охири давраи аввали мӯҳлати президентиаш дар соли 1984, зарурияти воқеии огоз кардани гуфтушунидҳоро бо мақсади хотима бахшидани мусобиқаи яроқнокшавӣ дар замин ва роҳ надодани он ба кайҳон дарк карда буд. Аҳду паймон байни ИҶШС ва ИМА дар ин мавридва дар бораи он ки ҳадафи ниҳоии кӯшишҳои онҳо бояд пурра аз байн бурдани яроқи ҳастаӣ гардад, дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии ду кишвар моҳи январи соли 1985 қайд карда шуд.*

*Аз китоби Корниенко Г.М. «Холодная война»: истоки, причины и последствия 11. Осмысление истории». - М., 1996. - С.210*

***1. Барои чӣ дар солҳои 70-80-уми асри гузашта ҳодисаҳои дар Ангола, Ҳабашистон ва Афғонистон бавуҷудомада сабабгори шиддат гирифтани вазъияти байналхалқӣ гардиданд?***
***2. Оё Р. Рейган метавонист музокиротро бо ИҶШС огоз накунад? Шумо чӣ назар доред?***
***3. Мавҷудияти яроқи ҳастаӣ ба муносибати байни абарқудратҳо чӣ алоқа дошт?***

**?!**

***1. Маҷлиси машваратии Хелсинки ба кадом масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ аҳамият дода буд?***
***2. Дар рақобати давлатҳои бузурги ҷаҳон давлатҳои тараққикунанда чӣ нақш мебозиданд?***
***3. Дар чоряки охири асри гузашта дар кадом минтақаҳои ҷаҳон низоъҳо идома доштанд? Ин минтақаҳоро дар харита пайдо намоед.***
***4. Кадом ҳодисаҳо сабаби шиддат ёфтани вазъияти байналхалқӣ дар солҳои 80-ум гардиданд?***
***5. Моҳияти тафаккури нави сиёсӣ аз чӣ иборат буд?***

# §32. Ҷаҳон дар ибтидои қарни нав

1. *Дар вазъияти байналхалқӣ баъд аз хотима ёфтани «ҷанги сард» чӣ тағйирот ба амал омад?*
2. *Зарурати гирифтани пеши роҳи таҷовузи Ироқ ва мудохила ба низоъи Югославия аз чӣ иборат буд?*
3. *Воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 ба муносибатҳои байналмилалӣ чӣ гуна таъсир расониданд?*

Даҳсолаи охири асри XX огози давраи нав дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Давраи рақобат ва шиддат гирифтани муносибатҳои байни давлатҳои ду низом – «ҷанги сард» пушти сар шуд. Дар муносибатҳои байналмилалӣ роҳи васеъ барои мустаҳкам намудани ҳамкориҳо, аз байн бурдани хавфи ҷанг ва ҳал намудани тамоми баҳс ва низоъҳои минтақавӣ кушода шуда буд.

Дар ибтидои ин давраи муҳим халқҳои ҷаҳон бо нияти нек ба оянда назар мекарданд.

Дар асл воқеият дигар хел сурат гирифт. Дар даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XX1 ҳанӯз ҳам дар гӯшаву канорҳои гуногуни олам, аз ҷумла дар ҳудуди собиқ ИҶШС моҷаро ва низоъҳои зиёди сиёсӣ идома ёфтанд.

Аз байн бурдани «Девори Берлин» дар тамоми ҷаҳон ҳамчун рамзи хотима ёфтани «ҷанги сард» эътироф гардид. Ин амали рамзнок ба тамоми Аврупо зарурияти аз байн бурдани монеаҳои пешинаи сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва низомиро дар роҳи муттаҳид намудани тамоми қитъа ба миён ғузошт. Дар дохили давлатҳои собиқ сотсиалистӣ – Полша, Чехословакия, Венгрия, Руминия ва Булғория ҳаракатҳои васеи демократӣ тавонистанд, сохтори кӯҳнаи ҳизбӣ-давлатиро шикаста, усулҳои нави идораи давлатиро барқарор намоянд.

Гузаронидани амалиёти низомии давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон бо дастури СММ дар ибтидо ва нимаи дуюми солҳои 90-ум нишон доданд, ки давлатҳои ҷаҳон метавонанд пеши роҳи таҷовузро гирифта, амнияти кишварҳоро таъмин намоянд.

**Амалиёти низомӣ ба муқобили Ироқ.** Моҳи августи соли 1990 қувваҳои мусаллаҳи Ироқ бо дастури роҳбари ин давлат Саддом Ҳусейн ба хоки давлати ҳамсоя – Қувайт зада даромада, онро забт намуданд. Ҳанӯз дар солҳои 80-ум ҷанги тӯлонӣ бо Ирон вазъияти иқтисодии Ироқро хеле вазнин гардонида буд. Бо роҳи ба ихтиёри худ даровардани захираҳои табиии Қувайт роҳбарияти Ироқ мақсад дошт, мушкилиҳои иқтисодии худро ҳал намояд.

Шӯрои амнияти СММ таҷовузи Ироқро ба муқобили Қувайт маҳкум карда, талаб намуд, ки қувваҳои мусаллаҳи Ироқ аз хоки

кишвари ҳамсоя баровардa шаванд. Давлати Ироқ ин талаброичро накард. Дар ҷавоб Шӯрои амнияти СММ дар бораи муҳосираи пурраи иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва низомии Ироқ қарор қабул намуда, барои баровардани қувваҳои мусаллаҳи Ироқ то 15 январи соли 1991 мӯҳлат муайян намуд.

Аввалин маротиба дар таърихи нимаи дуввуми асри гузашта ИҶШС таҷовузи Ироқро маҳкум намуда, тамоми чорабиниҳои СММ-ро ба муқобили Ироқ дастгирӣ намуд.

***Аввалин амалиёти низомии якҷояи Ғарб ва Шарқ баъд аз хотима ёфтани «ҷанги сард»***

*Ин амалиёти нерӯҳои муттаҳидаи бештар аз 30 давлат (бо дастгирии ИҶШС) ба муқобили Ироқ буд. 16 январи соли 1991 қувваҳои низомии иттифоқчиён, ки дар Арабистони Саудӣ ҷамъ оварда шуда буданд, ба муқобили Ироқ ҳамла намуданд.*

*Мақсади онҳо аз хоки Қувайт баровардани қувваҳои мусаллаҳи Ироқ буд. Ба ҳайати нерӯҳои иттифоқчиён бештар аз 700 ҳазор сарбозон дохил мешуданд, ки қариб 500 ҳазор нафарашонро қувваҳои мусаллаҳи ИМА ташкил медоданд. Аз тарафи Ироқ 550 ҳазор аскарон иштирок менамуданд, ки асосан аз сафарбаршудагон иборат буданд.*

*Амалиёт бо ҳуҷумҳои ҳавоии шадид ба пойгоҳҳои Ироқ (бо ном «зарбаҳои дақиқ») огоз гардид. Дар ҷавоб Ироқ ба Исроил зарбаи мушакӣ зад, миқдори зиёди нафтро ба халиҷи Форс рехта, манораҳои нафткаши Қувайтро оташ зад. Ҳамлаи заминии иттифоқчиён 24 январ шурӯъ шуда, ба муқобилияти заиф дучор гардид. Баъди 4 рӯз ҷониби Ироқ иҷрои қарорҳои СММ-ро ба ӯҳда гирифт. Бо ҳамин амалиёти низомии иттифоқчиён қатъ карда шуд. Низоми Саддом Ҳусейн аз байн бурда нашуд, зеро СММ чунин дастур надода буд. Тарафи иттифоқчиён қариб 150 нафар ва Ироқ бошад ҳазор маротиба бештар талафоти ҷонӣ доданд.*

*Аз китоби «История войн и конфликтов». - Минск. 1997. т.1. - С.119-120.*

***1. Моҳияти «дастгирии ИҶШС» аз чӣ иборат буд?***
***2. Барои чӣ Ироқ муқобилият нишон дода натавонист?***
***3. Чаро қувваҳои иттифоқчиён ба дохили хоки Ироқ зада надо-ромаданд? Фикратонро асоснок кунед.***

Ҷанг ба ҳар ду давлат – Ироқ ва Қувайт зарари калон расонд. Дар он бештар аз 130 ҳазор аскарон ва ахолии осоиштаи Ироқ кушта шуданд. Солҳои дароз Ироқ дар муҳосираи тиҷоратӣ ва иқтисодӣ монд. Қувайт аз ҷанг қариб 100 млрд. доллар зарар дида буд. Аҳолӣ аз нарасидани оби нӯшокӣ ва хӯрокворӣ сахт азият мекашид.

**Бӯхрони Югославия.** Дар давоми солҳои 90-уми асри гузашта муносибат дар байни миллату халқиятҳои ба ҳайати давлати Югославия дохилбуда тезутунд гардида буд. Дар зери таъсири ҳаракатҳои демократӣ дар давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ майли ҷудоихоҳии ҷумҳуриҳои ба ҳайати Югославия дохилгардида ба сӯи мустақилияти бештар вусъат ёфт. Ин раванд ба он оварда расонид, ки моҳи июли соли 1991 Словения ва Хорватия истиқлолияти сиёсии худро эълон намуданд.



Саёҳони Қувайт ба воситаи радио дар бораи вазъияти ватанашон маълумот мегиранд

***Аз рӯи расм муайян намоед, ки одамон дар кадом вазъияти руҳӣ карор доранд?***

***Назари таърихшиноси норвегӣ Т. А. Эриксен дар бораи бӯхрони Югославия***

*Гузаронидани аввалин интихоботи озод дар байни халқҳо ва минтақаҳо ҷудоиро ба вуҷуд овард... Дар Сербия коммунисти собиқ Слободан Милошевич роҳбар гардид. Вай кӯшиш менамуд, ки мавқеи сербҳоро дар ҷомеаи югославӣ мустаҳкам намояд. Сиёсати дохилии вай, аслан, аз фишор овардан ба аққалиятҳои албанӣ (ва мусулмонӣ) дар музофоти Косово иборат буд. Дар арсаи байналмилалӣ вай худро ҳимоячии манфиатҳои аққалиятҳои серб, ки дар дигар ҷумҳуриҳои Югославия зиндагӣ менамуданд, нишон медод...*

*Дар ҳайати артиши Югославия намояндагони миллати серб бештар буданд, аз ин ҷо артиш ба Словения ва Хорватия ҳамла намуд. Ба сербҳои сокини дигар ҷумҳуриҳои истиқлолият бадастоварда кӯмаки ҳарбӣ расонида мешуд. Ин ба сар задани ҷанги ҳақиқӣ оварда расонд, ки дар рафти он садҳо ҳазор одамон бехонумон ва аз ин бештар фирорӣ гаштанд.*

*Аз китоби Эриксен Т.А. «Всемирная история с 1850 г. до наших дней». - Осло.1994. - С. 498-499.*

1. ***Сабаби сар задани низоъ дар байни миллату халқҳои як кишвар аз чӣ иборат буд?***
2. ***Ба назари Шумо, бо кадом роҳу усул чунин низоъҳоро ҳал кардан мумкин аст? Аз ҳаёти халқҳои дигар мисол оварда метавонед?***



Гурезаҳои музофоти Косово

*Дар кучо одамон метавонанд паногоҳ ёбанд?*

Баҳори соли 1992 баъд аз мӯътадил гардидани муносибатҳо байни Сербия ва Словенияю Хорватия моҷарои ҳарбӣ дар ҷумҳурии дигар – Босния ва Ҳертсоговина аланга зад. Дар ин музофоти Югославияи собиқ зиддиятҳои қавмӣ ва мазҳабӣ бештар шиддат гирифта буданд. Дар ҳудуди ин ҷумҳурӣ сербҳо ва хорватҳо низ зиндагӣ менамуданд.

Мусулмонон қариб 40% аҳолиро ташкил медоданд. Онҳо ба таъқиби сахти сербҳо дучор омада маҷбур мегардиданд, зодгоҳи худро тарк намуда, дар кишварҳои ҳамсоя сафи фирориёнро зиёд намоянд.

Шиддат гирифтани вазъияти сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Югославия боиси ташвиши Созмони Милали Муттаҳид гардид. Шӯрои амнияти СММ нисбат ба давлати Сербия чораҳои муҳосираи иқтисодӣ қабул намуд. Дар марҳилаи дуввум нерӯҳои мусаллаҳи НАТО ба муқобили Сербия истифода бурда шуданд. Баъд аз ин қувваҳои таъминкунандаи сулҳи СММ ба минтақаи Босния ва Ҳертсоговина барои ба эътидол овардани вазъият дохил карда шуданд.

**Воқеаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ва таъсири онҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ.** Пагоҳии рӯзи 11-уми сентябри соли 2001 як гурӯҳи номаълуми террористон якчанд ҳавопаймоҳои мусофирбарро ғасб намуда, онҳоро ба муҳимтарин биноҳои шаҳрҳои Ню-Йорк ва Вашингтон – Маркази ҷаҳонии тиҷорат ва Пентагон (Вазорати мудофиаи ИМА) бархӯронданд.

Дар натиҷаи ин амали даҳшатнок ҳазорон одамони бегуноҳ ҳалок гардида, иқтисодиёти фақат шаҳри Ню-Йорк ба маблағи 60 млрд. доллар зарари моддӣ дид, хисороти молиявӣ аз ин амал дар солҳои 2002 – 2003 боз 60 млрд. долларро ташкил дод.

Дар содир кардани ҷиноят ҳарчанд гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла «Лашкари Тайба», «Мубориизони адолат» ва «Артиши махфӣ» гумонбар шуда буданд, вале ҳукумати ИМА мӯътақид буд, ки ин ҷинояти даҳшатнокро аъзоёни созмони террористии «Ал-қоида» бо сарварии Усома бини Лодан содир намуданд.

Ташкилкунандагони ҳодисаҳои 11-уми сентябр бо мақсади муайян шаҳрвандони оддиро ҳадафи асосии худ қарор доданд. Бо ин восита террористон рамзҳои бунёдии ИМА – иқтидори

молиявӣ, ҳукмфармоии тиҷоратӣ, қувваи ҳарбӣ ва ҳукмронии сиёсиро ҳадафи амали худ қарор доданд. Дар ибтидои қарни XXI тасаввурот дар бораи ғалабаи «тамаддуни амрикоӣ» зери шубҳа қарор дода шуд. Ин кишвар ҳеҷ замоне дар таърихи бештар аз 230 солаи мавҷудияташ ба чунин ҳамла дучор нагардида буд.

Амалҳои террористии 11-уми сентябри соли 2001 самтҳои асосии сиёсати берунии ИМА-ро ба таври куллӣ тағйир дода, тамоми муносибатҳои байналмилалиро барои ҳалли вазифаи асосӣ – аз байн бурдани терроризми байналмилалӣ тобеъ намуданд.

Бо ин мақсад, 7-уми октябри соли 2001 ИМА бо иттифоқчиёнаш амалиёти низомиро ба муқобили низоми толибон дар Афғонистон, ки ба пойгоҳи асосии омода намудани ифротгароён ва даҳшатафканони байналмилалӣ бо сарварии Усома бини Лодан табдил ёфта буд, оғоз намуданд. Дар натиҷаи ба амал баровардани амалиёти низомии «Озодии шикастнопазир» ҳокимияти сиёсии толибон аз байн бурда шуд, вале саркардагон ва илҳомбахшони терроризми байналмилалӣ то кунун дастгир нагаштаанд.

Моҳи сентябри соли 2002 дар ИМА санади муҳим – «Дурнамои амнияти миллии ИМА» ба тасвиб расид. Мазмуни асосии он аз эътирофи ин воқеият иборат буд: новобаста ба он, ки ИМА ягона давлати абарқудрати ҷаҳон аст, ин кишвар худро дар ҳолати амнияти пурра эҳсос карда наметавонад ва бояд ба мубориза шадид ва тулонӣ ба муқобили созмонҳои байналмилалии террористӣ ва ҳомиёни онҳо омода бошанд.

Шиори «мубориза ба муқобили терроризм» баъд аз сентябри соли 2001 дар арсаи байналмилалӣ барои расидан ба мақсадҳои стратегии ИМА васеъ истифода гардид.

20-уми марти соли 2003 қувваҳои якҷояи ИМА ва 35 давлати аъзои паймони зиддитеррористӣ ба амалӣ намудани марҳилаи дуюми мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ оғоз намуданд. Ҳадафи онҳо акнун низоми Саддом Ҳусейн дар Ироқ буд. Гарчи дар муддати кӯтоҳ қувваҳои мусаллаҳи Ироқ дучори шикасту низоми мавҷуда гардида, аз байн бурда шуд, вале дар Ироқ амният ва оромӣ барқарор нагардид. Дар шароити ҳузури нерӯҳои низомии кишварҳои Ғарб дар Ироқ ҷангҳои чирикӣ (партизанӣ) оғоз гардиданд, ки натиҷаи он бештар қурбон шудани одамони бегуноҳ ва харобии кишвар мегардад.

?!

1. *Дар ибтидои қарни XXI вазъият дар кадом минтақаҳои ҷаҳон ноором буд?*
2. *Чаро дар ин давра давлатҳои Ғарб ба муқобили Ироқ ду маротиба ҷанг эълон намуданд?*
3. *Сабаби асосии сар задани низоъ дар Югославияи собиқ аз чӣ иборат буд?*
4. *Чаро ИМА фақат баъд аз воқеаҳои 11-уми сентябр мубориза ро ба муқобили терроризм пурзӯр намуд?*

# §33. Кишварҳои Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ

*1. Инқилоби исломӣ дар Эрон чӣ гуна ба амал омад?*
*2. Сабабҳои асосии ноороми‌ҳо ва ҷанги бисёрсолаи Афғонистон аз чӣ иборат аст?*
*3. Дар ҳаёти ҷамъиятии Ҳиндустон ва Покистон чӣ дигаргунӣ ба амал омад?*

**Эрон.** Дар миёнаи солҳои 70-уми асри XX ҳукумати Эрон, бо сарварии шоҳ, сиёсати иртиҷоӣ ва мусаллаҳшавии низомиро пеш гирифта буд. Эрон бо ИМА иттифоқи низомӣ баста, ба иттиҳоди ҳарбии СЕНТО дохил шуд. Ҳукумати шоҳӣ барои мусаллаҳшавии низомӣ маблағҳои зиёдеро сарф мекард. Сарватҳои миллии ин кишвар аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама ИМА, горат карда мешуданд.

Дар тороҷ гардидани боигарии кишвар доираҳои ҳукмрони Эрон, пеш аз ҳама, хонадони шоҳ низ нақши муҳим доштанд. Ин боис шуд, ки нархи молҳои сермасраф то 150% афзоиш ёфта, иҷорапулии манзил нисфи маоши як нафар коргарро ташкил медод. Аз ҷониби дигар дар ин давра озодиҳои демократӣ хеле маҳдуд карда шуда буд.



Бозгашти Имом Хумайнӣ ба Эрон

***Ба фикри шумо Имом дар ҳавопаймои кадом кишвар ба Эрон бозгашта буд?***

Ҳамаи ин ва дигар омилҳо сабаби авҷ гирифтани муборизаи аҳзобу гурӯҳҳои гуногун, ки аз сиёсати дохилию хориҷии шоҳ норозӣ буданд, гардиданд. Дар солҳои мубориза ба муқобили режими шоҳаншоҳӣ ва дар давраи инқилоб чандин ҳизбу гурӯҳҳо аз қабили «Ҷабҳаи миллӣ», «Ҳизби тӯда», «Созмони муҷоҳидони халқ», «Чирикиҳои фидоии халқ», «Ҷунбиши озодӣ», «Муҷоҳидони халқ», «Тавҳиди бадр», «Фалоҳ» ва ғайра ширкати фаъол варзидаанд, ки ҳар кадом мақсаду мароми худро доштанд. Аммо нерӯи аслии пешбарандаи ин мубориза пайравони Имом Хумайнӣ буданд.

Бо кушта шудани писари Имом Хумайнӣ – Мустафо дар таърихи 22-юми октябри соли 1977 ва интишори мақолаи тӯҳматомез дар ҳаққи Имом Хумайнӣ 6-уми январи соли 1978 дар рӯзномаи «Иттилоот» баҳонаи лозим барои сар задани инқилоби мардуми Эрон бар зидди ҳукумати шоҳаншоҳӣ ба вуҷуд омад.

Таҳқири Имом Хумайнӣ фавран дар саросари Эрон аксуламали шадидро барангехт. 8-уми январи соли 1978 мардуми шаҳри Қум бо сарварии рӯҳониёни ҳавзаи илмияи ин шаҳр муборизаро оғоз намуданд. Қиёми мардуми шаҳри Қум ба донишҷӯёни донишгоҳҳо бетаъсир намонданд. 8-уми феврал мардуми шаҳри Табрез, 29-30 март мардуми шаҳри Язд ва баъдан аҳолии дигар шаҳрҳои бузурги кишвар ба мубориза бархостанд. Шиорҳои асосии инқилобчиён «Дуруд бар Хумайнӣ» ва «Марг бар ҳукумати Паҳлавӣ» буд. Моҳи сентябри соли 1978 шаҳри Теҳрон ба маркази муборизаҳо табдил ёфт. Баъдан дар пайравӣ ба Теҳрон шӯру ошӯб ёздаҳ шаҳри дигарро низ фаро гирифт, ки дар он намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ ширкати фаъол доштанд.

16-уми январи соли 1979 Муҳаммад Ризошоҳи Паҳлавӣ пас аз 37- соли подшоҳӣ Эронро тарк намуд. Пас аз иқомати 9- моҳа дар Фаронса 1-уми феврали соли 1979 Имом Хумайнӣ ба Теҳрон баргашт.

Ӯ 4-уми феврали соли 1979 бо сарварии Маҳдии Бозаргон ҳукумати муваққатиро эълон кард. Ёздаҳуми феврали соли1979 дар Эрон Инқилоби Исломӣ бо сарварии Имом Хумайнӣ бо ғалаба анҷом ёфт. Бар асоси раъйпурсии умумӣ 1-уми апрели соли 1979 ин кишвар Ҷумҳурии Исломии Эрон ном гирифт. 3-юми декабри соли 1979 Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и Ҷумҳурии Исломии Эрон қабул шуд.

Аз рӯзҳои аввали пирӯзии инқилоб душманони дохилӣ ва хориҷӣ ба таври мустақим ва ғайри мустақим барои маҳви он камар бастанд. Чун душманон инқилоби исломиро натавонистанд аз дохил саркӯб кунанд, Ироқро бар зидди Эрон ба ҷанг кашиданд. 22-уми сентябри соли 1980 Ироқ ба Эрон ҳуҷум кард. Ин ҷанг дар ҷабҳаи ба тӯлӣ – 1200 километр ва умқӣ 80 километр дар Эрон доман паҳн кард, хисороти зиёд овард. Дар давраи аввали ҷанг нерӯҳои ироқӣ хеле пеш рафтанд. Дар натиҷа 16 вилояти Эрон ба таври мустақим ва ғайри мустақим аз ҷанг зарар диданд.

Аммо аз охири соли 1981 нерӯҳои мусаллаҳи Эрон ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, ба озод намудани сарзамини худ шурӯъ карданд. Саранҷом пас аз 8 соли ҷанг 20 августи соли 1988 миёни Эрон ва Ироқ расман оташбас барқарор шуд. Моҳи августи соли 1990 президенти Ироқ Саддом Ҳусейн эълон кард, ки бар асоси аҳдномаи соли 1975 миёни Эрону Ироқ ва қатъномаи 598 Шӯрои Амнияти СММ нерӯҳои худро ба марзҳои байналмилалӣ ақиб хоҳад кашид. Ин ҷанги тӯлонӣ ба Эрон ба маблағи 91 миллиарду 200 миллион доллар зарар овард.

**Афғонистон.** Ҳанӯз 17-уми июли соли 1973 Муҳаммад Довуд – писарамаки шоҳи Афғонистон – Муҳаммад Зоҳиршоҳ бо дастгирии як гурӯҳ афсарон табаддулот гузаронида, низоми шоҳиро сарнагун карда буд.

Дар ибтидо аксари мардум ҳукумати навро дастгирӣ карданд, вале аз соли 1975 низоми ҷумҳурият тадриҷан ба як низоми бюрократӣ ва худкома табдил ёфт. Барномаи ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ ба нафъи оммаи мардум, ки М.Довуд эълон карда буд, амалӣ нагашт. Давлати нав мисли пештара манфиати қишрҳои имтиёзноки ҷомеа – заминдорони калон, буржуазия ва табақаи болоии ашрофро ҳимоя мекард. Роҳбари давлат боз чор вазифаи муҳими давлатиро ба ӯҳда дошт ва низоми яккаҳизбиро ҷорӣ кард. Ҳизби инқилоби миллӣ, ки худаш роҳбар буд, ба сифати ҳизби ҳукмрон эълон гардид. Қонуни асосӣ, ки соли 1977 қабул шуд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ шакли ташаккулёфтаи ҳокимияти сиёсӣ-низоми худкомаи шахсии М. Довудро қонунӣ гардонид. Таъқибу фишори пайравони Ҳизби халқӣ-демократӣ ва дигар ҳизбҳои чапу рост пурзӯр гардид.

Дар ҳамин шароит, ду ҷиноҳи Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон (ҲХДА) – «Халқ» ва «Парчам» муттаҳид гардида, барои сарнагун кардани М.Довуд омода мешуданд. 19-уми апрели соли 1978 яке аз роҳбарони ҲХДА Миракбари Хайбар кушта шуд, ки мавҷи норозигӣ ва эътирози мардумро барангехт. 26 апрел 7 нафар роҳбарони ҳизб аз тарафи давлат ҳабс гардиданд. Рӯзи дигар роҳбарони дар озодӣ мондаи он табаддулоти низомиро ба роҳ андохтанд. Ҳукумати М.Довуд сарнагун ва худи ӯ кушта шуд. Ин воқеа дар замони Шӯравӣ бо номи Инқилоби Савр (моҳи дуюми солшумории афғонӣ) маълум буд.



Тақсими замин ба деҳқонон

***Ба фикри шумо, заминҳо киро ва дар кадом асос тақсим мекунанд?***

Ҳукумати нав барномаи татбиқи як қатор ислоҳоти муҳимро рӯи даст гирифт; аз ҷумла татбиқи ислоҳоти замин ба манфиати деҳқонон, маҳви бесаводӣ, аз байн бардоштани ҳама гуна зулму истисмор, таъмини баробарҳуқуқии миллатҳо ва ғайра. Кӯшиш мешуд, ки ҷомеаи сотсиалистӣ барпо карда шуда, диктатураи пролетариат ҷорӣ гардад ва роҳеро, ки Иттиҳоди Шӯравӣ дар 60 сол тай намуда буд, дар 5 сол тай кунад.

Аммо ҳангоми татбиқи ин барномаҳо қафомондагии мамлакат, бесаводии саросарӣ, дараҷаи пасти шуури сиёсӣ, пойбандии мардум ба анъанаҳои миллӣ ва исломӣ ба ҳисоб гирифта намешуд.

27-уми декабри соли 1979 қувваҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ барои ҳимояи низоми инқилобӣ бо хоҳиши роҳбарияти Ҷумҳурии Демократии Афғонистон вориди ин сарзамин гардиданд. Ҳузури қувваҳои низомии Шӯравӣ ва иштироки онҳо дар ҷанг ба муқобили мухолифон давлати Б.Кормалро имкон надод, ки дар байни мардум обрӯ пайдо кунад. Давлатҳои Ғарб ин амали Шӯравиро таҷовузи рӯирост дониста, ҳеҷ гуна ёриро ба мухолифини исломӣ дареғ намедоштанд. Ҳазорон ихтиёрии исломӣ аз кишварҳои арабӣ барои ҷанг ба муқобили Шӯравӣ ба Афғонистон омаданд. Доманаи ҷангҳо тамоми мамлакатро фаро гирифт. Дар ҳудуди 6 млн. нафар аз 18 млн.нафар аҳолии мамлакат ба Покистон, Эрон ва дигар мамлакатҳо фирор карданд. Қариб 2 млн. кас кушта шуда, садҳо ҳазор захмӣ шуданд, иқтисодиёт тамоман хароб гардид.

Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси Созишномаи Женева (1988) қувваҳои худро пай дар пай то моҳи феврали соли 1989 аз Афғонистон берун кард. Баъди хориҷ гардидани қувваҳои ҳарбии шӯравӣ ҳукумати Наҷибулло то моҳи апрели соли 1992 пойдор монд, вале ҳангоме ки Наҷибулло мехост, ба хориҷа фирор кунад, дастгир карда шуд ва ӯ маҷбур гардид, ба иморати СММ дар Кобул паноҳ барад.

28-уми апрели соли 1992 Ҳукумати муваққатии муҷоҳидон бо роҳбарии Сибғатулло Муҷаддадӣ ба Кобул омада, ба кор шурӯъ кард. Баъди 2 моҳ роҳбарии давлат ба ӯҳдаи роҳбари Ҷамъияти исломии Афғонистон – Бурҳониддин Раббонӣ гузашт ва моҳи декабри ҳамон сол ӯ президенти Давлати Исломии Афғонистон интихоб гардид.

Аммо бо ташкили давлати исломӣ ҷанг хотима наёфт. Ҷангҳо байни гурӯҳҳои муҷоҳиддин барои ҳокимият авҷ гирифт.




Маслиҳат дар сари «деги Афғонистон»

***Муаллиф киро тасвир кардааст ва дар «маслиҳат» чӣ рамзе ниҳон аст?***

**Ҳиндустон.** Ибтидои соли 1976 Конгресси Миллии Ҳиндустон шикаст хӯрд. Дар тамоми ҳавзаҳои интихоботӣ намояндагони Ҳизби Ҷаната пирӯз шуданд. М.Десаи сарвазири Ҳиндустон интихоб шуд. Моҳи декабри соли 1978 И.Ганди бо гуноҳи сӯиистифода аз имтиёзҳои парламентӣ ба маҳбас кашида шуд. Ҳамагӣ як ҳафта кофӣ буд, ки нуфузу эътибори худро аз нав дар кишвар барқарор намояд. Ҳукумати М.Десаи натавонист, пеши роҳи бекурбшавии пулро гирифта, суботро барқарор кунад. Ин боис шуд, ки дар интихоботи соли 1980 Конгресси Миллии Ҳиндустон пирӯз гардад. И.Ганди аз нав сарвазири кишвар интихоб шуд. Ҳукумати И.Ганди дар як муддати кӯтоҳ тавонист, назму низомро дар саросари кишвар барқарор намояд.Вале пеши роҳи афзоиши нархҳои маҳсулоти хӯроквориро гирифта натавонист. Авҷ гирифтани ҳаракати ҷудоихоҳонаи халқиятҳои гуногуни кишвар яке аз проблемаҳои асосӣ ҳисоб мееёфт, ки ба якпорчагии Ҳиндустон таҳдид мекард.

Харакати ҷудоихоҳӣ дар вилоятҳои Ассам ва Панҷоб аз ҳама бештар ба назар мерасид. 5 июни соли 1984 бо фармони И.Ганди макони барои сикхҳо муқаддаси маъбади Тиллоӣ дар шаҳри Амритсар ишғол гардид. Дар як вақт аз ҷониби артиши федералӣ боз 37 маъбади дигари сикхҳо ишғол карда шуд. Ҳаракати ҷудоихоҳонаи сикхҳо саросари кишварро фаро гирифт. 31 октябри соли 1984 И.Ганди аз ҷониби муҳофизи худ, ки сикх буд, ба ҳалокат расид.



Яке аз кӯчаҳои шаҳр дар Ҳиндустон

***Ба фикри шумо, чаро дар шаҳр говҳо озодона мегарданд?***

Пас аз қатли И.Ганди писари ӯ Раҷив Ганди сарвазири Ҳиндустон интихоб шуд. Ӯ дар ин вазифа ба сиёсати модараш пайравӣ мекард.

Фишору таъқиботи сикхҳо аз ҷониби ҳукумати марказӣ авҷ гирифт. Ҳазорҳо нафар сикх ба қатл расида, беш аз 50 ҳазор нафари дигар фирорӣ шуданд. Муқобилияти сикхҳо ба авҷи аълои худ расид. Моҳи майи соли 1987 ҳукумати Р.Ганди қарор қабул кард, ки вилояти мухтори Панҷоб барҳам дода шавад. Моҳи майи соли 1988 аз нав ҳамла ба Маъбади Тиллоӣ оғоз ёфт. Дар ин задухӯрд беш аз ҳазор нафар кушта шуд. Ин сабаби норозигии парламент шуд.

Майи соли 1991 дар арафаи интихоботи парламент, Р.Ганди, ки аз ҷониби

Когресси Миллии Ҳиндустон ба вазифаи сарвазирӣ пешниход шуда буд, қурбони дастони суиқасд-чиён гардид. Дар ин интихобот КМҲ ба пирӯзӣ расид ва Нарасимха Рао сарвазир шуд. Натиҷаи интихобот зиддиятҳоро суст карда натавонист. Кишварро зиддиятҳои мазҳабию миллӣ фаро гирифт. Вазъият алалхусус дар вилоятҳои Уттар – Прадеш, Ассам, Биҳор, Ҷамму ва Кашмир бештар шиддат дошт. Мардуми Кашмир, ки аксаран мусалмононанд, истиқлолияти ин сарзаминро талаб мекарданд. Баҳс дар атрофи масъалаи Кашмир сабаби асосии тезутунд гардидани муносибатҳои Ҳиндустону Покистон ҳисоб меёфт.

**Покистон.** Соли 1977 дар Покистон интихоботи умумӣ ба Маҷлиси Миллӣ доир гардид. Дар он Ҳизби Халқии Покистон бо сарварии Зулфиқор Алӣ Бҳутто ғалаба кард. Аммо ҳизбҳои оппозитсионӣ натиҷаҳои ин интихоботро эътироф накарданд. Дар кишвар бӯҳрони сиёсӣ сар зад. 5 июли соли 1977 дар натиҷаи табадуллоти низомӣ ҳокимият ба дасти генерал Зиёулҳақ гузашт. Ҳукумати нав фаъолияти конститутсияро манъ карда, парламентро пароканда намуд. Таъқиби ҷонибдорони Ҳизби Халқии Покистон оғоз шуд. Зулфиқор Бҳутто ба қатл расид. Соли 1979 фаъолияти ҳамаи ҳизбҳо манъ карда шуд. Афзоиши нархи молҳои гуногун,зиёд гардидани сафи бекорон, мавҷуд набудани ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ ва дигар озодиҳо сабаби норозигиҳои омма гардиданд. Бисёре аз ҳизбу ҳаракатҳои оппозитсионӣ барқарор намудани демократия ва баргузории интихоботи парламентиро дар асоси бисёрҳизбӣ талаб мекарданд.

17 августи соли 1988 генерал Зиёулҳақ дар натиҷаи садамаи ҳавоӣ ба ҳалокат расид. Раиси парламент Ғулом Исҳоқхон президент шуд. 16 ноябри соли 1988 интихоботи умумии парламентӣ доир гардид. Дар он Ҳизби Халқии Покистон ба пирӯзӣ расид. Духтари Зулфиқор Бҳутто – Беназир Бҳутто сарвазири Покистон шуд. Надоштани таҷрибаи сиёсӣ сабаби ба иштибоҳ роҳ додани ҳукумати Б.Бҳутто гардид.



Беназир Бҳутто

Аммо нооромиҳо ҳамоно идома доштанд. Моҳи октябри соли 1993 интихоботи парламентӣ доир гардид, ки боз Б.Бҳутто галаба кард. Соли 1996 Б.Бҳутто бо гуноҳи ришвахӯрӣ аз сарвазирӣ барканор гардид, ба ҳабс гирифта шуд, вале дар зери фишори омма озод гардид.

***Проблемаҳои Покистон ва роҳҳои ҳалли онҳо***

*Ин кишвар низ мисли ҳамаи давлатҳои дунё дар баробари муваффақиятҳо бо як қатор проблемаҳои муайяну мушаххаси худ рӯ ба рӯ аст.*

*Яке аз муҳимтарин масъалаҳои ба миён омада барзиёдии қувваи корӣ ва аз ин рӯ мавҷуд будани сафи бекорон аст. Афзоиши босуръати аҳолӣ ба он оварда расонд, ки на ҳамаи аҳолии қобили меҳнати кишвар бо кору фаъолияти дигари фоиданок машғул шуда тавонад. Дар давоми 50 сол аҳолии Покистон 10 баробар афзуда, ба 130 млн. нафар расидааст. Аз ҷиҳати суръати афзоиши аҳолӣ ин кишвар дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро мегирад. Ҳамаи ин ба қашшоқ шудани қисми муайяни аҳолӣ оварда расондааст…*

*Проблемаи дигар паст будани саводнокии мардум аст. Соли 1995 теъдоди аҳолии босавод 29%-ро ташкил медод, ки дар муқоиса бо кишварҳои мутараққии Аврупо ва Осиё нишондиҳандаи паст аст. Таълиму тарбия дар ин кишвар дар ду самт сурат мегирад: муассисаҳои омӯзиши давлатӣ ва хусусӣ. Вазъи таълиму тарбия дар мактабҳои давлатӣ нисбатан паст аст. Дар ин мактабҳо таълим бепул буда, фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷети давлат таъмин мешавад. Дар ин мактабҳо таълим, асосан, ба забони урду сурат мегирад.*

*Дар мактабҳои хусусӣ бошад, таълим пулакист ва аксаран ба забонҳои англисӣ ва урду барои таълиму тарбияи фарзандони оилаҳои сарватманд фаъолият мекунанд.*

*Азим Байзоев. Ҷавонии кишвари кӯҳан. Исломобод, 1997, С.26-27*

***Матнро хонда мушкилоти асосии ҳаёти имрӯзаи Покистонро муайян намоед.***

**?!**

1. ***Сабабҳои ба амал омадани Инқилоби исломии Эронро ном баред?***
2. ***Сабабҳои табадуллоти пай дар пай дар Афғонистон аз чӣ иборат буданд?***
3. ***Чаро Конгресси миллии Ҳиндустон натавонист проблемаҳои ин кишварро ҳал кунад?***
4. ***Пас аз табадуллоти низомии соли 1977 дар Покистон чӣ дигаргуниҳо ба амал омад?***

# §34. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: тараққиёт ва пешсафӣ

1. *Чаро Япония яке аз марказҳои тараққиёти иқтисодии ҷаҳон дониста мешавад?*
2. *Барои чӣ модели «сотсиализм бо хусусиятҳои хитоӣ» ба пешрафти босуръати мамлакат мусоидат намуд?*
3. *Оё имконияти муттаҳид гардидани ду давлати Корея вуҷуд дорад?*
4. *Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар ҷаҳон чӣ гуна мавқеъро ишғол менамояд?*

**Япония.** Гарчанде то ба имрӯз дар ҳаётии сиёсии Япония рукнҳои анъанавии ҷамъияти японӣ нигоҳ дошта шудаанд, вале моҳияти он тағйир ёфтааст. Дар Япония император «рамзи давлат ва ягонагии миллат» мебошад, вале амалан дар ҳаёти сиёсии мамлакат ва идоракунии давлат иштирок намекунад. Имрӯз дар Япония низоми демократии идоракунии парламентӣ амал мекунад.

Мақоми қонунбарори мамлакат парламент мебошад, ки аз ду палата: Палатаи намояндагон ва Палатаи мушовирон иборат аст. Сарвазири мамлакат аз ҷониби парламент интихоб карда мешавад. Ҳукумат мақоми иҷроия ба ҳисоб рафта, сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро муайян мекунад ва амалӣ месозад. Соли 1994 дар Япония ислоҳоти системаи интихоботӣ гузаронида шуд, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар ба фаъолияти низоми бисёрҳизбӣ имконниятҳои васеъ дода шуд. Дар ҳаёти сиёсии мамлакат Ҳизби лебералию демократии Япония мавқеи намоён дорад. Баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон қариб дар давоми 40 сол идоракунии Японияро Ҳизби лебералию демократӣ ба ӯҳда дошт ва имрӯз ҳам қудрати сиёсии мамлакатро ба даст дорад.



Синкансен ва ё «поезд-тир», ки суръати ҳаракаташ беш аз 260 км/соат аст аз миёни майдони шолизор мегузарад

*Мазмуни ин расмро шарҳ диҳед.*

***Япония – давлати абарқудрати иқтисодии ҷаҳон***

*Дар солҳои 90-уми қарни гузашта Япония ба давлати сарватманд ва тараққикардаи ҷаҳон табдил ёфт. Аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ ин кишвар дар ҷаҳон ба мавқеъҳои аввал гузашта, аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои технологияҳои пешқадам ба ҷои аввал баромад. Бештар аз нисфи роботҳои саноатии ҷаҳон дар Япония истифода мегарданд.*

*Дар Япония соҳаҳои саноати оҳангудозӣ, истеҳсоли дастгоҳҳои саноатӣ, кимиё, сабук ва коркарди чӯб хеле инкишоф ёфтаанд ва аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли пӯлод, истеҳсоли киштиҳои баҳрӣ, қувваи барқ, коркарди нафт, семент ҷои намоёнро ишғол мекунад.*

*Аммо иқтисодиёти Япония аз ворид кардани ашёи хом ва сӯзишворӣ аз хориҷ вобастагии зиёд дорад, зеро захираҳои ками фоиданоки табиӣ дорад.*

*Аз китоби "Большая иллюстрированная энциклопедия географии"*
*Москва, 2005. С.309.*

***Ба назари шумо, японҳо чӣ гуна тавонистанд, ки ба ин комёбиҳо ноил шаванд?***

**Хитой.** Баъди вафоти Мао Сзедун (9.09.1976) дар муборизаи сахти дохилиҳизбӣ ва сиёсӣ мавқеи ҷонибдорони ӯ хеле заиф гашт. Пешвои нави Хитой Ден Сяопин сиёсати иқтисоди бозорӣ ва дар ҳаёти ҷомеа нигоҳ доштани мавқеи ҳукмрони Ҳизби коммунистиро пеш гирифт.



Мувозинати Дэн Сяопин

***Ба назари шумо, барои чӣ муаллиф ба эҷодиёти худ чунин ном гузоштааст?***

Марҳилаи тақдирсози Хитой дар роҳи бартараф сохтани мушкилоти мавҷуда моҳи декабри соли 1978 оғоз гардид. Бо қарори Пленуми КМ ҲКХ роҳи ислоҳоти иқтисодӣ пеш гирифта шуд. Модели ба амал баровардани дигаргунсозиҳо дар Хитой дар таърих бо номи «сотсиализм бо хусусиятҳои хитоӣ» машҳур гашт. Ҳарчанд мамлакат роҳи барқарор сохтани муносибатҳои нави ҷамъиятиро пеш гирифт, вале аз шиорҳои сотсиалистию коммунистӣ даст накашид.

Моҳияти ислоҳот аз ба амал баровардани чорабиниҳои зерин иборат буд:

– Ба корхонаву муассисаҳо додани мустақилияти хоҷагидорӣ (ба истисноии корхонаҳои ҳарбӣ ва моҳияти махсус дошта);

– Ба миён гузоштани муносибатҳои «давлат-корхона» ба сифати муносибатҳои баробарҳуқуқ дар байни воҳидҳои мустақили иқтисодӣ;

– Ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Ислоҳот ба зудӣ натиҷаҳои назаррас дод. Ин тамоми дунёро ба ҳайрат гузошт. Истеҳсоли маҳсулот босуръат афзоиш ёфта, даромади деҳқонон дар миёни солхои 80-ум 2-3 маротиба афзуд. Суръати афзоиши иқтисодиёт дар солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум солона ба 12-18% мерасид. Даромад ба ҳар сари аҳолӣ даҳ маротиба аз 50 то 500 доллар афзоиш ёфт.

Аз ҳамин давра сар карда, то ба имрӯз иқтисодиёти Хитой ба таври мӯътадил пеш меравад. Суръати инкишофи иқтисодии мамлакат ҳамасола 8-9,5%-ро ташкил медиҳад. Соли 2005 низ рушди иқтисодиёти Хитой 9,5%-ро ташкил дод.

Дар баробари тараққиёти иқтисоди кишвар, ҳаёти деҳот тағйир ёфта, некӯаҳволии мардум сол то сол боло меравад. Соли 2005 даромади солонаи кишоварзони мамлакат 12,5 % зиёд гардид.

Табиист, ки дар роҳи татбиқи ислоҳот монеаҳо ҷой доштанд. Барпо кардани муносибатҳои иқтисоди бозорӣ боиси беқурбшавии асъори миллӣ ва шиддат гирифтани муносибати байни сарватмандон ва аҳолии камбизоат гардид.

Вазъияти баамаломада боиси норозигии табақаҳои камбизоати аҳолӣ, бахусус донишҷӯён гашт. Ин ҳолат ба рух додани гирдиҳамоии донишҷӯён дар охирҳои соли 1986 – аввали соли 1987 ва баҳори соли 1989 оварда расонд, ки бо задухӯрдҳо бо пулис ва қурбонии донишҷӯёни зиёд анҷом ёфтанд.

Ден Сяопин ба дастгирӣ, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳои роҳбарикунандаи ҳизбию давлатӣ диққати муҳим медод. Бо ташаббуси ӯ моҳи июни соли 1989 Сзян Сземин ба вазифаи котиби генералии КМ ҲКХ интихоб гашт. Аз баҳори соли 1990 мубориза ба муқобили порахӯрӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, сӯиистеъмол аз вазифа ва ғайра пурзӯр карда шуд. Ба вазифаҳои роҳбарии мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ гузаштани фарзандони кормандони масъули ҳизбӣ ва ба тиҷорат машғул шудани онҳо манъ карда шуд. Барои маҳдуд кардани имтиёзҳои кормандони давлатӣ кӯшишҳои назаррас карда шуда, судҳо даҳҳо ҳазор парвандаҳои ҷиноятиро оид ба порагирӣ ва сӯистеъмол аз вазифа дида баромаданд.

**Нимҷазираи Корея**. Ба ду давлат – Ҷумҳурии Халқӣ - Демократии Корея (ҶХДК) ва Ҷумҳурии Корея (ҶК) тақсим шудани нимҷазираи Корея таърихи бештар аз 50-сола дорад. Дар ин давра бинобар ба ду сохти иҷтимоию иқтисодӣ тааллуқ доштани ин ду давлат, байни онҳо доимо рақобат вуҷуд дошт. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, баъд аз байн рафтани «ӯрдугоҳи сотсиализм» ва тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ, барои муттаҳид гардидани ду давлати Корея заминаҳои бештар ба вуҷуд омаданд.



Ноҳияи Сунгенмуни шаҳри Сеул

***1. Маданияти шаҳрсозӣ дар Кореяи ҷанубӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?***
***2. Нигоҳ доштани таносуби санъати меъмории қадима ва замонавӣ чӣ аҳамият дорад?***

Соли 2000 барои ду давлати Корея соли тақдирсоз буд. Моҳи июн дар шаҳри Пхенян мулоқоти роҳбарони давлатҳои Корея – Ким Чин Ир ва Ким Дэ Ҷун баргузор гардид. Роҳбарони давлатҳо омодагии худро барои беҳтар кардани муносибатҳои байниҳамдигарӣ изҳор намуданд. Бо ин мақсад байни Шимол ва Ҷануб хатти алоқаи телефонӣ, ба роҳ мондани алоқаи нақлиётии роҳи оҳан ва автомобилӣ ташкил карда шуданд. Ҷумҳурии Корея барои аз байн бурдани мушкилиҳои иқтисодии ҳамсояи худ ба аҳолии ҶХДК ёрии башардӯстонаи маводи хӯрока мерасонад. Бо сармоягузориҳои Кореяи ҷанубӣ дар Шимол корхонаҳои истеҳсоли телевизорҳо ва дастгоҳҳои телефонӣ ба роҳ монда шуда, ширкати «Самсунг электроникс» дар минтақаҳои наздибаҳрӣ корхонаҳои худро барпо намудааст.

Ҳалли осоиштаи мунокишаи нимҷазираи Корея ба мавқеи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) низ вобаста аст. ИМА бо мақсади таъмини амнияти Ҷумҳурии Корея ва ҳимояи манфиатҳои худ дар минтақаи уқёнуси Ором, дар хоки Кореяи ҷанубӣ бештар аз 40 ҳазор нафар аскарони худро нигоҳ медоранд. Роҳбарияти ҶХДК бар хилофи шартномаҳои байналхалқӣ кӯшиш дорад, ки мамлакаташон дорои яроқи ҳастаӣ гардад. Санҷиши ракетаҳои дурпарвози «ТЭПО Лонг» идома дорад. Ин иқдомҳои ҳарбии Кореяи шимолӣ ба амнияти Ҷумҳурии Корея ва Япония хатар доранд.

**Кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё.** Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта яке аз минтақаҳои рақобати ду низоми ҳарбию сиёсӣ буд. Баъд аз баровардани қувваҳои мусаллаҳи ИМА аз Ветнам ва Таиланд дар нимаи дуюми солҳои 70-ум дар минтақа раванди паст гардидани шиддати вазъият оғоз гардид.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз нигоҳи ҳарбию сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳон мавқеи муҳим дорад: роҳҳои баҳрӣ аз уқёнуси Ҳинд ба уқёнуси Ором аз ин минтақа мегузаранд; давлатҳои бузурги ҷаҳон дар иқтисодиёти давлатҳои минтақа сармояи калон гузоштанд; ин давлатҳо бозори ҷаҳониро бо ашёҳои муҳим таъмин менамоянд.

Давлатҳои нимҷазираи Ҳиндухитой – Ветнам, Лаос ва Кампучия то ибтидои солҳои 90-ум такягоҳи ҷаҳони сотсиалистӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буданд. Ин давлатҳо ба мудохилаи давлатҳои Ғарб, махсусан ИМА муқобилият менамуданд.

Давлатҳои нимҷазираи Ҳиндухитой ба мушкилиҳое рӯ ба рӯ ҳастанд, ки онҳо ба ҳамаи ин давлатҳо хос мебошанд. Инро дар мисоли Лаос мушоҳида намудан мумкин аст. Лаос давлати аграрӣ буда 85% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамояд. Истеҳсоли маҳсулотҳои саноати маҳаллӣ - ҳунармандӣ, зарфҳои сафолӣ, матоъҳо, атриёт ва асбобҳои рӯзгор дар иқтисодиёти кишвар нақши ҳалкунанда дорад.



Мутобиқ гардонидани доманакӯҳҳо барои парвариши шолӣ

***Чаро деҳқонон маҷбур ҳастанд дар доманакӯҳҳо кишт намоянд?***

Дар чоряки охири асри XX дар ҳаёти сиёсии Индонезия Ҳизби Голкар ҳукмрон буд. Мушкилоти асосии Индонезия ноором будани вазъияти дохилии кишвар мебошад.

Баъд аз ишғол намудани қисми шарқии ҷазираи Тимор аз тарафи артиши давлатӣ муборизаи мардуми ҷазира ба муқобили ҳокимияти марказӣ огоз гардид. Муборизаи 25-солаи мардум ба ғалаба анҷом ёфт. 30 августи соли 1999 дар ҷазираи Тимор райъпурсӣ гузаронида шуда, аксарияти мардуми он ба тарафдории мустақилияти Тимори Шарқӣ овоз доданд.

Моҳи майи соли 1998 дар саросари Индонезия ошӯб ва эътирози оммавии донишҷӯён сар зад. Давлат ба муқобили эътирозчиён қувваҳои мусаллаҳро истифода намуд. Дар задухӯрдҳо чанд нафар донишҷӯён кушта шуданд. Баромадҳои васеи аҳолӣ Сухарторо маҷбур сохтанд, ба истеъфо бароянд. Дар моҳи октябри соли 1999 дар Индонезия интихоботи навбатии Президент гузаронида шуд. Дар интихобот намояндаи Ҳизби эҳёи миллӣ Абдураҳмон Воҳид Президенти Индонезия интихоб ғардид.

Солҳои 1997 – 1998 дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бӯҳрони шадиди иқтисодӣ сар зад. Бӯҳрон аз соҳаи фаъолияти бонкӣ ва молия оғоз гардида, тадриҷан тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодии кишварҳои минтақаҳоро дар бар гирифт. Бӯҳрон вазъияти моддӣ ва некӯаҳволии табақаҳои васеи аҳолиро бад намуда, сабабгори афзоиши сафи бекорон дар кишварҳои бо ном "палангони осиёгӣ" – Индонезия, Тайланд, Малайзия ва Филиппин гардид.

Сабаби сар задании бӯҳрони иқтисодӣ аз он иборат буд, ки ҳанӯз дар тӯли солҳои 70-90-уми асри гузашта дар кишварҳои минтақа навсозии саноатӣ бо суръати баланд идома дошт. Давлатҳои Ғарб ва Япония ба ширкатҳои бузурги саноатии минтақа қарзҳои калонҳаҷм дода буданд. Дар натиҷа давлатҳои Сингапур, Филиппин, Малайзия ва Индонезия ба бузургтарин тавлидкунандагони дастгоҳҳои компютерӣ ва электронӣ, мошинҳои ҳисоббарорӣ,телевизорҳо ва асбобҳои рӯзғор табдил ёфтанд.

?!

1. ***Ба назари шумо чаро дастовардҳои ин мамлакат «муъҷизаи иқтисодӣ»-и японӣ ном гирифтааст?***
2. ***Чаро дигаргунсозиҳои мамлакат дар Хитой модели «сотсиализм бо хусусиятҳои хитоӣ» ном гирифтааст?***
3. ***Бо кадом роҳу усулҳо ду давлати Корея метавонанд, муносибатҳои тарафайнро устувор гардонанд?***
4. ***Чаро давлатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуда буданд?***
5. ***Чаро иқтисодиёти тараққикарда дар давлатҳои ба ном "палангони осиёӣ" дучори бӯҳрон гардид?***

## ХУЛОСА

Нимаи дуввуми карни XX дар рохи рушду тараккиёти тамаддуни инсонӣ марҳилаи муҳим гардид. Бисёр проблемаҳои ба инсоният аз асри гузашта меросмонда, ҳал шуданд. Аммо даҳсолаҳои аввали баъд аз ҷанг дар назди сокинони сайёра мушкилоти бузургтареро ба миён гузоштанд. Дар ибтидои аср, мазмуни асосии сиёсати ҷаҳониро муқобилияти якчанд кишвари бузург ташкил мекард. Вале аз миёнаҳои аср, таълимоти сиёсию идеологие ба миён омад, ки ҷаҳонро аз нигоҳи сиёсию низомӣ ба ҷаҳони Ғарб ва Шарқ тақсим намуд. Мазмуни асосии сиёсати ҷаҳониро акнун муқобилияти хамин ду низом, ду паймон муайян мекард. Дар дохили ҳар ду низом равандҳои мураккабе ҷараён доштанд, ки ба ихтилофи манфиатҳои мамлакатҳои ба онҳо дохилшаванда вобаста буданд.

То миёнаҳои солҳои 70-ум амалан низоми мустамликадорӣ барҳам хӯрд. Дар нақшаи ҷаҳон давлатҳои зиёди мустақил ба вуҷуд омад.

Доманаи рақобатҳо миёни ҷаҳони Ғарб ва Шарқ ба кишварҳои берун аз нуфузи ин паймонҳо, яъне ба «ҷаҳони сеюм» низ таъсир гузошт. Рақобат барои вусъат додани таъсир дар ин кишварҳо боиси сар задани ҷангу тақсими давлатҳо, ташкил гардидани паймонҳои нави сиёсӣ-низомӣ дар Осиё гардид. Аммо бо ҳама рақобатҳои шадид, ки идома доштанд, кишварҳои абарқудрат оқибатҳои фоҷиабори ҷанги ҳастаиро дарк менамуданд. Бинобар ин, баробари шиддат гирифтани вазъияти байналхалқӣ, музокирот ба хотири паст намудани он давом мекард.

Инқилоби илмию техникӣ ва технологияи нав пояҳои моддию техникии ҷомеаро тағйир дод. Воситаҳои нави истеҳсолот, асбобҳои техникии рӯзгор, тараққиёти маорифу фарҳанг ва ғайра имконоти ташаккули инсон ва зиндагии сифатан нави онро таъмин намуданд. Аммо тараққиёти техникӣ маънои тантанаи гояҳои инсондӯстӣ, таъмини адолат, солимии ахлоқию ҷисмонии ҷомеа ва тозагии муҳити зистро надошт. Барои ин мебоист мисли гузашта муборизаро давом дод.

## ЛУҒАТ

**Авторитаризм** – *лот.* ҳокимият; низоми сиёсии зиддидемократӣ; одатан дар шакли ҳокимияти шахсӣ ба амал бароварда мешавад.

**Авторитарӣ** – мансуб ба ҷабру зулм ва ҳукмронии бечунучаро; ҳукму таъсири худро ҷорикунанда, сохти давлатии авторитарӣ ба ҳокимияти мутлақи як шахс вобаста аст.

**Агент** – *лот.* хизматчии хадамоти ҷосусӣ ва ё кофтуковӣ, намояндаи муассиса ва ташкилот, ки супоришҳои хизматиро иҷро мекунад.

**Агрессия** – *лот.* таҷовуз, истифодаи ғайриқонуни қувваҳои мусаллаҳи як давлат ба муқобили давлати дигар, таҷовузи низомӣ бо мақсади забт намудани ҳудуд, аз байн бурдани истиқлолият ва тагйир додани сохти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ.

**Аннексия** – *лот.* ҳамроҳшуда, бо роҳи зӯрӣ қисман ё пурра забт кардани ҳудуди як давлат аз тарафи давлати дигар.

**Апартеид** – алоҳида зиндагӣ кардан; сиёсати нажодпарастӣ, поймоли ҳуқуқ ва аз ҳам ҷудо кардани сиёҳпӯстону сафедпӯстон.

**Артиш** – лашкар, ӯрду; маҷмӯи қувваҳои мусаллаҳи ин ё он давлат.

**Биосфера** – *юн.,* минтақаи паҳн гардидани ҳайёт ва зиндагӣ дар кураи замин.

**Бисёрҳизбӣ** – кафолати қонунии (дар асоси Сарқонун) ташкил намудани ҳизбҳо ва созмонҳои гуногуни сиёсӣ ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар.

**Блокада** – *анг.,* муҳосира, маҷмӯи чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ бо мақсади муҳосираи ин ё он давлат, махсусан қувваҳои мусаллаҳи он дар рафти ҷанг ва ё низоъи байналмилалӣ.

**Бозсозӣ** – сиёсати роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ бо сарвари М.С. Горбачёв, ки дар солҳои 1985-1991 ба амал бароварда шуда буд. Самтҳои асоси ин сиёсат тафаккури нави сиёсӣ, ошкорбаёнӣ, гуногунандешӣ ва ба амал баровардани ислоҳоти куллӣ дар ҷомеа буд.

**Бундесвер** – *нем.* қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Федеративии Олмон.

**Бундестаг** – *нем.* мақоми олии намояндагӣ (парламент)-и Ҷумҳурии Федеративии Олмон.

**Буҷет** – *фр.* рӯйхати дахлу харҷи пулии давлат дар давраи муайян; ҷамъи дахлу харҷи пулии пешбинишудаи давлат, муассиса, идора ё шахси ҷудогона.

**Бюрократизм** – низоми идоракунии ҷамъият аз тарафи дастгоҳи хос, ки аз мардум алоқаи худро канда аст. Нишонаҳои он – фармонфармоӣ, худсарии маъмурӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, ичтимоӣ ва маънавиии ҷомеа, ба назар нагирифтани хостаҳои аҳолӣ.

**Викинг** – ширкаткунандаи юширҳои баҳрӣ дар асрҳои 8-11, дар Россия анҳоро варяг ва дар Аврупо норманхо меномиданд.

**Генотсид** – *юн.* несту нобуд кардани нажод, авлод; аз рӯи аломатҳои нажодӣ, миллӣ, этникӣ ё динӣ несту набуд кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, инчунин ба вуҷуд овардани шароити зиндагоние, ки ба комилан ё қисман нобуд кардани онҳо равона карда шудааст.

**Гетто** – *ит.* як қисми шаҳр, ки барои зӯран маскун сохтани яҳудиён ҷудо карда мешуд. Фашистон дар давраи Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар минтақаҳои забткарда гетто сохтанд.

**Ғуманизм** – *лот.* инсондӯстӣ, маҷмӯи ақидаҳоест, ки муҳайё кардани шароити заруриро барои инкишофи ҳаматарафаи инсон тақозо менамояд.

**Ғайристалиникунонӣ** – даст кашидан аз роҳу усулҳои роҳбарии сталинӣ.

**Давлати иҷтимоӣ** – давлати тараққикардаи демократии муосир, ки дар он бо ҳалли масъалаҳои ичтимоӣ – таъмини аҳолӣ бо ҷои кор инкишофи соҳаи тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, дастгирии табақаҳои камбизоат, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва низоъҳо аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

**Давлатҳои абарқудрат** – истилоҳе, ки аз охири солҳои 40-ум то ибтидои солҳои 90-уми асри XX нисбат ба ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ истифода мешуд.

**Девори Берлин** – маҷмӯи истеҳкомот, ки моҳи августи соли 1961 аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Олмон бо дастури Иттиҳоди Шӯравӣ дар атрофи минтақаи Берлини Ғарбӣ сохта шуда буд.

**Деколонизатсия** – *лот.* раванди озодшавии мамлакат ва минтақаҳои мухталиф аз асорати мустамликавӣ, ки дар натиҷаи он истиқлолияти давлатӣ ба даст меоварданд.

**Демилитаризатсия** – *лот.* бесилоҳгардонӣ; бо шартномаи байналхалқӣ пурра ё қисман барҳам додани саноати ҳарбӣ, пойгоҳу истеҳкомҳои низомӣ ва нигоҳ доштани қувваҳои мусаллаҳ.

**Демография** – *юн.,* илм дар бораи аҳолӣ, тағйироти дар таркиби аҳоли баамаломада миқдор, ҷой ва ҷойгиршавӣ афзоиш камшави ва ғайра таҳқиқ мешавад.

**Демократия** – *юн.*, ҳокимияти халқ; низоми сиёсӣ, ки дар он шакл ва усулҳои ҳокимияти халқ барқарор ва амалӣ гардида, ки дар асоси қонун озодӣ ва баробари шаҳрвандон таъмин мегардад.

**Доктрина** – *лот.* таълимот; назарияи илмӣ ё фалсафӣ; маҷмӯи ақида ва усули асосӣ.

**Доктринаи Трумэн** – раванди сиёсати хориҷии ИМА, ки аз тарафи президент Трумэн моҳи марти 1947 эълон гардида буд. Даъват барои расонидани кӯмаки иқтисодӣ ва низомӣ ба Юнон ва Туркия бо мақсади аз таъсири Иттиҳоди Шӯравӣ берун бурдани ин давлатҳо. Ба маънои васеъ ба вуҷуд овардани монеа ба муқобили таъсири афзояндаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Аврупо ва ҷаҳон.

**Доминион** – минтақаи худмухтор дар ҳайати империяи Британия (аз 1974 Иттиҳод), ки шоҳи Британияи Кабирро ба сифати сарвари давлати худ мешиносанд.

**Зарбаҳои дақиқ** – дар рафти низоъҳои мусаллаҳонаи охири асри XX ва ибтидои асри XX1 нерӯҳои мусаллаҳи ИМА аз ин усул истифода менамуданд. Ба воситаи ҳавопаймоҳо ва мушакҳо пойгоҳҳои низомӣ, майдонҳои ҳавоӣ, шабакаҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ва ғайра бомбаборон карда мешуданд.

**Идеология** – *юн.* маҷмӯи ақидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва динӣ, ки муносибати шахс ва ё гурӯҳи одамонро ба раванди таърихӣ ва нақши онҳоро дар ин ҷараён ифода менамояд.

**Иқтисоди бозорӣ** – усули тараққӣ додани иқтисодиёт дар асоси инкишофи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, соҳибмулкӣ ва рақобати озод ва ғайра.

**Инзивоҷӯӣ** – канораҷуӣ, сиёсате, ки мутобиқи он давлат диққати аввалиндараҷаро ба масъалаҳои дохилиии кишвари худ дода, иштирок дар алоқаҳои хориҷиро маҳдуд мекард.

**«Инқилоби маданӣ»** – сиёсати саркӯб намудани ҳама гуна мухолифин, ки дар Ҷумҳурии Халқии Хитой солҳои 1966 – 1970 амалӣ гардид. Бо фармони ҳокимият қувваҳои мусаллаҳ ва ҷавонони мутаассиб мухолифони давлатро нобуд мекарданд.

**Инқилоби илмӣ-техникӣ** – дигаргунсозии бунёдиву сифатии истеҳсолот ва қувваҳои истеҳсолкунанда бар асоси тараққиёти босуръати илму техника, баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси муҳандисону корғарон, беҳтар кардани шароити кор ва зисти онҳо ба даст омада буд.

**Инфлятсия** – *лот.* беқурбшавии пул, аз ҳад зиёд ба муомилот баровардани пули коғазӣ ва кам гаштани тавлидоти мол, ки боиси беқурб шудани пул мегардад.

**Истиқлолият** – бемудохилаи кас соҳибихтиёри кори худ будан, соҳибихтиёрии давлат дар ҳамаи масоили дохилӣ ва муносибатҳои берунӣ новобаста аз дигар мамлакатҳо.

**Иттиҳоди Британия** – ташкилоти байниҳукуматии давлатҳое, ки қаблан дар ҳайати Британияи Кабир шомил буданд ва алоқаҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро бо соҳибмустамлика эътироф менамоянд. Бештари ин мамлакатҳо маликаи Британияи Кабирро ба сифати сарвари давлати худ мешиносанд.

**Конвенсия** – *лот.* шартнома; созишнома; созишномаи байналхалқӣ оид ба ягон масъалаи ниҳоят муҳим (махсус), масалан К.- и байналхалқӣ оид ба аслиҳаи бактериологӣ ва ғайра.

**Конгресс** – *лот.,* вохӯрӣ, гирдиҳамоӣ, мақоми қонунгузори давлат дар ИМА ва баъзе кишварҳои Амрикои Лотинӣ.

**Конкуренсия** – *лот.,* бархӯрд, рақобат, кӯшиши ба даст даровардани муваффақият дар ягон соҳа, мубориза дар байни истеҳсолкунандагон барои ба даст овардани бозор, ба фурӯш баровардани мол.

**Коррупсия** – *лот.,* бо пора ба худ тобеъ кардан, бо пулу ришва ба манфиати касе тобеъ кардани арбобони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, мансабдори давлатӣ.

**Қарзи хориҷӣ** – маҷмӯи қарзҳои давлат дар назди давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналхалқӣ.

**Латифундия** – лот. заминдории калони хусусӣ, ки дар он меҳнати нимғуломонаи деҳқони иҷоракор ва коргари кироя истифода мешавад.

**Ленд-лиз** – *анг.* - қарз додан, ба иҷора додан. Низоми ба давлатҳои эътилофи зиддифашистӣ аз тарафи ИМА ҳамчун қарз ва ё иҷора додани яроқу аслиҳа, озуқаворӣ ва ғайра дар давраи Ҷанги дуввуми ҷаҳон.

**Лига** – *фр.* иттиҳодияи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иттифоқи шахсони алоҳида, ташкилотҳо ва давлатҳо.

**Либерализатсия** – *лот.* озод; бекор кардан ва ё суст шудани назорати давлатӣ ба шаклҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ва категорияҳои иқтисодӣ (нарх, маош, арзиши асъор).

**Луйи Ҷирга** – луйи (*пашту*) – бузург, ҷирга, ҷурга (*турк.*) – давра задан, ҳалқа задан. “Маҷлиси бузург”– шакли анъанавии ҳалли масъалаҳои муҳим дар байни қабилаҳои паштун, мақоми олии намояндагӣ дар Афгонистон, ки дар ҳолатҳои зарурӣ даъват карда мешавад.

**Маҷмӯи тавлидоти миллӣ** – ҳаҷми умумии тамоми намудҳои маҳсулот, ки аз тарафи давлат дар зарфи як сол истеҳсол карда шудааст.

**Меморандум** – *лот.* ҳуҷҷати дипломатӣ, ки дар он ҷузъиёти ягон масъала баён ёфтааст ва он бо хуҷҷати асосӣ (нота, ултиматум ва ғ.) илова гашта, аз тарафи як мамлакат ба мамлакати дигар супорида мешавад ва ё ҳамчун ҳуҷҷати мустақил бе имзо ва мӯҳр ирсол мегардад.

**Модели скандинавиягӣ** – усули хоси тараққиёти иқтисоди кишварҳои нимҷазираи Скандинавия: Нарвегия, Дания, Шветсия ва Финландия, ки ба дараҷаи баланди таъминоти иҷтимоии аҳолӣ фарқ менамуд.

**Модернизатсия** – *фр.* навсозӣ, раванди азхудкунӣ ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакатҳои пешрафта аз ҷониби ин ё он давлат (гурӯҳи давлатҳо); раванди дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва ислоҳот дар ҷамъият.

**Монархияи конститутсионӣ** – шакли идоракунии давлатӣ мебошад, ки ҳокимияти подшоҳро Қонуни асосӣ (конститутсия ) маҳдуд менамояд, вазифаҳои қонунгузорӣ ба парламент ва иҷроия ба ҳукумат дода мешавад.

**Монополия (инҳисор)** – *юн.* якка мефурӯшам; ҳуқуқи истисноии ягон шахс, гурӯҳи одамон ва ё давлат барои истеҳсол, аз худ кардан ва фурӯхтани мол, ҳуқуқи истисноӣ ба ягон чиз.

**Мусобиқаи таслиҳотӣ (муссалаҳшавии бошитоб)** – афзоиши мунтазами хароҷоти ҳарбӣ аз тарафи давлатҳои рақиб бо мақсади беҳтар кардани сифати яроқ ва баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ.

**Муторика** – сулҳи муваққатӣ; мувофиқи созишномаи тарафҳои ҷангкунанда қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ.

**Мӯъҷизаи иқтисодӣ** – давраи тараққиёти босуръати иқтисодии як қатор давлатҳои Аврупо ( қабл аз ҳама ҶФО) ва Япония, ки аз нимаи солҳои 50-ум то нимаи солҳои 60-уми асри XX идома дошт.

**Нажодпарастӣ (расизм)** – таълимоти зиддиилмӣ, иртиҷоӣ ва инсонбадбинӣ, ки мутобиқи он инсоният ба нажодҳои "олӣ" ва "паст", "асил" ва "ғайриасил" ҷудо карда мешавад. Ин таълимот истисмори як миллатро аз тарафи миллати дигар дуруст медонист. Аз нимаи дуюми қарни XX аз тарафи қонунҳои байналхалқӣ ин таълимот маҳкум гардида, ҳамчун ҷиноят дониста мешавад.

**Намунаи шведии сотсиализм** – дастовардҳои давлати Шветсия дар соҳаи баланд бардоштани некӯаҳволии табақаҳои васеи аҳолӣ, тараққӣ додани таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, кӯмакпулиҳо, инкишофи соҳаҳои тандурустӣ ва маориф.

**НАТО** (NATO) – Ташкилоти Антлантикаи Шимолӣ, иттиҳоди ҳарбию сиёсии давлатҳои Ғарб, ки дар давраи идома ёфтани «ҷанги сард» 16 кишварро муттаҳид менамуд. Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва «урдугоҳи сотсиалистӣ» ба ҳайати

НАТО боз 6 давлат-Венгрия, Чехия, Полша, Латвия, Литва ва Эстония қабул гардиданд. Раванди васеъ гаштани ин ташкилот идома дорад.

**Неоконсерватизм** – *юн.,* муҳофизат, ҳимоят намудан, равияи афкори сиёсии Ғарби муосир, ки дар нимаи солҳои 70-уми асри гузашта васеъ паҳн гардид. Ин ҷараён дар баробари инкишофи гуногунандешӣ,васеъ гардидани озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон зарурияти ҳимоят ва нигоҳ доштани арзишҳои анъанавии ҷомеаи гарбӣ-оила, маорифи анъанавӣ,ахлоқи дар пояи мазҳаби насронӣ асосёфта баромад менамуданд.

**Низоъ (конфликт)** – зиддият, муноқиша; бархӯрди манфиатҳо, ақидаҳо, амалҳои ба ҳам зид; баҳси тезутунд, ихтилофи ҷиддӣ, ки сабаби мубориза мегардад.

**Овоздиҳии пинҳонӣ** – шакли овоздиҳӣ, ки дар асоси он ба овоздиҳанда кафолати овоздиҳии пинҳонӣ таъмин мегардад, яъне ҳеҷ кас ба ғайр аз худи вай намефаҳмад, ки ба тарафдорӣ ё ба мукобил овоз додааст.

**Озодиҳои демократӣ** – меъёрҳои ҳуқуқии муайянкунандаи мақоми шахс дар давлат: озодии сухан, эътиқод, матбуот, гирдиҳамоиҳо ва ҷамъомадҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва ғ.

**«Пардаи оҳанин»** – истилоҳи сиёсӣ, бори аввал рӯзноманигор П. Снеуден дар китобаш «Русияи болшевикӣ» (с. 1920) сарҳади байни сохти сармоядорӣ ва сотсиалистиро «пардаи оҳанин» номида буд. Баъди нутқи У. Черчилл дар Фултон (5.03.1946) ин мафҳум ба маънои ифодаи сарҳад байни давлатҳои Ғарб ва коммунистӣ фаҳмида мешуд.

**Паст гардидани шиддати вазъияти байналхалқӣ** – давраи нарм гардидани шиддати муносибатҳои байналхалқӣ, ки рақобат байни абарқудратҳо суст гардида, барои маҳдуд кардани мусаллаҳшавӣ шароит ба вуҷуд омада буд. Ин вазъият ба солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX хос буд.

**Пентагон** – *юн.,* панҷгӯша, бинои дар шакли панҷгӯша сохта шуда, ки дар он вазорати мудофиаи ИМА ҷойгир аст. Ба маънои вазорати мудофиаи ин кишвар истифода мешавад.

**Плюрализм** – *лот.,* бисёр зиёд, вуҷуд доштани афкору ақидаҳои гуногун дар ҷомеа, гуногунандешӣ.

**«Пули ҳавоӣ» (хатти парвоз)** – баҳри наҷоти аҳолии Берлини Ғарбӣ аз гуруснагии марговар ва нигоҳ доштани обрӯи худ ИМА «пули ҳавоӣ» ташкил намуданд, ки дар зарфи 324 шабонарӯз бо фосилаи седақиқагӣ ҳавопаймоҳои боркаш ба фурудгоҳи Темпелхоф нишаста, аҳолии шаҳрро бо тамоми чизҳои зарурӣ таъмин мекарданд.

**Ратификатсия** – *лот.,* тасдиқшуда, ҳалшуда иҷро кардан, аз тарафи мақоми олии давлатӣ тасдиқ шудани созишномаҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ.

**Сарқонун (Конститутсия)** – қонуни асосии давлат, ки сохтори маъмурию ҷамъиятӣ, тартиб ва усули ташкили мақомоти ҳокимият, системаи интихоботӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои асосии шаҳрвандонро муайян менамояд.

**Сатҳи зиндагӣ** – дараҷаи қаноатпазирии талаботи аҳолӣ ба неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, ки дар асоси як қатор нишондиҳандаҳо, дар мадди аввал, ҳаҷми даромади воқеӣ ба ҳар кас муайян мешавад.

**Сиёсати андозситонӣ** – ситондани пардохтҳои ҳатмии давлатӣ аз шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба фоидаи давлат.

**Сиёсати ба паймонҳо ҳамроҳнашавӣ** – сиёсати давлатҳои ҷаҳони сеюм аз охири солҳои 60-уми асри XX, ки мақсади он ба таври қатъӣ худдорӣ кардан аз иштирок дар паймонҳои сиёсӣ ва низоми мавҷуда буд.

**Сензура** – назорати қатъии давлат аз болои нашри китоб ва воситаҳои ахбори умум. Дар давлатҳои демократӣ сензура вуҷуд надорад ва ё қариб ба ҳадди ақал расонида шудааст, ки барои ҳимояи манфиятҳои давлат ва меъёрҳои ахлоқӣ зарур мебошад.

**Сепаратизм** – *лот.* ҷудошуда; майлу кӯшиши ҷудоихоҳӣ, ҳаракати сиёсӣ барои аз ҳайати давлати федеративӣ баромадани ягон вилоят ва ё ҷумҳурӣ.

**Сулҳи яктарафа (сепаратӣ)** – шартномаи сулҳ (ва ё оштӣ), ки бо рақиби ягон давлат дар рафти ҷанг бидуни огоҳӣ ва ё розигии иттифоқчиёнаш баста мешавад.

**“Сутуни панҷум”** – аз замони ҷанги шаҳрвандӣ дар Испания шабакаи васеи ҷосусии душман дар ақибгоҳ чунин ифода мегардид.

**Созмони Милали Муттаҳид (СММ)** – созмони бонуфузи байналхалқӣ, ки соли 1945 баҳри пойдории сулҳу амният, инкишофи ҳамкориҳо байни мамлакатҳо ташкил ёфтааст.

**Танзими давлатӣ** – дахолат ва назорати давлат аз болои самтҳои инкишофи иқтисоди бозорӣ бо мақсади гирифтани пеши роҳи бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ.

**Тафаккури нави сиёсӣ** – яке аз самтҳои асосии сиёсати бозорӣ дар ИҶШС, ки дар солҳои 1986-1991 ба амал бароварда шуд. Моҳияти он аз эътироф намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва манфиати дигар давлатҳо, даст кашидан аз сиёсати зӯроварӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иборат аст.

**Таълимоти Конфутсий** – маҷмӯи ақидаҳои ахлоқӣ – фалсафии мутафаккири бузурги аҳди қадими Хитой – Конфутсий, ки дар асри 5 пеш аз мелод зиндагӣ дошт; яке аз мазҳабҳои ҳоким дар Хитойи имрӯза, ки мувофиқи таълимоти он меъёр ва қонунҳои «Осмонӣ» тағйирнопазир буда, эҳтироми гузаштагон ва иҷрои маросимҳои мазҳабӣ ҳатмӣ мебошад.

**Терроризм –** таҳдид намудан; амали бошуурона ва бомақсад барои ҷисман аз байн бурдани мухолифони сиёсӣ; бо ин роҳ ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ, бо роҳи зӯроварӣ ва тарсу ҳарос ба вуҷуд овардани вазъияти номӯътадил дар давлат.

**Тоталитаризм** – *лот.* пурра, ба куллӣ фарогиранда; яке аз шаклҳои давлати авторитарӣ, ки дар он ҳокимияти давлатӣ тамоми фишангҳои идоракуниро таҳти назорати пурраи худ гирифта, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро маҳдуд менамояд.

**Тэтчеризм** – маҷмӯи чораҳои ба амал баровардани сиёсати дохилии ҳукумати Британияи Кабир дар солҳои ҳукмронии сарвазир Маргарет Тэтчер. Моҳияти ин сиёсат аз ихтисор кардани ҳайати дастгоҳи идоракунии давлат, кам кардани хароҷоти давлатӣ дар соҳаҳои ичтимоӣ буд. Дар соҳаи саноат бошад давлат аз расонидани кӯмак ба корхонаҳои зарароровар даст кашид.

**Усули кейсионӣ** – назарияи муосири иқтисодӣ, ки зарурияти дахолати давлатиро ба ҳаёти иқтисодии ҷомеаи сармоядорӣ ба мақсади аз байн бурдани зиддиятҳои байни меҳнаткашон ва сарватдорон, таъмини даромади манополияҳоро асоснок менамоянд. Асосгузори ин назария иқтисодшиноси машҳур Қ М Кейнс (1883 -1946) буд.

**Федератсия** – *лот.* иттифоқ, иттиҳод; шакли сохтори давлатӣ. Давлати федеративӣ аз воҳидҳои маъмурӣ (ҷумҳуриҳо, иёлот, музофот ва г.) ташкил ёфта, онҳо сарқонун ва мақоми идоракунии худро доранд ва дар айни ҳол мақомоти ягонаи ҳокимияти федеративӣ (марказӣ) нигоҳ дошта мешавад.

**Феминизм** – *лот.* зан; ҳаракате, ки мақсадаш ба даст овардани баробарҳуқуқии занон бо мардон аст.

**Шартномаи Варшава** – иттиҳоди ҳарбию сиёсии давлатҳои сотсиалистӣ. Соли 1955 баъд аз ба НАТО дохил гардидани Ҷумҳурии Федералии Олмон ташкил ёфта буд. Ба ҳайати он 8 давлат – ИҶШС, Албания, Булгория, Венгрия, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Полша, Руминия ва Чехословакия дохил мешуданд.Фаъолияти худро 1-уми июни соли 1991 қатъ намуд.

**Ҳамгироӣ (интегратсия) –** раванди ба ҳам наздикшавӣ, мувофиқсозӣ ва ҳамкориҳои судманди якчанд мамлакат; ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ.

**Ҳаракати сабзҳо** – номи умумии ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки барои муҳофизати муҳити зист аз ҳар гуна ифлосшавӣ мубориза мебаранд.

**Ҳолати низомӣ** – низоми махсуси ҳуқуқӣ дар мамлакат ва ё дар қисмҳои ҷудогонаи он, ки аз тарафи мақоми олии идораи давлат дар ҳолатҳои фавқуллода: ҷанг, офати табиӣ, таҳдиди табаддулоти давлатӣ ва ғ. ҷорӣ карда мешавад.

**Ҳокимияти иҷроия** – яке аз шохаҳои сегонаи ҳокимият (дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти судӣ), ки идораи умумии кишвар иҷрои Қонуни асосӣ ва дигар қонунҳоро таъмин менамояд.

**«Ҷамъияти некӯаҳвол»** – давлати демократие, ки барои шаҳрвандони худ сатҳи муайяни таъминоти иҷтимоӣ ва некӯаҳволиро дар шароити муносибатҳои бозорӣ кафолат медиҳад, раванди инкишофи давлатҳои саноатии ғарб аз солҳои 40-ум то ибтидои солҳои 70-уми асри XX. Иқтисоди бозориро бо назорати оқилонаи давлат омезиш дода буд.

**«Ҷанги сард»** – солҳои 1946 – 1991, давраи муқовимати шадид дар муносибатҳои байналхалқӣ, ки аз рақобати тезутунди давлатҳои абарқудрати дорои силоҳи ҳастаӣ (Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА) ва иттифоқчиёнашон бармеояд. Ин рақобат боиси мусаллаҳшавии бошитоб, мусобиқаи тарафайн дар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва идеологӣ гашт.

**«Ҷаҳиши бузург»** – сиёсати роҳбарияти ҳизби коммунистии Хитой аз соли 1958 то миёнаҳои солҳои 60-уми асри XX. Ба нақша гирифта шуда буд, ки Хитой бо суръати баланд соҳаҳои саноати вазнинро инкишоф дода, ба давлатҳои мутараққӣ мерасад. Ин сиёсат ба мақсад нарасида, баръакс, ба бӯҳрони шадиди иқтисодӣ оварда расонд.

**«Ҷаҳони дукутба»** – аз нигоҳи воқеияти сиёсӣ рақобати мутақобилаи ду низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ки ба онҳо Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА сарварӣ менамуданд, чунин номида мешуд.

**«Ҷаҳони сеюм»** – номи шартии давлатҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ, ки дар давраи «ҷанги сард» ба рақобати ӯрдугоҳи сармоядорӣ ва ӯрдугоҳи сотсиалистӣ ҳамроҳ нагаштаанд.

**Ҷаҳони сотсиализм** – мафҳум барои ифодаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои сотсиалистии Аврупо ва Осиё, инчунин Куба дар солҳои 40-ум ва охири солҳои 80-уми асри XX.

**Ҷомеаи шаҳрвандӣ** – маҷмӯи созмонҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатии ба таври ихтиёрӣ ташаккулёфта, ки дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа фаъолият менамоянд, маҷмӯи муносибатҳои ғайридавлатӣ ва соҳаи ошкор

гардидани кобилиятҳои ашхоси озод, созмонҳо ва итиҳодияҳои шаҳрвандон.

**Ҷумҳурии парламентӣ** – шакли давлатдорӣ, ки дар он ҳокимияти президент (сардори давлат) аз тарафи парламенти салоҳиятдор маҳдуд карда мешавад.

**Ҷумҳурии президентӣ** – шакли давлатдорӣ, ки дар он президент дар баробари ҳокимияти иҷроия ҳуқуқҳои васеъ дошта, қисман салоҳияти ҳокимияти қонунгузорро низ ба ӯҳда дорад.

**Экстремизм** – равияи ҷонибдори усулҳои фаъолият ва ақидаҳои ифротӣ, ки аз тарафи ҳизбҳо, созмонҳо, гурӯҳҳои сиёсӣ ва ҳатто баъзе давлатҳо дастгирӣ мегарданд.

**Этатизм** – *фр.* давлат; ҷараёни афкори сиёсӣ, ки давлатро натиҷаи олӣ ва мақсади тараққиёти ҷамъиятӣ мешуморад. Ин мафҳум барои тавсифи афзоиши нақши давлат дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъият истифода мешавад.

**Эътилоф (коалитсия)** – иттифоқи муваққатии ҳарбӣ-сиёсии ду ва ё зиёда давлатҳо барои амалиёти якҷоя ба муқобили як ва ё якчанд давлатҳо; иттифоқи ҳизбҳо ва гурӯҳҳои гуногун (чун анъана дар арафаи интихоботи навбатӣ бо мақсади якҷоя ташкил намудани ҳукумат).

**Эмбарго** – *исп.* манъ кардан, ба ҳабс гирифтан; аз тарафи давлат ворид намудан ва ё содир кардани номгӯи муайяни мол, сарват, тилло, коғазҳои қимматнок, арз ва ғайра манъ карда мешавад.

**Ярокпартоӣ** – маҷмӯи чорабиниҳо бо мақсади кам кардани яроқу аслиҳа.

# Мундарича


**Сарсухан** .......... 3

**Боби 1. Муносибатҳои байналхалқӣ**

§1. Тақсимоти баъдиҷангии Аврупо ва оғози «ҷанги сард» .......... 4
§2. Созмони Милали Муттаҳид ва нақши он дар солҳои баъдиҷангӣ .......... 9
§3. Бӯҳрони Берлин ва ташкили паймонҳои низомию сиёсӣ .......... 13
§4. Тезутундшавии вазъият дар солҳои 60-ум: бӯҳрони Берлин ва Куба .......... 17
§5. Коҳиши бӯҳрон ва пастшавии шиддати вазъияти байналмилалӣ .......... 21
§6. Шикасти низоми мустамликадорӣ .......... 25

**Боби II. Ҷаҳони сотсиализм**

§7. Ташкилёбии низоми ҷаҳонии сотсиализм .......... 30
§8. Иттиҳоди Шӯравӣ: истиқрори баъдиҷангӣ .......... 34
§9. Аз тоталитаризми сталинӣ то «сиёсати нарм»-и хрушёвӣ .......... 40
§10. Ҷумҳурии Халқии Хитой: дасткашӣ аз намунаи сотсиализми Иттиҳоди Шӯравӣ ё беҳтар намудани он? .......... 45
§11. Ветнам: роҳи мушкил ба сӯи озодӣ .......... 50
§12. Аврупои Шарқӣ дар роҳи сохтмони сотсиализм .......... 56
§13. Аврупои Шарқӣ дар гирдоби бӯҳрон .......... 61
§14. Куба: аз диктатураи Батиста то Фидел Кастро .......... 66

**Боби III. Ҷаҳони Ғарб: таҳкими «якдилии атлантикӣ»**

§15. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико: талош ба хотири сарварии ҷаҳон .......... 71
§16. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 60-70-ум: ҳаракатҳо барои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ .......... 76
§ 17. Аврупо дар роҳи муттаҳидшавӣ .......... 82
§ 18. Британияи Кабир дар роҳи ислоҳот .......... 87
§ 19. Олмон: таксимоти баъдиҷангӣ .......... 92
§ 20. Фаронса: тағйироти баъдиҷангӣ ва устуворшавии «голлизм» .......... 98
§ 21. Италия: устувор гардидани ҷумҳурии парламентӣ. «Мӯъҷизаи иқтисодӣ»-и Италия .......... 103
§ 22. Япония: барқароршавӣ ва ислоҳот .......... 108

## Боби 4. Мамлакатҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ: озодшавӣ ва масъалаҳои навсозӣ


§ 23. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: истиқлолият ва оғози навсозӣ ....... 113
§ 24. Ҳиндустон ва Покистон: масъалаи Кашмир ....... 119
§ 25. Мамлакатҳои Шарқи миёна: салтанати машрута ва ислоҳот ....... 125
§ 26. Кишварҳои арабӣ пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳон. Мунокишаи Шарқи Наздик ....... 131
§ 27. Туркия: дар миёни Шарқу Ғарб ....... 137
§ 28. Истиқлолияти Африқо: ҷустуҷӯи роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ....... 141
§ 29. Амрикои Лотинӣ дар байни низомҳои худкома ва демократӣ ....... 146
§ 30. Рушди илм ва фарҳанг. Фарҳанги оммавӣ ....... 153


## Боби 5. Ҷаҳон дар чоряки охири қарни XX ва ибтидои қарни XXI


§ 31. Ҷаҳон баъд аз Маҷлиси машваратии Хелсинки: умедҳо ва воқеият ....... 162
§ 32. Ҷаҳон дар ибтидои қарни нав ....... 168
§ 33. Кишварҳои Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ ....... 173
§ 34. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: тараққиёт ва пешсафӣ ....... 180

**Хулоса** ....... 186
**Луғат** ....... 187

# БАРОИ ҚАЙДҲО

**Ҳомидхон Нуриддинов, Қосимшо Искандаров,
Қаҳҳор Расулиён, Раҳматулло Абдуллоев,
Носир Назаров**

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

**китоби дарсӣ барои синфи 10-ум**

Муҳаррири масъул ва мусаҳҳеҳ: Сайфулло Маҳкамов, номзади илмҳои филология

Муҳаррир: Ваҳҳобҷон Абдулазизов, номзади илмҳои филология, дотсент

Саҳифабандӣ ва ороиш: Равшан Хонҷонов

Ҳуруфчинӣ: М. Камолова

Ба чопаш 16.06.2011 имзо шуд. Андозаи $60 \times 90^1/_{16}$.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи “Times New Roman Tj”.
Ҷузъи чопии шартӣ 12,5. Адади нашр 80000.

Дар матбааи ҶДММ “Офсет” ба табъ расидааст.
Суроға: ш. Душанбе, к. А. Дониш 32
тел.: 226-12-21, 226-13-31